9 июня 1930 года Среднеазиатское политбюро Среднеазиатского комитета Коммунистической партии Украины обратилось к Комитету труда и благосостояния рабоче-крестьянских женщин страны (Средняя Азия – Ф.Р.) и подчеркнуло, что преобразование Комиссии в Комитет является опорой и отвечает потребностям времени. Социалистическая модернизация народного хозяйства способствует началу перемен в социалистической жизни трудящихся. В Постановлении Комитета говорится, что без учета материальных возможностей страны, уровня подготовленности населения и местных условий жизни в Средней Азии могут быть к отклонения (в тексте "Левизны" - Ф. Р.). Женщин Востока и вообще таджичек, которые были под паранджой (покрывалами) и нравами (Захида, Рахиба), привлечь их к полезной общественной работе оказалось непростой задачей. Поэтому следует учитывать корректность результатов исследования положения женщин на Востоке. Таким образом, «должна быть принята во внимание работа, проделанная комиссиями на Востоке. И главным образом, при трансформации женских отделов.

30 июня 1930 года заседание Президиума ЦИК Советов Таджикской ССР постановило на очередном заседании Президиума создать специальную комиссию по улучшению условий жизни работниц и крестьянок во главе с Ходжибаевым. Данное заседание избрало Нусратулло Махсума главой Комиссии по охране труда и быта женщин при ЦИК РСФСР Таджикистана, что является завершением процесса формирования специальной организации по улучшению условий труда и быта женщин.

Следует отметить, что официальные документы этой организации фигурируют под разными названиями. Например, под названием «Комиссия по улучшению жизни женщин».

Одним из действий Советского правительства по реализации свободы женщин было создание центральных, республиканских и местных комиссий по охране труда и окружающей среды трудящихся (КУБТ) и в рамках нее создание всесоюзной, республиканской и местной Центральной комиссии по охране труда и окружающей среды для женщин.

В 1929 году при ЦИК РАН Таджикистана была создана Таджикская комиссия по труду и быту женщин Таджикистана, которая в июне 1930 года была преобразована в Комитет.

Об этом преобразовании говорится в документе:

1. Для подготовки практических предложений (по поводу создания Центральной комиссии) создать комиссию под руководством товарища Гаджибаева в составе Нисормухаммедова, Мугановой, Кубоха и Никифорова.

2. Признать необходимым создать при Комитете Народной Республики Таджикистан на основании работы Комитета Народной Республики Таджикистан от 23 мая 1930 года комиссию по охране труда и быта работниц при Комитете по охране труда и быту рабочих и крестьянок.

3. Назначить председателем Центрального комитета охраны труда при ЦИК РСС Таджикистана товарища Махсума (Нусратулло - Ф.Р.) и ответственного секретаря товарища Бубока.

Секретариату ЦИК ССР Таджикистана предложить представить список членов КУТБ (Комитет труда и социального обеспечения женщин) на утверждение очередному заседанию Президиума ЦИК РСС Таджикистана.

30 июня 1930 года Президиум Коммунистической партии Таджикистана заслушал доклад и обсудили доклад Бубока на 2-м заседании Всесоюзной комиссии по охране труда и быта работающих женщин и Всесоюзного собрания работников клуба, и принял следующие решения:

4. Принять решение о преобразовании Комиссии по охране труда и быта трудящихся женщин при ЦИК ССР Таджикистана в Комиссию по охране труда и быта трудящихся женщин и крестьян на следующем Заседании.

В тексте говорилось о радикальном изменении работы комитета, в частности о привлечении женщин к работе комитета, заработной плате женщин, увеличении финансирования комитета.

Однако главный руководящий комитет сосредоточен на вопросах улучшения женского труда, привлечения женщин к работе на заводах и колхозных полях.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Отчеты Акционерного хлопкового общества «Узбекпахта» за 1928-1929 гг. // ЦГА РТ. – Ф.11. – Оп.3. – Д.3. – Л.1.
2. Отчеты компании выбора в 1928 г. // ЦГА РТ. – Ф.13. – Оп.3. – Д.2. – Л.12.
3. Отчеты Комиссии Комитета по улучшению труда и быта рабочих, крестьян и женщин в 1928 г. // ЦГА РТ. – Ф.13. – Оп.3. – Д.2. – Л.32.
4. ЦГА РТ. – Ф.13. – Оп.3. – Д.2. – Л.8.
5. ЦГА РТ. – Ф.11. – Оп.3. – Д.3. – Л.206.
6. ЦГА РТ. – Ф.11. – Оп.3. – Д.3. – Л.209.
7. ЦГА РТ. – Ф.11. – Оп.3. – Д.2. – Л.21.
8. ЦГА РТ. – Ф.11. – Оп.3. – Д.2. – Л.22.
9. ЦГА РТ. – Ф.11. – Оп.3. – Д.3. – Л.4.


## ТАҶРИБАИ ШУРАВИИ БА ИСТЕҲСОЛОТ ҶАЛБ КАРДАНИ ЗАНОН ДАР ОХИРҲОИ СОЛҲОИ 20-УМ ВА АВВАЛИ СОЛҲОИ 30-ЮМИ АСРИ XX


Дар мақолаи мазкур таҷрибаи шуравии ба истеҳсолот ҷалб кардани занон дар охирҳои солҳои 20-ум ва аввали солҳои 30-юми асри XX баррасӣ шудааст, ки дар он маълумотҳои дар асоси сарчашмаҳои дақиқ оварда шудааст. Маълум аст, ки аксарияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар асоси ягон буҷа кор мекарданд. Комитети беҳдошти меҳнат ва маишати занҳо аксаран аз ҳисоби вазорату ташкилотҳое, ки дар онҳо меҳнати зан истифода мешуд, фаъолият менамуд. Ҳукумати Шуравӣ масъалаҳои интихоботиро ҳам ҳамчун як воситаи фаъолити меҳнати ҷамъиятии фоидаовари занҳо истифода кардааст. Истифодаи меҳнати зан дар истеҳсолот умуман ба яке аз масъалаҳои иҷтимоӣ табдил ёфта буд. Аз ин рӯ, дар вақти ба нақша гирифтани ҷалби меҳнати занон дар солҳои 5- солаи якум (1928-1932) ин ҳолат ба таври мушаххас ба инобат гирифта нашуда буд. Дар солҳои аввал ба кори Шуроҳо ҷалб кардани занҳо бесарусомониҳои зиёдеро пеш овард. Аввалан, шуроҳо кӯшиш карданд, ки сиёсати давлатии ба кори идораҳои давлатӣ ҷалб кардани занҳои фаъолро пурзӯр намоянд ва сиёсати ҳизбии дар Шуроҳо будани занҳоро роҳандозӣ намоянд. Масъалаи ҷалб намудани занҳо ба кори Шуроҳоро Ҳукумати Тоҷикистон яке аз роҳҳои таъмини коллективи занҳо мешуморид. Аз ин рӯ, соли 1929 занҳои зиёде ба корҳои шуроҳои ҳама зинаҳо ҷалб шуда буданд. Комитет оиди беҳдошти меҳнат ва зиндагии коргарзанон, деҳқонзанони назди КИМ ИҶШС сари чанд вақт барои омӯхтани вазъи кори комитетҳои ҷумҳуриявии беҳдошти меҳнат ва зиндагии коргарзанону деҳқонзанҳо намояндаҳои худро мефиристод. Барои омӯхтани вазъи занҳои Шарқ Комитети умумииттифоқӣ дар назди худ ассотсиатсияи илмии шарқшиносонро ташкил дода буд.



**Калидвожаҳо:** Комитет оиди беҳдошти меҳнат, коллективи занҳо, Ҳукумати Шуравӣ, коргарзанон, деҳқонзанҳо.

## СОВЕТСКИЙ ОПЫТ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ЖЕНЩИН К ПРОИЗВОДСТВУ В КОНЦЕ 20-Х - НАЧАЛЕ 30-Х ГОДОВ XX ВЕКА

В данной статье рассматривается советская практика привлечения женщин к производству в конце 20-х – начале 30-х годов 20 века, в которой представлены сведения, основанные на достоверных источниках. Известно, что большинство общественных организаций работали на основе определенного бюджета. Комитет по охране здоровья и благосостоянию женщин зачастую действовал за счет министерств и организаций, в которых использовался женский труд. Советское правительство также использовало вопросы выборов как инструмент трудовой деятельности общества на благо женщин. Использование женского труда в производстве вообще превратилось в одну из социальных проблем труда. Поэтому при планировании женского труда в первые 5 лет (1928-1932 гг.) это положение специально не учитывалось. В первые годы участие женщин в работе Советов вызывало немало недоразумений. Во-первых, Советы пытались усилить государственную политику по привлечению активных женщин к работе в государственных учреждениях и реализовать партийную политику женщин в Советах. Правительство Таджикистана рассматривало вопрос привлечения женщин к работе Советов как один из способов обеспечения женского коллектива. Поэтому в 1929 году в делах советов всех уровней было задействовано много женщин. Комитет по охране труда и жизни работниц и крестьянок при ЦИК СССР время от времени направлял своих представителей для изучения состояния работы республиканских комитетов по охране труда и жизни работниц и фермеров. В целях изучения положения женщин Востока, Всесоюзный комитет организовал научный фонд востоковедов.

**Ключевые слова:** Комитет по охране труда, женский коллектив, Советское правительство, работницы, крестьянки.

## SOVIET EXPERIENCE OF ATTRACTING WOMEN IN PRODUCTION IN THE LATE 20'S - EARLY 30'S OF THE XX CENTURY

This article examines the Soviet practice of attracting women to production in the late 20s - early 30s of the 20th century, which presents information based on reliable sources. It is known that most public organizations worked on the basis of a certain budget. The Women's Health and Welfare Committee often operated at the expense of ministries and organizations that employed women's labor. The Soviet government also used election issues as a tool for working society for the benefit of women. The use of female labor in production has generally become one of the social problems of labor. Therefore, when planning women's labor in the first 5 years (1928-1932), this situation was not specifically taken into account. In the early years, the participation of women in the work of the Soviets caused many misunderstandings. First, the Soviets tried to strengthen state policy to attract active women to work in government agencies and implement the party policy of women in the Soviets. The government of Tajikistan considered the issue of involving women in the work of the Councils as one of the ways to ensure a female team. Therefore, in 1929, many women were involved in the affairs of councils at all levels. The Committee on Labor Protection and Life of Working Women and Peasant Women under the Central Executive Committee of the USSR from time to time sent its representatives to study the state of work of the republican committees on labor protection and life of working women and farmers. In order to study the situation of women in the East, the All-Union Committee organized a scientific fund of orientalists.

**Key words:** Labor Safety Committee, women's collective, Soviet government, workers, peasant women.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Файззода Рамазон Хурсанд*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгор, кафедраи таърихи умумӣ ва фарҳангшиносии факултети таърих ва ҳуқуқ.. **Суроға**: 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. Тел: **987-37-37-13.**

***Алимов Давлаталӣ Халилович*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои таърих, профессор, кафедраи таърихи умумӣ ва фарҳангшиносии факултети таърих ва ҳуқуқ. **Суроға**: 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. Тел: **919 36 35 44**

**Сведения об авторах**: ***Файззода Рамазон Хурсанд*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель, кафедра всеобщей истории и культурологии факультета истории и права. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни, 67. Тел: **987-37-37-13.**

***Алимов Давлаталї Халилович*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, доктор исторических наук, профессор, кафедра всеобщей истории и культурологии факультета истории и права. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни, 67. Тел: **919 36 35 44**

**Information about the authors:** ***Fayzzoda Ramazon Khursand*** **–** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, teacher, Department of General History and Cultural Studies, Faculty of History and Law. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street 67. Phone: **987-37-37-13.**

***Alimov Davlatali Khailovich*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Doctor of Historical Sciences, Professor, Department of General History and Cultural Studies, Faculty of History and Law. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street 67. Phone: **919 36 35 44**

ТДУ: 7.025(575.1/.8)"19"

# НАҚШИ ШАРҚШИНОСИ РУС А.Л.КУН ДАР ТАРВИҶИ МАОРИФ ВА ОМӮЗИШИ ФАРҲАНГИ СОКИНОНИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР НИМАИ ДУВУМИ АСРИ XIX

***Одинаев А.Н.***

**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ**

Дар нимаи дувуми асри XIX таҳти таъсири таваҷҷуҳ ва таҳқиқоти фаъолонаи шарқшиносони рус дар маориф ва маданияти сокинони Осиёи Миёна дигаргуниҳои муҳимме ба амал омаданд. Яке аз шахсиятҳои барҷастаи ин замон Александр Людвигович Кун буд, ки нақши ӯ дар рушди маориф ва фарҳанги ин минтақа мавриди таваҷҷуҳи мост. Дар мақолаи мазкур, барои нишон додани саҳми ин шарқшинос дар ин раванд, муайян кардани таъсири ӯ дар ташаккули парадигмаҳои маориф ва фарҳанг дар Осиёи Миёнаи нимаи дувуми садаи XIX пешбинӣ шудааст.

Мақсади таҳқиқ таҳлил ва ба низом даровардани фаъолияти А.Л. Кун дар заминаи таъсири ӯ ба дигаргуниҳои маориф ва фарҳанги Осиёи Миёна мебошад. Мо саъй менамоем, ки на танҳо хидматҳои хосси ин шарқшиносро дар бахшҳои гуногуни маориф, балки таъсири ӯро дар ташаккули муҳити фикрӣ ва фарҳангии ин минтақа, нишон диҳем.

Асоси назариявии таҳқиқот ба он асос ёфтааст, ки фаъолияти шарқшинос А.Л.Кун ба равияҳои маорифи минтақаи мазкур, таъсири амиқ ва доимӣ доштааст. Фарзияи пажуҳишҳои мо ин аст, ки саҳми ӯ дар рушди маориф ва фарҳанги ин минтақа, барои ташаккули элитаи зеҳнӣ ва ҳувияти фарҳангии аҳолӣ калидӣ будааст.

Аҳаммияти ин пажӯҳиш дар он аст, ки на танҳо шахсияти А.Л. Кун, балки зарурати дарки шароити таърихӣ ва таъсири шарқшиносони рус дар ташаккули пояҳои маърифатӣ ва фарҳангии ин минтақа муайян карда мешавад.

А.Л.Кун ҳамчун ҷамъоварандаи маводи илмӣ дар экспедитсияҳои Искандаркӯл (1870), Шаҳрисабз (1870) ва дар юришҳои соли 1873 ба Хева ва соли 1876 ба Қӯқанд иштирок кардааст [32, с.105].

Дар номае ба мудири китобхонаи Санкт-Петербург – Бичков, чунин навиштааст: «Афанасий Фёдорович азиз, дар ҷараёни лашкаркашии Хӯқанд дар соли 1875, нусхаҳои хаттӣ-шарқӣ ҷамъ карда шуд, ки акнун ба ин ҷо (яъне Китобхонаи умумии императорӣ. – О.А.) интиқол дода мешаванд. Тибқи хостаи аълоҳазрат Константин Петрович фон Кауфман, мо ин ифтихорро дорем, ки ин дастнавиштаҳоро ба унвони ҳадя аз тараф эшон ба Китобхонаи умумии императорӣ (ҳоло Китобхонаи миллии Русия дар шаҳри Санкт-Петербург) ирсол кунем» [40, с.77-78; муф. ниг.: 5, с.149-155].

А.П. фон Кауфман дар давоми нуҳ сол ба китобхонаи оммавӣ зиёда аз 300 номгӯйи дастнависҳои арабӣ, форсӣ ва туркӣ, аз ҷумла китобҳои китобхонаҳои Қӯқанд ва хони Хева, инчунин тақрибан 4000 номгӯйи ҳуҷҷатҳоро туҳфа кардааст. Ин ҳуҷҷатҳо ва мукотибаҳои ҳукмронони Осиёи Миёна, ки дар адвори гунонгуни таърихӣ ба вуҷуд омада буданд, дар рафти экспедитсияҳои Искандаркӯл, Шаҳрисабз ва Хева гирд оварда шуда, соли 1876 ба Китобхонаи миллии Русия дар шаҳри Санкт-Петербург супурда шуданд [40, с.77-78; муфассал ниг.: 5, с.149-155].

Пас аз бозгашт аз юришҳои ҳарбӣ, А.Л. Кун моҳи апрели соли 1874, ба дастури генерал-губернатории Туркистон, ба унвони ходими калон, барои вазоифи вежа дар бахши омӯзиш таъин шуд [7, с.259]. Худи ҳамон сол ӯ ба унвони намояндае аз минтақаи Туркистон ба конфронси байналмилалии мусташриқон, ки дар Лондон баргузор шуд, фиристода шуд. Сипас, Институти забонҳои зиндаи Шарқи Париж соли 1874 ӯро узви вобастаи худ интихоб кард. А.Л. Кун дар кори комитети ташкилии шаркшиносони рус оид ба ташкили Конгресси байналхалқии шарқшиносон соли 1876 дар Санкт-Петербург иштирок намуд.

Ин шарқшинос дар лашкаркашии Қӯқанд, аз ҷумла ҳуҷуми ҳукумати подшоҳӣ ба қалъаи Маҳрам дар 21 августи соли 1875 ширкат дошта, маводҳои гуногуни илмие ҷамъоварӣ намудааст, ки дар феҳристи расмии ӯ ба тафсил дарҷ гардидаанд [5, с. 153; 7, с.259].

Моҳи январи соли 1876 Александр Людвигович Кун инспектори калони мактабҳои вилояти Туркистон тайин карда мешавад. Муҳаққиқ Брежнева С.Н. зикр мекунад, ки пас аз як сол, генерал-губернатори Туркистон К.П. фон Кауфман ба Д.А. Толстой (вазири маориф. – О.А.) мактуб навишта дар он фазилатҳои А.Л. Кун ва ғайрати ӯро тавсиф намуда, хоҳиш менамояд, ки ба ӯ музди иловагӣ диҳад, инчунин ӯро бо рутбаи мушовири давлатӣ қадр намояд. Баъд аз он ки Д.А. Толстой бо чунин хоҳиш ба вазири ҳарбӣ Д. Милютин мактуб ирсол намуд, соли 1878 А.Л. Кунро ба рутбаи мушовири давлатӣ сарфароз намуданд [7, с.260].

Соли 1876 А.Л. Кун бо духтари капитани мустаъфии полки Измайловский Николай Иванович Шлейфер Елизавета оила барпо намуд. Аз ин издивоҷ ӯ соҳиби чаҳор фарзанд – се писару як духтар гардид [7, с.260].

А.Л. Кун барои рушди бештари соҳаи маориф ва тайёр кардани муаллимон пешниҳод менамояд, ки семинарҳои омӯзишӣ ташкил карда шаванд. Пешниҳоди ӯ мавриди пазириш қарор гирифта, соли 1879 дар шаҳри Тошканд мактаб ифтитоҳ мешавад. Н.П. Остроумов, ки сарварии онро бар уҳда дошт, аввалин мудири он таъин мегардад. Ин шарқшинос дар ифтитоҳи он суханронӣ намуда, қайд менамояд, ки: «мактаби мо ҳамеша бар асоси эҳтиром ба эътиқодоти динии ҳар донишомӯзи худ фаъолият хоҳад намуд... Ба унвони мактабе аз мардуми Русия, ки танҳо як ҳадаф дар робита бо хориҷиҳо дорад, барои густариши омӯзиши ҳамагонӣ дар миёни онҳо ва ҳифзи манофеи миллии худро бо манфиати давлате, ки онро таъсис додааст, ҳифз намоянд» [7, с. 261].

Чунонки дида мешавад, А.Л. Кун ба ҳифзи манфиатҳои миллии мардуми Русия ва эҳтиром ба эътиқоди динии сокинони маҳаллӣ таъкид кардааст. Ин равиши ӯ ба наздикшавии фарҳангҳо ва таъмини самарабахши таълим мусоидат мекард. Саҳми мушаххаси амалии А.Л. Кун дар рушди соҳаи маориф, аз ҷумла таъсиси семинарияҳои омӯзгорон ва мактабҳои ибтидоӣ дар рушди маорифи вилояти Туркистон бунёдӣ мебошад. Ин муассисаҳои таълимӣ, таҳкурсии тарбияи сокинони маҳаллӣ ва омода намудани мутахассисон барои кори минбаъдаи педагогӣ гардиданд. Семинари омӯзишии ташкил намудаи А.Л. Кун омӯзгоронеро тарбият намуд, ки сифати таълимро дар ин минтақа беҳтар карданд. Ин омӯзгорон метавонистанд дониш ва усулҳои бадастоварди худро дар тамоми минтақаи Осиёи Миёна ривоҷу равнақ диҳанд.

А.Л. Кун ҳамчун саринспектори мактабҳои халқии вилояти Туркистон бо ҳаёти мардуми маҳалҳо аз наздик шинос мешавад ва диққати ӯро мактабҳои маҳаллӣ ҷалб менамуданд. Вай дар «Туркестанские ведомости» пайваста оид ба вазъи мактабу маориф мақолаҳо навишта, нашр менамуд. Аз ҷумла, соли 1876 дар шумораи №37 «Туркестанские ведомости» мақолае зери унвони «Мактабҳои мусулмонӣ» нашр намуд, ки дар он чунин менависад: «Мактабҳои мусулмонӣ дар шаҳрҳои минтақаи Туркистон бештар дар масоҷид воқеъ шудаанд. Бештари ин макотиб дорои вақф ҳастанд. Дар шаҳрҳои минтақаи Турикистон тақрибан ҳар маҳалла ё минтақа дар маҳаллаи худаш дорои мактаб аст, ки ба он «гузар» ё дар дигар шаҳрҳо «маҳалла» низ гуфта мешавад. Муаллимони ин макотиб (мактабдор) бештар вақтҳо имом ё муаззини масҷид ҳастанд. Муаллимони мактаб, ҳамон тавре ки гуфта шуд, дар аксар маворид аз байни афроде, ки дар маҳалли мактаб зиндагӣ мекунанд, интихоб мешаванд. Ӯ (яъне муаллим. – О.А.) аксар аз миёни сокинони ҳамон маҳалла, ки мадраса дар он ҷо воқеъ шудааст, интихоб мегардад ва басе кам аз манотиқи дигар ё шаҳрҳои дигар муаллим ба унвони афроди хориҷӣ интихоб мешавад. Дар ҳар ду маврид маоши ӯ аз ҳисоби сокинони маҳалла пардохта мешавад, ба мизони 1 то 2 танга аз ҳар хона. Агар муаллим аз минтақаи дуртар даъват шавад, ба ӯву хонаводааш макони вежа дар наздикии мадраса дода мешавад» [18, с.131].

Чунонки дида мешавад, А.Л. Кун омӯзиши маориф ва фарҳангро дар ҷомеаи мусулмонӣ, ташкили шакли мактабҳо ва низоми онҳоро дар шаҳрҳои Туркистон тасвир намудааст.

Дар мақолаи мазкур, барои таҳлили тағйироти иҷтимоиву фарҳангии Туркистон дар охири садаи XIX, маълумоти арзишманд дода, баҳри фаҳмидани динамикаи муносибатҳои байнифарҳангӣ, таъсири таълим ба сохтори иҷтимоӣ ва амалияи фарҳангӣ, матолиби арзишманде ироа намудааст. Аҳаммияти мақолаи мавриди назар дар ин нукта низ зоҳир мешавад, ки маълумоти марбут ба соҳаи маориф ва таҳқиқоти ҳаёти маҳаллиро

метавон бо таҷрибаҳо ва таҳқиқоти шабеҳ дар дигар минтақаҳои ҳамон давра муқоиса намуд. Ин раванд метавонад барои муайян кардани тамоюлҳо ва фарқиятҳои умумӣ дар рушди маориф ва ҳаёти иҷтимоии нимаи дувуми садаи мазкур ёрӣ намояд.

Фаъолияти А.Л. Кун дар бунёди муассисаҳои таълимӣ ва муносибати ӯ ба таълиму тарбияро метавон дар заминаи таҳаввулоти таърихӣ ва иҷтимоии ин давра баррасӣ кард ва он имкон медиҳад, ки тағйирпазирии иҷтимоии он давра беҳтар тасаввур гардад.

Бо фармони вижаи идораи генерал-губернатории Туркистон А.Л. Кун «Туркестанский албом»-ро тартиб дода, онро соли 1872 нашр намуд. Чунонки дар фармони идораи генерал-губернатории Туркистон аз 22 майи соли 1871 гуфта мешавад: «Бо мақсади тавсифи ҳаёти ҳаррӯзаи мардуми муқимӣ ва кӯчманчӣ» албоми нодире нашр шуд, ки дар он далелҳои муҳимми минтақаи қаблан камомӯхташуда гирд оварда шудаанд» [37].

Ин албоми арзишмандест, ки ба таърих, мардумшиносӣ, ҷуғрофиё, иқтисод ва фарҳанги Осиёи Миёнаи нимаи дувуми садаи XIX бахшида шуда, беш аз 1200 акси нодирро дар бар мегирад. Албоми мазкур бо фармони вижаи генерал-губернатори Туркистон К.П. фон Кауфман, бо мақсади ошно гардидани муҳаққиқони русу Ғарб бо ин минтақа, нашр шудааст.

Дар «Туркестанский албом» аксҳои намояндагони гуногуни миллӣ ва табақаҳои иҷтимоии аҳолӣ, инчунин нақшаҳои меъморӣ, манзараҳо ва харитаҳо гирд оварда шудаанд. Дар қатори мураттибон М.Т. Бродовский, М.А. Терентев, Н.В. Богаевский ва суратгир Н.Н. Нехорошев низ буданд. Шуъбаи ҳарбӣ-топографии округи ҳарбии Тошканд қисмҳои литографии ҳар як лавҳаи онро чоп мекард. Корҳои чопӣ дар солҳои 1871-1872 асосан дар шаҳрҳои Петербург ва Тошканд сурат мегирифтанд. Ҳар ҷилди «Туркестанский албом» бо баргаҳои азим, бо чарми сабз рӯкаш шуда, андозаашон 45х60 сантиметр мебошад, ки дар ҳар саҳифаи он аз як то ҳашт акс мундариҷ гардида, бо истифода аз технологияи чопи албомӣ, дар асоси сафедаи тухм, сохта шудаанд [28, с.116; 37].

Албоми мазкур аз чаҳор қисмат иборат аст: бостоншиносӣ, этнографӣ, ҳунарӣ ва таърихӣ. Дар қисми бостоншиносӣ навъҳои меъмории исломӣ, асосан дар Самарқанд оварда шудааст. Дар қисми этнографӣ бошад, аксҳо ва манзараҳои зиндагии рӯзмарраи ӯзбекҳо, тоҷикон, қазоқҳо, қирғизҳо ва ғайра нишон дода шудаанд. Қисмати ҳунармандии он бошад, касбҳои гуногун, аз қабили истеҳсоли нассоҷӣ, истихроҷи маъданро дар бар мегирад. Дар қисми таърихӣ бошад, фаъолияти низомии Русия бо харитаи набардҳо ва аксҳои сарбозон аз соли 1853 то 1871 оварда шудааст [28, с.116; 37].

Омода ва нашр намудани албом дар солҳои 1871-1872 анҷом ёфт, мутаассифона, он бо теъдоди маҳдуде нашр шуд. Айни замон маҷмуаҳои мукаммали ин албом дар Китобхонаи миллии Ӯзбекистон, Китобхонаи давлатии Русия ба номи В.И. Ленин ва Китобхонаи Конгресси ИМА маҳфузанд*. Ин албом яке аз манбаъҳои муҳимми фарогири далелҳои муътамад дар бораи ин минтақа маҳсуб меёбад, ки дар омӯзиш ва дарки таъриху фарҳанги Осиёи Марказӣ аз мақоми вежа бархӯрдор аст.

Марҳилаи фоҷиабори ҳаёти ин шарқшинос пас аз марги генерал-губернатори Туркистон К.П. Фон Кауфман (4 (16) майи 1882) шуруъ ва коста гардидани эътибори А.Л. Кун дар назди зимомдорони давр оғоз шуд. Пас аз марги хазинадори кассаи амонатию қарзӣ – А.В. Шелтинги дар Тошканд камбуди зиёди маблағро пайдо карданд. Азбаски хазинадори фавтида бо А.Л. Кун пайванди хешӣ дошт, дар ин парванда ӯро низ айбдор намуда, дар истифодаи ғайримақсадноки маблағи махсусан калон - 4699 сӯму 65 тин ӯро гунаҳгор дониста, ин маблағро ситониданд [7, с. 261].

Аксарияти коркунони шуъбаи маорифи шаҳри Тошканд, аз ҷумла мудири семинари муаллимон Н. Остроумов, А.Л. Кунро ба қаллобии молиявӣ, корношоямии касбӣ ва

---

* Соли 2006 Китобхонаи миллии Конгресси ИМА, нусхабардории пурраи электронии тамоми саҳифаҳои «Туркестанский албом»-ро анҷом дод. Имрӯз он бо сифати баланд барои ҳамаи хоҳишмандон дастрас мебошад. Бояд қайд намоем, ки ин аксҳо бе ягон маҳдудияти ҳуқуқи муаллиф барои истифода дастрасанд. Барои дидани тамоми албом ва ҳатто барои боргирӣ намудани онҳо ба саҳифаи Китобхонаи Конгресс дар истиноди зерин муроҷиат намоед: https://www.loc.gov/rr/print/coll/287_turkestan.html

бадахлоқӣ айбдор карданд.

Н. Остроумов ӯро ҳатто мансабпараст ва тамаъкор номид. Дар баробари ҳамаи ин айбномаҳо мудири семинари муаллимон қаноат накарда, мақолаҳои Александр Людвигович Кунро, ки дар шумораҳои гуногуни рӯзномаи «Туркестанские ведомости» нашр шуда буданд, бо нигоҳи муғризона «омӯзишу баррасӣ» намуда, зарурати ба таври «объективона ва ҳақиқӣ» нақд карданашонро ба миён гузошт ва фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва маъмуриашро зери суол бурд. Минҷумла дар «Ёддошт»-и худ дар бораи А.Л. Кун ва арзиши назарраси илмӣ надоштани албомеро, ки дар бораи Туркистон бо ёрии суратгир Н.Н. Нехорошев тартиб додааст, таъкид намуда, барои таҳқиқоти минбаъда кӯҳна шудани онро ёдрас кардааст» [7, с.176-177].

Н.Остроумов дар «Ёддошт»-и худ дар бораи силсилаи ҳодисаю амалҳое, ки бо фаъолияти А.Л. Кун ва атрофиёни ӯ алоқамананд, нақл мекунад. Аз ҷумла, дар бораи хешовандони А.Л.Кун, ҷияни ҳамсараш – Шелтинга омӯзгори гимназияи Тошканд изҳори назар намуда, дар бораи хешу табори наздики худро ба вазифаи сардори сехи дуредгарии техникуми шаҳри Тошканд таъин намуданаш иттилоъ медиҳад. Инчунин, маълумот медиҳад, ки ин омӯзгор ба кори истеҳсоли дафтарҳои хонандагон машғул буда, анбори китобҳои дарсӣ ва лавозимоти омӯзгориро идора мекард [11, с.180-181].

Тамоми ин давра бо айбномаҳо ва низоъҳои дохилӣ ҳамроҳ буд, ки ба обрӯву эътибори Александр Людвигович Кун ба таври назаррас таъсир расонд. Дар мактубҳои А.Л. Кун ба Г. Колпаковский ва М. Бродке ӯ ҳама гуна даст доштан дар камбудии молиро рад карда, иддао мекунад, ки айбномаҳо танҳо бо ғаразҳои шахсӣ ба ӯ бор карда шудаанд [7, с. 262].

Вазорати маорифи онвақата қарор медиҳад, ки А.Л. Кунро дар моҳи январи соли 1882 ба ҳайати комиссияи махсуси назди вазири ҳарбӣ, барои тартиб додани низомномаи нави идораи вилояти Туркистон таъин намуда, ба Петербург фиристонад.

Дар набудани ӯ генерал-губернатори Туркистон М.Г. Черняев аз вазири маориф хоҳиш мекунад, ки А.Л. Кунро дигар барои кору фаъолият ба Осиёи Миёна барнагардонад ва ин шарқшинос муваққатан аз хизмат дар ҳайати генерал-губернатори Туркистон дур карда мешавад. Моҳи июни соли 1882 А.Л. Кун ба ҳайси ёвари мудирии округи таълимии Вилна таъин гардид.

Метавон гуфт, ки воқеаҳои бо А.Л.Кун рӯйдода анҷоми фаъолияти ӯ дар Осиёи Миёна буд. Ӯ марҳалаи нави фаъолияти худро дар минтақаи дигар оғоз кард. Аз рӯйи манобеъ ва таҳқиқоти нашршуда, метавон гуфт, ки ин рӯйдодҳо муносибатҳои мураккаби сиёсӣ ва маъмурии он замон, инчунин айбдоркуниҳо ва низоъҳои дохилӣ, касбу эътибори Александр Людвигович Кунро нишон медиҳанд.

Пас аз ин кашмакашҳо дар Осиёи Миёна А.Л. Кун дучори бемории асаб шуда, мушкилоти саломатӣ пайдо кард. Барои рухсатӣ ва ёрдампулӣ, мактубе ба номи Делянов фиристод ва аз ӯ хоҳиш намуд, ки барояш имконият диҳанд, то барои барқарор намудани саломатӣ ба хориҷа равад.

Ҳангоме ки «А.Л. Кун дар соли 1881 Осиёи Миёнаро тарк мекунад, – менависад Ястребова О.М. ҳамсараш Елизавета Николаевна ва ду фарзандаш – Кока ва Женя, ӯро ҳамроҳӣ мекарданд» [42, с. 682].

Туҳмату айбномаҳо бар ивази хидматҳои мондагор ба саломатии ин мусташриқ бетаъсир намонд ва билохира бар асари бемории мадид 24 октябри соли 1888 А.Л. Кун дар синни 48-солагӣ дар шаҳри Вилно (ё Вилнюс пойтахти давлати Литва) дори фониро барои ҳамешагӣ падруд гуфт. Пас аз чор рӯз, яъне 28 октябр ҳамсари ӯ Елизавета Николаевна даргузашт. Баъди се рӯзи марги ҳамсараш 30-юми октябр писари панҷсола ва ягонаи А.Л. Кун – Георгий ногаҳонӣ аз олам чашм пӯшид [30, с.182, 7, с.263; 11, 28, с.117; 42, с. 687].

Бо вуҷуди он ки Александр Людвигович Кун умри тулонӣ надид, аммо аз худ мероси арзишманди илмӣ боқӣ гузошт, ки бо силсилапажуҳишҳои мондагор нақши амиқе дар омӯзиши таърихи халқиятҳои Осиёи Миёна ниҳод [муф. ниг.:13; 15; 14; 15; 16; 18; 19; 20; 21; 21;22; 23; 24; 25; 26].

Ҳамин тавр, омӯзиши нақши шарқшиноси рус А.Л. Кун дар рушди маориф ва маданияти сокинони Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XIX ба мо имкон медиҳад, ки як

қатор хулосаҳои муҳим бароварда шавад. А.Л. Кун олим ва муаллими барҷастаи замони худ буда, ба равандҳои навсозӣ ва таҷдиди амалияи маориф ва фарҳанги минтақа таъсири назаррасе расонидааст.

Аввалан, иштироки ӯ дар ташкили муассисаҳои таълимӣ ва эҷоди усулҳои нави таълим ба болоравии сатҳи маориф дар Осиёи Миёна мусоидат намуд. А.Л. Кун таҷрибаи пешқадами низоми маорифи онзамонаи ҳукумати подшоҳии Русияро фаъолона ҷорӣ намуда, ба ташаккули табақаи босаводи аҳолӣ ва баланд шудани саводнокии омма мусоидат намуд.

Сониян, пажуҳишҳо ва нашрияҳои ӯ оид ба фарҳангу забонҳои халқҳои Осиёи Миёна дар ҳифз ва тарғиби гуногунии этникӣ ва фарҳангӣ саҳм гузоштаанд. Ӯ тарафдори эҳтироми анъанаҳо ва мусоидат ба ҳамкории онҳо бо парадигмаҳои муосири таълимӣ ва фарҳангӣ буд.

Ҳамчунин бояд гуфт, ки фаъолияти А.Л.Кун на танҳо ба замони ӯ таъсир расонд, балки барои рушди минбаъдаи маориф ва маданияти Осиёи Миёна замина гузошт. Асарҳо ва андешаву барномаҳои таълимии ӯ барои муҳаққиқону маорифпарварони минбаъда сарчашмаи ибтидоӣ гардида, анъанаҳои илмию маърифатиро дар ин самт ташаккул доданд.

Хулоса, нақши А.Л.Кун дар рушди маориф ва фарҳанги Осиёи Миёна дар нимаи дувуми садаи XIX хеле муҳим мебошад. Фаъолияти ӯ дар таҳкими муассисаҳои таълимӣ, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва рушди муҳити зеҳнӣ дар минтақа мусоидат кардааст.

**Муқарриз: Камолов Х.Ш. – д.и.т., профессори ИТБМ ба номи А.Дониши АМИТ**

## АДАБИЁТ


1. Абдумавлон, О. Отражение народных традиций в «Дневнике...» Абдуррахмана Мустаджира / О. Абдумавлон // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – № 3-9. – С. 62-64.
2. Абдурраҳмони М. Рӯзномаи сафари Искандаркӯл [Ҳозиркунандагони чоп ва муаллифони муқаддимаву тавзеҳот Аълохон Афсаҳзод ва Мирзо Муллоаҳмадов] / Абдураҳмон М. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 176 с.
3. Александр, Д. Александр Кун – востоковед, автор Туркестанского альбома /Д. Александр. — Текст: электронный //Общественный фонд «Казахстанское объединение немцев «Возрождение»: [сайт]. — URL: http://wiedergeburt-kasachstan.de/aleksandr-kun-vostokoved-avtor-turkestanskogo-alboma/ (санаи дастрасӣ: 27.02.2023).
4. Аминов П.А. Искендеркульская экспедиция 1870 г. /П.А. Аминов //Туркестанские ведомости. — 1873. — № 13. – С. 49-51
5. Андрианов, Б.В. Архив А.Л. Куна /Б.В. Андрианов //Советская этнография. – 1951. – № 4. – С.149-155.
6. Бартольд, В.В. История культурной жизни Туркестана /В.В. Бартольд; Акад. наук СССР, Комис. по изучению естеств. производит. сил СССР. - Л.: Акад. наук СССР, 1927. - [2], II. – 256 с.
7. Брежнева, С.Н. Немец - ориенталист на службе Российской империи (деятельность А.Л. Куна в Туркестанском крае) /С.Н. Брежнева //Природно-географические факторы в повседневной жизни населения России: история и современность: Материалы международной научной конференции, Санкт-Петербург, 14-16 марта 2019 года /Ответственный редактор В.А. Веременко. Том 2. – Санкт-Петербург: Ленинградский государственный университет им. А.С. Пушкина, 2019. – С. 256-264.
8. Ғафуров, Б. Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Китоби 1, 2. /Б. Ғ. Ғафуров – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2020. – 976 с.
9. Рӯзномаи сафари Искандаркӯл (дастхат) [Матн] // Бойгонии филиали Санкт-Петербургии Институти шарқшиносии шуъбаи дастхатҳо ва ҳуҷҷатҳои Институти дастхатҳои шарқии АИ Русия. Д 133 (609g). – 394 варақ.
10. Рӯзномаи сафари Искандаркӯл (дастхат) // Бойгонии филиали Санкт-Петербургии Институти шарқшиносии шуъбаи дастхатҳо ва ҳуҷҷатҳои Институти дастхатҳои шарқии АИ Русия. Д 134 (609h). – 323 варақ.
11. Исакова, М.С. Воспоминания Н.П. Остроумова о А.Л. Куне/М.С. Исакова //Восток. Афро-азиатские общества: история и современность. – 2016. – № 4. – С. 172-191.
12. Искандер-Тюря [А.Л. Кун]. Сведения о ягнауском народе (К материалам для исследования ягнобского языка) /Искандер-Тюря [А.Л. Кун] //Туркестанские ведомости. – 1881. – №3-4.
13. Кун, А.Л. Бухарские порядки, Заметки о порядке взимания поземельных податей /А.Л. Кун//Туркестанские ведомости, 1873, № 32.
14. Кун, А.Л. Вакуфы /Кун, А.Л.//Туркестанские ведомости. – 1872. – № 21.
15. Кун, А.Л. Заметки о податях в хивинском ханстве /А.Л. Кун// Туркменские ведомости. – 1874. – №№32-33.
16. Кун, А.Л. Заметки о Хивинском ханстве /А.Л. Кун//Туркестанские ведомости. — 1873. — № 40. — С. 158
17. Кун, А.Л. Коран Османа /Кун, А.Л.//Материалы для статистики Туркестанского края: Ежегодник. Под ред. Н.А. Маева. Вып. III, 1874. – С. 401–404; Коран Османа //Туркестанские ведомости. – 1870. – № 1.
18. Кун, А.Л. Мусульманские школы /Кун А.Л. //Туркестанские ведомости. – 1876. – № 37.

19. Кун, А.Л. Научные работы во время Хивинского похода. /А.Л. Кун //Туркестанские ведомости. – 1873.– № 50.
20. Кун, А.Л. Описание печатей Хивинских ханов /А.Л. Кун //Туркестанские ведомости. — 1873. — № 40. — С. 158
21. Кун, А.Л. Очерк Кокандского ханства /А.Л. Кун//ИРГО, т. XII, 1876. – С.59–70; Кун, А.Л. Очерк Коканского ханства /А.Л. Кун //Изв. Имп. Русского географического общества. – СПб., 1876. – Т.12. – С. 2-12.
22. Кун, А.Л. Очерки Шагрисябзского бекства /А.Л. Кун //ЗРГО по отд. этнографии, т. VI, 1880. -С. 203-237
23. Кун, А.Л. План и описание, им составленное, развалин, находящихся между Казалинском и Ташкентском /А.Л. Кун// ИРАО, т. VII, 1872. – С.452.
24. Кун, А.Л. Погребальные обряды у среднеазиатских таджиков /А.Л. Кун// ИОЛЕАЭ, т. IX, вып. 1. – С.68–69.
25. Кун, А.Л. Поездка по Хивинскому ханству в 1873 году /А.Л. Кун//ИРГО, т. X, вып. 2, СПб. – С.58.
26. Кун, А.Л. Порядок взимания податей в Хивинском ханстве /А.Л. Кун//Туркестанские ведомости. – 1873. – № 33. – С. 130-131
27. Кун, А.Л. Предание о библиотеке Тамерлана /А.Л.Кун//Материалы для статистики Туркестанского края. – СПб., 1874. Вып. III. – С. 405-406.
28. Лунин, Б.В. Средняя Азия в дореволюционном и советском востоковедении /Б.В. Лунин. — Ташкент: Фан, 1965. – 408 с.
29. Ҷумъаев, Р.Х. Яғнобмарз ва мардуми он пажӯҳиши таърихӣ-этнолоҷӣ / Р.Х. Ҷумъаев. −Душанбе: Амри илм, 2000.−160 с.
30. Н. М-в[Н.Маев]. Кун, А.Л. (Некролог). / М-в Н. [Маев Н.]. // Туркестанские ведомости. – 1888. – № 46. – С. 182-183.
31. Одинаев, А.Н. Инъикоси ҷараёни экспедитсияи Искандаркӯл дар «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл»-и А. Мустаҷир / А.Н. Одинаев // Муаррих. – 2023. – №. 1(33). – С. 119-130.
32. Одинаев, А.Н. Александр Людвигович Кун ва нақши ӯ дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги тоҷикон дар нимаи дуюми асри XIX / А.Н. Одинаев // Муаррих. – 2023. – №. 3(35). – С. 105-119.
33. Одинаев, А.Н. «Дневник Искандеркульской экспедиции» Абдурахмона Мутаджира – как источник по истории верховьев Заравшана второй половине XIX в / А.Н. Одинаев // Вестник Педагогического университета. – 2019. – № 2(79). – С. 284–291.
34. Одинаев, А.Н. Александр Людвигович Кун ва нақши ӯ дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги тоҷикон дар нимаи дуюми асри XIX / А.Н. Одинаев // Муаррих. – 2023. – №. 3(35). – С. 105-119.
35. Одинаев, А.Н. Политическое положение верховьев Зеравшана и предпосылки Искандеркульской экспедиции / А.Н. Одинаев // Вестник Педагогического университета. – 2015. – № 6-1(67). – С. 250–256.
36. Султонов, У.А. Русский востоковед А.Л. Кун и его коллекция исторических документов мазара Ахмад Йасави /У.А. Султонов// Восточный архив. – Москва, 2014. – № 1. – С.76-83.
37. Туркестанский альбом [Манбаи электронӣ]. Сто сорок лет спустя – в цифровом и доступном виде. URL: https://www.fergananews.com/articles/7256#0 (таърихи дастрасӣ: 24.08.2023).
38. Хромов, А.Л. Ягнобский язык /А.Л. Хромов. – Москва: Наука, 1972. – 208 с.
39. Чтение А.Л. Куна о Ферганской долине /А.Л. Кун //Туркестанские ведомости. –1876. – № 12. – С. 46; Кун, А.Л. Некоторые сведения о Ферганской долине /А.Л. Кун//Военный сборник. – СПб. – 1876. – № 4. – С. 417–448.
40. Ястребова, О.М. Документы XIX века из верховьев реки Зеравшан в Отделе рукописей Российской национальной библиотеки /О.М. Ястребова//Восточный сборник. РНБ. СПБ. – 2003. Вып. 6. – С. 77–123.
41. Alexander, V.K. The Province of Ferghana, Formerly Khanate of Kokand /V.K. Alexander. – Simla: Government Central Branch Press, 1876. – 34 с.
42. Olga Yastrebova & Arezou Azad (2015) Reflections on an Orientalist: Alexander Kuhn (1840–88), the Man and his Legacy, Iranian Studies, 48:5, 675-694, DOI: 10.1080/00210862.2015.1058631
43. Yastrebova, O.M. Reconstruction and description of mirza Muhammad Muqim's collection of manuscripts in the National Library of Russia /O.M. Yastrebova //Manuscripta Orientalia. – 1997. – Vol. 3, No. 3. – P. 24-38.

## НАҚШИ ШАРҚШИНОСИ РУС А.Л.КУН ДАР ТАРВИҶИ МАОРИФ ВА ОМӮЗИШИ ФАРҲАНГИ СОКИНОНИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР НИМАИ ДУВУМИ АСРИ XIX

Тадқиқоти илмӣ ба омӯзиши саҳми шарқшиноси барҷастаи рус А.Л. Кун дар рушди маориф ва фарҳанги сокинони Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XIX бахшида шудааст. Дар мақола таъсири А.Л. Кун ба ташаккули ташаббусҳои маърифатию фарҳангӣ, ки ба такмили дониш ва баланд бардоштани савияи таълиму тарбия дар минтақа нигаронида шудаанд, таҳлил карда шудааст. Самтҳои асосии фаъолияти А.Л. Кун, усулҳои педагогӣ ва дастовардҳои илмии ӯ, ки ба неруи зеҳнӣ ва фарҳангии ҷомеаи онзамонаи Осиёи Миёна таъсири назаррас расонидаанд, нишон дода шудаанд. Дар пажуҳиши мазкур, аҳаммияти саҳми ховаршиноси рус Александр Людвигович Кун дар ташаккули маориф ва маданияти аҳолии Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XIX мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. А.Л. Кун, ки яке аз намояндаи насли барҷастаи муҳаққиқони рус буд, ба таври муназзам минтақаҳои шарқиро таҳқиқ намуда, ба фарҳанг ва анъанаҳои мардуми Осиёи Миёна таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекард. Дар таҳқиқот усулҳо ва равишҳое, ки А.Л. Кун дар таҳқиқоти худ истифода кардааст, таҳлил шуда, инчунин таъсири фаъолияти ӯ ба ташаккули муассисаҳои таълимӣ ва таҷрибаи фарҳангӣ дар минтақа арзёбӣ шудааст. А.Л. Кун дар офаридани

маҷмуаҳои забонӣ ва мардумшиносӣ фаъолона иштирок намуда, дар беҳтар дарк намудани хусусияти забонӣ ва фарҳангии халқҳои Осиёи Миёна саҳми боризе гузоштааст.

**Калидвожаҳо:** Александр Людвигович Кун, шарқшиносӣ, маориф, фарҳанг, Осиёи Миёна, садаи XIX, забоншиносӣ, мардумшиносӣ, таҳқиқот, олимони рус, таърихи маориф.

## РОЛЬ РУССКОГО ВОСТОКОВЕДА А.Л.КУНА В РАЗВИТИИ ОБРАЗОВАНИЯ И КУЛЬТУРЫ ЖИТЕЛЕЙ СРЕДНЕЙ АЗИИ ВО ВТОРОЙ ПОЛОВИНЕ XIX ВЕКА

Статья посвящена роли выдающегося русского востоковеда А.Л. Куна в развитии образования и культуры жителей Средней Азии во второй половине XIX века. Предметом исследования является вклад Куна в формирование образовательных и культурных практик в этом регионе. Автор освещает важные этапы жизни и деятельности ученого, а также анализирует его труды, посвященные исследованию и популяризации культуры Средней Азии. На основе обширного архивного материала и изучения научных трудов Куна автор выявляет влияние его исследований на образовательные структуры региона. А.Л.Кун активно содействовал созданию образовательных учреждений, способствовал переводу научных трудов на местные языки, что способствовало распространению знаний и формированию национальной культурной идентичности. Основные результаты статьи подчеркивают важность деятельности Куна в создании образовательных культурных мостов между Россией и Средней Азией.В заключение автор делает вывод о значительном вкладе А.Л. Куна в становление образования и культуры Средней Азии в XIX веке и подчеркивает актуальность его научного наследия для современного понимания и взаимодействия культурных сфер. Эта статья предоставляет читателю обзор и анализ ключевых аспектов вклада А.Л. Куна в развитие образования и культуры региона.

**Ключевые слова:** А.Л. Кун, востоковедение, Средняя Азия, образование, культурные практики, научные труды, образовательные учреждения, национальная идентичность, российско-центральноазиатские связи, культурные мосты.

## THE ROLE OF RUSSIAN ORIENTALIST A.L. KUN IN THE DEVELOPMENT OF EDUCATION AND CULTURE IN CENTRAL ASIA IN THE SECOND HALF OF THE 19TH CENTURY

The article explores the role of the prominent Russian orientalist A.L. Kun in the development of education and culture in Central Asia during the second half of the 19th century. The study focuses on Kun’s contribution to the formation of educational and cultural practices in the region, examining important stages of his life and work, as well as analyzing his works dedicated to the study and popularization of Central Asian culture. Based on extensive archival material and a thorough examination of Kun’s scholarly works, the author identifies the impact of his research on the educational structures of the region. A.L. Kun actively contributed to the establishment of educational institutions, facilitated the translation of scientific works into local languages, fostering the dissemination of knowledge and the formation of national cultural identity. The main findings underscore the significance of Kun’s activities in creating educational and cultural bridges between Russia and Central Asia.In conclusion, the author highlights A.L. Kun’s substantial contribution to the development of education and culture in Central Asia during the 19th century and emphasizes the relevance of his scholarly legacy for contemporary understanding and cultural interactions. This article provides readers with an overview and analysis of key aspects of A.L. Kun’s contribution to the advancement of education and culture in the region.

Keywords: A.L. Kun, oriental studies, Central Asia, education, cultural practices, scholarly works, educational institutions, national identity, Russo-central Asian relations, cultural bridges.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Одинаев Абдумавлон Назирович*** – Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шуъбаи таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва нав, ходими хурди илмӣ.**Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,33. E-mail: **abdumavlon1987@gmail.com; ORCID: 0000-0002-9730-8735**

**Сведения об авторе:** ***Одинаев Абдумавлон Назирович*** - Институт истории, археологии и этнографии им. А.Дониша Национальной академии наук Таджикистана, отдел древней, средневековой и новой истории, младший научный сотрудник. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки,33. E-mail: **abdumavlon1987@gmail.com; ORCID: 0000-0002-9730-8735**

**Information about the author:** ***Odinaev Abdumavlon Nazirovich*** **-** Institute of History, Archeology and Ethnography named after. A. Donisha National Academy of Sciences of Tajikistan, department of ancient, medieval and modern history, junior researcher**. Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33. E-mail: **abdumavlon1987@gmail.com; ORCID: 0000-0002-9730-8735**

ТДУ:930.85(575.34)

# РАВАНДИ ИҶРОИ «БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ КОМПЮТЕРКУНОНИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2011-2015» ДАР МИСОЛИ НОҲИЯҲОИ ЁВОН, АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ВА ХУРОСОНИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

*Каримов М.Б.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар асоси фармоиши вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 апрели соли 2012, таҳти №536 рӯзҳои 10-12 апрели соли 2012 рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.09.2010, №416 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» ва таъсиси марказҳои компютерӣ дар ноҳияҳои Евон, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Хуросони вилояти Хатлон мавриди санҷиш қарор дода шудаанд.

Таҳқиқ нишон дод, ки дар шуъбаи маорифи ноҳияи Евон (мудираш Мирзоев М.) 58 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 11 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 6 муассисаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ, 1 литсей ва 2 гимназия (1 ададаш гимназияи хусусӣ) фаъолият карда, теъдоди умумии хонандаҳо 44538 нафар, аз ҷумла теъдоди хонандаҳои синфҳои 7-11, ки ба омӯзиши фанни технологияи информатсионӣ машғуланд, 18179 нафарро ташкил медиҳад. Дар ноҳия қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.09.2010, №416 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» моҳи декабри соли 2010 дар Шурои шуъбаи маориф мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷиҳати амалӣ намудани он нақшаи чорабиниҳо иборат аз 12 банд таҳия ва ба муассисаҳои таълимӣ дастрас шудааст [11, с.8].

Дар ноҳия барои омӯзонидани фанни мазкур 68 нафар омӯзгор, аз инҳо танҳо 27 нафар ихтисосманди фанни технологияи информатсионӣ буда, 22 нафар омӯзгори фанни физикаю математика, ки аз курсҳои такмили ихтисос гузаштаанд ва 19 нафар курсҳои кӯтоҳмуддатро хатм карданд, машғул буданд. Дар шуъбаи маориф барои амалӣ намудани Барнома мушовири шуъба Комилов А., омӯзгори фанни физика мутасаддӣ буд.

Дар муассисаҳои таълимии ноҳия то ба ҳолати семоҳаи аввали соли 2012 952 адад компютер, 83 принтер, 47 генератор, 37 сканер, 28 ксерокс, 4 проектори мултимедӣ ва 2 тахтаи электронӣ (аз ҳисоби ташкилоти «Ёрии техникии Олмон») мавриди истифода қарор дошта, иҷрои барномаи мазкур дар маҷмуъ 78%-ро ташкил медиҳад [1, с.11].

Мутаассифона, дар назди шуъбаи маориф то давраи пажуҳиш Маркази технологияи информатсионӣ ва хизматрасонии компютерӣ таъсис дода нашудааст.

Бояд зикр намуд, ки яке аз талаботи Барномаи фанни технологияи информатсионӣ ва Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 пайвасти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба шабакаи интернет ва омӯзиши маҳорати кор кардан бо ин шабака аст. Аз 58 муассисаи таълимии ноҳияи Ёвон 47-тоаш ба ин шабака тариқи таҷҳизоти беноқил (модемҳо) пайваст буданд, ки ин имкон фароҳам меорад, ки таълими фан дар муассисаҳо боз ҳам беҳтар гардад.

Масъалаи санҷиши ҳолати амалӣ шудани Барномаи давлатӣ ва таъсиси марказҳои компютерӣ дар шуроҳои шуъбаи маориф ва ҷаласаҳои назоратии назди мудири шуъбаи маориф низ мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Пажуҳиш нишон дод, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 1, 2, 30, литсейи далатии №1 ва гимназияи бачаҳои болаёқати № 1 ноҳия қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.09.2010, №416 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» дар ягон муассисаи таълимии ноҳия ҷузвдони алоҳидаи дорои натиҷаҳои санҷиш пайдо нагардид. Танҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №1 (директор Каримова А.), №2 (директор Мусулмонова М.) ва литсейи давлатии №1 (директор Олимов М.) тибқи Нақшаи чорабиниҳои шуъбаи маорифи ноҳия ҷузвдони алоҳида ташкил карда шуда, иҷрои Барномаи давлатӣ назорат карда шудааст.

Ҳолати иҷрои Барномаи мазкур махсусан дар литсейи давлатии №1 ва гимназияи

бачаҳои болаёқати №1 ташвишовар буд. Чунончи, дар литсейи давлатии №1 барои омӯзиши хонандагон 6 компютеру 1 принтер фаъолият мекард, ки ба 1 компютер 62 нафар хонанда рост меомад [2, с.13].

Дар гимназияи бачаҳои болаёқат (муассис Раҷаби Мусулмониён, директор Юнусова Ашурмоҳ) бошад, 6 компютер (1-то корношоям), 2 принтер ва 1 ксерокс мавҷуд буд, ки ба 1 компютер 16 хонанда рост меомад. Компютерҳои гимназия ба шабакаи интернет пайваст набуданд. Илова бар ин, дар гимназияи мазкур кабинет ё синфхонаи компютерӣ ташкил карда нашуда буд. Дар гимназия компютерҳо дар қабулгоҳ нигоҳ дошта мешуданд. Ба гуфти муассис Р. Мусулмониён, ҳангоми гузаронидани дарси технологияи информатсионӣ компютерҳо васл карда мешуданд.

Таҳқиқ нишон дод, ки дар гимназияи мазкур ягон ҳуҷҷат, нақшаи чорабинӣ оид ба масъалаи мазкур пайдо нагардид. Ҳолати фан ягон маротиба мавриди санҷиш қарор нагирифтааст. Директори гимназия ба дарси омӯзгори фанни технологияи информатсионӣ тамоман надаромадааст. Умуман, директори гимназия Юнусова А. 7 сол боз дар вазифаи роҳбарии муассисаи мазкур фаъолият дошта бошад ҳам, то ҳол ягон маротиба аз курси такмили ихтисос нагузаштааст ва дафтари таҳлили дарсҳо сатҳӣ буда, хулосабарории дуруст надошт [3, с.9].

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2 (директор Мусулмонова М.) бошад, аз 21 соати дарсии тибқи нақшаи таълимӣ муқарраршуда, танҳо 9 соат (синфҳои 9-11) таълим дода мешаваду халос. Дар муассиса бо набудани мутахассис фанни мазкурро Р. Розиқов, ки худ корманди бонк аст, дарс медод ва боқимонада соатҳо вакант истода буданд.

Дар **шуъбаи маорифи ноҳияи А.Ҷомӣ** (мудири шуъбаи маориф Маҳмадёров Т.) теъдоди умумии муассисаҳо 63 ададро ташкил медод, ки аз инҳо 53 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ, 1 литсей-интернат буда, шумораи умумии хонандагон 31766 нафарро ташкил дода, теъдоди хонандагони синфҳои 7-11, ки ба омӯзиши фанни технологияи информатсионӣ машғуланд, 12328 нафарро ташкил медод. Муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумии ноҳия 724 адад компютер, 178 адад принтер, 58 адад генератор доштанд, ки аз ҷумлаи онҳо 11 адад компютер корношоям буданд. Иҷрои Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои солҳои 2011- 2015 дар ноҳия 88%-ро ташкил медод. Дар ноҳия 54 кабинети фанни технологияи информатсионӣ ташкил карда шуда буд. Ба 1 компютер дар муассисаҳои ноҳия 17 нафар хонанда рост меомад.

Компютерҳо асосан ба муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 306 адад, аз ҳисоби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 адад, аз ҳисоби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 138 адад, аз ҳисоби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 адад, аз ҳисоби дигар ташкилотҳо 30 адад, аз шахсони алоҳида 226 адад ва аз ҳисоби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон 30 адад дастрас гардида буд [4, с.22].

Дар ноҳия 9 фоизи муассисаҳои таълимӣ, яъне 5 муассиса ва шуъбаи маориф ба шабакаи интернет пайваст буданд.

Ба таълими фанни технологияи информатсионӣ 50 нафар омӯзгори дорои маълумоти олӣ машғул буда, аз шумораи онҳо танҳо 10 нафар аз курси такмили ихтисос гузаштаанд. Барои иҷрои Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия зарур аст, ки боз 97 адад компютер харидорӣ намоянд.

Набудани шабакаи интернет дар муассисаҳо ба сатҳи дониши хонандагон таъсири манфӣ расонидааст. Зеро омӯзиши кор бо интернет дар барномаи таълимии фанни технологияи информатсионӣ дар синфи 9 ба нақша гирифта шудааст ва олимпиадаи байналмилалии фосилавӣ аз фанни мазкур низ бо истифода аз ин шабака сурат мегирифт. Набудани чунин имконият ба он оварда расонидааст, ки иштироки хонандагони ноҳия дар озмунҳои фаннӣ ва фосилавӣ қаноатбахш набуд.

Таҳқиқ нишон дод, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №6, 11 ва литсей-интернати бачаҳои болаёқати ноҳия баъзе камбудиҳо, аз ҷумла корношоям будани баъзе ҷузъҳои компютерҳо, барномаҳои компютерӣ ҷой доштанд. Дар баробари камбудиҳо фаъолияти хуби муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №62 (директор Ашӯров С.)-ро

махсусан қайд намудан бамаврид аст, ки ба муҳлати кӯтоҳи фаъолияташ нигоҳ накарда, ҳуҷҷатҳои зарурӣ оид ба Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2011-2015 ҷамъоварӣ намуда, омӯзиши фанни мазкурро хуб ба роҳ мондааст. Дар муассисаи мазкур 2 кабинети омӯзиши фанни компютерӣ фаъолият дошта, дар давраи таътили зимистона барои омӯзгорон, махсусан омӯзгорони ҷавон курси омӯзишӣ ташкил карда шудааст. Хонандагон мунтазам тибқи таҷҳизоти беноқил (модем) бо интернет кор мекунанд.

Вале рафти иҷрои Барномаи мазкур дар литсей-интернати бачаҳои болаёқати ноҳия (директор БобоевМ.) дар ҳолати начандон хуб қарор дошт. Муассисаи таълимии мазкур дорои 411 хонанда буда, дар он 57 нафар кӯдакони ятим, носолим ва камбизоат тарбия ва таълим мегиранд.

Дар литсей-интернат ба хонандагони синфҳои 7-11 Ш. Нуров, ки ихтисосаш омӯзгори фанни синфҳои ибтидоӣ буда, аз курси такмили ихтисос гузашта, сертификати омӯзиши фанни технологияи информатсиониро дорад, дарс мегуфт. Сатҳи дониши хонандагони литсей-интернат дар сатҳи паст қарор дошта, ба саволҳои одитарин, аз қабили қисмҳои асосии компютер ва қисмҳои ёрирасон ҷавоб гуфта наметавонистанд [5, с.24].

Пажуҳиш нишон дод, ки дар литсей оид ба амалӣ намудани Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 ягон ҳуҷҷат вуҷуд надошт. Масъалаи мазкур дар ягон Шуро ё ҷаласа мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Ҳолати ҳуҷҷатдорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар сатҳи паст қарор дошта, қарорҳои Шурои педагогии моҳи январи соли 2012 мавҷуд нест.

Аксари омӯзгорони литсей-интернат бо компютер кор карда наметавонистанд.

Умуман, бо сабаби набудани омӯзорони ихтисосманд қариб тамоми хонандагони синфҳои 10 ва 11-и муассисаҳои таълимии таҳқиқшуда дар таълими мавзуъҳои алгоритм, алгоритмсозӣ, асосҳои мантиқии алгоритмсозӣ, барномасозӣ, системаҳои барномасозӣ, забони барномасозии Си, функсияҳо мушкилии ҷиддӣ доштанд [6, с.78].

Бо ин сабаб сатҳи дониши хонандагон ба талабот ҷавобгӯ нест ва ягон нафар аз хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия аз ин фан дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ мақомеро сазовор нагаштааст.

Камбудии дигар набудани Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 ва марҳилаҳои якум ва дуюми он аст. Пажуҳиш нишон дод, ки худи ин барномаҳо дар муассисаҳои таълимии дар боло номбаршуда мавҷуд нестанд. Директорони муассисаҳо иҷрои Барномаро дар таъмини компютерҳо медонанду халос. Аз моҳият, мазмуну мундариҷаи Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 хабар надоранд. [10, с.39]

Дар ноҳия Маркази технологияи информатсионӣ ва хизматрасонӣ (директор Раҳимов Р.) таъсис дода шуда буд, ки дар муддати кӯтоҳ корҳои зиёд, аз ҷумла, таъмири компютерҳои муассисаҳои таълимӣ, ворид намудани барномаҳои таълимӣ, тартиб додани нақшаҳои тақвимии омӯзгорони фанни технологияи информатсионӣ, ташкили курсу семинарҳо ва ғайраро ба анҷом расонидааст. Бо дастгирии шуъбаи маорифи ноҳия Марказ бо тамоми таҷҳизот таъмин буда, барои хонандагони муассисаҳои таълимӣ омӯзиши курси технологияи информатсиониро ташкил намудааст.

Дар **шуъбаи маорифи ноҳияи Хуросон** (мудири шуъба Муродов Ш.), дар маҷмуъ 58 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 48 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ мавҷуд буда, 21413 хонандаро ба таҳсил фаро гирифтааст. Шумораи хонандагони синфҳои 7-11, ки ба омӯзиши технологияи информатсионӣ машғуланд, 8210 нафарро ташкил медод. Муассисаҳои таълимии ноҳия бо 454 адад компютер, 83 адад принтер, 16 адад генератор таъмин буда, иҷрои Барнома дар семоҳаи авали соли 2012 83%-ро ташкил медод. Ба 1 компютер дар муассисаҳои ноҳия 18 нафар хонанда рост меомад [13, с.177]. Компютерҳо асосан ба муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 263 адад, аз ҳисоби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 адад, аз ҳисоби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 119 адад, аз ҳисоби Вазорати маориф ва

илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 адад, сафоратхонаҳои давлатҳои хориҷӣ 40 адад, аз ҳисоби Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон 10 адад дастрас гардидаанд [7, с.55].

Дар муассисаҳои таълимии ноҳия 31 кабинети фаннии технологияи информатсионӣ ташкил карда шудааст.

Ба таълими фанни технологияи информатсионӣ 49 нафар омӯзгор, ки 35 нафари онҳо дорои таҳсилоти олӣ ва 10 нафарашон ихтисосманд мебошанд, машғуланд. Барои иҷрои Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия боз 93 компютер харидорӣ намудан зарур буд.

Дар назди шуъбаи маориф соли 2011Маркази технологияи информатсионӣ ва хизматрасонии компютерӣ (директор Воҳидов С.) кушода шуда, бо 11 воҳиди корӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 фаъолият карда истодааст. Маркази мазкур дорои 4 ҳуҷраи корӣ буда, аз нав таъмир ва бо таҷҳизоти зарурӣ (13 компютер, 1 принтер, 1 ксерокс ва 1 генератор) таъмин карда шудааст [8, с.60].

Марказ оинномаи худро таҳия намуда, ба муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати расонидани кумаки методӣ, таъмири компютерҳо, ворид намудани барномаҳои компютерӣ ва ғайра хизмат мерасонд. Ҳамон замон дар Марказ 1 нафар омӯзгори фанни технологияи информатсионӣ, 1 нафар устои таъмири компютер ва 1 нафар барномасоз фаъолият менамуданд. Маркази мазкур ба дастгирии мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва шуъбаи маорифи ноҳия ниёз дошт. Дар ноҳия мутахассиони ихтисосманди фанни технологияи информатсионӣ намерасанд. Дар ин ҷода Марказ ҳоло ягон кори муайянеро амалӣ накарда буд.

Таҳқиқ нишон дод, ки рафти иҷрои қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.09.2010, №416 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» дар муассисаҳои таълимии №№1, 2, 4 ва литсейи давлатии №1 ноҳия нисбатан хуб ба роҳ монда шудааст [14, с.75]. Рафти амалишавии Баномаи мазкур дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4 (директор Худоёров Қ.) дуруст ба роҳ монда шуда, фармоиши мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Хуросон №13 «Оид ба амалӣ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.09.2010, №416 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» ва Нақшаи чорабиниҳо иборат аз 12 банд дар ҷузвдони алоҳида гирд оварда шудааст. Ҳамчунин, масъалаи мазкур дар Шурои педагогии муассиса аз 31.12.2011, №4 баррасӣ шудааст. Дар давоми соли хониш худи директори муассиса ба 6 соат дарси омӯзгори фанни технологияи информатсионӣ даромада, таҳлил карда, маслиҳатҳо додааст.

Рафти амалишавии Барномаи давлатӣ дар муассисаҳои таълимии №№1, 2 ва литсейи давлатии №1 дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дошт. Пеш аз ҳама, доир ба амалишавии Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 ягон ҳуҷҷат мавҷуд набуд. Масъалаи мазкур дар Шурои педагогӣ ва ҷаласаи назди директор мавриди баррасӣ қарор нагирифа буд.

Теъдоди компютерҳо дар муассисаҳои таълимии мазкур бениҳоят кам буда, сатҳи дониши хонандагон дар сатҳи паст қарор дошт. Чунончи, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 1 компютер ба сари 62 нафар хонанда, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4 1компютер ба сари 43,3 нафар, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2 1 компютер ба сари 15 хонанда рост меомад. Ҳолати таълиму тарбия дар литсейи давлатии №1 низ ташвишовар буда, роҳравҳо ифлос, таҷҳизоти мебели кухна ва шикаста буда, аз 13 компютери дар кабинети технологияи информатсионӣ қарордошта танҳо 5 адад кор карда, 8 адади дигар бо сабаби кухна будан бекор мехобид. Дар муассисаҳои мазкур компютерҳо ба рӯйхат гирифта, тақсим нашудаанд. Ҳамчунин, ҷиҳати бехатарии истифодаи компютерҳо чораҳои амалӣ (безарар намудани ноқилҳо) ва гӯшаҳои бехатарӣ ташкил карда нашудааст [9, с.75].

Дар муассисаҳои таълимии ноҳия роҳбарони муассисаҳо ба сатҳи таълими фан диққати ҷиддӣ надодаанд. Ҳарчанд дар нақшаи кории муассиса вазъи таълими фанни технологияи информатсионӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда бошад ҳам, таҳлилҳо сатҳӣ буда, проблемаҳои ҷиддии фанро ҳаллу фасл накардаанд. Аз ҷумла, омӯзгорони

ғайриихтисоси муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия, ки ба таълими фанни технологияи информатсионӣ машғуланд, ҳангоми таълими ин фан дар синфҳои 10-11 мушкилӣ мекашанд. Мавзуъҳои “Алгоритм”, “Алгоритмсозӣ”, “Асосҳои мантиқии алгоритмсозӣ”, “Барномасозӣ”, “Системаҳои барномасозӣ” ва чанде дигар, ба хонандагон ба таври бояду шояд омӯзонида намешуданд. Таҳлили дарсҳои фанни технологияи информатсионӣ аз ҷониби директорони муассисаҳо ва ҷонишинони директор оид ба корҳои таълимӣ дар ҳолати паст қарор дошт. Дар давоми соли хониш ҳамагӣ ба 1 ё 2 соат, дар баъзе муассисаҳо аз ҷониби директори муассиса ягон соат дарс таҳлил нагардидааст. Ҷонишинони директор низ ҳамагӣ ба 2 ё 3 соат дарси омӯзгорони фанни технологияи информатсионӣ даромадааанду халос. Ин беаҳмиятӣ ба он оварда расонидааст, ки вазъи таълими фан дар муассисаҳо беҳ нагардидааст.

Камбудии дигар ин ба моҳияти «Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» марҳилаҳои 1 ва 2 –и ин Барнома шинос набудани худи роҳбарони муассиса ва омӯзгорони муассисаҳо буд [12, с.7]

Онҳо аз мавҷудияти ин Барнома огаҳӣ доранд, вале мақсад, моҳият, вазифаҳои асосии онро ба пуррагӣ намедонистанд.

Бинобар ин, иҷрои марҳилаи сеюми компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар давоми панҷ соли минбаъда, ки имкониятҳои ҷорӣ намудани системаи муосири технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва маркази технологияи иттилоотии назди шуъбаи маорифи ноҳияҳо, истифодаи компютерҳо дар таълими фанҳо ва ба воситаи он баланд бардоштани сифати таълим, сари вақт таъмир намудани компютерҳои таъмирталаби муассисаҳои таълимӣ, мутобиқи талаботи рӯз истифода бурдани системаи ягонаи коммуникатсионӣ (пайваст ба интернет) байни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, шуъбаи маорифи ноҳия, Раёсати маорифи вилоят ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи хазинаи сабти электронии китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, филмҳои таълимӣ дар дискҳо, тайёр кардани мутахассисони соҳа дар кишварҳои хориҷи дуру наздик зарур буд.

Ҳамин тариқ, қайд кардан бамаврид аст, ки мушкилоту норасоиҳо ҳанӯз ҳам дар фаъолияти муассисаҳои таълимии ноҳияҳои номбурда мавҷуданд. Барои бартараф кардани ин мушкилот чунин таклифу пешниҳодҳоро манзур месозем:

- мудирони шуъбаҳои маорифро зарур аст, ки фаъолияти марказ ва бахшҳоро зери назорати ҷиддӣ қарор диҳанд;
- барои баланд бардоштани сифати таълими технологияи информатсионӣ муассисаҳоро бо омӯзгорони ихтисосманди таҳсилоти мувофиқ дошта таъмин намоянд;
- таъсиси шуроҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар назди муассисаҳои таълимиро зери назорати ҷиддӣ қарор диҳанд;
- маркази технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионии назди шуъбаҳои маорифи ноҳияҳо ҳарчи зудтар бо воҳидҳои корӣ ва бо мутахассисони соҳавӣ таъмин карда шаванд ва вазъи кори муътадили компютерҳоро дар муассисаҳои таълимии ноҳияҳо таъмин намоянд;
- ҷиҳати ба талаботи техникӣ мувофиқ гардонидани синфҳои компютерӣ, бо хатти озоди барқ таъмин намудани синфхонаҳои компютерӣ;
- таъмири компютерҳои корношоями муассисаҳо танҳо тавассути маркази технологияи информатсионӣ ба роҳ монда шавад;
- пайваст намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба шабакаи интернетро мувофиқи талаботи барнома ба роҳ монанд;
- таъсиси кабинетҳои технологияи информатсиониро мувофиқи талаботи Барномаи давлатии компютеркунонӣ ба роҳ монанд;
- барои ҳарчи зудтар фаъол намудани сомонаҳои шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ тадбир андешанд;
- сабти электронии китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, филмҳои таълимӣ дар дискҳо ба роҳ монда шавад;
- дар марказҳои такмили ихтисоси ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ бобати ба роҳ

мондани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони фанни технологияи иттилоотӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.


**АДАБИЁТ**

1. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.27.454в.
2. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.27.454в.
3. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.27.454в.
4. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.27.454в.
5. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.27.454в.
6. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.32.370в.
7. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.32.370в.
8. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.32.370в.
9. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.32.370в.
10. БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. 360 Р.23 П.32.370в.
11. Қарори маҷлиси назоратии назди Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон,- Душанбе. 30.03.2012, 105в.
12. Маълумотнома оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.09.2010, №416 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» ва таъсиси марказҳои компютерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии вилояти Хатлон. -9 с.
13. Раҳмонов А. А. Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. А.Раҳмонов, А. Б. Расулов, Қ. Б.Қодиров, Х. С. Афзалов. –Душанбе, 2011. - 184с.
14. Ҳокими А. Рушди маориф - пешрафти ҷомеа / А. Ҳокими, А.Ашурова // Масъалаҳои маориф, 10.03.2015. - С. 28.


## РАВАНДИ ИҶРОИ «БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ КОМПЮТЕРКУНОНИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2011-2015» ДАР МИСОЛИ НОҲИЯҲОИ ЁВОН, АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ВА ХУРОСОНИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН


Соҳаи маориф дар сиёсати иҷтимоии кишвар яке аз самтҳои асосӣ ва афзалиятнок, пояи муҳимтарини давлатдории миллӣ, омили таъминкунандаи рушди устувори давлат ва шарти асосии пешрафти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, қувваи зеҳнию ақлонии ҳар як давлати мутамаддин ба рушди соҳаи илму маориф ва бузургдошти фарҳанги ниёгон алоқамандии ногусастанӣ дорад. Танҳо низоми замонавии маориф метавонад мутахассисони баландихтисосро барои рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангии кишвар ба воя расонад.Дар мақолаи мазкур раванди ислоҳоти ҳадафноки пайгиронаи соҳаи маориф, ки дар тули солҳои охир дар сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳимро касб намудааст, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Зеро компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар талаботи замони муосир буда, дар рушди соҳаи маориф нақши калидиро иҷро менамояд. Аз ин нуқтаи назар ба риштаи таҳлил кашидани масъалаи мазкур актуалӣ буда, иҷрои он барои пешрафти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.



**Калидвожаҳо:** миллат, давлат, сиёсати созанда, барномаи давлатӣ, Вазорати маориф, шуъбаи маориф, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, назорати сифати таълим, компютеркунонӣ, технологияҳои информатсионӣ.


## ПРОЦЕСС РЕАЛИЗАЦИИ «ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПРОГРАММЫ КОМПЬЮТЕРИЗАЦИИ ОБЩЕГО СРЕДНЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА 2011-2015 ГОДЫ» В ЯВАНСКОМ, АБДУРАХМАНИ-ДЖАМИ И ХУРОСОНСКОМ РАЙОНАХ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ


Сфера образования в социальной политике страны является одним из основных и приоритетных направлений, важнейшей основой национальной государственности, фактором, обеспечивающим стабильное развитие государства и главным условием прогресса общества. Поэтому интеллектуальная сила каждого цивилизованного государства неразрывно связана с развитием сферы науки и образования, величием культуры наших предков. Только современная система образования способна подготовить высококвалифицированных специалистов для устойчивого экономического, социального, научного и культурного развития страны. В данной статье рассмотрен процесс последовательного целенаправленного реформирования сферы образования, занявшей важную позицию в инновационной политике Правительства Республики Таджикистан, Министерства образования и науки Республики Таджикистан. По этой причине компьютеризация общего среднего образования страны является требованием современности и играет ключевую роль в развитии сферы образования. С этой точки зрения анализ указанного вопроса актуален, а его реализация представляет собой конструктивную позицию для светлого будущего среднего образования Республики Таджикистан.



**Ключевые слова**: нация, государство, конструктивная политика, государственная программа, Министерство образования, управление образования, общее среднее образование, контроль качества образования, компьютеризация, информационные технологии.

**IMPLEMENTATION PROCESS OF THE "STATE PROGRAM OF COMPUTERIZATION OF GENERAL SECONDARY EDUCATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN FOR THE YEARS 2011-2015" IN YOVON, ABDURAHMONI JOMI AND KHUROSON DISTRICTS OF KHATLON REGION**

The sphere of education in the country's social policy is one of the main and priority directions, the most important basis of national statehood, a factor ensuring the stable development of the state and the main condition for the progress of the society. Therefore, the intellectual strength of every civilized state is strongly linked to the development of the field of science and education and the greatness of the culture of our ancestors. Only the modern system of education can raise highly qualified specialists for sustainable economic, social, scientific and cultural development of the country. In this article, the process of consistent targeted reform of the education sector, which has taken an important position in the innovative policy of the Government of the Republic of Tajikistan, the Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan, has been discussed. For this reason, the computerization of general secondary education of the country is a requirement of modern times and plays a key role in the development of the field of education. From this point of view, the analysis of the mentioned issue is relevant, and its implementation represents a constructive position for the bright future of secondary education of the Republic of Tajikistan.

**Key words**: nation, state, constructive policy, state program, Ministry of Education, department of education, general secondary education, quality control of education, computerization, information technology.

**Маълумот оид ба муаллиф:** ***Каримов Мусо Бобишоевич*** **–** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ, номзади илмҳои педагогӣ, профессор, мудир. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,33.
Телефон: **93 910 76 13**, E-mail**: karimovmusso@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Каримов Мусо Бобишоевич*** **–** Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кафедра методики преподавания истории и права, кандидат педагогических наук, профессор, заведующий. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки,33.
Телефон: **93910 76 13**, E-mail**: karimovmusso@gmail.com**

**Information about the author:** ***Karimov Muso Bobishoevich*** **–** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Department of Methods of Teaching History and Law, Candidate of Pedagogical Sciences, Professor, Head. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33.
Phone: **93 910 76 13**, E-mail**: karimovmusso@gmail.com**

ТДУ:930.25(575.3)

# САҲМИ НИЁГОНИ ТОҶИКОН ДАР ТАЪРИХИ МУАЙЯН КАРДАНИ ВАЗНИ ХОССИ ҶИСМҲО

*Саломов М.А.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Яке аз масъалаҳои мубрам ва шавқовари физика муайян кардани вазни хосси ҷисмҳо ба шумор меравад, ки аз қадимулайём диққати донишмандони кишварҳои гуногунро ба худ ҷалб карда, то замони муосир, замони пешрафти илму техника тавассути технологияи компютерӣ яке аз мавзуъҳои рӯзмарраи физикаи амалӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, таркиби хӯлаи иборат аз тилло ва дигар фулузот, аз замонҳои қадим на фақат диққати донишмандон, балки таваҷҷуҳи шоҳону тоҷирон ва дигар қишри ҷомеаро ба худ ҷалб мекард. Дар ин бора кашфиёти Аршимидиус (Архимед, 287-212)-и юнонӣ ва ривояти "Эврика!" (Ёфтам!)-и ӯ маълуми ҳамагон аст, ки то имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанни физика тадрис карда мешавад.

Ба ин масъала аз ниёгони асримиёнагии мо донишмандони маъруфе, ба монанди Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ (Abu Bater, Razes, 865-925), Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунӣ (973-1048), Ғиёсиддин Абулфатҳ Умари Хайёми Нишопурӣ (1048-1131), Абулфатҳ Абдураҳмон Мансури Хозинӣ (1077-1155) ва дигарон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд. Баъзе аз донишмандони форс-тоҷик, ба ғайр аз кори амалӣ, инчунин рисолаи махсусе дар соҳаи муайян кардани вазни хосси ҷисмҳо навиштаанд, ки хушбахтона, то замони мо расидаанд.

Масалан, рисолаи "Мизон-ут-табиия" ("Тарозуи табиӣ (физикӣ")-и Муҳаммад Закариёи Розӣ ва рисолаи "Мизон-ул-хирад" ("Тарозуи хирад")-и Абдураҳмони Хозинӣ ба пуррагӣ боқӣ мондаанд [9]. Бояд қайд кард, ки рисолаи Муҳаммад Закариёи Розӣ ба шарофати рисолаи зикркардаи Абдураҳмони Хозинӣ боқӣ мондааст. Яъне, Абдураҳмони Хозинӣ ба хотири эҳтиром ва ҷолибияти рисолаи Муҳаммад Закариёи Розӣ асари ӯро ба пуррагӣ дар китоби худаш ҷой додааст [9, с.10].

Як нуктаи дигар қобили тазаккур аст, ки дар ҳеҷ китобҳои дарсиву илмии таърихи физика [2, с.6-8; с.11-12] дар бораи саҳми ниёгони мо на танҳо дар соҳаи муайян кардани вазни хосси ҷисмҳо, балки умуман дар нақши босазои онҳо дар пешрафти илми табиӣ (физика) ба таври бояду шояд маълумоте дарҷ нагардидааст.

Чи тавре зикр кардем, физикдони маъруфи Юнони қадим Аршимидиус муарраби Архимед ба шумор меравад, ки ӯро асосгузори илми статика меноманд, мувофиқи ривоятҳо, маҳз бо роҳи муайян намудани вазни хосси ҷисмҳо таркиби тоҷи «тиллоӣ»-и шоҳи Сиракуз Ҳирониуси II (Гиерони II. 270-212 пеш аз милод)-ро муайян карда буд [1, с.14].

Баъдан дар дунёи қадим ба ин масъала донишмандони Рими қадим Герон, муарраби Ҳиронус ва Менелай, муарраби Меналаус низ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир карда, саҳми босазое низ гузоштаанд, ки таҳқиқи онҳо аз мавзуи мақолаи мазкур берун аст.

Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ, ки асосан ҳамчун файласуф ва табиб маъруфи ҷаҳониён аст, дар баробари фалсафа ва илми пизишкӣ, дар ташаккул ва пешрафти донишҳои физикӣ саҳми босазо гузоштааст. Ӯ бо номҳои Abubater ва Razes шинохтаи аврупоиён ва бо лақаби "Ҷолинуси мусулмонон" машҳури шарқиён буд.

Ба ғайр аз тиббу фалсафа дар баъзе соҳаҳои дигари илми замонааш низ нодири даврон буд. Масалан, дар соҳаи илмҳои физика ва химия низ ӯ ягонаи замонааш буд. Баъзе аз муаррихони илм ҳатто ӯро "падари илми кимиё" қаламдод кардаанд. Ба қалами ӯ 22 адад рисолаву мақола оид ба илми кимиё ва 33 адад рисолаву мақола оид ба илми физика мутааллиқ аст. Аммо сабаби бештар ҳамчун кимиёдон шинохта шудани ӯ дар он аст, ки осори кимиёиаш бештар тадқиқу макшуф гардидаанд, нисбат ба осори физикиаш. Машҳуртарин пажуҳиши осори кимиёии ӯ китоби донишманди ӯзбекистонӣ Каримов У.И. бо унвони "Неизвестное сочинение ар-Рази Книги тайны тайн" [3] мебошад. Осори физикии ӯ аз ҷониби донишманди тоҷик Абдулҳай Комилӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст [4, с.5].

Мо ҳоло тарҷумаи тоҷикии «Мизон ат-табиийа»-и Муҳаммад Закариёи Розиро аз рӯйи асари “Физика Абу Бакра ар-Рази” (ба забони русӣ) [5] дар шакли мухтасару мушаххас баррасӣ менамоем.

“Агар хоҳанд, ки вазни ягон ҷисм ва ё барзиёдии онро нисбат ба вазни ҷисми дигар ба воситаи тарозуи физикӣ муайян созанд, ҳаддалимкон тарозуи дақиқ санҷидашударо интихоб мекунанд. Вақте мегӯянд «дақиқ санҷидашуда» дар назар доранд, ки ҳардуи палла (-и тарозу – М.С.) вазни якхела ва ғунҷоиши якхелаи об доранд. Ин корро бо роҳи зерин ҳосил мекунанд: ба дохили паллаҳо даст нарасонида, барои он ки ҳаҷми он тағйир наёбад, ба воситаи сӯян сатҳи берунии паллаҳоро суфта мекунанд. Агар ҳардуи паллаҳо аз рӯйи вазну ҳаҷм (ғунҷоиш) мусовӣ бошанд, шоҳтири дақиқ коркардашударо дар шакли шоҳини тарозу мегиранд ва онро ба шакли барҷаста меоваранд. Зери мафҳуми шоҳтири барҷаста Хазинӣ шоҳтири канораҳояш лӯнда (мудаввар)-ро дар назар дорад Баъд яке аз паллаҳоро ба шоҳини тарозу маҳкам мекунанд, дигараш метавонад то охир озодона ҳаракат дода шавад. Палла ба воситаи ҳалқаи дар нӯги ресмонбуда маҳкам карда мешавад. Тарозу мувозина карда мешавад”.

«Тарозуи физикӣ»-и Розӣ тарозуи баробаркитфест бо ду паллаи баробарвазну баробарғунҷоиш. Яке аз паллаҳо дар охири шоҳтир беҳаракат маҳкам карда шудааст ва паллаи дигарро метавон ба қадди он ҳаракат кунонидан. Дар он, чи тавре дар расм нишон дода шудааст (ниг. расми 1), паллаи зар (тилло – М.С.) ҳаракаткунанда буда, паллаи нуқра собит аст.

Амал дар он чунин иҷро мегардад. Се қолиби баробарвазнро аз тиллои холис, нуқраи холис ва хӯлаи онҳо интихоб мекунад. Дар он паллаи беҳаракати нуқраро ҷойгир карда, дар паллаи ҳаракаткунанда нуқра, тилло ва хӯларо пайиҳам мегузорад ва ба ҳар ду палла об рехта, ҳар маротиба тарозуро ба ҳолати мувозинатӣ меорад ва ҳар бор дар ин ҳолат нуқтаи ченаки паллаи мутаҳаррикро қайд мекунад. Се нишона ҳосил мешавад: барои нуқра, барои тилло, барои хӯла. Дар масофаи байни онҳо нишонаҳо мегузорад ва аз рӯйи адади ин тақсимот таркиби тиллоро дар хӯла муайян мекунад.



**Расми 1. Намуди умумии тарозуи физикии Муҳаммад Закариёи Розӣ**

Усули ӯро тавассути ишорот ва рамзиёти замони муосир чунин шарҳ додан мумкин аст. Бигузор $\mathbf{P_т}$ **Рн Рх** $\mathbf{V_т}$ **Vн Vх** – мувофиқан вазн ва ҳаҷми тилло, нуқра ва хӯла дар ҳаво бошад.

Яъне, $\mathbf{P_п}$ – вазни паллаи тарозу; $\mathbf{P_o}$- вазни об дар ҳаҷми паллаҳо; $\mathbf{X_т}$ – вазни тилло дар хӯла; **Хн** – вазни нуқра дар хӯла; $\mathbf{d_т}$, $\mathbf{d_н}$, $\mathbf{d_o}$ – мувофиқати вазни хосси онҳо.

Шарти мувозинати тарозу барои ду баркашии охир чунин аст:

$$[P_н+(P_п+P_о)-V_нd_о]^{l_2}=[P_т+(P_п+P_о)-V_тd_{о.}]^{l_1}$$

$$[P_н+(P_п+P_о)-V_нd_о]^{l_2}=[P_х+(P_п+P_о)-V_{спл}d_в]^{l}$$

ҳангоми $P_н=P_т=P_х$; $V_н=P_н/d_н$; $V_т=P_т/d_т$; $P_н=X_т+X_н$; $V_х=(X_т/d_т)+(X_н/d_н)$ будан

$(X_т/X_н) = (l - l_1) / (l - l_2)$ мешавад, ки дар ин ҷо $l_1$ ва $l_2$ - барои тарозуи муоинашаванда доимианд ва ҳамин тариқ миқдори тиллову нуқра дар хӯла муносибанд ба адади тақсимоти ҷадвали шоҳтир.

Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад Берунии Хоразмӣ яке нобиғагони овозадори тоҷику форс буда, бо осори гаронбаҳои худ дар таърихи илму фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми бузург гузоштааст.

Роҷеъ ба шумораи таълифоту таснифоти ӯ сарчашмаҳои мавҷуда рақамҳои мухталифро - то 150 номгӯй нишон медиҳанд. Муътамадтарин сарчашма рисолаи худи ӯ бо номи “Рисола фӣ фихрист кутуб Муҳаммад бин Закариё ар-Розӣ” (“Рисола андар номгӯйи китобҳои Муҳаммад писари Закариёи Розӣ”) [15] мебошад, ки дар ин асараш Берунӣ баъд аз номгӯйӣ ва радабандии осори Закариёи Розӣ феҳриси осори худашро нишон додааст, ки фарогири 103 номгӯй мебошад.

Абурайҳони Берунӣ дар роҳи муайян намудани вазни хосси ҷисмҳо ба комёбиҳои назаррас ноил гашта, натиҷаҳои бадастовардаи ӯ аз натиҷаҳои имрӯза, ки бо дастгоҳҳои дақиқтар ва техникаҳои ҷадид ба даст омадааст, тафовути хеле кам дорад. Физикдони шинохтаи рус Орест Данилович Хволсон (04.12.1852 – 11.05.1934) дар асари худ «Курс физики» (соли 1923) [13] усули бамиёноварда Абурайҳони Беруниро барои муайянсозии вазни хосси ҷисмҳо дар радифи усулу тарзҳои муосир қарор додааст.

**Ҷадвали 1. Ҷадвали муайян кардани вазни хосси ҷисмҳо аз назари Берунӣ**

| Ҷ и с м | Вазни хосси таъиншуда аз тарафи Берунӣ | Вазни хос тавассути илми муосир |
|---|---|---|
| Тилло | 19,05 | 19,25 |
| **Нукра** | 10,43 | 10,50 |
| **Мис** | 8,70 | 8,93 |
| **Оҳан** | 7,87 | 7,86 |
| **Арзиз (Қалъагӣ)** | 7,31 | 7,28 |
| **Симоб** | 13,58 | 13,55 |
| **Сурб (Руҳ)** | 11,33 | 11,34 |
| Лаъл | 3,58 | 3,5-4,1 |
| Булӯр | 2,50 | 2,59-2,66 |
| Зумуррад | 2,75 | 2,67-2,77 |
| Каҳрабо | 0,85 | 1,05-1,10 |

Берунӣ вазни хосси бисёре аз маъданҳоро муайян карда, тақрибан 50 намуди маъдан, фулуз ва хӯларо тавсиф кардааст. Берунӣ барои андозагирии (ченкунии) вазни хосси ҷисмҳо асбоби махсуси конусшаклеро (ниг. расми 2) ихтироъ карда буд, ки аз ихтироъкории ӯ низ шаҳодат медиҳад.

Як кори ӯ дар соҳаи физикаи эксперименталӣ қобили таваҷҷуҳ аст, ки як таҷрибаро то 20 маротиба такрор мекард, то натиҷаи саҳеҳ ба даст орад. Чунин усул дар факултетҳои физикаи донишгоҳҳои муосир низ истифода карда мешавад.



**Расми 2. Асбоби ихтироъкардаи Берунӣ барои муайян кардани вазни хосси ҷисмҳо**

Ҳатто кори ӯ дар роҳи муайян кардани вазни хосси ҷисмҳо бештар ба хотири пажуҳишоти маъданшиносӣ буда, навъҳои гуногуни обро низ ҷудогона таҳқиқ кардааст. Масалан, вазни хосси "об"-ҳои гуногунро аз назари ӯ дар шакли ҷадвал (ҷадвали 2) нишон хоҳем дод.

**Ҷадвали 2. Вазни хосси "об"-и гуногун тавассути ҳисобкуниҳои Берунӣ**

| р/т | Навъҳои об | Вазн, ба ҳисоби тасуҷ. |
|---|---|---|
| 1. | Оби чашма | 1200 |
| 2. | Оби ҷӯш | 1150 |
| 3. | Оби гудохташуда (обшуда) | 1158 |
| 4. | Оби шӯр | 1350 |
| 5. | Оби баҳрӣ | 1249 |

Абурайҳони Берунӣ барои муайян кардани зичии филузот бар асоси маҳак вазни оберо интихоб кардааст, ки тавассути 100 мисқоли филуз ҳосил шудааст.

**Ҷадвали 3. Вазни хосси филуз (металл)-оти гуногун аз ҷониби Берунӣ бо ҳисоби тасуҷ**

| р/т | Навъи филузот (металлҳо) | Вазни оби ҳосилшуда тавассути вазни 100 мисқол филуз | |
|---|---|---|---|
| | | Мисқол | Вазн бо ҳисоби тасуҷ |
| 1. | Тилло | 5 | 126 |
| 2. | Симоб | 7 | 177 |
| 3. | Сурб | 8 | 212 |
| 4. | Нуқра | 9 | 233 |
| 5. | Биринҷӣ | 11 | 272 |
| 6. | Мис | 11 | 276 |
| 7. | Ҳӯлаи мис | 11 | 280 |
| 8. | Оҳан | 12 | 310 |
| 9. | Қурғошим (Қалъагӣ) | 13 | 328 |

Пеш аз нишондоди муқоисаи дастовардҳои Берунӣ бо натиҷаҳои замони муосир воҳидҳои андозагирии "тасуҷ"-у "мисқолро"-ро чунин шарҳ медиҳем. Тасуҷ (Тасу) –

воҳиди андозагирӣ (ченак)-и вазн дар асрҳои миёнаи олами ислом буда, ба 2 ҳабб (донаи гандум) ё шаъира (донаи ҷав), чаҳоряк "донак" - воҳиди андозагирии тоҷикӣ (порсии дарӣ) ва ё бистучаҳоряки мисқол (воҳиди андозагирии арабӣ) баробар аст. Яъне:

$$1 \text{ тассу (тассуљ)} = 2 \text{ њабб } = \frac{1}{4} \text{ донак } = \frac{1}{24} \text{ мисќол}$$

мебошад. Навъҳои гуногуни мисқол: мисрӣ (4,6 г.), димишқӣ (4,62 г.), ироқӣ (4,3 г.), судонӣ (4,68 г.), туркӣ (4,81 г.), тоҷикӣ (4,6 г.) ва ғайра вобаста аз маҳаллу кишвар мавриди истифода қарор мегирифт. Барои муайянсозии вазни хосси маъданҳо ва сангҳои қиматбаҳо ӯ бар асоси маҳак 100 мисқол ёқути кабудро интихоб кардааст.

**Ҷадвали 4.Муқоисаи вазни хосси баъзе маъдан ва сангҳои қиматбаҳо тавассути нишондоди Берунӣ ва ҳисобкунии муосир**

| р/т | Маъданҳо ва сангҳои қиматбаҳо | Нишондоди Берунӣ | Нишондоди илми муосир |
|---|---|---|---|
| 1. | Ҳимотит (гематит) | 4,11 | 4,9-5,3 |
| 2. | Ёқути кабуд (сапфир) | 3,96 | 3,97-4,12 |
| 3. | Ёқути сурх (рубин) | 3,85 | 3,94-4,08 |
| 4. | Лаъл (шпинель) | 3,58 | 3,05-4,1 |
| 5. | Лаъл (турмалин) | 2,90 | 2,98-3,20 |
| 6. | Зумуррад | 2,75 | 2,67-2,77 |
| 7. | Лоҷуворд | 2,69 | 2,41-2,9 |
| 8. | Булӯри кӯҳӣ | 2,56 | 2,59-2,66 |
| 9. | Карнелиан | 2,56 | 2,55-2,63 |
| 10. | Ақиқ | 2,50 | 2,55-2,63 |
| 11. | Намаки ҳолит | 2,19 | 2,17 |
| 12. | Гил | 1,99 | 1,8-2,60 |
| 13. | Санги ҷат | 1,11 | 1,10-1,40 |
| 14. | Каҳрабо | 0,85 | 1,05-1,0 |

Ҳамин тавр, бо итминони комил метавон гуфт, ки Абурайҳони Берунӣ воқеан донишманди энсикопедист, бинобар истилоҳи академик Абдулғанӣ Мирзоев, "қомусдониш" буда, на танҳо дар инкишофи донишҳои риёзӣ, ситорашиносӣ, таърих ва ҷуғрофиё, балки инчунин дар ташаккул ва пешрафти донишҳои кӯҳшиносӣ, маъданшиносӣ ва физика низ саҳми босазо гузоштааст. Дигар ҷиҳати масъала ин аст, ки ҳанӯз бо гузашти 1050 сол, на ҳама ҷанбаҳои фаъолияти илмии ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд ва умед аст, ки ҷавонони боғайрат ва пажуҳандагони оянда дар кори хайр таҳқиқоти арзишманде ба мерос хоҳанд гузошт.

Инак, натиҷаҳои ҳосилкардаи Берунӣ ва натиҷаҳои замони муосир барои муайян кардани вазни хосси ҷисмҳо дар ҷадвали 6 муқоиса мегардад.

**Ҷадвали 5.**

| № т/т | Ҷ и с м | Вазни хосси таъиншуда аз тарафи Берунӣ | Вазни хос тавассути илми муосир |
|---|---|---|---|
| 1. | Тилло | 19,05 | 19,25 |
| 2. | Нуқра | 10,43 | 10,50 |
| 3. | Мис | 8,70 | 8,93 |
| 4. | Оҳан | 7,87 | 7,86 |
| 5. | Арзиз (қалъагӣ) | 7,31 | 7,28 |
| 6. | Симоб | 13,58 | 13,55 |
| 7. | Сурб (руҳ) | 11,33 | 11,34 |
| 8. | Лаъл | 3,58 | 3,5-4,1 |
| 9. | Булӯр | 2,50 | 2,59-2,66 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 10. | Зумуррад | 2,75 | 2,67-2,77 |
| 11. | Кахрабо | 0,85 | 1,05-1,10 |

$$\gamma = \frac{P}{V}$$

$\gamma$-вазни хос, -вазн ва $V$-ҳаҷми ҷисм. Дар замони муосир

$$\rho = \frac{m}{V}$$

$\rho$-зичӣ, $m$-масса, $V$-ҳаҷми ҷисм.

Яке аз бузургтарин физикдони асримиёнагии оламн ислом Абулфатҳ ибни Мансур Хозинии Марвазӣ (1077-1155) ба шумор меравад. Ӯ дар радифи Музаффари Исфизорӣ яке аз шогирдони Умари Хайём (1018-1131) ба шумор меравад, ки ба ғайр аз физика, инчунин дар пешрафти донишҳои ситорашиносӣ, риёзӣ, фалсафӣ ва кимиёии замонааш саҳми босазо гузоштааст.

Абдураҳмони Хозинӣ марди дарвештинати хоксор ва донишманди тавонои замонааш буда, асосан дар дарбори Салҷуқиён хизмат кардааст ва тамоми умрашро дар Марви бостонӣ гузаронидааст. Дар бораи шикастанафсӣ ва хоксории ӯ ривояте маҳфуз мондааст, ки боре Султон Санҷар барои тадқиқоти аризишманди ӯ дар соҳаи астрономия, ки бо номи "Зиҷҷи Санҷарӣ" ба шоҳ бахшида шудааст, шоҳ бо дасти надимонаш ба ӯ ҳазор динор бахшидааст. Аммо Абдураҳмони Хозинӣ ҷавоб додааст, ки ӯ ҳоло даҳ динор дорад ва барои рӯзгузаронии яксолааш ба ӯ се динор кифоят мекунад ва ба ин ҳазор динор зарурат надорад, зеро зану фарзанд ҳам надошт ва дар хонааш як гурба дошту халос. Дигар маълумоти шарҳиҳолӣ дар бораи ӯ боқӣ намондааст [10].Абдураҳмони Хозинӣ таҳқиқоташро дар радифи корҳои Закариёи Розӣ ва Абурайҳони Берунӣ анҷом медодааст, ки рисолаи "Мизон-ул-хирад"-аш гувоҳи он аст. Асари маъруфи физикии ӯ "Мизон ал-ҳикма" ("Тарози хирад") дар таърихи физика нақши муҳим бозидааст.

Ин рисолаашро ӯ соли 1121 ба итмом расонидааст, ки асосан ба қисми статика бахшида шуда, дар он назария ва амалияи тарозу мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.Муқоисаи натиҷаҳои ӯ бо натиҷаҳои илми муосир дар мисоли вазни хосси тилло, нуқра ва симоб дар ҷадвали 6 инъикос ёфтаанд.

***Ҷадвали 6.* Натиҷаҳои бадастовардаи Абдураҳмони Хозинӣ ва илми муосир**

| **Ҷ и с м** | Вазни хосси таъиншуда аз тарафи Абдураҳмони Хозинӣ | Вазни хос тавассути илми муосир |
|---|---|---|
| Тилло | 19,05 | 19,25 |
| Нуқра | 10,43 | 10,428 |
| Симоб | 13,56 | 13,59 |

Дар расми 3 шакли умумии Тарозуи ӯ, ки дар рисолааш бо номи "Мизон ал-ҳикма" ("Тарозуи хирад") маълум аст, нишон дода шудааст.

Яке аз ҷиҳатҳои арзишмандии рисолаи ӯ дар он аст, ки дар он ба ғайр аз методи худаш, инчунин методи дигар физикдонони пеш аз худро, аз қабили Аршимидиуси юнонӣ, Менелауси румӣ, Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абурайҳони Берунӣ ва дигаронро нишон дода, аз онҳо ёд кардааст.

Масалан, рисолаи "Мизон ал-ҳикма"-и ӯ ягона сарчашмаи нодир ва муътамади то замони мо маҳфузмонда доир ба рисолаи "Мизон ат-табиийа" ("Тарозуи табиӣ (физикӣ)")-и Муҳаммад Закариёи Розӣ мебошад. Вагарна ин рисолаи Закариёи Розӣ, ба ғайр аз номаш, дигар дар ҳеҷ сарчашмаҳои исломии то замони мо маҳфузмонда нишон дода нашудааст.Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абурайҳони Берунӣ ва Абдураҳмони Хозинӣ аз физикдонони маъруфи ниёгони мо ба ҳисоб меравaнд, ки дар соҳаҳои гуногуни илмҳои риёзиву табиӣ ва хусусан дар соҳаи муайян кардани вазни хосси ҷисмҳо саҳми босазо гузоштаанд.

Аз баррасии мақолаи мухтасари мазкур чунин хулоса кардан мумкин аст, ки ниёгони тоҷикон на танҳо дар назму наср (чи тавре ки баъзеҳо барғалат чунин мепиндоранд)

саҳмгузор будаанд, балки дар пешрафти илмҳои риёзиву табиӣ – физика, математика, химия, астрономия, биология, геология ва ғайра низ саҳми босазо гузоштаанд.



**Расми 3. Шакли умумии “Мизон-ул-ҳикма”-и Абдураҳмони Хозинӣ**

**Муқарриз: Қ.Расулиён – д.и.т., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Архимед. Сочинения. Перевод, вступительная статья и комментарии И.Н. Веселовского. Перевод арабских текстов Б.А. Розенфельда. – М.: Физматгиз, 1962. – 640 с.
2. Дорфман Я.Г. Всемирная истори физики с древнейших времён до XVIII конца века / Я.Г. Дорфман. – М.: Наука, 1974. – 352 с.
3. Каримов У.И. Неизвестное сочинение ар-Рази Книга тайны тайн / У.И. Каримов. – Ташкент: Изд. АН Уз. ССР, 1957. – 267 с.
4. Комилов А.Ш. Физика ар-Рази и Ибн Сины / А.Ш.Комилов. – М.: МГУ, 1999. – 160 с.
5. Комили Абдулхай. Физика Абу Бакра ар-Рази. – М.: МБА, 2014. – 104 с.
6. Кудрявцев П.С. Курс истории физики / П.С.Кудрявцев. Изд. 2-е исправл. и дополн.и – М.: Просвещение, 1982. – 448 с.
7. Лауэ М. История физики. Пер. с нем. Т.Н. Горнштейн / М.Лауэ. Под ред. и со статей И.В. Кузнецова. – М.: Гостехиздат, 1956. – 230 с.
8. Льоцци М. История физики / М.Льоцци. – М.: Мир, 1970. – 464 с.
9. Научное наследство. Т. 6. Из истории физико-математических наук на средневековом Востоке. Трактаты ал-Хазини, ал-Бируни, Ибн ал-Хусайна, аш-Ширази. – М.: Наука, 1983. – 336 с.
10. Рожанская М.М. Абу-л-Фатх Абд ар-Рахман ал-Хазини, XII век / М.М. Рожанская. – М.: Наука, 1991. – 190 с.
11. Спасский Б.И. История физики. Часть первая / Б.И. Спасский. – М.: МГУ, 1963. – 331 с.
12. Спасский Б. П. История физики / Б. П. Спасский. – М.: Высшая школа, 1977. -Ч. II. – 308 с.
13. Хвольсон О.Д. Курс физики (Комплект из 5 книг). Государственное издание / О.Д. Хвольсон. – Берлин, 1923, язык издания: русский.
14. Храмов Ю.А. Герон Александрийский // Физики. Биографический справочник / Ю.А. Храмов. Под ред. А.И. Ахиезера. – Изд. 2-е. испр. и доп. – М.: Наука, 1983. – 400 с.
15. Epitre de Beruni contenant le repertoire des ouvvages de Muhammad b. Zakariya ar-Razi, publice per Paul Kraus. – Paris, 1936.


**САҲМИ НИЁГОНИ ТОҶИКОН ДАР ТАЪРИХИ МУАЙЯН КАРДАНИ ВАЗНИ ХОССИ ҶИСМҲО**


Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба саҳми ниёгони тоҷикон дар таърихи муайян кардани вазни хосси ҷисмҳо сухан рафта, доир ба ҳаёт ва фаъолияти донишманди замон Муҳаммад Закариёи Розиву Абурайҳони Берунӣ, Ғиёсиддин Абулфатҳ, Умари Хайёми Нишопурӣ ва Абдураҳмони Хозинӣ баҳс меравад. Бо итминони комил метавон гуфт, ки Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абурайҳони Берунӣ, Ғиёсиддин Абулфатҳ, Умари Хайёми Нишопурӣ ва Абдураҳмони Хозинӣ воқеан, аз донишимандони энсиклопедист, бинобa истилоҳи академик Абдулғанӣ Мирзоев, “қомусдониш” будаанд, на танҳо дар инкишофи донишҳои риёзӣ, ситорашиносӣ, таърих ва ҷуғрофиё, балки инчунин дар ташаккул ва пешрафти донишҳои кӯҳшиносӣ, маъданшиносӣ ва физика низ саҳми босазо гузоштаанд. Дигар ҷиҳати масъала ин аст, ки бо гузашти 1050 сол, на ҳама ҷанбаҳои фаъолияти илмии ин донишмандон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд ва умед аст, ки ҷавонони боғайрат ва пажуҳандагони оянда, дар ин самт таҳқиқоти арзишманде анҷом хоҳанд дод.



**Калидвожаҳо:** ниёгони тоҷикон, таърих, вазни хосси ҷисмҳо, физика, физикаи амалӣ, Архимед, Юнон, Эврика, Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунӣ, Ғиёсиддин Абулфатҳ, Умари Хайёми Нишопурӣ, Абулфатҳ Абдураҳмон Мансури Хозинӣ.

## ВКЛАД ПРЕДКОВ ТАДЖИКОВ В ИСТОРИЮ ОПРЕДЕЛЕНИЯ УДЕЛЬНОГО ВЕСА ТЕЛА

В данной статье говорится о проблеме «Вклад предков таджиков в историю определения удельного веса тел» и рассматривается жизнь и деятельность учёных того времени, таких как Мухаммад Закариаи Рази, Абурайхон Беруни, Гиёсуддин Абульфат, Умари Хайём Нишопури и Абдуррахмани Хозини. Можно с полной уверенностью сказать, что Мухаммад Закариаи Рази, Абурайхани Беруни, Гиясуддин Абульфат, Умар Хайём Нишопури и Абдуррахмани Хозини на самом деле были энциклопедистами, по мнению академика Абдулгани Мирзоева, энциклопедистами не только в развитии математических знаний, астрологии, истории и географии, но и внесли значительный вклад в становление и развитие горных, минералогических и физических знаний. Другой аспект проблемы заключается в том, что даже через 1050 лет не все стороны научной деятельности этих ученых обсуждены, и есть надежда, что прилежная молодежь и непревзойденные исследователи будущего оставят в наследство ценные исследования.

**Ключевые слова:** предки таджиков, история, удельный вес тел, физика, прикладная физика, Архимед, Греция, Эврика, Абубакр Мухаммад Закариаи Рази, Абурайхан Мухаммад ибн Ахмад Беруни, Гиясуддин Абульфат, Омар Хайёми Нишопури, Абульфат Абдуррахман Мансури Хозини.

## THE CONTRIBUTION OF THE ANCESTORS OF TAJIKS IN THE HISTORY OF DETERMINING THE SPECIFIC WEIGHT OF BODIES

This article talks about the issue of "The contribution of Tajik ancestors in the history of determining the specific gravity of bodies" and discusses the life and work of scholars of the time, such as Muhammad Zakariai Razivu Aburayhon Beruni, Ghiyosuddin Abulfath, Umari Khayyom Nishopuri and Abdurrahmani Khozini. It can be said with full confidence that Muhammad Zakariai Razi, Aburaykhani Beruni, Ghiyasuddin Abulfath, Umar Khayyom Nishopuri and Abdurrahmani Khozini were actually encyclopedists, according to academician Abdulghani Mirzoev, encyclopedists, not only in the development of mathematical knowledge, astrology, history and geography. , but also made a significant contribution to the formation and development of mining, mineralogy and physics knowledge. Another aspect of the problem is that, even after 1050 years, not all aspects of the scientific activity of these scientists have been discussed, and it is hoped that the diligent young people and unchallenged researchers of the future will leave valuable research as a legacy.

**Keywords:** Tajik ancestors, history, specific gravity of bodies, physics, applied physics, Archimedes, Greece, Eureka, Abubakr Muhammad Zakariai Razi, Aburayhan Muhammad ibn Ahmad Beruni, Ghiyasuddin Abulfath, Omar Khayyomi Nishopuri, Abulfath Abdurrahman Mansuri Khozini, Persian-Tajik, thesis , Ancient Greece.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саломов Муҳаммад*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, омӯзгор. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 908 89 18 89;** E-mail: **salomov_93@internet.ru.**

**Сведения об авторе:** ***Саломов Мухаммад*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, преподаватель. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **(+992) 908 89 18 89;** E-mail: **salomov_93@internet.ru.**

**Information about the author:** ***Salomov Muhammad***– Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, teacher. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 121. Phone: **(+992) 908 89 18 89;** E-mail: **salomov_93@internet.ru.**

ТДУ: Тоҷик631.6+ 551.49 + 9Тоҷик +338:6с

# ҶАЛБИ МАҶБУРИИ СОКИНОНИ НОҲИЯҲОИ КӮҲӢ ВА НАЗДИКӮҲӢ БА НОҲИЯҲОИ НАВТАЪСИСИ ВИЛОЯТИ КӮЛОБ (с.1940-1960)

*Садбарги Исо, Алимов Д.Х.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Меҳнаткашони ноҳияҳои кӯҳӣ ва баландкӯҳи ҷумҳурӣ дар асоси қарорҳо ва даъватҳои ҳизб ва ҳукумат оид ба масъалаҳои муҳоҷиркунии дохиливҷумҳуриявӣ майлу хоҳиши ихтиёрӣ зоҳир намуданд, ки ба заминҳои нави азхудкардаи вилояти Кӯлоб кӯчанд. Мисолҳои сершумор инро тасдиқ мекунанд. Дар соли 1946 дар қаламрави вилояти Кӯлоб 1070 хоҷагӣ [14, в.18], 23 совхози ноҳияҳои Сарихосор, Ховалинг ва Балҷувон ба хоҷагиҳои пахтакор ва ба заминҳои азхудкардаи вилояти Кӯлоб кӯчиданд [11, в.14].

Аз ҳисоби хоҷагиҳои муҳоҷирони дохилиҷумҳуриявӣ 25 совхоз ташкил карда шуд. Аз ҷумла, соли 1946 як қисми сокинони қишлоқҳои мавзеи Ҷорубкул бо тамоми хоҷагӣ (хоҷагии 8-Март), аз Даштиҷум то деҳаҳои «Нури Шарқ», «Иттифоқ», «Роҳи Ленин», Қизилмуҳоҷир ба ноҳияи Ҳамадонӣ кӯчиданд [8, с.52].

Баъзе колхозчиёни вилояти Ленинобод ба вилояти Кӯлоб кӯчиданд. Хоҷагиҳо ба муҳоҷирон чорво ва хӯрокворӣ ва барои роҳ пул ҷудо карданд. Аллакай соли 1947 гурӯҳи аввалини муҳоҷирон аз вилояти Ленинобод ва дигар ноҳияҳо, ҷамъ қариб 100 хоҷагӣ рафтанд [7].

Вале қайд кардан лозим аст, ки дар ин давра ҳангоми ташкили муҳоҷират ба саҳву хатоҳои алоҳида ва норасоиҳое, ки мақомотҳои маҳаллии хоҷагии оби ҷумҳурӣ роҳ додаанд, душвориҳои муайянеро ба миён оварданд. Ин хатогиҳо ҳам дар ҷойҳои баромад ва ҳам дар ҷойҳои кӯчондани хоҷагиҳои кӯчонидашуда содир карда шудаанд. Хусусан, баъзе роҳбарони ташкилотҳои ҳизбию шуравӣ ба хоста гирифтани ихтисосмандон хунукназарона муносибат карда, шарти ихтиёрии муҳоҷиронро қариб риоя намекарданд. Ғайр аз ин, ташкилотҳои маҳаллӣ ва Раёсати муҳоҷирони назди Шурои Вазирони ҷумҳурӣ, раёсати хоҷагиҳо, мақомотҳои заминсозӣ ба хоҷагиҳо ва муҳоҷирон на ҳамеша ва баробар ёрии амалӣ мерасонданд. Аз ҷумла, дар соли 1947 комиҷроияҳои ноҳияҳои вилояти Кӯлоб дар маҷлисҳои худ ягон маротиба масъалаи муҳоҷиронкуниро ба миён нагузоштанд ва баъдан ҳодисаҳои ба ҷойи истиқомати қаблии худ баргаштани миқдори муайяни хонагиҳои кӯчонидашуда мушоҳида карда шуд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ дар бораи камбудиҳо сари вақт масъала гузошт ва барои бартараф намудани онҳо чораҳои дахлдор андешид. Ҳукумати Тоҷикистон 6 феврали соли 1947 масъалаи «Дар бораи ба вилояти Кӯлоб кӯчондани як қатор хоҷагиҳои ноҳияҳои баландкӯҳ»-ро муҳокима кард. Дар ин маҷлис гуфта шуд, ки баъди корҳои зиёди обёрӣ майдони кишт, махсусан пахтаи маҳиннах васеъ карда шуд. Аммо қувваи корӣ, ки ин заминҳои ҳосилхезро ба кор меандозад, кифоя набуд. Ҳол он ки қувваи корӣ дар бисёр ноҳияҳои кӯҳӣ ва баландкӯҳи ҷумҳурӣ, ки дар он ҷо камбудии замин мушоҳида карда мешуд, зиёдатӣ буд.

Қарори таърихии ҷаласаи февралии (соли 1947) Ҳизби Коммунистӣ «Дар бораи тадбирҳои дар давраи баъд аз ҷанг тараққӣ додани хоҷагии қишлоқ» дар ин давра барномаи хоҷагии қишлоқ буд [6, с.55].

Қарорҳои ҷаласаи апрелии (с. 1947) Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон барои дар сари вақт ва мунтазам ба вуҷуд овардани шахракҳо, ки ҳукумати ҷумҳуриро вазифадор карда буд, ки дар соли 1947 кӯчонидани 7800 хоҷагиро аз ноҳияҳои баландкӯҳ ташкил намояд, аҳаммияти зиёд дошт. Хоҷагиҳои камзамини вилоятҳои Ленинобод ва Ғарм ба водии Кӯлоб муҳоҷир карда шуданд [2, с.293].

Колхозчиёнро бо хоҷагиҳо ва бригадаҳои алоҳида кӯчонда, аз онҳо дар ҷойҳои муҳоҷират хоҷагиҳои нав ташкил карданд.

Мақомотҳои маҳаллии хоҷагии қишлоқ ва Раёсати муҳоҷирони назди Шурои Вазирони ҷумҳурӣ қарори Ҳукумати Тоҷикистонро иҷро карда, дар як муддати хеле кӯтоҳ ба ноҳияҳои пахтакори вилояти Кӯлоб кӯчондани колхозчиёнро ташкил карданд.

Ҳам шуъбаи муҳоҷирон ва ҳам ташкилотҳои шурои маҳалҳое, ки муҳоҷирон кӯчида мерафтанд, кори интихоби самарабахши муҳоҷиронро ба қадри кифоя ташкил намекарданд. Инчунин, аз сари вақт ба кор набаромадани муҳоҷирон дар хоҷагиҳои муҳоҷир низ мушоҳида мешуд. Инро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки мақомоти ҳизбӣ дар маҳалҳо кори зиёди оммавӣ-сиёсӣ бурда, корҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ-меҳнатӣ ва хоҷагӣ-ташкилӣ мустаҳкам намудани хоҷагиҳои муқимӣ нисбатан беҳтар гардид.

Марҳалаи дигари сиёсати муҳоҷиркунӣ баъд аз анҷумани навбатии VII Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон оғоз ёфт.

Роҳи асосии баланд бардоштани сатҳи рушди иқтисодиёт ва маданияти ноҳияҳои кӯҳсор ва баландкӯҳи ҷумҳурӣ, ба ноҳияҳои водӣ кӯчонидани хоҷагиҳо буд, зеро дар ин ҷо заминҳои ҳосилхез бисёр буданд. Инчунин, ин чорабинӣ барои таъмини қувваи корӣ ва тезонидани раванди азхудкунии кишоварзии заминҳо мусоидат мекард.

Ҳукумати Тоҷикистон мақомотҳои маҳаллиро вазифадор кард, ки барои ба кор ҷалб кардани аҳолии қишлоқҳое, ки аз ҷиҳати замин танқисӣ мекашиданд, чораандешӣ намоянд. Аз ҷумл, онҳоро ба соҳаи пахтакорӣ, инчунин ба соҳаи саноат ҷалб кунанд.

Мақомоти ҳукуматӣ ҷиҳати сари вақт ва самаранок гузаронидани як чорабинии муҳимми иҷтимоиву сиёсӣ корҳои ташкилиро оғоз намуданд, ин қарорҳоро ба роҳбарӣ гирифта, дар байни хоҷагиҳои ноҳияҳои кӯҳсор ва баландкӯҳ кори фаҳмондадиҳии оммавӣ-ташвиқотӣ бурда, барои хоҷагиҳои муҳоҷирон ҳамаи шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шуд.

Аз соли 1948 сар карда, азхудкунии заминҳои хоҷагии қишлоқ бо суръати баланд оғоз шуд, заҳкашҳои нав сохта шуданд, ботлоқҳо хушк карда шуданд, майдонҳои лалмӣ тоза ва чуқур карда шуданд, заминҳои шӯр шуста ва аз худ карда шуданд.

Бо мақсади зиёд кардани самараи кори корхонаҳои хоҷагии қишлоқ дар давраи баъд аз ҷанг васеъ кардани хоҷагиву совхозҳо оғоз шуд.

Умуман, дар давоми соли 1949 дар тамоми ҷумҳурӣ 5347 хоҷагӣ кӯчонида шуд. Нақшаи кӯчондани хоҷагиҳо ва колхозчиён барои соли 1950 аз рӯйи шумораи 6500 хоҷагӣ, ки аз рӯйи ноҳияҳои баромад ва ноҳияҳои муҳоҷиркунӣ тақсим карда шудаанд, муайян карда шудааст [12, в.16].

Дар ташкилоту муассисаҳои дахлдори вилоятҳои ҷумҳурӣ қарорҳои ҳукумати ҷумҳурӣ дар бораи дар ҷумҳурӣ сари вақт ва самарабахш гузарондани муҳоҷират муҳокима шуданд. Хусусан, ноҳияи Балҷувон фаъолони ноҳияро ба гузарондани кори оммавӣ-ташвиқотӣ ва фаҳмондадиҳии байни колхозчиён дар бобати ба ноҳияҳои пахтакор кӯчондани хоҷагиҳои кӯҳистон сафарбар намуд.

Бо раисони хоҷагиҳо, аъзоёни раёсати хоҷагиҳо, вакилони Шуроҳои қишлоқ мунтазам маҷлисҳои вилоятӣ гузаронда мешуданд, ки дар онҳо бо мақсади дар ҷумҳурӣ тараққӣ додани пахтакорӣ, ҷиҳати ташкилӣ-хоҷагӣ, мустаҳкам намудани артелҳои хоҷагии қишлоқ ва аҳаммияти колхозҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шуданд.

Дар байни деҳқонони меҳнаткаши дигар ноҳияҳои Тоҷикистон низ корҳои оммавӣ-ташвиқотӣ ба роҳ монда шуданд, ки барои бомуваффақият ба амал баровардани сиёсати муҳоҷиронкунӣ мусоидат кард.

**Сведения об авторах:** ***Рахмонзода Азимджон Шерали*** – Институт изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана, кандидат исторических наук, заместитель директора по науке и образованию. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33. Телефон: **900-18-00-38**. E-mail: **raxmonzoda92@bk.ru**

***Абдурахмонова Сурайё Абдулхатхоновна* -** Институт изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана, соискатель. **Адрес**: 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33. Телефон: **806-02-02-19.** E-mail: **suraio_abdurakhmanova@mail.ru**
**Information about the authors: *Rahmonzoda Azimjon Sherali* -** Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Historical Sciences, Deputy Director for Science and Education. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33. Phone: **900-18-00-38.** E-mail: **raxmonzoda92@bk.ru**
***Abdurakhmanova Suraio Abdulkhatkhonovna* -** Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate. **Address:** 734025, Dushanbe,Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33. Phone: **806-02-02-19**. E-mail: **suraio_abdurakhmanova@mail.ru**

ТДУ:930(575.34) (575.4)

# ҲАМКОРИҲОИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ТУРКМАНИСТОН ДАР СОҲАИ ИЛМ ВА МАОРИФ

*Сайфуллоева Ш.З.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Бо такя ба андухтаҳои таърихии хеш, бо ҳифзи ҳувияти миллӣ, манфиатҳои кишвар ва шинохти дақиқи дигар кишварҳои ҷаҳон, пас аз ба даст овардани соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон бевосита ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваст гардида, ҳамкориҳои худро бо давлатҳои ИДМ ва дар минтақа бо кишварҳои Осиёи Миёна, махсусан бо Туркманистон, ки аҳаммияти стратегӣ ва арзиши таърихӣ дорад, ба роҳ монда, густариш дода истодааст.

Таҳкими ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз бо кишварҳои дуру наздик дар ҳоли рушд буда, дар марҳилаҳои муайян ҷанбаҳои ғайричашмдоштро нишон медиҳад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «...дар сиёсати минтақавӣ мо ба фароҳам овардани фазои созандаи ҳамкорӣ, пеш аз ҳама, бо давлатҳои ҳамсоя аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳем. Ин афзалиятро умумияти таърихӣ, робитаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ба ҳам наздикшавии халқҳои мо муайян мекунад» [10, с.89].

Дар аввали моҳи августи соли 1991 аввалин сафари Президенти аввали Туркманистон Сапармурод Ниёзов ба Тоҷикистон баргузор шуд. Дар ҷараёни сафар байни президентҳои Тоҷикистон Каҳҳор Махкамов ва Туркманистон Сапармурод Ниёзов «Шартномаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Туркманистон» ба имзо расид [4].Яке аз роҳҳои ҳамкорӣ ин робитаҳои илмӣ ва ҳамкориҳои соҳаи маориф ба шумор меравад, ки бо ҳамоҳангии соҳаи илму маориф амалӣ мегардад. Дар ин самт ҳамкориҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан робитаҳои соҳаи илм ва маорифи вилояти Хатлонро бо Туркманистон номбар кардан мумкин аст, ки дар ҳоли рушд қарор дорад. Ҳанӯз соли 1993 Созишнома дар бораи ҳамкории илмӣ ва техникӣ байни Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Туркманистон ба имзо расид. Қайд кардан ба маврид аст, ки моҳи сентябри соли 1995 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ ба водии Вахш, ба назди яке аз сокинони миллати туркман Олти Бекмуродов ташриф оварда, дар ҷараёни сафар бо фарҳанг, илм ва маорифи ин миллат шинос шуданд [3, с.2].

Маълум мешавад, ки дар тӯли ин солҳо дар водии Вахш, дар минтақаҳои Ҷиликӯл (ҳоло ноҳияи Дӯстӣ), Қабодиён ва Қумсангир (ҳоло ноҳияи Ҷайҳун) 11 мактаб бо забони туркманӣ фаъолият дошта, пас аз хатми мактаби миёна таҳсилро дар мактабҳои олии Тоҷикистон ва Туркманистон идома медиҳанд [1, с.3].

Аз солҳои 2000-ум ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Туркманистон хусусияти нав гирифта, асоси ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи маориф ва илм Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони Вазирони Туркманистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи маориф аз 4 октябри соли 2007 ва Созишномаи ҳамкорӣ байни Кумитаҳои миллии олимпӣ, ки рӯзҳои 8-10 марти соли 2007 дар Душанбе ба имзо расиданд, аҳаммияти махсус дорад. Дигар санади муҳим Созишнома байни Академияи илмҳои Тоҷикистон (ҳоло АМИТ) ва Академияи илмҳои Туркманистон буд, ки рӯзҳои 22-24 августи соли 2012 дар Ашқобод ба имзо расид. Дар солҳои минбаъда заминаи ҳуқуқии ҳамкорӣ тақвият ёфт: Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Туркманистон ба номи Махтумқулӣ ва Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамкорӣ байни Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи Давлатҳо ва Қонуни назди Президенти Туркманистон рӯзҳои 5-6 майи соли 2014 дар Душанбе ба имзо расид.Сипас байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон Созишнома дар бораи сохтмони мактаби миёнаи ба номи Махтумқулӣ дар хоҷагии деҳқонии «Эргаш Султонов», ноҳияи Ҷиликӯл (Дӯстӣ)-и вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид.

Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳаёти иҷтимоии ақалиятҳои этникӣ эътибори махсус медиҳад. Дар қаламрави ноҳияи Дӯстӣ 6 мактаби шашсола ва як мактаби

ибтидоӣ ба забони туркманӣ мавҷуд буда, дар солҳои истиқлол бисёр китобҳои дарсӣ аз тоҷикӣ ба туркманӣ ва аз туркманӣ ба тоҷикӣ тарҷума шуданд. Китоб дар бораи фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Корнамоии Эмомалӣ Раҳмон» (муаллифон Ато Ҳамдам, Леонид Чигрин), ки ба забони туркманӣ тарҷума шуда, эссеи нависандаи туркман Тоҷмамад Ҷӯрабеков таҳти унвони «Наберае, ки орзӯи бобояшро ба ҷо овард» (дар бораи Президенти Туркманистон Гурбонгули Бердимухамедов) ба забони тоҷикӣ тарҷума шуд. Инчунин, китоби «Сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи бетарафии Туркманистон» ба табъ расид, ки онро Вазорати корҳои хориҷии Туркманистон омода кардааст ва он ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда, онро Сайфулло Муллоҷон, Нуралӣ Давлат ва Салими Зарафшонофар такмил додаанд.

Китоби «Ниҳолҳои шифобахши Туркманистон», ки ба қалами Қурбонқулӣ Маликгулиевич Бердимуҳаммадов тааллуқ дорад, «Шеъри мунтахаб» -и шоири маъруфи туркман, нависандаи асрҳои XVII ва XVIII Нурмухаммад Андалеб ба забони тоҷикӣ ва ғайра нашр шудааст. Барои хонандагони мактабҳои миёна 11 номгӯйи адабиёти бадеӣ аз забони туркманӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума карда шуд [5, с.8]. Як далели ҷолиб ин аст, ки Ҳукумати Туркманистон дар ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон дар бораи маблағгузории як мактаби нави замонавӣ ба маблағи 3,5 миллион доллар қарор қабул намуд. Вобаста ба ин, 15 октябри соли 2014 вакилони палатаи поёнии парлумони Тоҷикистон дар ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистонро дар бораи сохтмони бинои мактаби миёнаи ба номи И. Махтумқулӣ барои 540 ҷойи нишаст ба тасвиб расонданд [9].

Соли 2022 оид ба ин масъала Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳаммедов қарори дахлдор ба имзо расонд. Ҳуҷҷат ба сафорати Туркманистон дар Тоҷикистон иҷозат дод, ки бо ҷамъияти хоҷагии «Довлет гурлушык» (сохтмони Давлатӣ) барои сохтмони маҷмааи биноҳои мактаби миёнаи таҳсилоти умумии ба номи Маҳтумқулӣ барои 540 ҷойи нишаст шартнома бандад. Муассисаи таълимӣ дар хоҷагии «Эргаш Султонов»- и ноҳияи Дӯстии Вилояти Хатлон сохта мешавад, ки дар он диаспораи зиёди туркманҳо зиндагӣ мекунанд. Тендери байналмилалӣ барои лоиҳакашӣ ва сохтмони мактаб дар Тоҷикистонро мақомоти Туркманистон аввали моҳи сентябри соли 2022 эълон кард. Тибқи қоида, дар он ҳама хоҳишмандон иштирок карда тавонистанд. Дар натиҷа, тендерро ширкати давлатии сохтмонӣ ба даст овард. Корҳои сохтмонӣ оғоз гардида, моҳи декабри соли 2024 ба истифода дода мешавад [14]. Дар ин масъала вазири Маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саид Нуриддин низ қайд карда буд, ки мактаб дар доираи ҳамкориҳои илмӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Туркманистон аз ҳисоби Ҳукумати Туркманистон сохта мешавад. Ҷолиби диққат аст, ки дар байни туркманҳои минтақаи Дӯстӣ шахсоне ҳастанд, ки дар таҳкими дӯстии ду халқҳои тоҷику туркман, инчунин дар рушди илму маориф саҳми назаррас доранд. Яке аз ин ҳавасмандон бобои Ҳазратқул мебошад. Вай соли 1926 таваллуд шуда, дар солҳои ҷанг дар ақибгоҳ хидмат карда, бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, Ордени инқилоби Октябр мукофотонида шудааст [11].

Бояд қайд кард, ки бобои Ҳазратқул бо дархости туркманҳои ноҳияи Дӯстӣ ба Президенти Туркманистон Сафармуҳаммад Ниёзов дар бораи зарурати сохтани як масҷиди нав мактубе навишта буд. Ин масҷид дар маркази ноҳияи Дӯстӣ сохта шуд. Ғайр аз он, Ҳақназар 5 ҳазор китоби дарсии туркманиро ҳамчун тухфа харидааст ва ин китобҳо дар байни мактабҳое, ки бо забони туркманӣ таълим медиҳанд, паҳн карда шудаанд [11]. Яке аз писарони бобои Ҳақназар овозхони маъруф Пенҷи Аннаев мебошад, ки дар таҳкими робитаҳои мусиқии тоҷику туркман саҳми назаррас гузоштааст [13, с.4].Дар маҷмуъ, бояд қайд кард, ки туркманҳои Тоҷикистон, махсусан вилояти Хатлон дар ташаккули муносибатҳо дар соҳаи маориф ва илми Тоҷикистон ва Туркманистон саҳмгузор мебошанд. Масалан, агар ба рақамҳои сардухтури беморхонаи марказии ноҳияи Дӯстӣ Сайдулло Маллаев диққат диҳем, дар соли 2001-ум 95% кормандони тибби ноҳияи Ҷиликӯл (Дӯстӣ) туркманзабон буданд, аз ҷумла 2 муовини сардухтури ноҳия, 5 директори марказҳои эмгузоронӣ ва СПИД [8, с.4].

Бештари туркманҳои ҷавони ноҳияи Дӯстӣ ба соҳаи тиб таваҷҷуҳ доранд. Пас аз хатми мактаб онҳо ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни

Сино дохил шуда, таҳсилро идома медиҳанд. Ҷавли Султонов, номзади илмҳои тиб, профессорон Нурегдӣ Қурбонов ва Сафар Нурҷеков, шаҳрвандони туркманзабони Тоҷикистон имрӯз дар Маскав кор мекунанд. Номи олимон, сиёсатмадорони ҷамъиятӣ ва ходимони шоистаи туркман дар Тоҷикистон машҳур аст. Дар байни онҳо профессори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон Д.Султанов, дотсенти Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон М.Ҷумъаев, ходимони маъруфи фарҳанг А.Мамедов ҳастанд. Д. Худойбердиев, намояндагони зиёиён К.Менгилиев, Д.Қурбонов, С.Гаитов, Т.Қодиров, Б.Бердиев ва бисёр дигаронро номбар кардан мумкин аст. Онҳо маҳорат ва малакаи худро ба хизмати мардуми шарифи Тоҷикистон гузоштанд. Дар моҳҳои апрел ва майи соли 2014 дар шаҳри Душанбе ва ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлони Тоҷикистон бахшида ба Махтумқули Фраги (Фироқӣ) ҷашнҳо дар чунин сатҳ барргузор гардид: конфронси илмӣ, намоишгоҳи санъати миллии туркман. Дар ҷашнҳо вазири фарҳанги Тоҷикистон ва президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон (АМИТ) ширкат варзиданд.

Сафири Туркманистон дар Тоҷикистон, инчунин намояндагони корпусҳои дипломатии дар Тоҷикистон аккредитатсияшуда, гурӯҳи калони диаспораи туркманҳои Тоҷикистон, ҷавонон-донишҷӯёни пойтахт ва инчунин туркманҳо бо ҳазорон нафар одамони некиродаи Тоҷикистон ҳамроҳ шуданд, ба ходими дурахшон Махтумқулӣ Фироқӣ арҷгузорӣ карданд. Шеъри ӯ бо забонҳои гуногуни сайёра садо медиҳад ва беҳтарин хислатҳои инсониро, ки Фироқӣ ситоиш мекунад, эҳтиром, шараф, ватандӯстӣ, эҳтиром ба ҳамсоягон, меҳнатдӯстӣ, меҳмоннавозӣ, садоқат ба идеалҳои сулҳ ва некиро таблиғ мекунад. Дар ин росто, инчунин маҷмуаҳои осори абадзиндаи ӯ бо забони тоҷикӣ ба табъ расида, сокинони заминро ба сулҳ, ҳамзистӣ ва дӯстӣ даъват мекунад.

Моҳи майи соли 2014 ба ифтихори 290-солагии шоири маъруфи халқии туркман Махтумқулӣ (Фироқӣ) дар ноҳияи Ҷиликӯл (Дӯстӣ) конфронси илмӣ-амалӣ баргузор гардид, ки дар он сафири собиқи Ҷумҳурии Туркманистон дар Тоҷикистон Амоналиев Ишангули Хоҷамухаммедович ва Раиси Ҷамъияти Туркманистони Тоҷикистон Давлат Кулаков маъруза карданд, ки ба 290-солагии шоири туркман Махтумқулӣ (Фироқӣ), бахшида шуда буд [2, с.3]. Қайд карда шуд, ки Махтумқулӣ (Фироқӣ) соли 1773 дар деҳаи Хоҷиравшан, дар водии Горган, дар соҳили дарёи Атрок, таваллуд шудааст. Вай илмро аввал аз падари худ ва сипас аз муаллими хусусӣ Солеҳ Ниёзӣ аз худ кард, дар мадрасаи Кукалтоши Бухоро, мадрасаи Шерғозии Хива таҳсил намуда, дар он ҷо илмҳои гуногунро омӯхтааст. Вай аз хурдӣ хоҳиши ба қадри имкон омӯхтани адабиётро дошт, ба ривоятҳо, назми лирикӣ, рӯбоӣ ва дигар жанрҳои адабӣ таваҷҷуҳ дошт. Сабаби истифода бурдани тахаллуси Махтумқулӣ (Фироқӣ) дар адабиёт дар он буд, ки ӯ дар овони ҷавонӣ мехост бо Менгели ном духтаре издивоҷ кунад, аммо волидони духтар зидди он буданд. Махдумқулӣ бо як духтари дигар оила бунёд мекунад ва ӯ падари ду писар мешавад, аммо ба зудӣ ҳарду фарзанд вафот мекунанд. Ба ҳамин монанд, ду бародари шоир дар роҳ ба сӯйи Афғонистон аз ҷониби ғоратгарон кушта шуданд, маҳз аз ғуссаи ӯ тахаллуси Фироқиро ба даст овард [7, с.3].

Илова бар ин, аз ҷудоӣ аз зани дӯстдоштааш, аз даст додани фарзандон ва фавти бармаҳали бародарон ранҷ мекашид ва зиндагии сахти камбағалонро тамошо мекард, ӯ худро шахси бадбахт ҳис мекард. Махтумқулӣ ба адабиёти форс-тоҷик хеле наздик буда, аз осори қадимаи форс-тоҷик огоҳ буд. Инчунин, бояд қайд кард, ки ӯ забони форсӣ-тоҷикиро ҳамчун забони модарии худ медонист ва асарҳоро ба ин забон мехонд. Тибқи гуфтаи олимон, ӯ дар пайравии А.Фирдавсӣ, Ҷ. Румӣ, У. Хайём шеър эҷод кардааст. Осори мунтахаби Махтумқулӣ ҳанӯз дар соли 1983 аз ҷониби нашриёти «Адиб» дар тарҷумаи адибон Б.Хоҷа, Ҳ.Ғоиб, А.Восизод, Б.Фаррух, М.Ҳотам, М.Гулчин ба хонандагони тоҷик пешкаш карда шуда буд. Шеърҳои Махтумқулӣ бо номи «Марги писар», «Чашмони Менгелӣ», «Ҷудоӣ», «Издивоҷ кунед», «Ошкоро мегӯям», «Зулм», «Оворагард», «Бахт», дар маҷмуъ, ҳама ашъори ӯ хонандаро ба эҳтироми инсон, баробарӣ ва бародарӣ, дӯст доштани зиндагӣ даъват мекунад. Муносибати дӯстонаи Тоҷикистон ва Туркманистон дар рӯйдодҳои воқеии дар ҳаёти туркманҳои Тоҷикистон рухдода ифода ёфтааст. 13 майи соли 2015, ба муносибати 20-умин солгарди бетарафии Туркманистон, дар толори Қасри фарҳанги минтақаи Ҷиликӯл (ноҳияи Дӯстӣ) конфронси илмӣ дар мавзуи «Оҳангҳои дӯстӣ» баргузор гардид.

Дар ин конфронс Сафири Туркманистон дар Тоҷикистон Амоналиев Ишангули Ҳоҷимухаммадович дар мавзуи: «Робитаҳои дӯстонаи байни халқҳои тоҷик ва туркман», ректори Донишгоҳи давлатии Туркманистон ба номи Махтумқулӣ Хонмуродов Гурдниёз бо маърузаҳои илмӣ баромад карданд: «Ҳамкории донишгоҳҳои Туркманистон ва Тоҷикистон», сармутахассиси шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Туркманистон ба номи Махтумқулӣ Муҳаммад Ҷамилов дар бораи рушди илм ва омӯзгори гимназияи давлатии №1 ноҳияи Ҷиликӯл (Дӯстӣ) Гулнора Авезова маъруза кард. Гулнора Авезова дар бораи таҳкими дӯстӣ ва ваҳдати миллии тоҷикон ва туркманҳо сухан гуфт.

Гулнора Авезова, ки намояндаи миллати туркман дар Тоҷикистон аст, дар баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ бахшида ба таҳкими дӯстии Тоҷикистону Туркманистон саҳми арзандаро соҳиб аст. Ӯ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айниро дар солҳои 1986-1991 хатм кардааст [6, с.2]. Пас аз хатми донишгоҳ дар соли 1991 дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии No15-и ноҳияи Ҷиликӯл ба ҳайси омӯзгор ба кор шуруъ кард. Солҳои 1991-1995 дар ҳамин мактаб, солҳои 1995-2007 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии No7, аз соли 2007 то ҳол дар гимназияи давлатии №1-и ноҳияи Ҷиликӯл ба ҳайси омӯзгор кор мекунад. Вай, ҳамчунин, ширкаткунандаи ҷашнвораи кӯдаконаи «Нури умед», ки соли 2000 дар Душанбе (дар Кохи Ҷомӣ) баргузор шуд, дар он намояндагони кишварҳои Туркманистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон ширкат доштанд. Вай дар ҷашнвораи «Эҷодиёти кӯдакони ақалиятҳои миллӣ», ки соли 2003 дар Душанбе баргузор шуда буд, бо 15 нафар хонандагони мактабҳои туркмании ноҳияи Ҷиликӯл ширкат дошт. Илова бар ин, соли 2006 дар ноҳияи Вахш фестивали «Муаррифии анъана, расму оин ва расму оинҳои ақалиятҳои миллии Тоҷикистон» доир гардида, дар он намояндагони миллатҳои туркману арман, ӯзбек, қазоқ ва рус расму ойинҳои худро муаррифӣ намуданд. Вай, инчунин, дар чорабиниҳои илмию фарҳангӣ ва таърихӣ таҳти унвони «Рушди минтақаи миллати туркман» дар солҳои 2009-2010 дар шаҳри Ашқобод ширкат кардааст. Фаъолияти асосии Г.Авезова кори илмӣ-тадқиқотӣ мебошад. Мақолаҳои илмии ӯ оид ба масъалаҳои мубрами физика дар маҷмуаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи А. С.Айнӣ, аз қабили «Физика ва робитаи байнисоҳавӣ дар ҳалли масъала», «Назарияи омӯзиши мавҷи рӯшноӣ ва тасдиқи амалии он», «Қонуни физика дар тиб» натиҷаи дастовардҳои илмии Г. Авезова мебошанд. Ғайр аз он, ӯ чунин китобҳои дарсиро ба монанди:- аз фанни математика барои синфи 1 (КМН, «Насиба», 2001, Душанбе), аз фанни методикаи корҳои беруназсинфӣ аз фанни физика» (дастури методӣ бо ҳаммуаллифон Умарова У.С. ва Раҷабов У.Х., Душанбе: «Сабрина-К», 2011), Кроссвордҳо дар таълими физика (бо ҳаммуаллифон Умаров У. ва Раҷабов У.Х., Душанбе, «Сабрина-К», 2011), Садои дили дӯстон (Душанбе: «Маориф», 2014)-ро аз чоп баровардааст [12, с.2-3].

Гулнора Авезова низ ба забони туркманӣ китоби «Антологияи тафаккур дар бораи шеър» (Душанбе, «Маориф», 2014) аз чоп баровард, ки ба 290-солагии шоири озодандеши туркман Махдумқулӣ бахшида шудааст. Дар рафти ҷустуҷӯҳои илмию эҷодӣ як қатор назарияҳои фалсафӣ, зарбулмасалу мақолаҳо бо истифода аз ашъори тоҷик ба комёбиҳои эҷодии худ ноил гардид. Ҷойгоҳи муҳим дар таърихи муосири ҳамкориҳои ду кишварро фаъолиятҳои ҷамъиятҳои тоҷикон ва туркманҳо ишғол мекунад. Соли 2015 Ҷамъияти Туркманистони Тоҷикистон як қатор чорабиниҳои илмӣ, аз ҷумла як симпозиуми илмӣ ва амалӣ дар ҳамкорӣ бо Маркази Тадқиқоти Стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи Миллии Илмҳои Тоҷикистон баргузор намуд.

Бо мақсади таҳкими ҳамкориҳои илмӣ 19 апрели соли 2016 Сафири Мухтори Туркманистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Чори Атаев дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқот намуд. Дар ҷаласа аз ҷониби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло АМИТ) ноибони Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (АМИТ), академикҳо Одинаев Саидмуҳаммад, Олимов Кароматулло ва саркотиби илмӣ, доктори илмҳои биологӣ Абдусаттор Саидов ширкат варзиданд. Ҷонибҳо оид ба расонидани кумак дар ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои муштараки илмӣ, табодули таҷрибаи кормандони илмӣ ва ғайра мубодилаи афкор намуданд.

Сафири Ҷумҳурии Туркманистон масъалаҳои барқарор намудани муносибатҳои дӯстона дар оянда ва таҳкими ҳамкориро дар баргузории мизи мудаввар бахшида ба эҷодиёти шоири маъруфи туркман Махтумқули баррасӣ кард. 24 августи соли 2016 бо ташаббуси Сафорати Туркманистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мувофиқа бо Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (АМИТ), Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷамъияти туркманҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Конфронси байналмилалии илмӣ ва амалӣ баргузор гардид. Дар он оид ба 25 соли истиқлоли Туркманистони бетараф: дурнамо, пешрафт ва рушд дар Маркази Пажуҳишҳои Стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон конфронси илмӣ-амалӣ баргузор гардид, ки онро бо сухани ифтитоҳӣ Сайфулло Сафаров кушод. Сипас Сафири Фавқулода ва Мухтори Туркманистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ч.К.Атаев бо маъруза дар мавзуи: «Истиқлолияти Туркманистон: таърих ва дастовардҳо» ва сардори Раёсати ИДМ ВКХ Ф.Қосимова дар мавзуи «Рушди муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Туркманистон» баромад намуданд [15].

Сармутахассиси Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих Абдурашитов Ф.М. дар мавзуи «Муносибатҳои Тоҷикистон ва Туркманистон дар давраи истиқлол» баромад намуд.

Пас аз он, иштирокчиёни Конфронси илмӣ-амалӣ маърузаҳои директори банақшагирӣ ва рушди иқтисодиёти Туркманистон М Атаевро дар мавзуи: «Туркманистон: воқеият ва дурнамо»; Муовини якуми Директори Маркази Тадқиқоти Стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Сафаров дар мавзуи: «Нақши Туркманистон дар рушди ғояи бетарафӣ дар Осиёи Марказӣ»; Раиси Ҷамъияти туркманҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси бахши тоҷикистонии Ассотсиатсияи гуманитарии туркманҳои ҷаҳон Д.Кулаков дар мавзуи: «Нақши Пешвои миллат дар рушди бетарафии Туркманистон», намояндаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ Ҳ.Умаров дар мавзуи: «Ҳамкории иқтисодӣ дар рушди комплекси гармидиҳӣ ва энергетикӣ» шуниданд [15].

Ҳамин тариқ, таҷрибаи кӯтоҳи таърихии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Туркманистон, махсусан оид ба робитаҳои соҳаи илм ва маориф дар вилояти Хатлон дар шароити соҳибистиқлолӣ нишон медиҳад, ки муқаррароти асосии маориф ва илми муосири миллӣ тавсеаи воқеии робитаҳои ҳамгироӣ ва муносибатҳои ҷумҳуриро бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тақозо мекунад. Махсусан бо Туркманистон, бо мақсади рушд ва ислоҳоти низоми маориф ва илм, тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ҷиҳати оқилона сохтани сохтори нави ҳамгироӣ дар соҳаи илм ва маориф барои ҳарду давлат аҳаммияти муҳим дорад.

Аз ҷумла, кумаки моддӣ ва молиявии Вазорати маорифи Туркманистон дар баланд бардоштани сифати таълими хонандагони мактабҳои миёна ба забони туркмании муқими вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи матлаб хоҳад буд. Масъалаи асосӣ ин таъмини китобҳои дарсӣ бо забони туркманӣ мебошад. Дар самти барқарор ва рушд додани робитаҳо байни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳурии бародар ва дӯст Туркманистон низ робитаҳои фаъолро ба роҳ мондан зарур аст. Амалияи мубодилаи хонандагон ва донишҷӯён, баргузории конфронсҳо ва олимпиадаҳои муштарак, чорабиниҳо оид ба татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои махсусро дар самти баланд бардоштани эътибори муассисаҳои таҳсилотии минтақаи Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамгироӣ бо хонандагону донишҷӯёни Туркманистон дар сатҳи Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ҷоннок намудан мумкин аст, то ин ки он барои баланд бардоштани самаранокии раванди омодасозии кадрҳои баландихтисоси касбии ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мувофиқ бошанд.

Ҳамчунин, ҳамкориҳои илмӣ байни ин ду кишвари ба ҳам дӯст бояд ба таҳияи вазифаҳои амалӣ, таҳкими соҳибистиқлолӣ, афзоиши иқтидори иқтисодӣ ва истифодаи технологияҳои муосир дар соҳаҳои хоҷагии халқи ҳарду кишвар равона карда шавад, инчунин кӯшишҳои муштарак ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии кормандони илмию

педагогӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбии онҳо тавассути таҷрибаомӯзӣ ва мубодилаи касбӣ ба роҳ монда шавад.

**Муқарриз: Фозилова М. – н.и.т., дотсенти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

## АДАБИЁТ


1. Аюбзода А. Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст // Садои мардум. -1995. 9 сен. - С. 3.
2. Ба ифтихори 290-солагии шоири машҳури халқи туркман Махдумқулӣ (Фироқӣ) конфронси илмӣ-амалӣ // Ҳақиқати Ҷиликӯл.13 июн. -2014. - С.3.
3. Бо мақсади дӯстию ҳамкорӣ // Садои мардум. -1995. 30 авг. -№56 (86). - С. 2.
4. Визит в составе государственных депутатов Туркменистана // Садои мардум. -1991. 11 августа.
5. Давлатшоева М. Ганҷи забон. - 2015. 20 фев. -С. 8.
6. Дӯст ояд гарм дар оғӯш гир. Ҳақиқати Ҷиликӯл. 2015. 15 июн. - С. 2
7. Кулаков Д. Руководитель Туркменского отделения ТАТМ -Общество туркмен Таджикистана. Праздники дружбы и поэзии / Д.Кулаков //Народная газета.- 2014. 28 мая.- С. 3.
8. Кулаков Д. Рядом с братьями / Д. Кулаков // Народная газета. -2001. 6 сен. - С. 4.
9. Марзия С. Туркменистан построит в Джиликуле современную школу / С. Марзия // НИАТ «Ховар». - Душанбе, 16.10.2014.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.04.2009. -Душанбе: Матбуот, 2009.- С. 89.
11. Сайфуллоева А. Мо туркманҳои Тоҷикистонем / А.Сайфуллоева // Ҷомеа 2010. 17 март.
12. Сайидаҳмад Ҳасан. Соҳибмаърифат // Ҳақиқати Ҷиликӯл. 2016. 26 июл. - С. 2-3.
13. Ҳақиқати Ҷиликӯл. 2010. 7 авг.- №18-19. -С. 4.
14. [Электронный ресурс]. https://fergana.media/news/128612/ Туркменистан в качестве гуманитарной помощи построит школу в Таджикистане
15. [Электронный ресурс]. http://anrt. tj/ index. php/ru/novosti/769-vstrecha-poslarespubliki-turkmenistan-v-akademii-nauk. (дата обращения: 17 июня 2017 г.)


## ҲАМКОРИҲОИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ТУРКМАНИСТОН ДАР СОҲАИ ИЛМ ВА МАОРИФ


Мақола ба ҳамкориҳои соҳаи маориф ва илми Вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Туркманистон бахшида шудааст. Он моҳияти ҳамкорӣ ва робитаҳои судмандро дар замони соҳибистиқлолӣ ҳамчун падидаи арзишманди таърихӣ барои рушди соҳаи маориф ва илми ҳарду кишвар таҳлил ва инъикос менамояд. Дар мақола, инчунин, оид ба ҳамкориҳои беш аз чоряк аср таъкид карда шудааст, ки дар маҷмуъ муносибатҳои байни ин кишварҳои ба ҳам дӯст дар соҳаи маориф ва илм дар ҳоли рушд қарор дорад. Дар ҳамкории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон мавҷудияти руҳияи ҳамдигарфаҳмӣ дар ҳалли масъалаҳои байналмилалии мақсаднок ва минтақавӣ мавриди таваҷҷуҳи тарафайн хос аст. Ҳамкориҳои фарҳангӣ ва башардӯстонаи ду кишвар низ дар раванди мусбии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Туркманистон рушд мекунад. Дар мақола оид ба фаъолияти пурсамари мутахассисони туркманзабон, ки яке аз халқҳои ақалиятҳои миллиро дар вилояти Хатлон ташкил медиҳанд, маълумот дода шудааст. Ҳамчунин, фаъолияти назарраси мактаби туркманзабон дар ноҳияи Дӯстӣ ва омӯзгорони он низ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон, ҳамгироӣ, маориф ва илм, робитаҳои илмӣ, мактаб, Махтумқулӣ Фироқӣ, вилояти Хатлон, рушд ва ислоҳоти низоми маориф ва илм.


## СОТРУДНИЧЕСТВО ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С РЕСПУБЛИКОЙ ТУРКМЕНИСТАН В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ


Статья посвящена сотрудничеству в сфере образования и науки Хатлонской области Республики Таджикистан с Туркменистаном. В ней проанализирована и отражена сущность плодотворного сотрудничества и связей во времена независимости как ценного исторического явления для развития сферы образования и науки обеих стран.В статье также подчеркивается сотрудничество более четверти века, в котором в целом развиваются отношения между этими дружественными странами в области образования и науки. Для сотрудничества между Республикой Таджикистан и Туркменистаном характерно наличие духа взаимопонимания в решении международных целевых и региональных вопросов, представляющих взаимный интерес. Культурное и гуманитарное сотрудничество двух стран также развивается в позитивном процессе двусторонних отношений между Таджикистаном и Туркменистаном.В статье представлена информация об эффективной деятельности туркменоязычных образовательных учреждений, являющихся одним из национальных меньшинств Хатлонской области. Также изучена замечательная деятельность туркменоязычной школы района «Дусти» и ее учителей.



**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, Туркменистан, интеграция, образование и наука, научные связи, школа, Махтумкули Фирки, Хатлонская область, развитие и реформа системы образования и науки.

**COOPERATION OF KHATLON REGION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE REPUBLIC OF TURKMENISTAN IN THE FIELD OF EDUCATION AND SCIENCE**

The article is devoted to the cooperation of the sphere of education and science of the Khatlon region of the Republic of Tajikistan with Turkmenistan. It analyzes and reflects the essence of fruitful cooperation and ties during the time of independence as a valuable historical phenomenon for the development of education and science in both countries. The article also highlights the cooperation of more than a quarter of a century, in which relations between these friendly countries in the field of education and science are generally developing. Cooperation between the Republic of Tajikistan and Turkmenistan is characterized by the presence of a spirit of mutual understanding in solving international targeted and regional issues of mutual interest. Cultural and humanitarian cooperation between the two countries is also developing in the positive process of bilateral relations between Tajikistan and Turkmenistan.The article provides information on the effective activities of Turkmen-speaking educational institutions, which are one of the national minorities of the Khatlon region. The remarkable activities of the Turkmen-language school of the Dusti district and its teachers were also studied.

**Keywords:** Republic of Tajikistan, Turkmenistan, integration, education and science, scientific relations, school, Makhtumkuli Firki, Khatlon region, development and reform of the education and science system.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сайфуллоева Шабнам Зафарҷоновна–*** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, докторанти PhD. -и кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва хуқуқ**. Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 880353838**

**Сведения об авторе:** ***Сайфуллоева Шабнам Зафарджоновна*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддин Айни, кафедра истории таджикского народа факультета истории и права докторант Ph.D. **Адрес**: 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. Телефон **(+992) 880353838**

**Information about the author:** ***Sayfulloeva Shabnam Zafarjonovna*** – Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Department of History of the Tajik People, Faculty of History and Law, doctoral student Ph.D. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121. Phone: **(+992) 880353838**

УДК 913.1 (3)

# ДОНИШҲОИ ҶУҒРОФИЁИИ БЕРУНӢ ВА САҲМИ Ӯ ДАР РУШДИ ИЛМИ ҶУҒРОФИЁ

*Сафарзода Некрӯз, Умаров Абдуллохоҷа*
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар ҳама давраҳои таърихи башар инсонҳое умр ба сар бурдаанд, ки бо корнамоиҳои худ аз дигарон фарқ доранд. Баъзе дар сиёсат, баъзе дар ҳунар ва баъзеи дигар дар илм ба дастовардҳое ноил гаштаанд, ки номашон дар таърихи башар абадан сабт гаштааст. Яке аз чунин шахсиятҳои таърихии сатҳи ҷаҳонӣ донишманди бузурги тоҷик Абурайҳон Берунист. Шуруи қарни ёздаҳум барои илм дар Шарқ маҳз ба сабаби ҳузури ӯ бисёр зебо ва рамзӣ сурат гирифтааст. Осори ӯ бо чунон диди илмӣ ва воқеии баланд муҳаққиқони аврупоиро ба ҳайрат оварда буд.

Бузургии Берунӣ ҳанӯз аз замоне эҳсос мешуд, ки илми шарқшиносии ғарбиён тоза аз худ дарак медод. Хусусан, донишманди маъруфи фаронсавӣ Э. М. Котрмер (1782–1857) ҷойгоҳу мақоми хосеро дар рушди илми ҷаҳонӣ барои Берунӣ қоил шудааст [9, с. 45]. Бо кашфи ҳар чи бештари осори Берунӣ, бузургии симои ӯ ҳам меафзуд. Ҳатто Ҷорҷ Сартон (1884–1956), ки бунёдгузори фанни таърихи илм дониста мешавад, ҳангоми тавсифи таърихи илми ҷаҳонӣ асри ёздаҳуми мелодиро ба хотири бузургтарин намояндаи он «Илми давраи Берунӣ» номидааст [12, с. 693].

Афзудани ҷойгоҳ ва мақоми Берунӣ бо ин ҳам ба нуқтаи анҷоми худ нарасида, имрӯз ҳам бо кашфи осору навиштаҳои гаронарзиши ӯ боз ҳам бештар мегардад ва одилона будани арзёбии донишмандони маъруфи қаблан зикршударо собит месозад.

Берунӣ дар Хоразм ба дунё омада, муддате он ҷо, чанде дар Гургон дар дарбори Қобус ибни Вушмагир (977–1012) ва сипас, дар Ғазна зиста ва ба фаъолияти илмӣ пардохтааст. Ба шарҳи ҳоли ӯ батафсил руҷуъ намекунем. Танҳо инро қайд бояд кард, ки замони ҳукмронии Маҳмуди Ғазнавӣ (998–1030) ин донишманд як зиндагие таҳти назорати шадид доштааст. Ба ҳадде, ки ҳақ надошт ихтиёран тағйири макон ё интихоби ҷойи зист кунад. Аз замони Масъуди Ғазнавӣ (1030–1040) Берунӣ ҳаққи озодии бештар ва тағйири макон пайдо карда, аз давраи Мавдуд (1041–1050) ба Хоразм бозгашт ва тавре аз навиштаҳояш ба назар мерасад, то охири умри худ (1048) зиндагии осудае дошт.

Дар бораи зиндагӣ ва осори Берунӣ олимони зиёде аз асри XIX то ин замон мақолаву рисолаҳо навиштаанд. Аз ҷумла, донишмандони хориҷӣ Э. М. Котрмер (1782–1857) Ҷорҷ Сартон (1884–1956), К. Ф. Краузе (1781–1832), Э. Видеманн (1852–1928), Ҳонигман (1892–1954), И. Ю. Крачковский (1883–1951), С. Ҳ. Наср [6, с. 4] ва дигарон ба осори Берунӣ таваҷҷуҳ карда, бахше аз онҳоро таҳқиқ ва бахши дигарро тарҷумаву нашр кардаанд. Ҳамчунин, осори мунтахаби Берунӣ дар чанд ҷилд давоми солҳои 1950–1970 аз ҷониби донишмандони Академияи илмҳои ИҶШС (аз ҷумла, Институти шарқшиносии ҶШС Ӯзбекистон) тарҷума ва чоп шуданд [1, с. 6].

Аз донишмандони тоҷик Н. Амиршоҳӣ [5], А. Комилӣ [7] ва дигарон дар бораи зиндагӣ ва осори Берунӣ маълумот дода, чанде аз дастовардҳои илмии ӯро барои алоқамандони илм ошно кардаанд. Дар дигар кишварҳои ИДМ низ донишмандону муҳаққиқони зиёд ба таҳқиқи осори Берунӣ пардохта, мақолаву рисолаҳо навиштаанд. Аз миёни онҳо мақолаи ҳаммуаллифии профессори кафедраи ҷуғрофиёи донишгоҳи Чоннан (Ҷумҳурии Корея) ва аспиранти кафедраи мазкур Зухриддин Ҷӯраев, ки ба нақши Берунӣ дар илми ҷуғрофиё бахшида шудааст, дастовардҳои ӯро дар шакли мухтасар шарҳу тавзеҳ додаанд, ки баъзе нуктаҳои муҳим дар он арзёбӣ мешаванд [13]. Аммо тасмими мо он аст, ки ба донишҳои ҷуғрофиёии Берунӣ бо ҷузъиёти бештаре таваҷҷуҳ кунем ва онҳоро бо дигар осори ҷуғрофиёии он давра қиёс намоем.

Асарҳои Берунӣ далолат бар он доранд, ки ӯ на танҳо донишманди илми ҷуғрофиё, балки олими тамоми улуми замони худ, ё ба ибораи дигар донишноманигор (энсиклопедист) буд, ки пеш аз ҳама дар рушди илмҳои риёзӣ-табиӣ ва таърихӣ (ҷомеашиносӣ) саҳми бузург доштааст. Инро беш аз 20 рисолаи илмӣ ва феҳристи онҳо, ки

худи ӯ тартиб дода ва то кунун расидаанд, собит мекунад. Доираи таваҷҷуҳи Берунӣ ба бахшҳои мухталифи илм чунон васеъ аст, ки ба кадом соҳаҳои илм таваҷҷуҳ надоштанашро муайян кардан осонтар аст, аз он ки соҳаҳои илми мавриди таваҷҷуҳи ӯро ном бибарем. Аз машғул будан ё таваҷҷуҳ доштани Берунӣ ба улуми динӣ қариб нишоне дида намешавад. Чунин ба назар мерасад, ки ин донишманд улуми мазкурро то ҳадде лозим медонисту таваҷҷуҳ дошт, ки барои ҳар мусулмоне зарур дониста мешуд [6, с. 247]. Ба илмҳои ҷомеашиносӣ, аз ҷумла, таърих ва адабиёт низ Берунӣ таваҷҷуҳи хос доштааст.

Донишҳои ҷуғрофии Берунӣ он тавр ки интизор мерафт, бояд моил ба илмҳои ахтаршиносӣ ва риёзӣ мебуданд, вале чунин нест. Аз асарҳои ӯ – «Осор-ул-боқия» ва «Таҳқиқ мо ли-л-Ҳинд» мушоҳида мешавад, ки донишҳои ҷуғрофии Берунӣ фаротар аз қолабҳои риёзӣ ва ахтаршиносӣ рафта, бисёр густарда ва фарогири соҳаҳои дигар низ будаанд. Он чи аз осори ин донишманд давоми даҳсолаҳои охир вориди илм шудаанд, далолат бар он доранд, ки Берунӣ дар ихтиёри худ маводи комилтарини дар замони худ дастрасро доштааст [1]. Хусусан, маълумоти ӯ дар бораи кадом маконҳоро фаро гирифтани оби баҳру укёнусҳо дар рӯйи Замин воқеан кашфиётест, ки то замони зиндагиаш дар осори дигари ҷуғрофиёӣ дида нашудааст. Ба навиштаи ӯ «Баҳре, ки дар ғарби қисми маскунии Замин аст ва сарзамини Танҷа ва Андалус (Испания) дар соҳили онанд, баҳри Муҳит ном дорад, ки юнониён онро Укёнус (Oceanos) мегуфтанд. Дар он (бо киштиҳо) то масофаи дур намераванд, балки танҳо наздик ба соҳил шино мекунанд. Ин баҳр аз кишварҳои мазкур ба самти шимол дар имтидоди кишвари сақолиба тул мекашад, халиҷе аз он дар шимоли сарзамини сақолиба ҷудо мешавад, ки ба кишвари мусулмонҳои булғор наздик аст. Онҳо ин халиҷро чун баҳри варанкиён (варягҳо) мешиносанд ва он номи мардумест, ки дар соҳили он сукунат доранд. Сипас, аз паси он моил ба шарқ мешавад, миёни соҳилҳои он ва охирин ҳадди сарзамини туркон заминҳо ва кӯҳҳо ва маконҳои каммаълум, биёбонӣ ва саъбулубуре қарор доранд. Тули баҳр, ки сарзамини Танҷаро аз ҷануб иҳота кардааст, чунин аст. Он замини судониёни ғарбиро аз паси кӯҳҳо, ки «қамариён» номида мешаванд ва сарчашмаи Нили Миср аст, иҳота мекунад. Ҳангоми шино дар он киштӣ аз хатар эмин нест [2, с. 435–436].

Он баҳр ҳам, ки дар шарқ сарҳадди сарзамини Чинро иҳота кардааст, низ қобили убур нест. Аз он ҳам халиҷе ҷудо мешавад, ки ба номи сарзамини наздик қарордошта бурда мешавад, ба ҳамин сабаб он баҳри Чин ва сипас, баҳри Ҳинд аст. Аз он халиҷҳои бузурге ҷудо мешаванд, ки ҳар кадом мисли баҳри Форс ва Басра бахр номида мешаванд ва дар соҳили шарқии он Тиз ва Макрон аст ва дар ғарб дар муқобили он бандари Умон. Аз он гузашта то мамлакати Шихтра, ки аз он мушк бархезад, меравад ва то Адан мерасад. Дар он ҷо аз он ду халиҷ ҷудо мешаванд: якум Қулзум (баҳри Сурх), ки сарзамини Араб (Арабистон)-ро иҳота мекунад, чунон ки онро қариб ба ҷазирае табдил медиҳад. Ва ба сабаби он ки Ҳабашистон ҳам дар муқобили Яман дар соҳили он қарор дорад, онро ба номи ҳардуи ин сарзамин ном мебаранд: бахши ҷанубиашро баҳри Ҳабаша ва шимоли онро баҳри Яман, ҳардуро ба ҳам баҳри Қулзум. Ба он сабаб Қулзум ном дорад, ки он номи шаҳре аз Шом дар хамгашти ин баҳр аст, дар он ҷойе, ки танг мешавад ва мусофирон аз соҳили он ба самти сарзамини Буҷа убур мекунанд [2, с. 437–438].

Халиҷи дигар ба номи баҳри Барбар маъруф аст, ки аз Адан то Софолии зинҷиён тул мекашад. Киштиҳо ба сабаби хатарнок будан, тавре қаблан гуфтем, аз ин макон фаротар намераванд. Баъд аз он бо баҳри ғарбии Укёнус якҷо мешавад. Дар минтақаҳои шарқии ин бахр ҷазираҳои Зобиҷ (Ява), пас аз он Дибоҷот ва Кумайр ва пас аз он ҷазираҳои зинҷиён воқеанд. Бузургтарини ин ҷазираҳо: Сарандеб (Сейлон), ба ҳиндӣ (Сангалдеб), ки аз он анвои мухталифи ёкут содирот мешавад; Кало (дар Малакка), ки аз он арзиз бармеояд; ва Сарбузо (дар Суматра), ки аз он кофур бармехезад.

Пас аз он дар мобайни (чаҳоряки) маскунӣ дар сарзамини сақолиба ва русҳо баҳрест, ки юнониён онро Понтос гуфтаанд ва мо онро Тропезунт номидем, зеро дар он бандаре ба чунин ном ҳаст [2, с. 437–438]. Аз он халиҷе мебарояд, ки аз паҳлуи деворҳои Қустантания мегузарад. Ин халиҷ то расидан ба баҳри Шом танг шудан мегирад. Дар савоҳили ҷанубии баҳри Шом сарзамини Мағриб то Искандария ва Миср ва дар муқобили онҳо аз шимол сарзаминҳои Андалус ва Рум то Антиохия ва дар миёни онҳо сарзаминҳои Шом ва Фаластин қарор доранд. Он дар Андалус ба баҳри Муҳит мерасад, ки дар китобҳо ба номи

гузаргоҳи Ҳеркулес ёд мешавад ва ҳоло ба номи «аз-Зуқоқ» («танга» ё «гулӯгоҳ») маъруф аст, тариқи он об ба баҳри Муҳит мерезад. Дар он ҷазираҳои маъруфе чун Қибрис, Самос, Родос, Ситсилия ва амсоли инҳо воқеанд.

Дар наздикии баҳри Табаристон бандарҳои Ҷурҷон воқеанд; дар он шаҳри Обаскун қарор дорад, ки ин ҷоро бо номи ҳамон мешиносанд. Сипас, он ба Табаристон, сарзамини Дайлам, Шервон, Бобу-л-абвоб (Дарбанд) сарзамини Олон, сипас, дар ҷойе, ки ба он рӯди Итил мерезад, ба сарзамини Хазар, баъди он ба сарзамини ғузҳо мерасад, то ин ки ба Обаскун бозмегардад. Ин баҳр дар ҳар ҷо ба номи сарзаминҳои соҳили он ном бурда мешавад, аммо дар миёни мо ба номи Хазар ва дар миёни қадимиён ба номи Ҷурҷон маъруф аст, зеро Батламиюс (Птолемей) онро «баҳри Иркония» номидааст. Ин баҳр ба ягон баҳри дигар пайваст намешавад [14, с. 21].

«Ҳама обҳои дигар, ки дар манотиқи мухталифи замин ба ҳам мепайванданд, ботлоқу пастиҳо мебошанд; баъзан онҳоро кӯл (дарёча) ном мебаранд ба мисли кӯли Афомин, Табария (Тивериада) ва Зуғор (Баҳри Майит) дар сарзамини Шом ё кӯли Хоразм (баҳри Арал) ё Обаскун (Иссиққӯл) дар наздикии Барсхон» [14, с. 20; 2, с. 138].

Чунин ба назар мерасад, ки Берунӣ тавсифоти фавқуззикрро хусусияти донишҳои ҷуғрофиёие медонист, ки илми замони ӯ ба онҳо даст ёфта буд. Тавре мушоҳада мешавад, ӯ маълумоти мазкурро каме мухтасар, вале дар ҳамон шева ва қолаб дар «Қонуни Масъудӣ»-и худ такроран зикр мекунад. Зимни муқоисаи маълумоти ҷуғрофиёии Берунӣ бо навиштаҳои Ал-Баттонӣ, ки тақрибан сад сол пештар нигошта шудаанд, тафовути ҷиддие дида мешавад, яъне Баттонӣ ҳамчун пайрави «мактаби юнонӣ» асосан анъанаи қадими ҷуғрофиёнависиро риоя кардааст. Аммо Берунӣ бо вуҷуди он ки ӯ ҳам ба илми юнониён тамоюл доштааст, кӯшиш мекунад ба навиштаҳои ҷуғрофиёнигорони қабл аз худ маълумоти наверо ҳамроҳ кунад, ки ҷуғрофиёнависони мусулмон ба даст оварда буданд. Аз ин рӯ, тибқи ҳаҷми маълумоти зикршуда ва вобаста ба тарзи зикри онҳо барои мо баъзе хулосаҳо ошкор мешаванд [6, с. 250].

Дар ин давра ҷуғрофиёнависони мусулмон (ба қавли Крачковский ва диг. ҷуғрофиёнависони араб) дар бораи соҳилҳои шарқии Африқо тақрибан то 20 дараҷаии арзи ҷанубӣ маълумот доштаанд. Дар бораи мамолики ҷанубтар аз арзи мазкур танҳо тахминҳо вуҷуд доштанд, ҳарчанд ахбор дар бораи садамаи киштиҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ки онҳо дар бораи халиҷи Мозамбик аз ахбори «дасти дувум» маълумот доштаанд. Тасаввурот дар бораи ҷазира будани Африқо бидуни тардид зикр мешавад, бо вуҷуди он ки далелҳои мушаххас дар ин бора дастрас набуданд ва назарияи Батламиюс дар ин бора вуҷуд дошта ва ҷонибдорон ҳам доштааст. Дар бораи қитъаи ҷанубӣ дар ин маврид ихтилофи назар дида намешавад, маълумот дар бораи Аврупои Шимолӣ ва Осиёи Шарқӣ ноқису тираанд.

Дастоварди Берунӣ дар он аст, ки маҳз ӯ вобаста ба манотиқи зикршуда маълумоти бисёри нав ворид кардааст, ки ҳам шиносоии хуби ӯро ба адабиёти ҷуғрофии то он вақт вуҷуддошта ва ҳам маълумоти аз пурсиши сайёҳону тоҷирон ба даст овардаи ӯро собит мекунад. Аз ҷумла, Берунӣ дар бораи баҳрҳои Балтик ва Сафед, тасаввурот дошта, сокинони шимол ва шарқи Аврупо, аз ҷумла, варягҳои скандинавиро чунон хуб медонист, ки онҳоро чун дигарон ба номи «рус» на, балки «варанг» зикр мекунад. Ҳамчунин, дар бораи баҳрнаварде шунидааст, ки дар шимоли Замин чунон дур рафта буд, ки дар тобистон он ҷо Офтоб ғуруб намекард [6, с. 251]. Дар бораи шамшерсозии фарангиён ва русҳо ахбори муфассале зикр мекунад. Зимни додани маълумот дар бораи Сибир эҳтимолан ӯ нахустин шуда, дар бораи дарёи Ангара ва мардумони сокин дар атрофи кӯли Байкал маълумот медиҳад. Мамолики дар ҷануби экватор қарордоштаи Африқо низ барои Берунӣ то ҷойе маълум будаанд, ӯ дар бораи сарзаминҳое дар ин минтақа сухан меронад, ки «дар фасли тобистони мо дар онҳо зимистон аст».

Ин «назария»-и Берунӣ дар бораи баҳрҳо як чаҳорчӯби асосии қабулшуда дар илми ҷуғрофиёи асримиёнагии ҷаҳони ислом гашт, ки муддати тулонӣ боқӣ монд. Дусад сол пас Ёқути Ҳамавӣ, ки маҳз аз асари зикршудаи Берунӣ фаровон истифода мекунад, тавсифи Беруниро дар бораи баҳрҳо «беҳтарин маълумот дар бораи мавқеи ҷойгиршавии обҳо дар сатҳи маскунии замин» [14, с. 20–21] номидааст. Абулфидо ҳам, пас аз як аср чунин мавқеъгирӣ кардааст [6, с. 251].

Донишманди тоҷик Н. Амиршоҳӣ бо истинод ба навиштаҳои Абдулҳамид Нурӣ ду кашфиёти муҳимтарини Беруниро дар илми ҷуғрофиё зикр кардааст. Якум, фарзияи Берунӣ дар бораи вуҷуд доштани қитъае дар он сӯйи укёнуси Атлантик (баҳри Муҳит), ки баъдан аз ҷониби Х. Колумб кашф ва Амрико номгузорӣ шуд [11]. Дувум, усули росткунҷии устувонаии нақшанигорӣ (харитасозӣ), ки дар бештари адабиёти илмӣ ба нақшанигори фландрӣ Герҳард Меркатор рабт дода мешавад ва дар асл ба Берунӣ тааллуқ дорад. Берунӣ дар воқеъ андешаҳоеро пешниҳод кардааст, ки услуби баробарии азимутии нақшанигориро замина гузоштанд. [8, с. 156; 5, с. 192–193]. Чунин равиши нақшанигорӣ ва нақшаҳои ба чунин шева таҳияшуда ҳоло ҳам дар баҳрнавардӣ истифода мешаванд.

Аммо аз лиҳози арзиши илмӣ дар ҳоли имрӯз андешаҳои аслии худи Берунӣ вобаста ба мавзуъҳои ҷудогонаи илми ҷуғрофиё ҷойгоҳи муҳимтар доранд. Ба қавли донишмандони соҳаи таърихи ҷуғрофиёи ҷаҳон Берунӣ ба масъалаҳое чун чархиши Замин дар тири худ, чун амалкарди манбаъҳои табиӣ дар заминаи қонунҳои ҳидростатикӣ назар карда, комилан дуруст гуфтааст, ки водии дарёи Ҳинд дар гузашта қаъри баҳр будааст, ки тадриҷан бо қабатҳои таҳшинии аллювиалӣ пур шудааст [6, с. 251].

Чунин ба назар мерасад, ки Берунӣ ба ғайр аз шумораи зиёди рисолаҳои нисбатан хурдҳаҷм доир ба ҷуғрофиёи риёзӣ (ба қавли Крачковский) ҳамчунин асарҳое доштааст, ки чуноне ки аз номи онҳо маълум мегардад дар қолаби идомаи услубҳои анъанавии он замон маъмули ҷуғрофиёнависӣ таълиф шудаанд. Масалан, Ёқути Ҳамавӣ аз асари «Тақосиму-л-ақолим»-и Берунӣ хеле фаровон истифода кардааст, ки нусхаи дастнависи муаллиф ва таълифи соли 1031 будааст [14; 3, с. 251]. Осори номбурда то замони мо нарасидаанд, аз ин рӯ, мо дар бораи дидгоҳҳои ҷуғрофии муаллиф танҳо дар асоси асарҳои бузурге хулоса карда метавонем, ки ихтисосан марбути соҳаи ҷуғрофиё нестанд. Комилан баррасӣ кардани тамоми маводи ҷуғрофиёӣ, ки дар осори мазкур дарҷ гаштааст, танҳо дар доираи таҳқиқоти ҷудогона ва махсусе имконпазир хоҳад буд. Замина барои чунин кор то ҷое бо асарҳои монографии Видеман омода шуда буд, аммо он осори Берунӣ, ки аз миёнаҳои асри бистум дастраси илм шудаанд, аз назари Видеман берун мондаанд. Ба қавли И. Ю. Крачковский айни замон танҳо имкон дорад чаҳорчӯба ва хусусиятҳои умумии осори ҷудогонаи Беруниро бо ишора ба нукоти муҳимми онҳо, ки дар рушди илми ҷуғрофиё дар мамолики шарқи мусулмонӣ нақши босазо доштаанд, баррасӣ кунем.

Яке аз нахустин асарҳои бузурги Берунӣ, ки дар миёни ҷомеаи илмии Аврупо шуҳрати бештар дорад, «Осор-ул-боқия анил қуруни-л-ҳония» аст ва он ба ихтисор «Осор-ул-боқия» гуфта мешавад. Ин асарро Берунӣ дар синни 27-солагияш таълиф кардааст ва он ба шарофати хидматҳои донишманди олмонӣ К. Э. Захау дастраси аҳли илм шудааст. И. Ю. Крачковский бар ин назар аст, ки ин асар дар замони нашри китоби ӯ (солҳои 50-уми асри ХХ) ниёз ба нашри такрорӣ дорад, аз ҷумла матни нашркардаи Захау иловаҳои зиёдеро тақозо мекунад. Зеро дастхатҳои тоза кашфшуда, аз ҷумла яке аз онҳо, ки дар ихтиёри Крачковский будааст, имкон медиҳад бисёр норасоиҳое, ки дар матни манобеи истифодакардаи Захау мушоҳада мешаванд, такмил шаванд. Зеро манобеи мазкур асосан осори замонҳои нисбатан нав буданд, дар ҳоле, ки дастхатҳои кунун дастрасшуда марбути асри XIII ҳастанд ва метавонанд, матнҳои нодуруст хондашударо тасҳеҳ кунанд [6, с. 252].

Дар маҷмуъ, «Осор-ул-боқия» як солномаи умумиест, ки дар он давраҳо ва ҷашнҳои барои Берунӣ маълуми мардумон ва пайравони динҳои мухталиф аз қабили румиён, юнониён, форсҳо, суғдиён, хоразмиён, қибтиён, масеҳиён, яҳудиён, арабҳои то ислом ва мусулмонон тавсиф мешаванд.

Манбаъҳое, ки Берунӣ дар таълифи асар истифода кардааст, бисёр гуногунанд: аз як ҷониб рисолаҳои махсусе, ки то имрӯз ҳифз нашудаанд, аз ҷониби дигар анъаноти шифоҳии пурғановате, ки дар баъзе маворид бисёр нодиру арзишманданд. Дар ин маврид танҳо ишора ба ин нукта кофист, ки Берунӣ ҳамчун як мусулмон нахустин касе будааст, ки тавсифи муназзами тақвими яҳудиёнро додааст [1, с. 303; 2, с. 184–193].

Дар соҳаи ҷуғрофиёи риёзӣ на танҳо маводи гирдовардаи Берунӣ, балки усулҳои ба кор бурдаи ӯ низ муҳиманд. Аз ҷумла, ӯ маълумоти зикркардаи худро дар бораи тарҳҳои харитакашӣ батафсил таҳлил мекунад ва мутахассиси имрӯзро водор мекунад эътироф

намояд, ки Берунӣ донишҳои комил ва ҳам андешаронии илмии дараҷаи баланде доштааст [1, с. 6]. Дар ин ҷо ҳам мисли дигар осори Берунӣ иттилооти овардаи ӯ вобаста ба кашфиёту рушди бештари илми муосир аҳаммият ва ҷойгоҳи баландтаре пайдо мекунанд. Аз ҷумла, аз ибтидои асри XX талошҳои зиёде барои омӯзиши таърихи хоразмиёни қадим сурат гирифтанд, ки заминагузори онҳо маълумоти Берунӣ дар бораи забону тақвими хоразмиёни бостон буд, ки бо таҳқиқоту бозёфтҳои илмӣ собит шуда буданд.

Як андешаи донишманди маъруф И. Ю. Крачковский бисёр ҷолиб ва қобили ҷонибдорист, ки мегӯяд, аз ҳамон ибтидои шуруи навиштани асарҳои илмияш ва баъд низ як чизи хос ба Берунӣ мушоҳида мешавад: худшиносӣ ва ифтихори ӯ аз эронитабор (ориёӣ) буданаш [6, с. 252]. Дарвоқеъ унсури миллии эронигароӣ (ориёӣ) зимни баррасии масъалаҳои таърихи фарҳанг дар осори Берунӣ дар дараҷаи аввал гузошта мешавад, арабҳои то ислом ва ҳамчунин, иқдомоти онҳо дар лашкаркашиҳои баъдӣ низ манфӣ тасвир мешаванд [1, с. 259–260].

Дувумин асари Берунӣ тибқи тартиби замонӣ «Таҳдид ниҳоят-ул-амокин ли тасҳеҳ масофоти-л-масокин» («Муайян кардани марзҳои ниҳоии сарзаминҳо барои санҷиши масофаи нуқоти аҳолинишин») марбут ба ҷуғрофиёи астрономист. То кунун аз он ягона дастхатте боқӣ мондааст, ки эҳтимолан ба қалами худи Берунӣ дар соли 1025 тааллуқ дорад ва дар Истамбул нигаҳдорӣ мешавад. Дар муқаддимаи назариявии асар дар бораи муайян кардани арзҳои ҷуғрофиёӣ, фарқиятҳо дар таъини тули ҷуғрофии маконҳои алоҳида ва истифодаи амалии методҳои мавҷуд сухан меравад [6, с. 255].

Ба навиштаи Берунӣ ҷуғрофиёнависони мусулмон зимни таъин кардани масофа се низомро ба кор мебурданд: якум мустақиман аз Батламиюс (Птолемей) пайравӣ мекарданд; дуюм, тибқи методҳои ӯ мушоҳада ва таҳқиқ мекарданд; сеюм, аз хатсайри сафарҳои сайёҳон ва барид (почта) истифода мекарданд. Аз осори Берунӣ мушоҳада мешавад, ки худи ӯ ҳар се воситаро истифода карда, зимни додани маълумот дар бораи сарзаминҳои Эрони Шарқӣ (Хуросон ва Мовароуннаҳр) мушоҳадаҳои шахсиашро ба кор бурдааст [6, с. 256; 2, ]. Ба сабаби он ки Берунӣ замони ҳар мушоҳадаи худро сабт мекард, имкони таҳияи феҳристи замонии муфассали сафарҳои ӯ вуҷуд дорад.

Берунӣ дар асари зикршудааш бисёр одилона мегӯяд, ки ҷуғрофиёнависони мусулмон аз ҳамкасбони юнонии худ дар кори рушди донишҳои ҷуғрофиёиашон бартарии бисёр ҷиддӣ доштанд, яъне густариши фарҳанги мусулмонӣ дар қаламрави густардае аз Андалус дар ғарб то марзҳои Чину Ҳинд дар шарқ ва аз Ҳабашистон дар ҷануб то сарзаминҳои зиндагии славянҳо ва туркон дар шимол як бартарие ба ҷуғрофиёнависони мусулмон медод, то дар ин қаламрави васеъ бигарданд ва донишҳои ҷуғрофиёии худ ва шинохти муҳити атрофи худро беҳтар кунанд [6, с. 256; 2, с. 137–138].

Рисолаи мазкур ҳам мисли аксар осори асримиёнагӣ ба сабаби бахшҳои алоҳида ё ҷузъиёти махсуси он дорои аҳаммият аст. Аз ҷумла, маълумоти Берунӣ дар ин асараш дар бораи таърихи заминшиносӣ (геологӣ)-и Хоразм ба сабаби вусъати дониш ва чунон андешаҳои саршор аз ҷасорат доштааш аҳаммияти хоссе доранд. Таъсири асари мазкур ба дигар донишмандони соҳа, ки чанд аср баъд зистаанд, мушоҳада мешавад. Аз ҷумла, Мақризӣ дар асри XV бо истинод ба ин асари Берунӣ дар бораи кӯшишҳои кандани корез (канал) миёни баҳри Сурх ва баҳри Миёназамин дар давраи қадим маълумот додааст.

Дар фазои илмӣ, аз ҷумла, илми шарқшиносӣ се асари Берунӣ, ки эҳтимолан таълифи онҳо дар як вақт, яъне соли 1030 ба анҷом расидааст, бештар шинохта шудаанд. Машҳуртарини онҳо «ал-Қонуни-л-Масъудӣ фӣ-л-ҳайъа ва-н-нуҷум» («Ҷадвалҳои Масъудӣ доир ба ахтаршиносӣ ва ситораҳо» мебошад. Ба қавли донишмандони маъруф тамоми шуҳрати Берунӣ дар Шарқ маҳз ба ҳамин асар вобаста аст [6, с. 256]. Дар китоб ҳама он чизе, ки олимони тамаддунҳои қаблӣ ва ҳамзамонони муаллиф бо дидгоҳи интиқодии огоҳона ва радди афкор бидуни ғараз ба даст овардаанд, баррасӣ мешавад. «Қонуни Масъудӣ» ба шаклу шеваи «Алмаҷистӣ»-и Батламиюс (Птолемей) таълиф шуда, дар 12 китоб маълумоти умумӣ дар бораи ахтаршиносӣ, тригонометрия, риёзӣ, ҷуғрофиё ва астрологияро фаро гирифтааст. Дар он донишҳои қаблӣ истифода шуда, ҳамзамон, мушоҳадаҳои нав низ вориди он гаштаанд. Аз рӯйи шакл ин асар феҳристи бузурги шаҳрҳо бар асоси арзу тули ҷуғрофӣ ва иқлим аст, чунонки дар рисолаҳои Ал-Хоразмӣ

дида мешавад. Ҷанбаи хоссу фарққунанда ва мустақили асар ироаи тафсилоти бештар дар бораи вилоятҳои шарқии ҷаҳони ислом ва Ҳинд аст. Дар баъзе маълумоти асар навиштаҳои Батламиюс ва Ал-Баттонӣ ба назар мерасанд. Ин асари Берунӣ шуҳрати беназире касб карда, донишмандони ҷуғрофиёнависи баъдӣ (Ибна-л-Қифтӣ, Ёқут, Абулфидо) аз он баҳраи фаровон бурдаанд. Аз ҷумла, ҷуғрофиёнависи маъруф Ёқути Ҳамавӣ гуфтааст: «[«Қонуни Масъудӣ»] нишони ҳама асарҳоеро, ки дар бораи риёзӣ ва ахтаршиносӣ буданд, бишуст» [14, с. 311].

Асари дигари Берунӣ «ат-Тафҳим ли авоил синооти-т-танҷим («Шарҳи асосҳои санъати ситорашиносӣ») мебошад. Аз рӯйи мазмун ва мундариҷа асари мазкур ба номи худ чандон мувофиқат надорад. Яъне, бо вуҷуди он ки номи асар марбути нуҷум (астрология) аст, аз рӯйи маълумоти дохили он мушоҳада мешавад, ки асар як донишнома (энсиклопедия)-и бузургест, ки фарогири маълумоти марбут ба ҳандаса (геометрия), арифметика, ахтаршиносӣ, ҷуғрофиё ва ғ. мебошад.

Дар бахши сеюми асари мазкур, ки ба ахтаршиносӣ бахшида шудааст, матолиби бисёре ба назар мерасанд, ки ба ҷуғрофиё таалluқ доранд. Дар бораи яке аз он матолиб, ки ба мавқеи баҳрҳо дар кураи Замин марбут буд, дар ибтидои мақола сухан гуфта шуд. Матолиби дигар иборат аз шарҳи услуби муайянкунии арзу тули ҷуғрофиёӣ, иқлимҳо, хатти истаиво (экватор), тулуи офтоб, гунбади Замин (ки марбути фарзияи ҳамвор будани замин аст), дигар низомҳои тақсими замин ба башхҳо ба ғайр аз иқлимҳо ва ғ. мебошанд. Қариб тамоми бахшҳои зикршуда дар таҳияи олмонии китоб, ки Видеман анҷом додааст, маълуманд [6, с. 258–259].

Ҳамчунин, баробари чанд боби марбут ба ҷуғрофиё, зербобе бо номи «Дар бораи он ки дар иқлимҳои манотиқи ҷудогона чӣ чизе воқеъ аст» вуҷуд дорад, ки аз ҷадвали машҳури Ал-Фарғонӣ фарқи ҷиддӣ дорад, ҳарчанд марзи иқлимҳо қариб яксонанд.

Ба қавли И. Ю. Крачковский чизи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки бахши тарҷумашуда дар бораи баҳрҳо дар тамоми дастхатҳои маълум харита (нақ-ша)-и давриеро бо худ дорад, ки мавқеи баҳрҳоро нишон медиҳад ва ду аср пас аз таълифи асар аз ҷониби Ёқути Ҳамавӣ таҳия шудааст [6, с. 258]. Яъне, асари мазкурро ба ҳеҳ ваҷҳ наметавон танҳо муқаддимае ба илми астрология (ахтарбинӣ, танҷим) донист. Агар матолиби хос ба илми мазкур рабтдоштаи асарро ба назар гирем, онро як кӯшише барои ҷудо кардани унсурҳои ақлии марбут ба ахтарбинӣ ё астрология шумурдан мумкин аст.

Крачковский И. Ю. аз қавли донишманди маъруфи олмонӣ Краузе масъалаи ба астрология бовар доштан ё надоштани Берунӣ ва астролог будан ё набудани ӯро баррасӣ карда, хулоса мекунад, ки тибқи баъзе ахбори дастрас Берунӣ ба масъалаи толеъбинӣ дар асоси ситораҳо, ки астрология машғули он буд, бо шубҳа ва баъдан ҳатто бо тамасхур менигарист. Аммо хоҳ нохоҳ мебоист мисли ҳар донишманди соҳаи ахтаршиносии он давра ва муҳит астролог дониста мешуд. Яъне, ин ки Берунӣ астрологи дарбори Маҳмуди Ғазнавӣ буд ё на, дақиқ нест, вале дар баъзе мавридҳое, ки мебоист дар чунин нақш бошад, кӯшиш кардааст, унсурҳои ақлии ин бахши илмро дар мадди аввал гузорад, он тавр ки дар «Тафҳим» кардааст [6, с. 258].

Ҷуғрофиёнависи маъруфи асримиёнагӣ Ёқути Ҳамавӣ аз боби зикршудаи асари Берунӣ ва дар маҷмуъ аз тамоми навиштаҳои ӯ бисёр фаровон истифода кардааст. Ахбори овардаи Видеман ин андешаро комилан собит мекунад. Абулфидо низ аз навиштаҳои Берунӣ истифода кардааст. Шуҳрати ин асари Беруниро, ҳамчунин, чанд дастхатти то замони мо боқимонда исбот мекунад. Яке аз онҳоро, ки Р. Райт соли 1934 дар чопи сангӣ омода кардааст, матни забони форсӣ низ дорад ва тахминҳое ҳам гуфта шуданд, ки ҳам шакли арабӣ ва ҳам форсии асар ба қалами худи Берунӣ таалluқ дорад [6, с. 258].

Асар аз рӯйи услуби нигориш ҳам аз дигар рисолаҳои Берунӣ фарқ дорад. Яъне, он дар шакли суолу ҷавоб навишта шудааст, ки ба қавли худи муаллиф «ҳам зебост ва ҳам дарки он осонтар». Ин ҳарфҳои Берунӣ воқеият доранд, маҳз ҳамин асари ӯ донишномаест, ки фарогири тамоми маълумоти илмии замони муаллиф аст. Шуҳрати асар ҳам дар фарқ аз дигар рисолаҳои муаллиф ба сабаби он аст, ки шумораи дастхатҳои он бештар аз ҳама боқӣ мондаанд.

Асаре, ки Беруниро дар ҳавзаҳои илми Аврупо машҳур кардааст, «Таҳқиқ мо лил Ҳинд» аст. Донишманди маъруфи рус В. Р. Розен (1849–1908) тавсифи хубе аз ин асар

кардааст, ки бо гузашти инак беша аз сад сол ҳамоно арзишманд аст. Ҳамчунин, барои вориди ҳавзаҳои илмӣ кардани «Таҳқиқ мо лил Ҳинд» донишманди олмонӣ К. Э. Захау хидмати шоёне кардааст. Ӯ солҳои 80-уми асри XIX дар асоси дастхатти мутааллиқ ба соли 1159, ки дастнависи худи муаллиф дониста мешавад, нусхаи асарро ба забони англисӣ таҳия ба ва ба чоп омода кард. Шакли русии асар соли 1963 дар Тошканд чоп шудааст [3].

Ҳарчанд бахши аввали китоб дар бораи фарҳанги маънавии Ҳинд маълумот медиҳад, дар он маълумоти марбут ба ҷуғрофиё хеле зиёд аст. Хусусан, он дар бораи замин, дарёҳо (рӯдҳо), уқёнус, масоҳати давлатҳо, рӯдҳои Ҳинд ва сарчашмаҳои онҳо маълумоти ҷолибу арзишманд медиҳад. Дар бахшҳои аввали китоб маълумоти марбут ба мардумшиносӣ (этнология) ва дар бобҳои асосии он дар бораи афкору эътиқодоти мардуми Ҳинд ҳам мавҷуд аст [3, с. 64, 195].

Ба андеши И. Ю. Крачковский арзиши вижа доштани китоб маҳз дар он ифода меёбад, ки асар дар баробари доштани ҳаҷми бузурги маълумоти ҷуғрофиёӣ фарогирандаи ахбори арзишманд дар бораи тасаввуроти ҷуғрофиёӣ ва кайҳоншиносии ҳиндиён аст. Яъне, маҳз ин асар бисёр ҷанбаҳои илми ҷуғрофиё ва дар умум илмро дар миёни мусулмонон барои мо возеҳ месозад. Услуби навишти тамоми бобҳо қариб яксон аст. Дар ҳар кадоми онҳо Берунӣ пас аз ибрози мулоҳизоти умумии худ аз шумори зиёди муаллифону нависандагони ҳиндӣ иқтибос меорад, масоилеро, ки онҳо тавзеҳ додаанд, навиштаҳои донишмандони мусулмон, юнониёни қадим, эрониёни қадим муқоиса карда, андешаи аслии худашро дар ин маврид баён мекунад. Бидуни тардид, арзиши ин гуна асар ва навиштаҳо ба чунин шеваи нигориш чунон баланд аст, ки қобили қиёс бо дигар таълифот ҳам нест [6, с. 259].

Ду асари дигари маъруфи Берунӣ марбут ба даҳсолаи охири зиндагиаш ва замони ҳукумати султон Мавдуди Ғазнавӣ (1041–1048) мебошанд. Яке аз онҳо «Китоб-ул-ҷамоҳир фӣ маърифати-л-ҷавоҳир» ба филизоту маъданҳои гаронарзиш бахшида шуда, тавсифи 50 номгӯйи онҳоро дар боби алоҳида фаро мегирад. Бе ироаи тафсилоти дигар дар бораи ин асар, ёдовар мешавем, ки аз осори ҷуғрофиёии асримиёнагӣ Берунӣ рисолаҳои мактаби классикии ҷуғрофиёнависӣ ва Ҷайҳониро истифода кардааст. Маводу ахбори марбут ба ҷуғрофиё дар асари зикршуда бисёр фаровон аст, аммо дарёфту истифодаи онҳо каме ба душворӣ даст медиҳад. Зеро барои ин кор бобҳои ҷудогона ё бахшҳои асарро батафсил мутолиа карда, маҳз он вақт аз миёни дигар маълумоти тавсифӣ дар бораи маъданҳову филизот ахбори ҷуғрофиёиро берун овардан ва истифода кардан мумкин аст.

Охирин асари Берунӣ аз рӯйи замони нашр «Китоб-ус-сайдана фӣ-т-тиб» дар бораи рустаниҳои шифоӣ аст. Дар бораи ин асари Берунӣ то имрӯз мақолаву таҳқиқоти бисёре таълиф шудааст, ки ин ҷо ниёз ба руҷуи муфассал ба онҳо надорем. Танҳо зикри ин нукта муҳим аст, ки ин асари Берунӣ ҳам маълумоти марбут ба ҷуғрофиё дорад, аз ҷумла аз ахбори он макони рӯидани баъзе гиёҳҳо мушаххас карда мешавад.

Дар маҷмуъ, маълумоте, ки Берунӣ вобаста ба ҷуғрофиё овардааст, барои ҷуғрофиёнависони баъдӣ маълум буд, ҳатто болотар ишора рафт, ки ҷуғрофиёнависони маъруфе чун Ёқути Ҳамавӣ, Абулфидо ва Мақризӣ аз навиштаҳои Берунӣ фаровон истифода кардаанд [14; 4]. Аммо баъзе дастовардҳои муҳимми ҳам назарӣ ва ҳам амалии ӯ идомадиҳандаи худро пайдо накарданд ва ҳамин тариқ илм аз баҳрабардорӣ аз онҳо маҳрум шуд. Аз ҷумла, нақша (харита)-ҳое, ки Берунӣ дар асоси тарҳҳои ҳандасӣ таҳия кардааст, чанд дастоварди дигари ӯ мавриди корбурд ва такмил қарор нагирифтанд. Ҳатто дар Аврупои асримиёнагӣ ва замони Эҳё, ки дастовардҳои илми Шарқ фаровон истифода шуданд, аз осори Берунӣ чизе маълум набуд ва ё ба шеваи бисёр тира ва таҳрифшудае маълум буд. Осори Берунӣ ва дастовардҳои илмии ӯ аз асри XIX, аз замоне шуҳрат пайдо карданд, ки донишмандони аврупоӣ ба таври ҷиддӣ ба омӯзиши мероси ин олими барҷастаи Шарқ шуруъ карданд ва дар навиштаҳои ӯ кашфиёти муҳимми илмиро дарёфтанд.

Аз баррасии матолиби зикршуда метавон ба ин натиҷа расид, ки Берунӣ дар таҳқиқи масъалаҳои ҷуғрофиёӣ аз осори юнониён, аз ҷумла Батламиюс фаровон баҳра бурда, ҳамзамон кашфиёти наве дар баъзе аз масъалаҳои ҷузъитари ин илм кардааст, ки воқеан

барои рушди минбаъдии ҷанбаҳои назариявии харитасозӣ ва муайянсозии арзу тули ҷуғрофиёии маҳалҳои мушаххас нақши арзишманд доранд.

**Муқарриз: Камолов Х.Ш. – д.и.т., профессори ИТБМ ба номи А.Дониши АМИТ**

## АДАБИЁТ


1. Абурейхан Бируни. Избранные произведения. – Ташкент: Издательство Академии наук Узбекской ССР, 1957. -Том 1. –522 с.
2. Абурейхан Бируни. Избранные произведения. - Ташкент: Фан, 1973. -Том V. -Ч. 1. –650 с.
3. Абу Рейхан Бируни. Избранные произведения. Том 2: Индия. Пер. А. Б. Халидова, Ю. Н. Завадовского, комм. А. Б. Халидова, В. Г. Эрмана. – Ташкент: Академия наук Узбекской ССР, 1963. – 728 с.
4. Абулфидо Имодуддин Исмоил ибни Нуруддини Аюбӣ. Тақвим-ул-булдон. Тарҷумаи Абдул Муҳаммад Оятӣ. -Теҳрон, 1347 ҳ. ш., –910 с.
5. Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим. -Душанбе, 2007,
6. Крачковский И. Ю. Избранные сочинения, том 4, Арабская географическая литература / И. Ю.Крачковский. - М., 1957 – 928 с.
7. Komili A. Indian Mathematics of Abu Reyhan Biruni // Biruni International Conference The 965th Demise Anniversary of the Great Scholar of Iran and World Abu Rayhan Biruni. Senate House Hall, University of Dhaka. February 05-06, 2014. – P. 14-16.
8. Kamiar, M. (2008). Brilliant Biruni: A Life Story of Abu Rayhan Mohammad Ibn Ahmad. Scarecrow Press. p. 156. ISBN 9780810862449.
9. Quatremère E. M., Mélanges d'histoire et de philologie orientale. Paris, 1861, 45 pp.
10. Nasr S. H. An introduction to Islamic cosmological doctrines: conceptions of nature and methods used for its study by the Ikhwān al-Ṣafāʾ, al-Bīrūnī, and Ibn Sīnā, 2nd edition, Revised. SUNY Press, 1993. P. 111.
11. Starr, S. Frederick (12 December 2013). "So, Who Did Discover America? / History Today". History Today. Retrieved 2018-07-06.
12. George Sarton. Introduction to the history of science. v.1, from Homer to Omar Khayyam. Carnegie institution of Washington, 1927. -–858 pp.]
13. Ён Ҷин Ан, Джураев Зухриддин. Краткое изложение: вклад аль-Бируни в географию // Экспериментальные и теоретические исследования в современной науке. Сборник статей по материалам XCI международной научно-практической конференции. -№ 7 (83) Июль 2023 г. –С. 10–25. ISSN 2587-9189.
14. Ёқути Ҳамавии Бағдодӣ. Тарҷумаи «Муъҷам-ул-булдон». Китобхонаи онлайнии Tarikheslam.com@gmail.com. Ҷилди 1 –1064 с. - Ҷилди 2 –990 с.


## ДОНИШҲОИ ҶУҒРОФИЁИИ БЕРУНӢ ВА НАҚШИ УСУЛҲОИ ТАҲҚИҚИИ Ӯ ДАР РУШДИ ИЛМИ ҶУҒРОФИЁ


Дар бораи зиндагӣ ва осори яке аз бузургтарин донишмандони Шарқ – Абурайҳони Берунӣ (973–1048) то кунун таҳқиқоти зиёде анҷом дода шуда, рисолаву мақолаҳои бисёр таълиф ва ба нашр расидаанд. Аммо ин пажуҳиш дар чаҳорчӯбаи мақолаи илмӣ ба масоили донишҳои ҷуғрофиёӣ ва саҳми Абурайҳон Берунӣ дар рушди илми ҷуғрофиё бахшида шудааст. Муаллифон назари донишмандони ватаниву хориҷӣ, ки шахсият ва осори Беруниро таҳқиқ кардаанд, баррасӣ карда, хидматҳои шоистаи ӯро дар рушди илмҳои замон ёдовар шудаанд. Дар мақола таъкид гардидааст, ки Берунӣ на танҳо донишманди илми ҷуғрофиё, балки олими тамоми илмҳои замони худ буда, дар рушди илмҳои риёзӣ-табиӣ ва таърихӣ (ҷомеашиносӣ) саҳми бузург доштааст. Метавон гуфт, ки шуруи қарни ёздаҳум барои илм дар Шарқ маҳз ба сабаби ҳузури ӯ бисёр зебо ва рамзӣ сурат гирифтааст. Таҳқиқи осори Берунӣ шаҳодат медиҳад, ки донишҳои ҷуғрофии Берунӣ дар радифи дигар илмҳо фаротар ва хеле густарда аст. Ин андеша дар асарҳои ӯ – «Осор-ул-боқия» ва «Таҳқиқ мо ли-л-Ҳинд» исбот гардидаанд. Хусусан, маълумоти ӯ дар бораи кадом маконҳоро фаро гирифтани оби баҳру уқёнусҳо дар рӯйи Замин воқеан кашфиётест, ки то замони зиндагиаш дар осори дигари ҷуғрофиёӣ дида намешавад. Донишҳои ҷуғрофиёии Берунӣ бо сабку услуби хосси нигориш аз ҷуғрофиёнигорони қаблӣ ва баъдӣ тафовут дорад. Таҳлилҳо нишон дод, ки донишҳои ҷуғрофиёии Берунӣ барои ҷуғрофиёнигорони баъдӣ ҳамчун манбаи муҳим ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтаанд.



**Калидвожаҳо:** Абурайҳон Берунӣ, ҷуғрофиё, таҳқиқ, арзу тӯл, сарзамин, баҳр, дарё.


## ГЕОГРАФИЧЕСКИЕ ЗНАНИЯ БИРУНИ И ЗНАЧЕНИЯ ЕГО МЕТОДОВ ИССЛЕДОВАНИЯ В РАЗВИТИИ ГЕОГРАФИЧЕСКОЙ НАУКИ


О жизни и деятельности одного из крупнейших ученых Востока Абу Рейхана Бируни (973–1048) до наших дней было проведено множество исследований, написано и опубликовано много книг и статей. В рамках исследовательской статьи авторы попытались проанализировать и обсудить географические знания и роль методов, использованных Абу Рейханом Бируни в развитии географической науки. Авторы, обсуждая взгляды отечественных и зарубежных учёных, исследовавших биографию и творчество Беруни, отметили его заслуги в развитии современной науки. В статье подчеркивается, что Беруни был не только знатоком географии, но и хорошо знал все науки своего времени, и внес большой вклад в развитие математико-естественных и исторических (общественных) наук. Можно сказать, что начало одиннадцатого века было плодотворным и символичным для науки Востока именно благодаря его присутствию. Изучение трудов Беруни показывает, что географические

знания Беруни были обширными наряду с другими сферами науки. Эта оценка подтверждается его произведениями – «Асар-уль-Бакия» и «Тахкик ма лиль-Хинд». В частности, его сведения о тех частях Земли, которые покрыты морями и океанами, являются действительно открытием, которого не наблюдаем в других географических трудах до его эпохи. Географические знания Беруни отличаются особым стилем научного мышления от сочинений предшествующих и более поздних географов. Анализ рассмотренного материала показал, что географические знания Беруни широко использовались в качестве важного научного источника со стороны поздних географов в сочинении научных трудов.

**Ключевые слова:** география, исследования, широта, долгота, земля, море, река.

**GEOGRAPHICAL KNOWLEDGES OF BIRUNI AND THE ROLE OF HIS RESEARCH METHODS IN THE DEVELOPMENT OF THE SCIENCE OF GEOGRAPHY**

About the life and works of one of the greatest scholars of the East - Abu Rayhan Biruni (973-1048), many researches have been carried out and many theses and articles have been written and published. The authors tried to analyze and discuss the geographical knowledge and the role of the methods used by Aburaykhan Biruni in the development of the science of geography within the framework of the research article. The authors, discussing the views of domestic and foreign scientists who studied the biography and work of Biruni, noted his merits in the development of modern science. The article emphasizes that Biruni was not only an expert in geography, but also knew well all the sciences of his time, and made a great contribution to the development of mathematical, natural and historical (social) sciences. We can say that the beginning of the eleventh century was very fruitful and symbolic for the science of the East precisely because of his presence. A study of Biruni's works shows that Biruni's geographical knowledge was extensive, along with other areas of science. This assessment is confirmed when paying attention to his works - “Asar-ul-Bakiya” and “Tahqiq ma lil-Hind”. In particular, his information about those parts of the Earth that are covered by seas and oceans is truly a discovery that we do not see in other geographical works before his era. Biruni's geographical knowledge differs in a special style of scientific thinking from the writings of previous and later geographers. Analysis of the material considered showed that Biruni's geographical knowledge was widely used as an important scientific source by later geographers in the composition of scientific works.

**Keywords:** geography, research, latitude, longitude, land, sea, river.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Сафарзода Некруз Шодӣ* -** Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ, номзади илмҳои таърих, ходими калони илмӣ, шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нав. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 7. Телефон**: (+992) 985880810**. E-mail**: nekruz_tj@mail.ru**
***Умаров Абдуллохоҷа Қурбонхоҷаевич*** –Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент, кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **981059889**. E-mail: **abdullo1189@mail.ru**

**Сведения об авторах**: ***Сафарзода Некруз Шоди*** – Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана, кандидат исторических наук, старший научный сотрудник, отдел древней, средневековой и новой истории. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, улица академиков Раджабовых, 7. Телефон: **(+992) 985880810**. E-mail: **nekruz_tj@mail.ru**
***Умаров Абдуллоходжа Курбанходжаевич*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кандидат исторических наук, доцент, кафедра истории таджикского народа. **Адрес:** 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. Телефон: **981059889**. E-mail: **abdullo1189@mail.ru**

**Information about the authors**: ***Safarzoda Nekruz Shodi*** – Institute of History, Archeology and Ethnography named after. A. Donish National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Historical Sciences, Senior Researcher of the Department of Ancient, Medieval and Modern History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Academicians Radjabov street, 7 Phone**: (+992) 985880810**. E-mail: **nekruz_tj@mail.ru**
***Umarov Abdullokhodzha Kurbankhodzhaevich* -** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Department of History of the Tajik People. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 121. Phone: **981059889.** E-mail: **abdullo1189@mail.ru**

ТДУ:1+291.1(575.3)

# ҲАМЗИСТИИ ФАРҲАНГИ ДУНЯВӢ ВА ДИНӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

*Абдухалилзода К.А.*
**Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино**

Агарчанде баъзе муҳаққиқон дунявият ва динро арзишҳои хилофи ҳамдигар ба қалам дода, онҳоро ба ҳам муқобил мегузоранд [1, с.132; 2], лекин таҷрибаи таърихии Тоҷикистон дар даврони истиқлол амалан исбот намуд, ки ба ҳам муқобилгузории онҳо орӣ аз асосҳои илмӣ буда, ба ягон навъи танқид тобовар нест. Чунин муҳаққиқон дунявият ва динро чун низом ва ниҳоди комилан шахшудамонда арзёбӣ намуда, усулҳои диалектикии таҳқиқро сарфи назар менамоянд. Онҳо дарк намекунанд, ки мафҳумҳо ифодакунандаи робита ва муносибатҳои муҳим ва зарурии ҳаёти ҷамъиятӣ буда, бо тағйирёбии муҳити зист ё татбиқи ду унсури фавқуззикр мафҳумҳо низ аз лиҳози мундариҷа тағйир меёбанд. Аз ин ҷо мантиқан чунин бардошт ҳосил мегардад, ки ду мафҳуми зикршударо ҳамчун мафҳумҳои шахшудамонда набояд баррасӣ намуд. Ба таври мисол, агар диндории мардуми имрӯзаро бо диндории мардуми ҷомеаи ибтидоӣ муқоиса намоем, мебинем, ки байни онҳо тафовути зиёд вуҷуд дорад. Ин тафовутҳо маҳсули муҳитҳои мухталифи ҳастии дин маҳсуб меёбанд. Ба ҳамин монанд шароитҳои амалӣ гардидани асл ё низоми дунявият низ мухталиф мебошанд. Агар дар як муҳит дар зери мафҳуми дунявият ҳамзистии мусолиматомези адёни мухталиф фаҳмида шавад, дар муҳити дигар ҷудоии дин аз давлат фаҳмида мешавад. Ба ҳамин монанд муҳити хосси ҳамзистии онҳоро на ҳамчун муҳите, ки ду унсур ҳамдигарро истисно мекунанд, балки муҳите, ки ин унсурҳо ҳамдигарро дар назар доранд, бояд арзёбӣ намуд. Бидуни тардид муҳити Тоҷикистон ба чунин муҳити хос дохил мешавад. Аммо ин муҳит худ ба худ пайдо нашудааст. Ин муҳит аз тарафи шахси дурандеш, ақлгаро, ватандӯст, ғамхори воқеии миллат Эмомалӣ Раҳмон эҷод гардид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон вазъи бавуҷудомадаро амиқ ва ҳаматарафа таҳлил намуда, ягона роҳи дурустро барои ояндаи миллат дар ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ диданд. Вазъияти бавуҷудомадаро Пешвои миллат дертар дар асарашон «Уфуқҳои истиқлол» ба таври зер тавсиф намудаанд: «Дар он рӯзҳо, ки мо ба тозагӣ аз зери идеологияи мутлақгаро озод шуда будем, доираҳои муайяни хориҷӣ бесуботии сиёсию идеологии ҷомеаро пайти муносиб дониста, мехостанд ҷомеаи моро ба зери идеологияи дигар даровarда, сохти дилхоҳи давлатии худро дар Тоҷикистон бунёд созанд. Баъзе неруҳои аз назари сиёсӣ бетаҷрибаи дохилӣ зери таъсири ғояҳои онҳо сохтани як давлати идеологии дигарро саросемавор дастгирӣ намуданд. Аммо онҳо ин воқеиятро ба эътибор нагирифтанд, ки низоми сиёсию идеологии дарназардоштаашон ба воқеияти Тоҷикистони пасошуравӣ, ба сатҳу тарзи тафаккури мардуми кишвар ва ба хусусиятҳои равандҳои сиёсию геополитикии минтақа созгор нест. Агар Тоҷикистон ба ин варта фурӯ мерафт, мо ҳаргиз аз гирдоби ихтилофоти ақидавии дохилӣ ва низоъҳои беохир бо кишварҳои ҳамсоя ва ҷаҳони хориҷ берун намеомадем. Аз ин рӯ, интихоби тарзи давлатдории дунявӣ интихоби дуруст, огоҳона ва ҷиддии ҷомеаи Тоҷикистон дар он рӯзҳои мушкил буд» [5, с.15,16].

Воқеан ҳам, баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, ки аҳли ҷомеаро дар руҳияи идеологияи марксистӣ тарбия менамуд, дар Тоҷикистон неруҳои дингаро дар зери таъсири неруҳои муайяни манфиатҷӯйи хориҷӣ қувват гирифтанд. Тез неру гирифтани қишрҳои дингаро ба сабаби он буд, ки дини ислом дар байни аҳли ҷомеа, ки ҳамагӣ мусулмон буданд, таъсиру нуфузи қавӣ дошт. Аз диндории мардуму тағйирёбии вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳам неруҳои хориҷӣ ва ҳам қишрҳои дингаро хеле хуб истифода бурданӣ шуданд. Аз ин рӯ, қишри мутаассиби ҷомеа бо дастгирии неруҳои ифротии хориҷӣ ба майдони сиёсат ворид шуда, барпо намунани низоми диниро дар кишвар ҳадафи хеш қарор доданд. Дар ин росто неруҳои солимфикру ақлгаро низ ба майдони

мубориза ворид гардида, аз арзишҳои дунявии хеш дифоъ намуданд. Вазъияти баамаломада хеле мушкил ва мураккаб буд. Барои пешгирии парокандашавии миллат, пойдории сулҳу субот, ҳифзи якпорчагии кишвар, ваҳдати миллӣ, ояндаи дурахшони миллат ба инобат гирифтани орзую ормонҳои маънавии тамоми қишрҳои ҷомеа зарур ва ҳатмӣ буд. Бар дӯши Пешвои миллат вазифаи воқеан ҳам хеле мушкил ва масъулияттталаб вогузор шуда буд. Роҳе бояд интихоб мегардид, ки тамоми қишрҳои ҷомеаро муттаҳид менамуд. Роҳи бар асоси таълимоти динӣ муқаррааргардида ҷомеаро ба ҳадафҳои стратегияш бурда намерасонид. Зеро зиёиёни равшанфикри ҷомеа нағз медонистанд, ки барои роҳи зикршуда назарияи рушди иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангӣ бегона аст. Табиати ин роҳ пешрафту тараққиро намепазирад. Сониян, роҳи зикршуда, пеш аз ҳама, манфиатҳои мардуми озодфикру ақлгаро ва дунявимаобро сарфи назар менамуд. Солисан, зимни пешбурди ҷомеа тибқи таълимоти динӣ пешвоёни дин қодир набуданд, ки бо дарназардошти талаботҳои иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи муосир рушди ҷомеаро ба роҳ монанд. Ахиран, таҷрибаи баъзе кишварҳои мусулмоннишин амалан нишон медод, ки дар садаи XXI зиста, арзишу меъёрҳои асримиёнагиро роҳнамои хеш қарор додан хатои бузург буда, оқибат бо пушаймонӣ анҷом хоҳад ёфту насли имрӯза дар назди наслҳои минбаъда абадан гунаҳгор хоҳад монд. Аз ин рӯ, ягона роҳи дуруст роҳи бунёди ҷомеаи дунявӣ буд. Муҳиммият ва зарурати ин роҳро дарк намуда, аллакай дар Сессияи XVI Шурои Олӣ сарвари кишвар таъкид карда буданд: «Шахсан ман тарафдори давлати дунявиям!». Ҳамин тариқ, маҳз бо ташаббус ва нишондодҳои оқилона ва дурандешонаи Пешвои миллат ҷомеаи тоҷик роҳи давлатдории дунявиро пеш гирифт ва таърихи 30-соли сипаригардида ба таври возеҳ собит намуд, ки дар ин самт вай роҳи ҳақиқатан ҳам созанда, муросособоз, бунёдкорона ва ободкориро интихоб намудааст. Афзалияти роҳи интихобшудаоро Пешвои миллат хеле равшан ва оммафаҳм ба таври зер баён намудааст: «Бартарии низоми дунявии давлатдорӣ дар он аст, ки дунявият дар муқобили ҳеҷ мафкураи дигар қарор намегирад ва ихтилофи идеологиро ба вуҷуд намеоварад. Ба таври дигар, дунявият як шароит буда, аз як тараф, баробарӣ ва фаъолияти баробару яксони мафкураҳои гуногунро дар назди қонун кафолат медиҳад, аз ҷониби дигар, имкон намедиҳад, ки як мафкура худро идеологияи давлатӣ эълон карда, пайравони мафкураҳои дигарро зери фишор қарор диҳад. Ин моҳияти низоми дунявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар банди ҳаштуми Конститутсияи кишварамон сабт шудааст» [5, с.16]. Воқеан ҳам, дунявият дар доираи қонунҳои қабулшуда ба тамоми мафкураҳо имконияти баробари рушд ва нумуро фароҳам оварда, бо ин роҳ пеши роҳи ҳама гуна ихтилофоти идеявиро мегирад ва ҳамин тавр, фазои сулҳу оромиро дар ҷомеа таъмин менамояд. Ба қавли дигар, дар фазои дунявӣ ҳама гуна ниҳод ё иттиҳодия маҳз ба иҷрои рисолати хеш машғул гардида, аз доираи он берун намебарояд.

Ҷанбаи муҳимми низоми дунявӣ, чуноне ки Сарвари кишвар таъкид намудаанд, дар он ифода меёбад, ки «муносибати давлат бо иттиҳодияҳои динӣ дар асоси принсипҳои ҷудо будани ташкилотҳои динӣ аз давлат, ба корҳои давлат мудохила накардани ташкилотҳои динӣ, озодии фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дар доираи қонунгузориҳои ҷорӣ» [5, с.318] ба роҳ монда мешаванд. Аз талаботи мазкур набояд чунин бардошт намуд, ки дин ба давлат ё давлат ба дин муқобил гузошта шуда бошанд. Онҳо муқобил нестанд, онҳо танҳо бояд тибқи вазифа, таъинот ва мақоми худ фаъолият намоянд. Давлат ташкилоти сиёсиест, ки идоракунии ҷомеаро дар қаламрави муайян ба уҳда дорад. Барои дуруст идора намудани ҷомеа давлат вазифадор мегардад, ки фаъолияти тамоми ниҳодҳоро дар ҳудуди кишвари муайян ба танзим дарорад. Чун дин ниҳодест, ки ҳадафи асосии он ибодати Худост, пас бояд маҳз ҳамин ҳадафро пайгирӣ намояд. Чун ҳадафи дин ва ҳадафи давлат аз ҳам ҷудо мебошанд, пас дин ва ташкилотҳои динӣ набояд ба корҳои давлат дахолат намоянд. Зеро фаъолияти давлат ҷанбаҳои иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангию иҷтимоии хосеро шомил мебошад, ки онҳо бо тағйирёбию пешрафти ҷомеа тағйир хоҳанд ёфт. Дар ҳолате, ки дин бо таълимоти худ хусусияти тағйирнопазир ва устувор дошта, ҷавобгӯйи навгониҳои сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии замони нав нест. Аз ин рӯ, ҷудо будани ташкилотҳои динӣ аз давлат барои ҳарду ниҳод як амри ногузир ва муфид буда, кафили ҳамкориҳои самарабахши онҳо маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, талаботи «озодии фаъолияти ташкилотҳои динӣ дар доираи қонунгузории ҷорӣ» низ ба хотири монеа эҷод

намудан ба воридшавии ҳама гуна андеша ва афкори ифротӣ ба давлат ё пешгирӣ намудани фаъолияти ташкилотҳои ифротии динӣ ироа гардидааст. Яъне, ин ҷо низ мақсади давлат ҳифзи арзишҳои пок ва созандаи динӣ аз таъсири андешаҳо, таълимот ва ғояҳои ифротии ташкилотҳои хатаровари динсурат мебошад, ки ҳадафашон коштани тухми тафриқаю низоъ дар байни аҳли ҷомеа аст. Аз ин нуқтаи назар, талаботи мазкур низ барои ҳифзи дину арзишҳои динӣ нигаронида шудааст.

Чи хеле ки дида мешавад, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳеро барои ҷомеа интихоб намуд, ки дар он ҳам фарҳанги дунявӣ ва ҳам фарҳанги динӣ муросокорона фаъолият менамоянд ва барои рушду фаъолияти озодонаи якдигар мусоидат менамоянд. Аз ин нуқтаи назар, бояд эътироф намуд, ки ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ, ки дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар давраи истиқлолият амалӣ гардид, аз нодиртарин падидаҳои таърихии башарият маҳсуб меёбад, ки архитектори бевоситаи он Пешвои миллат маҳсуб меёбад. Ҳамин ғамхории Пешвои миллат ва дурандешии ӯ сабаб гардид, ки имрӯз дар кишвар фазои сулҳу оромӣ ҳукмрон аст ва намояндагони тамоми миллатҳо ва мазҳабҳо бародаронаю дӯстона умр ба сар мебаранд. Зеро роҳе, ки Пешвои миллат нишон дод, роҳи сулҳу дӯстӣ, бародарию баробарӣ ва ҳамзистии арзишу фарҳангҳои мухталиф буд. Ин роҳ, бешак, аз замири қалби Пешвои миллат, аз табиати пурмеҳри инсондӯстонаю фарҳангмаобонаи Пешвои миллат маншаъ мегирад. Муҳаққиқони фаъолияти созандагии Пешвои миллат дуруст қайд менамоянд: «Нияти ӯ, мароми ӯ нек буд, ки ҳама ба некӣ анҷомид. Ӯ мисли як ситораи бахт, як рӯшноии фараҳбахш аз миёни мушкилию монеаҳо, торикию зулмот на танҳо солим гузашт, балки бо ғами халқ, фикри мардум ва умеди наҷоти миллат шарик ва ҳамдастон шуда, аз руҳи ниёгони миллат ғизо гирифта, бо нияти неки худ аз мадади Худованд баҳраманд шуда, мисли офтоб зимистони қаҳратуни миллатро ба баҳори сарсабз табдил дод» [4, с.51]. Муҳаққиқон воқеан ҳам хеле дуруст қайд намуданд, ки чун ниятҳои Пешвои миллат нек буданд ва барои ифодаи манфиатҳои мардум нигаронида шуда буданд, аз ин рӯ, ҳамаи онҳо ба некӣ анҷом ёфта, амалӣ гардиданд. Онҳо воқеъбинона хеле бамаврид таъкид намуданд, ки Пешвои миллат аз руҳи ниёгони миллат ғизо гирифта, тамоми кӯшишу ғайрат ва ҳастии худро баҳри наҷоти миллат сафарбар намуд. Ҳамин роҳи наҷот барои миллат ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ буд, ки имрӯз дар ҷомеаи муосири тоҷик баъд аз ба даст овардани истиқлолият шоҳиди он ҳастем.

Пешвои миллат роҳи наҷоти миллатро дар низоми дунявӣ дида, яке аз вазифаҳои низоми дунявиро ҳифзи дин ва арзишҳои динӣ донистанд. Ҳамин ҳадафи дурандешона ва оқилона ва ҳамин нияти пок ва эҳтиром ба арзишҳои динӣ асос гардиданд, ки Пешвои миллат Пайғамбари исломро «Бузургтарин марди ҷаҳон ва паёмбари дини барҳақ» [7, с.129] номиданд. Худи ҳамин тавсифи Пайғамбар аз тарафи Пешвои миллат нишони эҳтироми бузурги ӯ ба дини ислом аст. Муносибати эҳтиромонаи Пешвои миллат нисбати Пайғамбари ислом дар мақолаи ба пайғамбари ислом бахшидааш, махсусан дар андешаҳои зерини ӯ хеле барҷаста ифода ёфтаанд: «Таълимоти ислом саршори ғояҳои баробарӣ, бародарӣ, адолати иҷтимоӣ буда, аз миён бурдани тафриқаи нажодӣ, имтиёзҳои табақавӣ, мансубияти миллию маҳаллӣ ва ҳама гуна нобаробариҳои ҷомеаро пеш мегузошт ва табиист, ки дар атрофи Паёмбар (с) Салмони Порсӣ барин солимфикрону хирадмандони адолатпарварро гирд меовард» [7, с.131]. Чи хеле ки аз баҳогузорӣ ва нигоҳи мусбии Пешвои миллат маълум мегардад, вай ба табиати адолатпарваронаи таълимоти ислом боварӣ дошт ва бад-ин сабаб аз он пуштибонӣ намудааст.

Муносибати некбинона ва хайрхоҳонаи Пешвои миллат ба дини ислом зимни таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти Имоми Аъзам-пешвои ҳанафимазҳабони ҷаҳон низ ифода ёфтааст. Пешвои миллат барҳақ таъкид намудаанд, ки «Корномаи ин шахсияти бузург ва нобиғаи асил дар дунёи илму маонӣ то ба ҳанӯз асрори зиёди нокушуда дорад, ки пажуҳиши доманадорро тақозо менамояд. То имрӯз сари мавзуи ватани аҷдодӣ ва насабу куняи ӯ баҳсу мунозираҳо идома доранд. Аммо таъкиди ин ҳақиқат бамаврид аст, ки аксари муаллифони пешин ва муҳаққиқони муосир эътироф намудаанд, ки Имоми Аъзам бидуни шакку шубҳа аслан тоҷике аз сарзамини тамаддунхези Хуросони Бузург, саҳеҳтар гӯем, аз шарқи ин хиттаи бузург будааст, ки дар он ҷо аҷдодони асили тоҷикон зиндагӣ доштанд ва фарҳанги пурбори ҷаҳоншумулро эҷод намуданд» [7, с.158].

Ҳамин тариқ, хусусияти асосии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон маҳз дар сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифода меёбад. Яъне, бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва ҳимоя аз дину арзишҳои динӣ шоҳсутуни ҷомеаи Тоҷикистонро ташкил менамояд. Ва дар заминаи хусусияти баёнгардида хусусияти дигари ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз худ дарак медиҳад. Ин хусусият модели нави ҷомеаи дунявист. Ин модел дар заминаи ба инобат гирифтани дину диндории мардуми кишвар ба миён омадааст. Агар дар моделҳои дигари ҷомеаҳои дунявӣ дунявият, дин ва арзишҳои диниро маҳдуд намоянд ва ё онҳоро инкор намоянд, модели тоҷикии ҷомеаи дунявӣ барои дин ва арзишҳои динӣ шароити мусоиди татбиқ муҳайё менамояд. Яъне, дунявияти ҷомеаи тоҷик диниятро инкор не, балки дар назар дорад. Ба қавли дигар, дунявияти ҷомеаи тоҷик бидуни динияти арзи вуҷуд карда наметавонад. Инкор намудани динияти ва ё бидуни динияти арзи вуҷуд намудани дунявият маънои ба инобат нагирифтан ё инкор намудани дини мардуми кишварро дар назар дорад, ки ин имконнопазир аст. Ҳамин навъи зуҳури модели дунявиятро дар шакли зуҳури динияти дар шароити ҷомеаи тоҷик дар далелҳои зерин мушоҳида менамоем:

1.Сардори давлат ҳар сол дар моҳҳои идҳои Рамазон ва Қурбон мардуми мусулмони кишварро бо фарорасии идашон пайваста табрик менамояд ва барои онҳо орзуҳои некро таманно менамояд. Аз ҷумла, дар Паёми имсолаи Пешвои миллат ба муносибати моҳи Рамазон омадааст: «Ҳамватанони азиз! Ҳамаи шуморо ба муносибати моҳи шарифи Рамазон, ки фардо фаро мерасад, самимона табрик гуфта, ба ҳар хонадони кишвар файзу баракат, рӯзгори ободу осуда ва сулҳу оромӣ орзу менамоям. Дар ин моҳи муборак, баробари ба ҷо овардани фаризаву суннатҳои динӣ, иҷрои амалҳои солеҳ, аз ҷумла хайру эҳсон ва дастгириву навозиши ятимону маъюбон ва камбизоатҳову муҳтоҷон аз сифатҳои шоиставу башардӯстонаи ҳар як мусулмони савобҷӯ мебошанд… Ба ҳамватанони азиз муроҷиат карда, боз як нуктаи муҳимми дигарро хотирнишон месозам, ки дар раванди анҷом додани фаризаҳои динӣ мо бояд ба одоби масҷидравӣ низ диққат диҳем. Масҷид ҷойи тоату ибодат ва макони тарбияи руҳиву маънавии мардуми мусулмон аст. Худованд дар сураи «Ҷумъа»-и Қуръони маҷид доир ба одоби масҷид чунин мефармояд: –«Ва чун намоз поён ёфт (аз пайи ризқу рӯзӣ), дар замин пароканда шавед ва ризқи Худоро талаб кунед…». Аз ин бармеояд, ки чун намоз хонда шавад, мусулмонон бояд барои ба даст овардани ризқу рӯзии аҳли хонадони худ аз пайи заҳмат ва кор шаванд… Бори дигар фаро расидани моҳи шарифи Рамазонро ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон табрик гуфта, ба ҳар як хонадони кишвар тандурустӣ, ризқу рӯзии фаровон ва имони комил орзу менамоям. Фарорасии моҳи шарифи Рамазон муборак бошад, ҳамватанони азиз!» [3]. Чи хеле ки мебинем, Пешвои миллат ба арзишҳои динӣ эҳтироми самимӣ қоил мебошанд ва ҳар сол мардуми шарифи Тоҷикистонро бо ин иди динияшон табрику таҳният менамоянд.

2. Тибқи Конститутсия рӯзҳои иди Рамазон ва Қурбон рӯзҳои истироҳат эълон шудаанд.

3. Имрӯз дар кишвар қариб панҷ ҳазор масҷид амал менамояд, ки дар муқоиса нисбат ба ҳар кишвари собиқ шуравӣ нисбат ба ҳар сари аҳолӣ зиёдтар мебошад. Ба таври мисол, дар Русия, ки 209 миллион мусулмон дорад, ҳамагӣ шаш ҳазор масҷид фаъолият менамояд. Илова бар ин, қариб дар аксари масҷидҳои кишвар тамоми шароитҳо барои тоату ибодат муҳайё мебошанд. Бояд қайд намуд, ки масҷидҳои имрӯза аз масҷидҳои замони шуравӣ ба маротиб зеботар, фарохтар ва бо тамоми лавозимот муҷаҳҳазтар мебошанд.

4. Дар Тоҷикистон бо супориши Пешвои миллат Қуръон ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст, то ин ки мардуми мусулмони кишвар аз таълимоти ислом бохабар бошанд. Бо ҳамин мақсад сарчашмаи дигари асосии таълимоти ислом -"Саҳеҳ"-и Бухорӣ низ ба тоҷикӣ тарҷума шудааст.

5. Соли 2009 бо ташаббуси Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 1310 - солагии асосгузори мазҳаби ҳанафия - Имом Абуҳанифа дар кишвар таҷлил гардид, ки ин падида аз муносибати эҳтиромонаи Ҳукумати кишвар ба арзишҳои динӣ далолат менамояд. Вобаста ба таҷлили солгарди ин донишманди бузурги тоҷиктабори дини ислом дар кишвар конфронси байналмилалӣ доир гардид, ки дар он донишмандони дин аз нуқтаҳои

мухталифи дунё дар он ширкат варзиданд ва фаъолияти илмӣ-динии Имоми Аъзамро васеъ таҳқиқ намуда, даҳҳо китоб ба нашр расониданд. Дар соли зикршуда филми таърихӣ–бадеӣ доир ба ҳаёт ва фаъолияти Имоми Аъзам тавассути телевизиони марказӣ пахш гардид, ки бешак, аз сиёсати динпарварони Ҳукумати ҷумҳурӣ дарак медиҳад. Ҳамчунин, соли 2010 шаҳри Душанбе Маркази Фарҳанги Исломӣ эълон гардиду ҷашни 1200 - солагии Имом Бухорӣ, ки китобаш "Саҳеҳ"муътамадтарин маҷмуаи ҳадисҳои Пайғамбари ислом эътироф шуда, баъд аз Қуръон сарчашмаи дуюми таълимоти исломӣ ба ҳисоб меравад, таҷлил гардид. Ҳамаи ин, аз муносибати эҳтиромонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дин ва арзишҳои динӣ шаҳодат медиҳанд.

6.Дар ҷумҳурӣ муассисаи махсус дар сатҳи вазорат фаъолият менамояд, ки вазифааш аз танзими оқилонаи фаъолияти динӣ дар ҷомеа иборат мебошад. Қобили зикр аст, ки ҳар сол ҳазорҳо шаҳрвандони Тоҷикистон дар зери роҳбарии муассисаи мазкур маросими ҳаҷро дар Макка адо менамоянд.

7.Ҳамчунин, дар кишвар тавассути ташкилотҳои мустақил дар тули сол адои ҳаҷҷи умра ба роҳ монда шудааст, ки ин амал боиси хушнудии аҳли кишвар гаштааст. Аз ҳисоби адокунандагони ҳаҷҷи умра шумораи ҳоҷиҳо дар кишвар ба маротиб зиёд гардидааст.

8. Дар кишвар донишкадаи махсуси исломӣ амал менамояд, ки вазифааш аз омода намудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи дин иборат мебошад.

9. Ҳамчунин дар кишвар бо ташаббуси Пешвои миллат муассисаи давлатии Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст, ки ҳадафи асосии он таҳқиқи илмии масоили марбут ба дин мебошад.

10. Бояд эътироф намуд, ки муносибати ҷомеа ба дин ва арзишҳои динӣ махсусан рӯзҳои ҷумъа хеле равшан ба чашм мерасад. Аз бисёрии адокунандагони намози ҷумъа кӯчаю паскӯчаҳои шаҳр аз мошинҳо пур мешаванду то тандозае ҳатто ба фаъолияти нақлиёти мусофиркашони шаҳрӣ мушкил эҷод менамоянд.

Ҳамаи далелҳои овардашхуда ба он ишорат менамоянд, ки агарчанде кишвар мутобиқи Конститутсия давлати дунявист, лекин дар он мардуми мусулмон тамоми маросиму анъанаҳои динии худро бидуни мушкил ва бемамониат иҷро менамоянд.

Яке аз нишонаҳои барҷастаи ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар сатҳи Конститутсияи кишвар сабт гардидани заминаҳои ҳуқуқии ҳамзистии ду фарҳанги зикршуда мебошад. Андешаи дар моддаи 8 Конститутсия зикршуда «Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад», ҳамчунин маънои онро дорад, ки ҳам фарҳанги дунявӣ ва ҳам фарҳанги динӣ баробарарзиш буда, дар шафати ҳамдигар бидуни доштани мақоми афзалиятнок дар муқобили якдигар фаъолият менамоянд. Ба қавли дигар, Қонуни асосии кишвар худ ҳамзистии фарҳангҳои мухталиф, аз ҷумла фарҳангҳои дунявию диниро на танҳо ҷоиз, балки шакли пешрафти ҳаёти ҷамъиятӣ ба қалам медиҳад. Ҳадафи мазкур, яъне ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ, махсусан, дар моддаи 26-уми боби 2-Конститутсия боз ҳам равшантару возеҳтар баён ёфтааст: «Ҳар кас ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд». Тибқи моддаи мазкур шахс метавонад ҳар динеро, ки хоҳад пайравӣ намояд. Шахс метавонад ҳатто бедин, яъне атеист бошад, касе ҳақ надорад, ки вайро гунаҳгор ҳисобад. Шахс метавонад ин ё он маросими диниро иҷро кунад ва ё накунад, касе ҳақ надорад, ки вайро таънаю сарзаниш намояд. Мувофиқи моддаи мазкур тарғиби гаравидан ба дин тавассути ишора ба ҷанбаҳои ахлоқии дин ҷоиз аст, аммо зимни тарғиби гаравидан набояд ба омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, сатҳи пасти зиндагӣ, гумроҳнамоӣ ва дигар усулҳои ғайриоқилона такя намуд. Аз мундариҷаи моддаи мазкур бармеояд, ки зимни ба қабули дин даъват намудан набояд ба таҳқири дину оинҳои дигар роҳ дод. Чунки амали мазкур боиси барангехтани ихтилоф ва хусумату бадбинӣ дар байни аҳли ҷомеа мегардад. Чи хеле ки мебинем, боби мазкурароҳатан озодии шахсро дар қабул намудан ё рад намудани дин таъкид намудааст, ки ин яке аз талаботҳои асосии принсипи дунявият маҳсуб меёбад. Дар боби мазкур ҳамзамон таъкид мегардад, ки намояндаи ҳеҷ як фарҳанг - хоҳ фарҳанги динӣ, хоҳ дунявӣ ҳақ надорад, ки тарафи муқобилро барои диндор будан ва ё диндор

набудан таҳқир намояд, ки ин нишондод низ яке аз омилҳои хеле хуб ва натиҷабахши таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, дар боби мазкур мо асосҳои ҳуқуқии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва диниро хеле барҷаста мушоҳида менамоем. Ин маънои онро дорад, ки ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар сатҳи Конститутсияи кишвар низ заминаҳои қавӣ ва боэътимоди ҳуқуқӣ дорад.

Мавриди зикр аст, ки асосҳои ҳуқуқии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ, инчунин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», ки 26.03.2009 қабул шудааст, боз ҳам муфассалтар баён ёфтаанд. Дар муқаддимаи Қонуни мазкур чунин оварда шудааст: «Бо эътироф ва тасдиқи ҳуқуқи ҳар кас ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, инчунин баробарии ҳама дар назди қонун, новобаста аз муносибат ба дин ва эътиқод, дар асоси он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ аст, бо арзи эҳтиром ва таҳаммул ба тамоми дину мазҳабҳо, бо эътирофи нақши махсуси мазҳаби ҳанафии дини ислом дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқи Тоҷикистон, Қонуни мазкур қабул карда мешавад». Агар ба мундариҷаи андешаи баёнгардида таваҷҷуҳ намоем, мо дар он чанд омили хеле муҳимеро мушоҳида менамоем, ки онҳо воқеан ҳам шароити ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва диниро амалан муҳайё менамоянд. Ин омилҳо иборат мебошанд:

- эътироф ва тасдиқи ҳуқуқи ҳар кас ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин;
- баробарии ҳама дар назди қонун новобаста аз муносибат ба дин ва эътиқод;
- таъкид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати давлати дунявӣ;
- арзи эҳтиром ва таҳаммул ба тамоми дину мазҳабҳо;
- эътирофи нақши махсуси мазҳаби ҳанафии дини ислом дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқи Тоҷикистон.

Бояд гуфт, ки тибқи «Муқаддима-и Қонуни зикршуда тамоми дину мазҳабҳо баробар буда, ба ҳеҷ яке аз онҳо авлавият дода намешавад. Аммо нақши мазҳаби ҳанафӣ дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқ эътироф гардидааст, зеро аҳолии кишвар ҳанафимазҳаб буда, муайянкунандаи фарҳанги он ҳисоб меёбад. Дар андешаи баёнгардида ғайр аз эътирофи нақши махсуси мазҳаби ҳанафӣ дар инкишофи фарҳанги миллӣ боз “давлати дунявӣ” будани Тоҷикистон зикр шудааст. Ин маънои онро дорад, ки худи қонунгузории ҶТ, ки моҳияти дунявӣ дорад, ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва диниро расман ҷоиз шуморида, модели тоҷикии дунявиятро рӯйи кор овардааст. Ҳамин тариқ, панҷ омили зикршуда дар якҷоягӣ шоҳсутунҳои сиёсию фарҳангии ҷомеаи имрӯзаро поягузорӣ намудаанд, ки дар болои онҳо ду фарҳанг – фарҳанги дунявию динӣ дар заминаи созишу муросо бо ҳуқуқу имкониятҳои баробар фаъолият менамоянд.

Яке аз хусусиятҳои муҳим ва назарраси ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ, ки дар инфиродӣ будани муносибати шахс ба дин ифода меёбад, дар банди чоруми моддаи чоруми Қонуни мазкур таъкид шудааст. Моддаи мазкур чунин муқаррар мекунад: «Ҳеҷ кас уҳдадор нест, ки дар бораи муносибати худ ба дин маълумот диҳад. Шахс ҳангоми муайян кардани муносибати худ ба дин, ба пайравӣ ё дасткашӣ аз пайравии дин, ба иштирок кардан ё накардан дар ибодати динӣ, дигар расму оин ва маросими динӣ, дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, дар таълими дин маҷбур карда намешавад». Моддаи мазкур ба сатҳи баланди таъмини озодии виҷдон дар кишвар далолат намуда, ҳамзамон, шароити фаъолияти муросокоронаи ду фарҳанг-фарҳанги дунявӣ ва диниро аз лиҳози қонунӣ ба вуҷуд овардааст.

Дар хусуси ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ ҳарф зада, ҳамзамон бояд қайд намуд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин он омилҳоеро низ, ки ин ҳамзистиро халалдор менамоянд, ба назар гирифтааст. Ба қавли дигар, озодиҳое, ки қонунҳои ҶТ ба шаҳрвандон медиҳанд, набояд омили сар задани мушкилоти иҷтимоию сиёсӣ дар кишвар гарданд. Барои пешгирӣ намудани ҳолати мазкур дар банди 7-уми моддаи мазкур чунин таъкид шудааст: «Озодии пайравӣ ба дин тавассути қонун дар бораи ҳимояи сохти конститутсионӣ, тамомияти арзӣ, ҳифзи амният, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ, ҳамчунин ҳуқуқ ва озодии дигар шахсон метавонад маҳдуд карда шавад». Дар робита ба мундариҷа ва ҳадафи Қонуни мазкур метавон гуфт, ки ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар кишвари мо тавассути қонунҳои зикршуда низ таъмин мегарданд. Яъне, қонунҳои мазкур тавассути ба танзим даровардани самтҳои

мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамзамон барои ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ низ шароит эҷод менамоянд.

Бояд эътироф намуд, ки ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ ҳамзамон кафили таъмини сулҳу оромӣ ва фазои дӯстӣ дар байни шаҳрвандони дину мазҳабашон мухталиф ва ё ашхоси бедин низ ба ҳисоб меравад. Эҳтиром намудани арзишҳои динию эътиқодии дигарон, бешак, пеши роҳи ҳама гуна ихтилофоти ақидавӣ ва хусумату бадбинии миллию мазҳабиро гирифта, заминаи боэътимоди дӯстию бародарӣ, кафили сулҳу осоиш ва шарти ҳамзистии мусолиматомези фарҳангҳои мухталиф, махсусан фарҳанги дунявӣ ва динӣ хоҳад буд. Бо мақсади таъмини ҳадафҳои баёнгардида банди 8-уми моддаи зикршуда эълом медорад: « Барангехтани ҳар гуна кинаву адоват ва низои динӣ, таҳқири ҳиссиёти динӣ ва атеистии шаҳрвандон манъ мебошад». Бояд гуфт, ки банди 10-уми моддаи мазкур дар шакли: «Айбдор кардани шахс бо сабаби диндорӣ ё бединӣ ва ё тарки дин манъ аст» банди 8-умро мантиқан пурра намуда, боз ҳам ба таъмини муҳити орому осуда дар кишвар нигаронида шудааст ва бешак, шарти таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ маҳсуб меёбанд.

Хусусияти дигари барҷаста ва муҳимми ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар кишвари мо пайравӣ аз мазҳаби таҳаммулгарои Имоми Аъзам аст, ки модели тоҷикии дунявиятро мепазирад ва бо он ба хубӣ ҳамзистӣ менамояд. Хусусияти характерноки таълимоти Имоми Аъзамро Пешвои миллат дар мақолаи ба таҳқиқи таълимоти ӯ бахшидааш ба таври зер ифода намудааст: «Имом Абуҳанифа бо нубуғ ва заковати фитрии хеш ба дурустӣ дарёфт, ки урфу одат ва анъанаҳои мардумӣ метавонанд сарчашмаи муассири танзими зиндагӣ ва умуман иҷтимоиёти мардум гарданд. Ин арзишҳо ҳосили таҷрибаи тулонӣ буда, дар масири таърих бо заковату хиради инсон ва таҳаммулпазирии иҷтимоӣ такмил ёфтаанд. Табиист, ки мазмуни таърихӣ, иҷтимоӣ ва маънавии онҳо мураккаб ва зиддиятнок аст. Онҳо дар мафкураи таърихӣ ва ҷаҳоншиносии иҷтимоии миллату халқиятҳо мақоми боарзишеро соҳиб мебошанд» [7, с.163]. Агар ба мундариҷаи суханони Пешвои миллат дақиқтар таваҷҷуҳ намоем, вай дар баробари арҷгузорӣ ба қудрати фитрӣ ва саҳми бузурги Имоми Аъзам дар ташаккули фарҳанги динӣ, ҳамзамон ба ҳамзистии фарҳанги динӣ ва дунявӣ ишора намудаанд. Воқеан ҳам, Пешвои миллат хеле дақиқ ва заковатмандона дарётааст, ки урфу одат ва анъанаҳои мардумӣ, ки дар таълимоти фиқҳии Имоми Аъзам мақоми муайянеро дар танзими афъоли динии мусулмонон шомил мебошад, маҳсули таҷрибаи тулонии таърихӣ буда, тавассути заковати мардум мукаммал гардидаанд.

Қобили зикр аст, ки дар таълимоти пешвои мазҳаби ҳанафӣ – Имоми Аъзам ба таври назаррас ифода ёфтани ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва диниро пеш аз ҳама Пешвои миллат дарк намуданд ва онро ба таври зер ифода намуданд: «Имрӯз дар кишвари мо ба шарофати истиқлолият арзишҳои ахлоқии имониву динӣ мақому манзалати хосса пайдо кардаанд. Мо ин арзишҳоро чун мазҳари ваҳйи Илоҳӣ ва улуми Раббонӣ сарчашмаи мусаффои ахлоқи ҳамида, василаи муассири тарбияи наслҳо ва чароғи раҳнамои худогоҳиву худшиносии мардум мешуморем. Ин аст, ки мо дар баробари ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ масъулияти худро дар самти нигоҳдории покиву асолати арзишҳои динӣ ва дар айни замон пешгирӣ кардани ҳар гуна зуҳуроти ифротгароии динӣ эҳсос мекунем. Ин роҳро мо аз мактаби гузаштагони некному бузургамон, аз ҷумла, пири мазҳабамон – Имоми Аъзам омӯхтаем» [7, с.187]. Воқеан ҳам, дар заминаи суханони мазкури Пешвои миллат хусусияти дигари ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ барои мо ошкор мегардад, ки он дар «нигоҳдории покиву асолати арзишҳои динӣ ва дар айни замон пешгирӣ кардани ҳар гуна зуҳуроти ифротгароии динӣ» ифода меёбад. Пешвои миллат комилан дуруст таъкид намудаанд, ки арзишҳои ахлоқии динӣ “сарчашмаи мусаффои ахлоқи ҳамида, василаи муассири тарбияи наслҳо ва чароғи раҳнамои худогоҳиву худшиносии мардум” маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, ҳифз намудани онҳо аз ҳама гуна зуҳуроти ифротгароии динӣ хеле муҳим ва тақдирсоз мебошад. Ҳифз накардани арзишҳои динӣ-мазҳабӣ боиси тавлиди андешаҳои ифротии динӣ, ташаккули шахсияҳои бегонапарасту миллатситез ва таҳдиди ҷиддӣ ба фарҳанг ва ҳувияти миллӣ хоҳад гардид. Аз ин рӯ, Пешвои миллат тамоми қишри миллатдӯсту меҳанпарасти ҷомеаро барои ҳифзи арзишҳои динӣ аз таъсири андешаҳои ифротии динӣ масъул медонанд. Зеро имрӯз

ифротгароии динӣ дар кишварҳои мухталифи асосан мусулмоннишин реша давонда, то андозае ба кишвари мо низ роҳ ёфтааст. Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки ифротгароии динӣ ҳамчун бемории сирояткунанда тез интишор меёбад ва тадриҷан динҳои суннатиро захролуд гардонида, тавассути онҳо пояҳои давлати миллиро заиф гардонида, ахиран нобуд мегардонад. Низоми дунявии ҷомеа бошад, дар муқобили ин харобкориҳои андешаҳои ифротии динӣ дини анъанавии расмиро ҳимоя намуда, ҳамзамон пояҳои давлати миллиро неру мебахшад. Дар ин замина низ боз ҳам ҳақ ба ҷониби Пешвои миллат мебошад, ки гуфтаанд: «Давлатдории миллиро бе ин асос тасаввур кардан мумкин нест, дар такя ба ин асл мо метавонем сохтори ҷамъиятӣ, истиқлолият ва амнияти миллиро таъмин намоем, арзишҳои миллиро ҳифз намуда, барои инкишофи минбаъдаи давлати Тоҷикистон заминаҳои мусоид фароҳам созем» [6, с.29].

Ҳамин тариқ, низоми дунявии ҷомеа дар баробари фароҳам овардани шароити мусоиди ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ ҳам арзишҳои миллӣ ва ҳам диниро аз ҳама гуна хатарҳои хусусияти ҳам динию ҳам сиёсидошта ҳифз намуда, барои рушди онҳо шароити лозимаро фароҳам меоварад. Дар низоми мазкур, чуноне ки Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Асли дунявият маънои махсусро пайдо менамояд. Шахс баъди муайян намудани диёнати худ хоҳ ба танҳоӣ ва ё хоҳ як ҷо бо диндорон наметавонад масъулияти умумиҷамъиятӣ ва умумиинсониро фаромӯш намояд. Иттиҳодияҳои динӣ ва ҳизбҳои сиёсии характери динӣ дошта низ наметавонанд аз ҳуқуқ ва озодиҳои динии шаҳрвандон суистифода намоянд» [6, с.29]. Чи хеле ки аз гуфтаҳои Пешвои миллат бармеояд, шахс новобаста аз диндории худ аз масъулиятҳои умумиҷамъиятию умумиинсонӣ дар канор буда наметавонад. Вай барои тамоми бурду бохти кишвар масъул аст. Бинобар ин, ӯро зарур мегардад, ки баҳри рушду тавсеа ёфтани арзишҳои умумиинсонӣ талош намояд.

Хулоса, ҳам фарҳанги диният ва ҳам дунявӣ аз ҷумлаи арзишҳои хеле муҳим ва пурқимати инсонӣ маҳсуб меёбанд. Пазируфтани якеву рад намудани дигаре тавозунро дар ҷомеа халалдор намуда, боиси ихтилофоти шадиди ҳам сиёсию иҷтимоӣ ва ҳам фарҳангӣ хоҳад гардид. Бинобар ин, ҳамзистии фарҳанги дунявию динӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардиду тавассути Конститутсия ва дигар санадҳои танзимкунанда асоси ҳуқуқӣ ёфт, беҳтарин модел буда, кафили сулҳу салоҳ, дӯстию бародарӣ ва рушди мунтазами ҷомеа маҳсуб меёбад.

**Муқарриз: Н.Қамар.- н.и.ф., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Аҳмад Идрис, ат-Таъон. Ал-алмониюна в-ал-Қуръон-ул-карим. - Ар-Риёз, 1428. – 887 с.
2. Мухаммад Шакир Аш-Шариф. Секуляризм и его отвратительные последствия, Powered by mir – www. Panerevis.ru
3. Паёми шодбошии Пешвои миллат ба муносибати фаросрасии моҳи шарифи Рамазон. [Манбаи электронӣ]. http://prezident.tj/node/28053// 01.04.2022.
4. Холиқзода А. Ғ. Пешво ва мактаби давлатдорӣ (Пешвои миллат – поягузори давлати миллӣ)/ А.Ғ.Холиқзода, М.М.Шарифзода, Ш.Ш.Шосаидзода. –Хуҷанд: Ношир, 2022. – 512 с.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. - Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018. – 435 с.
6. Эмомалӣ Раҳмон. Эмоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ. – Душанбе, 2009.
7. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. -364 с.


**ҲАМЗИСТИИ ФАРҲАНГИ ДУНЯВӢ ВА ДИНӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН**


Мақола ба яке аз мавзуъҳои дар фазои идеологии ҷомеаи Тоҷикистон мубрам – ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ, бахшида шудааст. Чун имрӯз таблиғгарони бунёдгарои динӣ аз хориҷи кишвар ба муқобили дунявият ва арзишҳои дунявӣ дар кишвари мо ҷанги иттилоотӣ эълон намуда, бо ҳар роҳ мекӯшанд фазои орому осударо халладор созанд, таҳқиқи мавзуи мазкур баҳри хунсо намудани таъсири манфии он гурӯҳҳои ифротӣ кӯшише маҳсуб меёбад. Муаллифи мақола бо такя ба моддаҳои алоҳидаи Конститутсияи кишвар вижагиҳои дунявиятро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон шарҳ дода, собит намудааст, ки низоми дунявӣ ба дин ва арзишҳои динӣ муқобил нест. Мавҷудияти масоҷиди сершумор ва риояи озодонаи талаботҳои динӣ далели ин гуфтаҳост. Пешвои миллат дар суханрониҳояшон оиди ҳимоя аз дин ва арзишҳои динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон даъват ба амал меоранд. Ҳамин муносибати эҳтиромона ба дин кафили боэътимоди ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ маҳсуб меёбад.



**Калидвожаҳо**: дунявият, дин, фарҳанг, низом, ҳамзистӣ, Конститутсия, ҷомеа.

## СОСУЩЕСТВОВАНИЕ СВЕТСКОЙ И РЕЛИГИОЗНОЙ КУЛЬТУРЫ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ОБЩЕСТВЕ

Статья посвящена одной из актуальных тем в идеологической атмосфере таджикского общества – сосуществовании светской и религиозной культуры. Поскольку сегодня религиозные фундаменталисты, объявив информационную войну секуляризму и светским ценностям в нашем обществе, всячески пытаются нарушать мирную атмосферу, исследование данной темы является попыткой для нейтрализации влияния экстремистских групп. Автор статьи на основе отдельных статей Конституции республики, интерпретируя особенностей секуляризма в нашей республике, доказывает, что светская система не противопоставлена религии и религиозным ценностям. Функционирование многочисленных мечетей и соблюдение религиозных объзателств являются весомым аргументом в пользу данной истины. Защита религии и религиозных ценностей наряду с Конституцией также хорошо наблюдается и в выступлениях Лидера нации. Такое уважительное отношение к религии стали надежным гарантом сосуществования светской и религиозной культуры в республике.

**Ключевее слова**: секуляризм, религия, культура, система, сосуществование, Конституция, общество.

## COEXISTENCE OF SECULAR AND RELIGIOUS CULTURES IN MODERN SOCIETY OF TAJIKISTAN

The article is devoted to one of the actual problems in the ideological atmosphere of Tajik society – coexistence of secular and religious cultures. As religious fundamentalists proclaimed informational war to secularity and secular values in our society and tries to violate peace atmosphere, investigation of this topic is an attempt to neutralize the influence of these extreme groups. The author of the articleon the base of the separate article of the republic' Constitution commenting the features of secularity in our republic proves that secular system does not contradicted religion and religious values. Functioning of multitude mosques and observing religious duties are the important argument for the favor of this truth. Defense of religion and religious values along with the Constitution are observed also in the speech of Leader of nation. Thus a respectable relation to religion became a hopeful guarantee of coexistence of secular and religious culture in the republic.

**Kew worlds**: secularity, religion, culture, system, coexistence, constitution, society.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Абдухалилзода Кароматулло*** – Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ. **Суроға**: 734017, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 139. Телефон: **906550929**

**Сведения об авторе**: ***Абдухалилзода Кароматулло*** – Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибн Сино, кандидат философских наук, доцент кафедры общественных дисциплин. **Адрес**: 734017, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 139. Телефон: **906550929**

**Information about the author:** ***Abdukhalilzoda Karomatullo*** **–** Avicenna Tajik State Medical University, Department of social Disciplines, Candidate of philosophy, Associate professor. **Address:** 734017, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 139. Phone: **906550929**

**ТДУ:130.2(575.3)**

# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ФАРҲАНГИ ҲАВЗАИ ХУҶАНД

**(давраи ҳукмронии Ҳахоманишиён ва Сосониён)**

***Салимов Э.М.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**

Фарҳанг асоси зиндагӣ ва бунёди ҳастии инсон буда, пайдоиши он бо таърихи башарият пайвастагии ногусастанӣ дорад: фарҳанг дар робита бо таърих ба вуҷуд омада, баробари инкишофи шууру маънавиёт такомул меёбад. Воқеан, фарҳанг маҳсули таҷрибаи дуру дарози таърихии инсон буда, ҳамчун падидаи таърихӣ дар зинаҳои муайяни тараққиёти ҷомеаи инсонӣ шаклу шеваҳои махсусро ба худ касб карда, инкишоф ёфтааст. Фарҳанг дар тули таърихи инсоният тамоми паҳлуҳои рӯзгори мардум ва ҷомеаро фарогир гашта, ба дараҷаи пешрафту қудрати созандагии инсон ривоҷу равнақ мебахшад.

Тавре маълум аст, фарҳанги тоҷикон, аз он ҷумла фарҳанги ҳавзаи Хуҷанд дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомада, он аз омилҳои содатарини ҷаҳонбинӣ оғоз гардида, то меъёрҳои олии ахлоқиву эстетикӣ расида, ба худ фалсафаи амиқро касб кардааст.

Раванди ташаккулёбии фарҳангро бидуни ҳодисаҳои таърихӣ наметавон муайян кард. Бинобар ин, муҳаққиқон зимни баррасии фарҳанги Шарқи Наздик ва Осиёи Миёна ба масъалаи воқеаҳои сиёсиву иҷтимоии давлатҳо бештар мароқ зоҳир намуда, дар радифи ин ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ ҷанбаҳои гуногуни фарҳангро ба таври хосса муайян кардаанд [1,4,8,14,16].

Дар баробари ин, бархе аз муҳаққиқин бевосита ба масъалаи ташаккулу таҳаввули фарҳанг дар давраҳои муайяни таърихӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода, ба масъалаи сиёсати дохилии давлатҳо ба фарҳанг фикру назари хешро баён доштаанд [3,7,21].

Дар замони энеолит ва асри биринҷӣ аз лиҳози таърихӣ ва ҷуғрофӣ Осиёи Миёна ба маркази ташаккулёбии тамаддуни ба худ хос табдил ёфт. Олимон яке аз ҷанбаҳои маънии истилоҳи тамаддунро бо оғоз гаштани марҳилаи сифатан нави таърихи башарият, роҳи таҳаввулот маънидод менамоянд. Дар кори мазкур мо тамаддунро ҳамчун сатҳи муайяни рушди фарҳанги моддӣ ва маънавӣ дарк менамоем. Тамаддун-ҳаёти ба худ хосси моддӣ, маънавӣ, иҷтимоии ин ва ё он халқ ва ё гурӯҳи халқҳо, мамлакат дар давраи муайяни рушд; тарзи махсуси таърихан бавуҷудомадаи умумияти бузурги иҷтимоӣ, шакли ба худ хосси худташаккулӣ ва танзими раванди ҷамъиятии фаъолияти ҳаётии одамон мебошад.

Олими машҳури инглис А.Тойнби тамаддунро натиҷаи раванди фарҳангӣ ва моддӣ, лифофаи моддии фарҳанг меҳисобад, он аз рӯйи изҳори ӯ, "ифодаи руҳу ҷон, хун, лимфа, ҷавҳари тамаддун мебошад" [20]. Вазъияти фарҳанг дар ҷамъият нишондиҳандаи муносибатҳои инкишофи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавӣ буда, дар равандҳои таърихӣ ҳамеша таркиби ҳуҷайраи зиндаи "сиришти" пурқуввати тамаддунӣ аст. Таърихшиноси рус Ключевский В.О. хусусияти мазкурро дар назар дошта, қайд менамояд, ки эҳёшавии иқтисодӣ ва сиёсии халқ бидуни маънавиёт, ахлоқу одоб номумкин аст. Ғайр аз ин, эҳёшавии маънавият мубашширияти халқ, миллат, мамлакат мебошад [15, с.363-446].

Ба давраҳои муайяни таърихӣ ҷудо карда, мавриди омӯзиш қарор додани масоили фарҳангӣ, аз назари мо, ду масъалаи муҳимро ба миён меорад. Аввалан, фарҳанг ин раванди ҷудонашавандаи ҷомеа буда, новобаста ба шакли давлатдорӣ, мафкура метавонад, решаҳои амиқи антологиву гносеологии хешро бо гузашта ва оянда бипайвандад. Сониян, фарҳанг ин раванди ҳаётгузаронии аҳли ҷомеа дар ҳама гуна шарту шароити таърихӣ мебошад.

Дар Осиёи Миёна барои ташаккулёбии тамаддун муҳимтарин омил гузариши одамон аз хоҷагии истеъмолӣ ба хоҷагии истеҳсолӣ, яъне кишоварзиву чорводорӣ ба шумор мерафт. Академик Н.Неъматов чунин меҳисобад, ки дар ҳазорсолаи IV-III-уми то милод дар Осиёи Миёна кишоварзӣ ва обёрӣ (ирригатсия) ташаккул ёфта, тарзи зисти муқимии дасти аҳолӣ ва меҳнат, ташаккули воҳаҳои кишоварзӣ, бошишгоҳҳои нахустшаҳрӣ, марказҳои иҷтимоиву маънавӣ ва маъмурӣ ба вуҷуд омадаанд. Маҳз дар давраи энолиту

асри биринҷӣ дар Осиёи Миёна бошишгоҳҳои тамаддунофар, аз қабили Саразм, Анав, Намозгоҳ, Геоксур ва ғайраҳо, баъдан Саполлӣ ва Дашлӣ ба вуҷуд омаданд [2, с.14].

Дар асрҳои VI–IV то милод Осиёи Миёна ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён, яке аз империяҳои бузургу тавонои Шарқи қадим дар ҳазораи якуми то милод, дохил мегардад ва албатта, ин на бо роҳи сулҳҷӯёна. Дар Сатрапи Суғд лашкаркашиҳои бомуваффақияти аввалин шоҳони ҳахоманишӣ, ба монанди Куруши II (солҳои 558–530 то милод), Камбуҷаи II (солҳои 530–522 то милод) ва Дорои I (солҳои 522–486 то милод) [11, с.14-64, с.100-112] имконият фароҳам овард, ки ҳудуди калони Шарқи Наздику Миёна ба Империяи мазкур ҳамроҳ карда шаванд. Империяи Ҳахоманишиён то соли 330 то милод вуҷуд доштааст.

Аҳаммияти хосса зоҳир намудан ба масъалаи ташаккулёбии фарҳанг дар замони Ҳахоманишиён маърифати имрӯзаи фарҳанги Тоҷикистон, аз он ҷумла фарҳанги ҳавзаи Хуҷанди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аз қадимулайём ба давлати Суғдиён шомил буд.

Дар адабиёти муосир нисбати маънидодкунии мафҳуми “ҳавза” (“регион”) нуқтаи назари мухталиф мавҷуданд. Дар тадқиқоти мазкур таҳти истилоҳи “ҳавза” мо субъекти Ҷумҳурии Тоҷикистон - вилояти Хуҷанд, имрӯза вилояти Суғдро дар назар дорем. Ин бо он алоқаманд мебошад, ки ташаккул ва амалигардонии сиёсати фарҳангӣ, идоракунӣ ва маблағгузории муассисаҳои фарҳанг ва санъат дар сатҳи субъектҳои ҷумҳурӣ сурат мегирад.

Таҳти ҳудуди ҷуғрофии ҳавзаи Хуҷанд ҳудуди ҷуғрофии имрӯзаи вилояти Суғд дар назар дошта шуда, маркази маъмурии он шаҳри қадимаи Хуҷанд мебошад, ки ба он 8 шаҳр, 14 ноҳия, 23 шаҳрак ва 93 ҷамоати деҳот дохил мешаванд. Шаҳрҳои дигари қадимтарину калонтарини вилоят Панҷакент, Истаравшан, Конибодом, Исфара маҳсуб ёфта, дорои фарҳанги пурғановати миллати тоҷик ва ганҷинаи номакшуфе мебошанд, ки ҳазорон аҷноси гаронбаҳоеро дар батни худ маҳфуз доштаанд. Чи дар қарнҳои гузашта ва чи дар замони имрӯза фарҳанги минтақаи мавриди назар фарохдоман ва серпаҳлу буда, унсурҳои гуногун ва қабатҳои мухталифро фарогир аст.

Бояд қайд намуд, ки давлати Ҳахоманишиён чун дигар империяҳо аз халқиятҳои гуногун расму оини мухталиф, аз ҷиҳати маданиятнокӣ ақибмонда ва аз халқиятҳои кӯчманчии дар сохти қабилавӣ қарордошта иборат буд. Аз ин лиҳоз, барои Империяи мазкур сиёсате лозим буд, ки фарогири тамоми ҳудуди он бошад ва сиёсати давлатӣ пурра ҷорӣ ва заминаи ташаккулёбии кишвар гардад. Бинобар ин, яке аз вазифаҳои сиёсати дохилии Ҳахоманишиён ин интегратсияи (ҳамгироии) арзишҳои ин халқиятҳо дар ҷодаи ҷаҳонбинӣ, фарҳанг ба ҳаёти маъмуриву иқтисодиву мадании Империя иборат буд. Махсусан чунин ҳамгироии арзишҳои халқиятҳои зиёдро метавон, дар сатрапи шимолӣ - шарқии Ҳахоманишиён, ки барои эронишавии маданияти онҳо таъсири амиқ гузоштаанд, ном бурд.

Раванди ҳамгироӣ ба Ҳахоманишиён имконият медод, ки барои эҷоди лоиҳаи бузургтарин дар таърихи Шарқи қадим ягонасозии маданиятҳои зиёда аз 20 халқияти ҳудуди империя заминаи мусоиди рушду такомули «ҷаҳони форс»-ро эҷод намоянд. Аз бисёр ҷиҳат лоиҳаи «Pax Persica» ҳамчун заминаи мафкуравии Ҳахоманишиён шуда буд [22, с.33], ки барои сохтори ташкиливу идоравии империя зарур медонистанд.

Раванди ҳамгироӣ (интегратсия) қариб тамоми ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва соҳаҳои фарҳангро фарогир буд. Маҳз санъати адабӣ қувваи ҳаракатдиҳандаи мафкураи Ҳахоманишиён гардид, зеро он бо забони содаву фаҳмо барои тамоми табақаҳои аҳолӣ расонида мешуд.

Дар замони ташаккулёбӣ Ҳахоманишиён (охири асри VI – миёнаи асри V то милод) кӯшиш намуданд, ки ба маданияту анъанаҳои фарҳангии халқиятҳои ҳудуди худ таъсир расонанд [23,с.111-130], аз он ҷумла суғдиён. Дастоварди назарраси тавсеаи фарҳангии эрониён ба дигар халқиятҳои ҳудуди империя, пеш аз ҳама, ин коркарди услуби расмии байни халқиятҳо буд, ки дар натиҷаи амалӣ шудани он то ба имрӯз дар тамоми фарҳанги ин халқиятҳо унсурҳои хоссаи он боқӣ мондаанд.

Суғдиён аввалин маротиба дар катибаи Бесутун аз тарафи Доро (522-486 то милод) дар солҳои 522-517 то милод ёдрас карда мешаванд [18, с.26-48]. Доро дар ин катиба

менигорад, ки Суғд то ҳудуди сакҳо қарор дошта, сакҳо пас аз суғдиён ҷойгир шудаанд. Мувофиқи нишондоди Геродот (асри V то мелод), дар Осиёи Миёна дар нимаи ҳазораи якум то милод ҳалқиятҳои гуногун, ба монанди суғдиён, бохтариён, хоразмиён, гиркониён, ориён ва сакҳо зиндагӣ мекарданд. Страбон (асри I то милод – асри I милодӣ) мефармояд, ки «Суғдиён болотар аз Бохтар дар тарафи шарқ, байни дарёҳои Оқсу (Амударё)… ва Яксарт (Сирдарё) қарор доранд, дарёи Сир сарҳадест байни суғдиён ва кӯчманчиён» [19, с.98,124].

Тавре академик В.В. Бартолд қайд намудааст, ба ҳудуди Суғд тамоми водии Зарафшон, Бухорову Самарқанд ва ҳамчунин водии Қашқадарё бо шаҳрҳои Кеш ва Насаф шомил мешуданд [5]. Бархе аз минтақаҳо (ба монанди Истаравшан) ба ҳудуди Суғд шомил набуд, ҳарчанд ки қисмати зиёди аҳолиро суғдиён ташкил медоданд.

Суғдиён ҳамчун халқияти муқимӣ дар Осиёи Марказӣ аз асрҳои VI пеш аз милод то нимаи асрҳои миёна иқомат намуда, шароити ҷуғрофии макони хешро нисбати дигар халқиятҳо хеле моҳирона истифода кардаанд.

Олими барҷастаи тоҷик Бобоҷон Ғафуров низ таъкид менамояд, ки: “Суғд ва суғдиён бори нахуст ҳангоми номбар намудани халқиятҳои он дар хатҳои мехии шоҳи форсӣ Дорои Бузург (асри VI то милод) зикр гардидааст” [13, с.69].

Барои муҳаққиқони замони атиқа суғдиён ҳамчун халқияти ягона муаррифӣ шаванд ҳам, онҳо аз якчанд қабилаҳо иборат буданд. Чӣ тавре ки Б. Ғафуров менигорад: «Дар бораи халқияти суғд ва ё халқияти хоразм (сохти ғуломдорӣ - муаллиф) сухан кардан дар он замон номумкин буд. Фақат марказҳои маҳаллӣ ташкил мешуданд, аз халқиятҳои хурди Суғд, Хоразм, Балх, Хуросон ва дигар вилоятҳо гувоҳӣ медод…

Ғайр аз иттифоқи байниҳамдигарии қабилаҳо, мо раванди боҳамомезӣ ва созмон ёфтани халқиятҳоро мушоҳида карда метавонем» [9, с.108].

Аз маълумотҳои археологии аз кофтукови шаҳри куҳнаи Афросиёб (Самарқанди қадима) ба даст омада бармеояд, ки он замон дар Суғд обёрӣ тараққӣ карда буд ва дар ҳаёти суғдиён махсусан зироаткорӣ ва чорводорӣ мавқеи муҳимро ишғол мекард. Дар қатори масканҳои рустоӣ, масканҳои шаҳрӣ низ ба вуҷуд меоянд. Калонтарини онҳо шаҳре буд, ки юнониҳо онро Мараканда ва мардуми маҳаллӣ Смараканда (Самарқанди ҳозира) меномиданд. Дар он вақтҳо дар қисмати шимолии Тоҷикистон низ шаҳрҳои калону хурд вуҷуд доштанд. Аз он ҷумла шаҳре, ки онро юнониҳо Киропол меномиданд (дар ноҳияи Ӯротеппаи ҳозира).

Дар масканҳои шаҳрӣ бошад, шумораи зиёди пешаварон ба сохтани олоти филизӣ, тайёр кардани зарфҳо, маҳсулоти бофандагӣ ва ғайраҳо машғул буданд. Маснуоти пешаварони моҳири суғдӣ диққати тоҷирони мамлакатҳои гуногунро ба худ мекашид, онҳо асосан хусусияти натуралӣ дошта бошанд ҳам, ба ҳар ҳол мубодила мавҷуд буд. Суғдиҳо асосан оини зардуштиро мепарастиданд. Дар баробари ин, дигар дину мазҳабҳои аз сохти авлодӣ меросмонда ҳам мавҷудияти худро нигаҳ медоштанд [10, с.100-104].

Сатрапи Суғд барои Ҳахоманишиён на танҳо таъминкунандаи меҳнаткашон ва сарбозон, балки ҳамчун минтақаи таъминкунандаи сангҳои қиматбаҳои лоҷуварду ақиқ низ маҳсуб меёфт. Бо чунин сангҳои суғдӣ маҷмааи коххои Ҳахоманишиён, ҷавоҳироти заргарӣ ва санъати наққошӣ ороиш дода мешуданд. Бинобар ин, минтақа таъминкунандаи маводи аввалӣ барои санъати расмии империяи эрониён гардида буд.

Ба назари мо, дар истеҳсол ва коркарди сангҳо устоёни суғдӣ заҳмат кашида, онҳоро бо ҳунармандони эронӣ коркард мекарданд, то дар он нақшу нигори форсӣ тавлид ёбад. Чунин робита имконияти паҳншавии фарҳанги суғдиён ба эрониён ва баръакс ҳамгироии эрониён бо суғдиёнро ба миён овардааст.

Халқҳои Осиёи Миёна дар офариниши осори бошукӯҳи санъати ҳахоманишӣ ҳиссаи бузурги моддӣ гузоштаанд. Тибқи навиштаҷоти Доро, барои сохтани қасри Шуш аз Бохтар тилло, аз Суғд лоҷувард ва ақиқ, аз Хоразм фирӯза бурда шудааст.

Вилоятҳои Осиёи Миёна бо хат бори нахуст пас аз дохил шудан ба ҳайати давлати Ҳахоманишӣ ошноӣ пайдо кардаанд. Тадриҷан чор системаи хатти идеографӣ: портӣ, форсӣ, суғдӣ ва хоразмӣ пайдо шуда, дар муддати чанд аср, то давраи истилои арабҳо мавҷудияти худро нигаҳ доштанд.

Ҳахоманишиён усулҳои гуногуни сиёсати эроникунонро истифода намуда, тавонистанд тарзи зисту зиндагонӣ, анъанаҳо ва санъати гуногунҷанбаи эрониро ба дигар халқиятҳои ҳудуди империя ворид созанд.

Дар солҳои 30-уми асри IV то милод шоҳигарии Ҳахоманишиҳо аз ҷониби Искандари Мақдунӣ барҳам дода шуд. Бо вуҷуди ин, халқҳои Осиёи Миёна бо қӯшунҳои юнонӣ-мақдунӣ муборизаи шадид доштанду шӯришҳо мебардоштанд, ки мисоли он муқовимати халқҳои Суғду Бохтар бо сарварии фарзандони фарзонаи худ-Спитамен, Темурмалик мебошад, ба Искандар муяссар гашт бо талафоти зиёд Бохтару Суғдро тобеи худ гардонида, фарҳанги худро ҷорӣ намояд.

Тавре ки Б.Ғафуров изҳор менамояд, аксари муаррихони буржуазӣ таъсири маданияти Юнонро ба маданияти Шарқ (ки дар ҳақиқат бузург буд) хотирнишон намуда, вале аз хусуси комёбиҳои маданиии халқҳои Шарқ, ҳатто лаб во накардаанд. Аммо ҳақиқат ин аст, ки маданияти ҳазорсолаи Шарқ ба маданияти Юнон ва дигар мамлакатҳои Ғарб таъсири бузург ва ҳамаҷониба расонидааст.

Дар маданияти ба истилоҳ эллинӣ на ин ки эҷодиёти маданиии "соф" юнонӣ, балки омезиши махсуси маданияти юнонӣ ва шарқӣ пайдо намудааст ва дар бобати инкишофи ин маданият нақши бузургеро халқҳои Осиёи Миёна бозӣ кардаанд. Ҳафриёти археологӣ далелу мадракҳои тоза ба тозаро меоранд, ки саҳми халқҳои Шарқ, аз ҷумла мардуми Осиёи Миёнаро дар тараққиёти маданияти моддии ҷаҳони эллинӣ собит менамояд. Баъзе принсипҳои асосии шаҳрсозӣ бо фикру тасаввуроте, ки дар Шарқ хеле барвақттар аз давраи эллинӣ равнақ доштанд, алоқаманд мебошанд.

Расму одатҳои мазҳабии мардумони Осиёи Миёна ва Эрон ба ақидаҳои динии юнониён ва римиҳо таъсир расонида, сипас ба тараққиёти дини насронӣ ҳам асари худро гузоштааст [10, с.126].

Ҳамгироии фарҳангҳои халқиятҳои мухталиф дар замони Ҳахоманишиён ва бо мурури гузашти замон, ҷудошавии онҳо ба давлатҳои гуногун имконият фароҳам овард, ки минбаъд фарҳанг бо талаботи сиёсати ин кишварҳои навташкил боз ҳам ба густариши минбаъдаи хеш идома бахшида, обуранги хосса пайдо намояд. Чунин ҳолат барои фарҳанги замони Сосониён ва таъсири минбаъдаи он ба ҳавзаи Суғд, аз он ҷумла ҳавзаи Хуҷанд хосатан таъсири амиқи хешро расонидааст.

Аз назари мо, ташаккули шаклу мазмуни фарҳанги Сосониён дорои хусусиятҳои фарққунандае ҳастанд, ки ба якчанд омилҳо вобастагӣ дорад:

1. Дар заминаи тағйирёбии тадриҷии ҳодисаҳои таърихӣ махсусан ба вуҷуд омадани давлатҳои хурд, ба монанди Селевкиён, Порт, Юнону Бохтар, Кӯшониён минбаъд ташаккул ёфтани фарҳанги Сосониён.
2. Таъсири муносибатҳои тиҷоратӣ ба фарҳанги Суғд махсусан бо "Шоҳроҳи Абрешим".
3. Хусусиятҳои хос ва таҳмилёбии фарҳанги Сосониён.

Бояд мутазаккир шуд, ки ин омилҳо бо ҳам робитаи ҷудонашаванда дошта, тибқи назарияи диалектикӣ ҳамдигарро пурра месозанд. Маҳз тағйир ёфтани муносибатҳои иҷтимоӣ аз сохти ғуломдорӣ тадриҷан рӯ овардан ба муносибатҳои нави иҷтимоӣ – феодалӣ ва дар радифи ин тағйирёбиҳо ноустувории вазъи сиёсӣ, ҷангҳои гуногун сабаб шуданд, ки фарҳанги замони Сосониён шаклу мазмуни муайяну фарққунандаи ба худ хосро касб намояд.

Сатрапи Суғд, ки фарогири ҳавзаи Хуҷанд низ буд, дар замони Сосониён ривоҷу равнақ дошт. Дар соҳаи ҳунармандӣ метавон гуфт, ки дар ин макон ҳунари оҳангарӣ рушд менамуд. Маводҳои аз ҳафриёти Панҷакент фаровон ба даст омада, бахусус пайдо намудани устохонаи оҳангарӣ далели он мебошад. Маҳсулоти оҳангарон, агар яроқу аслиҳаро ба назар нагирем, хеле гуногун буд. Ин ҳам олоти меҳнат-белу табару дос ва ғ.; ҳам масолеҳи бинокорию дуредгарӣ-мех, кашак, таргак, ҳалқа ва ғайра буданд. Аз ашёи оҳанини рӯзгор, кордҳои гуногуни оҳанӣ, сагаки оҳанию биринҷии тасмаҳо, пулакчаҳои гуногун, қайчӣ, калид, шамъдонҳои гуногуни биринҷию оҳан, ҷиҳози зебу зинат, заргарӣ ва ғайраҳо.

Дар Суғд ҳунари бофандагӣ низ хеле ривоҷ ёфта буд. Дарёфт гардидани қариб 150 намунаи матоъҳои пахтагину абрешимӣ дар Қалъаи Муғи Истравшан ин гуфтаҳоро собит

намудааст. Газворҳои абрешимӣ аз шоҳиҳои хитоӣ фарқи калон дошта, ин намуди газворҳоро метавон газворҳои суғдӣ номид.

Ҳунари кулолгарӣ ва коркарди маъданҳо дар Хуҷанди қадима ривоҷу равнақи худро дошт, ки далели он ҳангоми ҳафриёти қалъаи Хуҷанд дарёфт намудани кӯраи кулолгарӣ ва зарфҳо, хумҳои сафолӣ мебошад. Аз нукраи Қаромазор зарбхонаҳои Хуҷанду Самарқанд ва дар Бухоро соле то 3-4 ҳазор аз мис ва нукра пули танга, сикка мезаданд. Овардаанд, ки захираи маъдани нукра асосан дар мавзеи Қаромазор, Консой, Канҷол ва дар кони калони машҳури “Кони сим” қарор дошт ҳиссаи заршиносону гавҳаршиносони Хуҷанд хеле назаррас аст ва он берун аз Хуҷанд низ интиқол меёфт [12, с.367].

Мухтасар бошад ҳам, тамоми навъҳои ҳунармандиро тавсиф кардан аз имкон берун аст. Танҳо ҳаминро қайд намудан мумкин аст, ки ҳунарҳои чармгарӣ, устухонтарошӣ, наҷҷорию дуредгарӣ ва ғайраҳо хеле тараққӣ карда буданд.

Ривоҷи ҳунармандӣ боиси савдои дохиливу хориҷӣ - Осиёи Миёнаву Византия, Кавкази Шимолӣ бо воситаи “Шоҳроҳи абрешим” гардид. Бисёр молҳои суғдӣ - аз сангҳои қиматбаҳову ашёи он сар карда, то матоъҳову газворҳои аҷоиб ба Осиёи Миёна ва Хитой бурда, фурӯхта мешуданд.

Бинокорӣ низ тарзу хусусияти ба худ хос дошт. Чор навъи деворбардорӣ маъмул буд - похсагӣ, хиштӣ (асосан хом), похсагии хиштӣ ва хиштии похсагӣ. Чӯбу тахтаҳои зиёди аз биноҳои Панҷакенти қадим дарёфт шуда, далолат мекунанд, ки дар хонаҳо тахтакатҳои тахтагӣ буданд.

Осори санъати тасвирии аз Панҷакенти қадим дарёфт гардида нишон медиҳад, ки одати ороиши деворҳои хона дар байни суғдиён то чи андоза маъмул будааст, ҳол он ки то ба рӯзҳои мо аз он санъати бузурги ороиш фақат резаҳое омада расидаанд.

Дар санъати Суғд дар баробари рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, санъати мусиқӣ ва рақсӣ ҳам мақоми муҳим дошт. Масолеҳи ҳайкалсозӣ гил, гаҷ ва чӯб буд. Ҳайкалҳои раққосаҳои Панҷакент муҷассамаи он муъҷизакороне мебошад, ки аҷнабиён онҳоро “гирдбоди гашти духтар” меномиданд. Театри лӯхтакҳо асри VII маҳз аз Осиёи Миёна ба Хитой гузаштааст [10, с.313].

Вобаста ба хатти суғдӣ метавон гуфт, ки он аз хатти ором-хатти курсив бармеояд. Соли 1965 дар арки Панҷакент археолог А.Исҳоқов бори нахуст дар таърих алифбои суғдиро дарёфт менамояд, ки он аз 28 ҳарф иборат буд. Материалҳои забони яғнобӣ имкон дод, ки ин матнҳо хонда шаванд. Ба туфайли ҳуҷҷатҳои Қалъаи Муғ мукотибаи расмии суғдиён, ҳуҷҷатҳои юридикӣ, мактубҳои муқаррарӣ, мукотибаи хоҷагӣ ва ғ. дастраси мо шуданд.

Дар ҳақиқат, суғдиён соҳиби адабиёти бои динӣ ва дунявӣ буданд. Масалан, китобҳои суғдии буддоӣ бо хатти аслии суғдӣ навишта шудаанд. Аз ҷумлаи ин адабиёт тарҷумаи суғдии “Вессан тараҷатакӣ” аз ҳама муҳимтар аст. Ба қавли Наршахӣ, дар Бухоро як силсила ривоятҳое маъмул буданд, ки аз корномаҳои Сиёвуш ном шоҳи афсонавӣ нақл мекарданд. Ин ривоятҳо манзум буданд ва онҳо дар майдону кӯчаҳои шаҳрҳо суруда мешуданд.

Дар бораи ақоиди мазҳабии аҳли Суғд дар асоси тадқиқотҳои олимон Дяконов М.М., Бичурин И., Берунӣ Абурайҳон, Бартолд В.В., Иностерансев К.А., Беленитский А.М. ва дигарон метавон гуфт, ки дар Суғд динҳои гуногун ба мисли: буддоӣ, зардуштия, маздоия, монавия вуҷуд доштанд, ки боиси пайдо шудани системаи динии муттаҳида (синкретӣ) гардид [10,с. 289-325 ].

Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум мешавад, ки аз аввали ташаккулёбии давлати Сосониён ғайр аз дини зардуштия боз дигар динҳои ғайриэронӣ вориди ин сарзамин шудаанд. Ҳамон тавре ки Ричард Фрайд маълум менамояд: “Шумораи зиёди асирони ҳарбӣ дар Эрон баъди юриши Шопури I ва Шопури II ба интишори масеҳият такони азиме дод.

Дар давраи Шопури II таъқиби масеҳиён оғоз шуд. Баъди ҷудоии фирқаи несторианӣ аз масеҳияти расмӣ вазъи масеҳиён беҳтар шуд, зеро несторианҳо бо калисои расмӣ дар мухолифат буданд, ки барои Сосониён айни муддао буд [21, с.307].”

Давраи Сосониён ҳамон тавре ки дар сарчашмаҳои асри миёна инъикос ёфтааст, ҳамчун намунаи ибратомези давлатдорӣ ва адолатпарварӣ барои шоҳони замони ислом

маънидод мегардад. Мутафаккирони асримиёнагии Шарқи исломӣ новобаста аз он ки Сосониён мафкураи зардуштиёнро парчамбардор буданд, тарзи идораи давлатӣ ва муносибатҳои шоҳони он замонро барои мусулмонон намунаи олӣ маҳсуб донистаанд. Аз ин ҷо суоле бармеояд, ки сабаб чист ки таваҷҷуҳи ҳакимони исломӣ ба тарзи давлатдории сосониён, сиёсати дохиливу хориҷӣ ва адолатгустарии онҳо равона шуда буд? Худ ҳамин тарзи масъалагузорӣ водор месозад, ки кадом омилҳо сабаб шудаанд, ки давлати Сосониён дар афкори фалсафии исломӣ ҳамчун намунаи идеалии давлатдорӣ маҳсуб ёбад? Намунаи идеалии давлатдории Сосониён, пеш аз ҳама, ба ташаккулёбии фарҳанг дар масири гузаштавуояндаи таърихи давлатдории онҳо заминаи мусоидро фароҳам овардааст.

Ҳамин тавр, ба ҳайати давлати Ҳахоманишӣ ва Сосониён дохил шудани Осиёи Миёна, аз он ҷумла Суғд, ки ба он ҳавзаи Хуҷанд низ шомил буд, барои тараққиёти маданият ва муассисаҳои давлатии ҳам худи ин сарзамин ва ҳам ҳамсояҳои ғарбии он аҳаммияти хеле калон дошт. Густариши фарҳанги Ҳахоманишиён ва Сосониён барои ривоҷу равнақи давлатҳои баъдин заминаи мусоиди ташаккулёбии дин, расму оин, санъат, адабиёт гардидааст. Он сарватҳои фарҳангии дар он замон бавуҷудомада на танҳо дар 200 соли ҳукмронии Ҳахоманишиҳо ва зиёда аз 400 соли ҳукмронии Сосониён, балки муддати чандин асрҳо давом кардаанд ва имрӯз ҳам идома доранд.

**Муқарриз: Сафарова С.Д. – н.и.ф., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Ближний Восток. История десяти тысячелетий / А.Азимов. –М., 2003.
2. Аҳмадзода Р. Саразм - ёдгории беназири аҳди бостон. Саразм- ганҷинаи тиллоии тамаддуни тоҷикон (маҷмуи мақолаҳо бахшида ба 5500-солагии Саразми бостонӣ). –Хуҷанд: Ношир, 2020.- с.14.
3. Бартольд В.В. Несколько слов об арийской культуре в Средней Азии / В.В. Бартольд //Сочинение. -Том II. -Кн.2. – М., 1963.
4. Бартольд В.В. Работы по отдельным проблемам истории Средней Азии / В.В. Бартольд //Сочинения. -Том II. -Часть 2. –М., 1964.
5. Бартольд В.В. Согд / В.В. Бартольд // Сочинения в 9 тт. -Т.3. -М.: Наука, 1965. -487 с.
6. Булько А.Н. Большой словарь иностранных слов: 2-е изд., испр. / А.Н. Булько. -М.: Мартин, 2008.
7. Вайнберг Б.И. История и культура Средней Азии в древности / Б.И.Вайнберг, Б.Я. Ставиская. – М., 1994.
8. Гафуров Б.Г. Таджики. Кн. II / Б.Г. Гафуров. – Душанбе: Ирфон, 1988, 1989.
9. Гафуров Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении / Б.Г. Гафуров. -Т. I. - Изд.3-е Госполитиздат, 1955. -С.108.
10. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б.Г. Гафуров. –Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. -976 с.
11. Дандамаев М.А. Политическая история Ахеменидской державы / М.А. Дандамаев. - М., 1985. -С. 14–64, 100–112.
12. История таджикского народа.-Т.2. -Душанбе, 1999.- С. 367.
13. Исматуллоев Р. Древний Пенджикент (Краткое историко-археологическое и архитектурное обозрение) / Р. Исматуллоев, Ансорї Муаззамхон. -Худжанд: Ношир, 2020 с. 11. Ѓафуров Б. 1972. -С. 69.
14. История иранского государства и культуры. – М., 1972.
15. Ключевский В.О. Материалы разных лет. Афоризмы и мысли об истории / В.О. Ключевский. -М.: Мысль, 1990. -Т.9.-С.363-446.
16. Литвинский Б.А. Исторические судьбы Восточного Туркестана и Средней Азии. Проблемы этнокультурной общности. – Восточный Туркестан и Средняя Азия / Б.А. Литвинский. –М., 1984.
17. Струве В.В. Датировка Бехисутунской надписи. ВДИ, 1952, I (39) с. 26-48.
18. Страбон. География, XI, II, 1-2. Ниг. Древные авторы о Средней Азии (VI в. до н.э. – III в.н.э.), хрестоматия под ред. Л.В.Баженова, Ташкент, 1940. С.98, 124.
19. Тойнби А.Дж. Постижение истории. -М., 1991
20. Фрай Р. Наследие Ирана / Р. Фрай. - М., 1972. -С.307.
21. Brosius M. Pax Persica and the People of the Black Sea Region Extents and Limits of Achaemenid Imperial Ideology // Achaemenid Impact in the Black Sea: Communication of Power / Ed. J. Nieling & E. Rehm. 2010. P. 33.
22. Melikian-Chirvani A.S. The International Achaemenid Style // Bulletin of the Asia Institute. 7. Iranian Studies in Honor of A.D.H. Bivar. 1993. P. 111–130.

**ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ФАРҲАНГИ ҲАВЗАИ ХУҶАНД**
**(давраи ҳукмронии Ҳахоманишиён ва Сосониён)**

Дар мақола муаллиф заминаҳои таърихии ташаккул ва рушди фарҳанги ҳавзаи Хуҷанд дар даврони ҳукмронии Ҳахоманишиён ва Сосониёнро баррасӣ намудааст. Аҳаммияти хосса зоҳир намудан ба масъалаи ташаккулёбии фарҳанг дар замони Ҳахоманишиён ва ривоҷу равнақи он дар давраи ҳукмронии Сосониён маърифати имрӯзаи фарҳанги Тоҷикистон, аз он ҷумла фарҳанги ҳавзаи Хуҷанди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аз қадимулайём ба давлати Суғдиён дохил мешуд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар давраи Ҳахоманишиён дар ҳавзаи Хуҷанд зироаткорӣ ва чорводорӣ мавқеи муҳимро ишғол карда, дар масканҳои шаҳрӣ бошад, пешаварон ба сохтани олоти филизӣ, тайёр кардани зарфҳо ва бофандагӣ машғул буданд. Дар замони Сосониён бошад, ҳунарҳои оҳангарӣ, кулолгарӣ, коркарди маъдан, чармгарӣ, устухонтарошӣ, наҷҷорию дуредгарӣ, ҳайкалтарошӣ, рассомӣ ва ғайраҳо хеле тараққӣ карда, санъати мусиқӣ ва рақсӣ ҳам мақоми муҳим дошт.

**Калидвожаҳо**: фарҳанг, тамаддун, Ҳахоманишиён, Сосониён, фарҳанги суғдиён, ҳавзаи Хуҷанд, зироаткорӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ, санъати тасвирӣ, мусиқӣ ва рақс.

**ИСТОРИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ КУЛЬТУРЫ ХУДЖАНДСКОГО РЕГИОНА (эпоха правления Ахеменидов и Сасанидов)**

Автор в данной статье рассматривает исторические основы формирования и развития культуры Худжандского региона в эпоху правления Ахеменидов и Сасанидов. Выделение особого внимания формированию культуры в эпоху Ахеменидов и её развития в эпохе правления Сасанидов является и сегодняшнее познание культуры Таджикистана, в том числе культуры Худжандского региона Республики Таджикистан, который издревле входил в состав Согдийского государства. Автор отмечает, что в эпохе Ахеменидов в Худжандском регионе особое место занимали земледелие и животноводство, а в городских поселениях ремесленничество. Ремесленники занимались изготовлением железных орудий, сосудов и ткачеством. А в эпохе Сасанидов были очень развиты такие виды ремесел, как кузнечное, плотничество, гончарство, плавление руды, кожевенное производство, шабровка кости, столярничество, скульптура, живопись, а также музыкальное и танцевальное искусство занимали важное место.

**Ключевые слова:** культура, цивилизация, Ахемениды, Сасаниды, культура согдийцев, Худжандский регион, земледелие, животноводство, ремесленничество, изобразительное искусство, музыка, танцы.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Салимов Эраҷ Мирҳасанович* -** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, омӯзгори калони кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносӣ. **Суроға**: 735700. шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Мавлонбеков, 1. Телефон: **+992937006464**
E-mail: **eraj8700@mail.ru**

**Сведения об авторе: *Салимов Эрадж Мирхасанович* –** Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры культурологии. **Адрес**: 735700. город Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова, 1. Телефон:**+992 937006464**
E-mail: **eraj8700@mail.ru**

**Information about the author: *Salimov Eraj Mirkhasanovich*** – Khujand State University named after academician B. Gafurov, Senior Lecturer of the Wide-University Department of Culturology. Address: 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekov Ave., 1 Phone: **+992937006464** E-mail: **eraj8700@mail.ru**

ТДУ:11.1(575.3)

# ВАТАНДӮСТИЮ ҶАВОНМАРДӢ ВА ФАЗИЛАТҲОИ АХЛОҚӢ ДАР “ ШОҲНОМА”- И ФИРДАВСӢ

*Сафарова С.Д., Наврузов И.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Абулқосим Фирдавсӣ аз ҷумлаи бузургтарин суханварони дунёст. Ӯ бо таълифи «Шоҳнома» дар таърихи тамаддуни башарӣ ҳамчун ҳамосасарои беназир шӯҳрат ёфтааст. Мазмуну мундариҷаи «Шоҳнома» аз масоили сулҳ, инсондӯстӣ ва ҷавонмардию меҳандӯстӣ, адлу инсоф, илмомӯзӣ ва ғайра иборат аст.

«Шоҳнома» хазинаи бепоёни андарзу ҳикмат аст, ки дар пеши назари хонанда аз таҷрибаи қофии марди рӯзгордида, аз донишу маҳорати ӯ, аз ҷустуҷӯйҳову омӯзишҳои адиб башорат дода, дастуру роҳнамои муҳим дар тарбияи ҳаматарафаи ҷавонон ба шумор меравад.

Фирдавсӣ бо навиштани достонҳои « Шоҳнома » халқро ба ваҳдату якпорчагӣ, муҳофизати марзу бум аз душманон даъват мекунад. Вай ҳамчун инсонпарвари бузург ҷанг, зулму истибдод ва куштору хунрезиро маҳкум мекунад. Ситоиши ақлу хирад ва хирадмандӣ дар « Шоҳнома» - и безаволи Фирдавсӣ худ пойдевори мустақилест барои адабиёти ҷавонмардӣ, зеро адаби ин оин бар асоси мавҷудияти адолати иҷтимоӣ ва хираду ростии инсонҳо истеҳком мегардад. Аз ин рӯ, нуқтаи пайванде, ки адаби ҷавонмардиро ба сарчашмаҳои гузаштагонамон мекашонад, хираду ростӣ ва адолати иҷтимоист, ки Ҳаким Фирдавсӣ ин истилоҳро ҷони « Шоҳнома» - и хеш эълон медорад [15, с. 69].

Аз ин рӯ, Ҳакими аҷам инсонро, қабл аз ҳама, ба шунидану кор бастани панди мардони хирадманд даъват менамояд ва ба андешаи солими ӯ аз шахси хирадманд сухан шунидан гуворову манфиатнок аст. Дар баробари ин, пешниҳоди шоир одамонро ҳушдор медиҳад, ки аз ҷамъияти нобихираду ҷоҳилон ва ғаммозону дасисаҷӯён вораста будан иқдомест шоиста ва корест хирадмандона:

*Дигар бо хирадманд мардум нишин,*
*Ки нодон набошад бар оину дин*

Дар оини ҷавонмардӣ, ки пайравони он мардони амаланду ҳамеша дар корзорҳову набардҳо ба муқобили арзиштарин аркони бурдбории инсон сабру таҳаммул ва оромонаву аз рӯйи нақшаи саҳеҳ иҷро намудани вазифаи гузоштагашуда меистад, ки Фирдавсӣ мефармояд:

*Ки ҳар ҷойи тундӣ набояд намуд,*
*Сари бехирадро нашояд ситуд.*

Дар « Шоҳнома» яке аз меъёрҳои асосии муайян кардани моҳияти мақоми шоҳон некиву додгустарии онҳост. Аз ҷумла, Шопури сосонӣ монанди падараш Ардашер адолату некиро пеша мекунад ва ҳангоми супурдани тахти шоҳӣ ба фарзандаш Урмузд ҳамон панду андарзи падару аҷдодашро такрор намуда, ӯро ба некиву накукорӣ, каримиву камозорӣ, адолату бахшандагӣ даъват мекунад:

*Ба ҷуз доду некӣ макун дар ҷаҳон,*
*Панохи кеҳон бошу пушти меҳон.*
*Ба динор кам нозу бахшанда бош,*
*Ҳамон доддеш бошу фархунда бош.*
*Ҳама панди ман сарбасар ёд гир,*
*Чунон ҳам, ки ман дорам аз Ардашер [4, с. 35].*

Фирдавсӣ ормонҳои инсондӯстиашро дар бораи некиву накукорӣ ва мубориза онҳо, ҳамчунин, дар симои қаҳрамонону паҳлавонони барҷаста, бахусус ҷаҳонпаҳлавон Рустами Дастон ва ҷавонмарди поксиришт Сиёвуш таҷассум намудааст. Рустам бо ҳама паҳлавониву ҷанговарӣ инчунин шахси хирадманду накукор аст. Ӯ баробари ҷангу набард аз инсонгариву накукорӣ сухан меронад ва мардумро ба сулҳу осоиш ва ростиву покӣ даъват менамояд:

*Набояд кашидан гумони бадӣ,*
*Раҳи эзадӣ бояду бихрадӣ.*
*Ки гетӣ намонад ҳаме бар касе,*
*Набояд бад-ӯ шод будан басе.*
*Ҳунар мардумӣ бошаду ростӣ,*
*Зи каҗҷӣ бувад каммиву костӣ.*

Рустам намояндаи барҷастаи неруи некист ва ҳамеша бар зидди бадӣ мубориза мебарад. Сиёвуш ҳам аз симоҳои дурахшони «Шоҳнома» аст, ки тимсоли шуҷоату далерӣ паҳлавониву кордонӣ ва аз ҳама муҳимаш покиву ростӣ мебошад. Фирдавсӣ дар симои ин қаҳрамони дӯстдоштаи худ ҳама сифатҳои ҳамидаи инсониро ҷамъ овардааст. Ӯ ҳам дар гуфтору рафтор ва ҳам дар андешаву пиндор поку накуст ва инро худаш ҳам таъкид мекунад:

*Ба гуфтору кирдор аз пешу пас.*
*Зи ман ҳеҷ нохуб нашнид кас.*

Дар мавриди табдили чеҳра намудани қаҳрамонони марказии «Шоҳнома» - Рустам ва дигарон назар афканем, яқин мебинем, ки шоири шаҳир аввалин унсурҳои қаҳрамони адабиёти ҷавонмардиро дар чеҳраи Рустам, Суҳроб, Сиёвуш, Гурдофарид, Ланбак ва дигарон додааст, ки фармуда:

*Наёмузад аз кас хирад бо наҷод,*
*Зи кори гузашта наён- ш ёд.*

Дурахшонтари симои инсон дар «Шоҳнома» Рустам аст, беш аз дигар паҳлавонону қаҳрамонон ва ҳатто шоҳон таваҷҷуҳи Фирдавсиро ба худ ҷалб кардааст. Аз ин рӯ дар маркази достонҳои паҳлавонӣ Рустами далер меистад, силсилаи ривоятҳо дар бораи ӯ аз қиссаи падараш Зол ва бобояш Сом шуруъ мешавад. Ҳудудҳои шоҳигарии худро гашта, Зол ба Кобул мерасад ва ба Рӯдоба духтари ҳокими Кобул Меҳроб, ки аз авлоди Заҳҳок буд, ошиқ мешавад. Аз никоҳи онҳо паҳлавон Рустам таваллуд мешавад. Фоҷиаи қисмати Рустами паҳлавон аз аввал ҳамин буд, ки хуни вай ҳам ба авлоди Ҷамшеди некхоҳ ва ҳам ба авлоди кушандаи вай шоҳи аждаҳо Заҳҳок тааллуқ дошт. Рустам дар назари хонанда аз ҳама инсони некхоҳтарин ва паҳлавонтарини Эрон таҷассум ёфтааст. Вале ӯро ҳамеша қувваи бадӣ дунболгирӣ намуда, ба писаркуш ва кушандаи шоҳзодаи дӯстдоштааш табдил медиҳад. Ниҳоят дар охир ӯ аз тири бародари худ кушта мешавад [6, с. 45].

Корнамаҳои Рустам дар аснои ҳукмронии се тан подшоҳони Каёнӣ, Қайқубод, Кайковус ва Кайхусрав тасвир ёфтааст. Ниҳоят сулҳи муваққатӣ, ки дар миёни эрониёну турониён бунёд шуда буд, гусаста мешавад ва мубориза аз нав оғоз гардида, асрҳо идома меёбад.

Яке аз фазилатҳои ахлоқии хирадмандӣ – ин ҷавонмардию Ватандӯстист. Ватандӯстӣ ҳамчун мафҳуми ахлоқӣ аз дӯст доштани зодгоҳ, волидайн, хоҳару бародар, эҳтироми хешовандону ҳамсояҳо, забон, урфу одат, расму оин ва анъанаҳои мардуми диёр сар мешавад. Яъне, Ватандӯстӣ ва муҳофизати Ватан чун фазилати шахси хирадманд қарзи виҷдон аст. Ба ақидаи Фирдавсӣ Модару Ватан барои инсон муқаддастарин ва ноёбтарин неъмату сарвати бебаҳост, ки онро ба ҳеҷ чизе наметавон иваз кард. Барои ҳамин дар «Шоҳнома» мавзуи ҷавонмардию ватандӯстӣ дар ҷойи аввал қарор дошта, аз оғоз то анҷоми он саршор аз идеяҳои меҳанпарастию инсонпарварӣ мебошад.

Рустам симои шахсияти инсони меҳандӯст ва хирадманду комиле мебошад, ки дорои хусусиятҳои ахлоқии паҳлавонӣ, ҷасурию нотарсӣ, ҷавонмардиву накукорӣ, пуштибонии дарвешону кишоварзон, ятимону бенавоён аст.

Азбаски қаҳрамонони офаридаи Фирдавсӣ шахсиятҳои хирадманд ва тарбияёфтаю таълимдида мебошанд, онҳо Ватан ва хоки муқаддаси хешро аз ҳар гуна хавфу хатар ва ҳуҷуми аҷнабиён эмин нигоҳ дошта, ҷонбозӣ мекунанд. Рустам аз қабили чунин шахсиятҳои хирадманду тарбиятдида ва ватандӯст аст, ки барои марзу буми хеш ҳамеша ба ҷонбозӣ тайёр аст.

Чунончӣ, дар достони «Ҷанги Рустам бо Ашкбӯс» бо мақсади ғоратгарона ба Ватани Рустам ҳуҷум кардани Ашкбӯс тасвир ёфтааст. Вай мағрур буда, худро мағлубнопазир мепиндошт:

*Далере, ки буд номи ӯ Ашкбӯс.*

*Ҳаме бархурӯшид ба сони кӯе.*
*Биёмад, ки ҷӯяд аз Эрон набард,*
*Сари ҳамнабард андарорад ба гард [8, с. 80].*

Фирдавсӣ нотарсию далериро низ мафҳумҳои муҳимми ҷавонмардию ватандӯстӣ дониста, таълим медиҳад, ки меҳанпарасти ҳақиқӣ дар лаҳзаҳои душвор ба ҳимояи халқу Ватан бармехезад. Мақсади ҳуҷум овардани Ашкбӯс ба Эрон ғулом гардонидани халқи вай буд. Лекин дар ин асно эътирози халқ баланд гардида, аз байни онҳо Рустам барин диловари нотарс барои ҳимояи халқу меҳан бо Ашкбӯс якка ба якка ҳамнабард мегардад:

*Камонро ба зеҳ-бар ба бозу фиканд,*
*Ба банди камар-бар бизад тир чанд.*
*Яке тир дар даст ранг обнӯс,*
*Хиромиду омад бари Ашкбӯс.*
*Хурӯшид «Эй марди ҷангозмой,*
*Ҳам овардат омад, марав ҷой».*

Рустам, ки руҳану ҷисман тарбияи хуб гирифта буд ва марди хирад буд, бар зидди Ашкбӯс мардонагӣ ва шуҷоат нишон медиҳад. Меҳри Ватану Модар, аҳлу аёл, хешу табор ва ҳамватанони ӯро нисбати душманон дучанд мекунад. Ашкбӯс, ки дар достон симои бехирадию кӯтоҳақлӣ тасвир гардидааст, нисбати Рустам нописандӣ мекунад:

*Бад ӯ гуфт хандон, ки «Номи ту чист?*
*Тани бесаратро кӣ хоҳад гирист? ».*

Вале Рустам, ки аз тарафи Фирдавсӣ шахсияти ҷисман тавоно тасвир гардидааст, на танҳо дар қувваю зӯри бозу, балки дар баҳс ҳам бо сеҳри сухан душманро мағлуб мекунад. Яъне, сухан ва сеҳри он низ воситаи мубориза алайҳи душманон дар дасти Ватандӯсти ҳақиқӣ мебошад:

*Таҳамтан бад- ӯ гуфт, к- «Эй шумтан,*
*Чӣ пурсӣ ту номам дар ин анҷуман?*
*Маро номи ман ном марги ту кард,*
*Замона маро путки тарги ту кард» [16, с. 65].*

Рустам ҳамчун паҳлавони хирадманд на танҳо бо зӯри бозу, балки бо хираду сухандонии худ низ бар душман ҳамеша ғолиб мебарояд. Чунончи:

*Сари найзаву номи ман марги туст,*
*Кафан бегумон ҷавшану тарги туст.*

Мутафаккир ҷавонмардӣ ва ватандӯстиро ҳамчун сифати олии хирадмандӣ ва ахлоқӣ тарғиб намуда, Рустамро дорои ҳамин сифатҳо тасвир намудааст. Дар тасвири Фирдавсӣ модар ӯро маҳз барои ҳифзи Ватан ва марзу буми он, барои мағлуб гардонидани душманон зодааст. Рустам на танҳо ҷисман пурзӯр, балки зираку доно ва суханвари оташин аст.

Номи маро модарам «Марги душман» мондааст - мегӯяд дар ҷавоби ҳарифаш, бо ҳамин суханони нешдор ҳарифашро дар баҳс мағлуб мекунад. Шахси ватндӯст на танҳо далеру тавоно, пурқувват, балки бояд дорои хислатҳои ахлоқии оқилона, нексиришт, фурӯтан, ҳақиқатҷую росткору ростгӯ бошад. Аз ин рӯ, хислат, рафтору кирдор ва дигар хусусиятҳои ахлоқии Рустам қобили қабул ва дастгирии ҳар як ҷавонмард ва ватандӯсти имрӯза мебошад.

Дар достони «Ҷанги Рустам бо деви Сафед» Фирдавсӣ масъалаи ахлоқи бади шоҳону давлатдорони гузаштаро аз қабили ҳисси чизпарастӣ, кибру ғурур, зулму ситами зердастон, ноуҳдаборой, бехирадию кӯтоҳандешии онҳоро нишон дода, баръакси онҳо мардонагию шуҷоат ва паҳлавонии халқи заҳматкашро дар ҳифзи марзу буми Ватани худ ситоиш мекунад. Мақсади асосии шоир тарбияи наслҳои ҷавон ва тамоми мардум дар руҳияи ватандӯстӣ мебошад.

Дар «Шоҳнома» Кайковус чун шоҳи мағрур, худписанду худситой тасвир гардидааст, ки пас аз марги падараш Кайқубод ба тахти подшоҳи мешинад. Ӯ худашро аз ҳамаи шоҳони гузашта ва замонаш боло ва пуриқтидор мешуморад:

*Маро зебад андар ҷаҳон бартарӣ,*
*Наёрад зи ман ҷуз кас доварӣ.*

Натиҷаи ҳамин ҳавобаландӣ ва кибру ғурур буд, ки ба шаҳри Мозандарон расидан замон бо тамоми лашкараш асири деви Сафед мегардад. Вай ба номи Золу Рустам нома навишта, имдод металабад. Дере нагузашта Рустам расида меояд ва дар ҷанги тан ба тан бар сакардагони девҳо ғолиб баромада, Кайковус ва лашкари ӯро аз банд раҳо мекунад.

Ҳамин тавр, Рустам бо корнамоиҳо ва қаҳрамонии хеш мамлакати девҳоро дар Эронзамин мутеъ мегардонад:

*Чу Ковус нишаст бари тахт боз,*
*Чунин гуфт ба Рустами сарфароз,*
*Ки, «Эй паҳлавони ҷаҳон сар ба сар,*
*Ба мардӣ намудӣ ба ҳар ҷо ҳунар.*
*Зи ту ёфтам манн кунун тахти хеш,*
*Ба ту бод равшан дилу дину кеш» [13, с. 100].*

Фирдавсӣ чун шахсияти тавоно ва инсонпарвари бузург мардумро дар руҳияи сулҳдӯстӣ тарбия намуда, ҷангҷӯёнро сахт маҳкум мекунад ва натиҷаҳои харобиовари онро хотиррасон мекунад:

*Басе бе падар гашта бинӣ писар,*
*Басе бе писар гашта бинӣ падар.*

Шоир дар чунин ақида аст, ки ба ҷавонон аз хурдсолӣ дарси далерию матонат, одамгарӣ ва ватандӯстӣ омӯхтан лозим аст. Барои ҳамин дар тасвири Фирдавсӣ Рустам ҳам Сиёвушро аз давраи ширҳорагиаш ба тарбияи худ гирифта, ба ӯ ақлу дониш ва ҳунари диловарию ҷавонмардӣ меомӯзонад.

Баъди дарси далерию мардонагӣ омӯзонидани Рустам Сиёвушро ба монанди аспсаворию тирандозӣ, шикору набард, идора кардани қушун дар ҳарб, сухандонию фарҳанг ва дар ин вақт вай ҷавони баркамол гашта, ба воя расида, ба ҳаёти мустақил омода мешавад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки Фирдавсӣ на танҳо тарбияи ҷисмонӣ, балки тарбияи фикриро ҳам муҳим шуморида онҳоро бо ҳам алоқаманд медонад.

Фирдавсӣ дар тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон нақши оила ва падару модарро асосӣ мешуморад. Яъне, тарбияи ватандӯстии фарзандонро вазифаи волидайн мешуморад, зеро оила ҳамчун ҷузъи хурдтарини ҷамъияти инсонӣ буда, дар тарбияи фарзандон нақши асосӣ мебозад. Дар оила анъанаҳо ва урфу одатҳо устувор гашта, меъёрҳои ахлоқии одамон муайян мегарданд [9, с. 125].

Дигар ин, ки ҳимояи Ватан ва марзу буми онро Фирдавсӣ қарзи фарзандии ҳар як шахси солимфикр медонад. Вай дар ҳимояи Ватан ягонагӣ, ваҳдат ва муттаҳидии мардумро шарти асосии ғалаба ҳисоб мекунад:

*Зи баҳри бару буми фарзанди хеш,*
*Ҳамон аз пайи ганҷу пайванди хеш.*
*Бибандед ба якдигар домано,*
*Намонед бадхоҳ пиромано.*

Дар ҷанг ҷонро дареғ доштан лозим нест, агар ҷавони ҷанговар дар майдони ҷанг тарсу ҳарос дошта, тарсончак бошад, ҳеҷ гоҳ зафар нахоҳад ёфт. Далерию нотарсӣ ва ҷон дареғ надоштани ҷавонмардро дар ҷанг Фирдавсӣ яке аз ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ ва ҳимояи он мешуморад:

*В- агар борад аз мег пулодтег,*
*Нашояд, ки дорем ҷонро дарег.*

Ин даъватҳо асрҳо барои мардуми мо ба сифати шиори ватандӯстию мардонагӣ хидмат кардаанд ва ҳар бор, ки ба сари кишвар хавфе меомад, ин даъватҳои ҷанговарона дар дили онҳо оташи ҳисси хашму ғазаб, нафрат, интиқом, далерию бебокиро нисбат ба душман аланга дода, бедор мекард.

Ба қавли ҳаким Фирдавсӣ шарти дигари зафар ёфтан бар душманон дар ҷанг далерӣ, ҳушёрӣ, ҳунармандӣ ва оқилӣ мебошад:

*Ҳунар – худ далерист бар ҷойгоҳ,*
*Ки ба дил набошад сазовори ҷоҳ.*
*Далерӣ зи ҳушёр будан бувад,*
*Диловар сазои сутудан бувад [3, с. 70].*

Шоир сарбозонро, ки алайҳи душман меҷанганд, ба ҳайси меҳанпарастони ҳақиқӣ эътироф менамояд ва ба фарзандони хурдсоли онҳо ёрии моддӣ расонданро қарзи виҷдони ҳар як шахси ватандӯст медонад:

*Ҳар он кас, ки шуд кушта дар корзор,*
*В – аз ӯ хурд кӯдак бувад ёдгор.*
*Чу номаш зи дафтар бихонад дабир,*
*Дирам пеши кӯдак бувад ногузир.*

Хусусияти муҳимми мавзуи ватандӯстию ҷавонмардии «Шоҳнома» аз он иборат аст, ки дар он Фирдавсӣ ҷангу ҷангҷӯёнро мазаммат намуда, онҳоро ба сулҳу оштӣ даъват намудааст:

*Касе нест бе озу бе ному нанг,*
*Ҳамон оштӣ беҳтар ояд зи ҷанг.*

Вай зиндагии инсонро дар ҷаҳон муваққатӣ медонад ва таълим медиҳад, ки дар зиндагӣ бояд инсон роҳи ақлу хирадро пеша кунад, кӯшиш намояд, то сулҳу дӯстӣ пойдор бошад, зеро ки «Гетӣ намонад ҳаме бар касе».

Мутафаккир сулҳпарвариро яке аз сифатҳои ахлоқии шахсият, яъне марди хирадманд медонад. Ба ақидаи вай ҳама сабабҳо ва паҳлуҳои адоватро насанҷида, зуд озими размгоҳ шудан, кин парваридану табли ҷангро задан аз сифатҳои хирадмандӣ нест:

*Касе, ки оштӣ ҷӯяду суру базм,*
*На некӯ бувад тез рафтан ба разм.*

Масъалаи сулҳу оштӣ ҳеҷ як шахсро бетараф намегузорад, чунки ҷангу бадӣ роҳи эзидӣ нест, балки ҷойи ғаму дарду ранҷ аст. Роҳи эзидӣ ба қавли шоир роҳи ҳақиқат ва донишомӯзӣ аст:

*Маро сер шуд дил зи ҷангу бадӣ,*
*Ҳама ҷуст хоҳам раҳи эзидӣ.*
*Кунун донишу дод боз оварем,*
*Ба ҷойи ғаму ранҷ ноз оварем [11, с. 88].*

Фирдавсӣ ҳар як шахсро даъват мекунад, ки халқи худ, ҷамъият, мамлакатро ба одамони бад насупоранд ва дар зиндагӣ ҳамеша ростгӯй, мардумнавозу накукор бошанд.

*Ҷаҳонро набояд супурдан ба бад,*
*Ки бадкешро бегумон пойдор бад*
*Набошад ҳама неку бад пойдор,*
*Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.*

Ба ақидаи мутафаккир дар тарбияи шахси хирадманд кӯшишу ғайрат, шуҷоат, интизом, виҷдон, шараф, номус, садоқат, муҳаббат, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва дигар сифатҳои ахлоқӣ нақши муҳим мебозанд.

Ҳаким Фирдавсӣ дар асари хеш оид ба қиссаи «Подшоҳии Хусрави Нӯшинравон», ки чилу ҳашт сол сардори давлат буд, панду ҳикматҳои ахлоқиро шарҳ додааст. Дар ин ҷо мутафаккир афкори ахлоқӣ ва муҳтавиёти пандномаҳои собиқи эронзаминро ҷамъбаст намуда, мағзи тарбиявии асарашро дар ҳафт базми Нӯшинравон бо иштироки Бузургмехр ва мубадон, инчунин дар фаслҳои «Андарз кардани Нӯшинравон сардорони Эронро», «Панд додани Бузургмехр Нӯшинравонро», «Панд додани Нӯшинравон писари худ Ҳурмуздро», «Пурсиши мубадон аз Ҳурмузд ва посух додани он» ҷамъбаст намудаст, ки онҳо дар замони ҳозира аҳаммияти бузурги таълимию тарбиявӣ доранд.

Фирдавсӣ ифтихорманд аст, ки аз нажоди Нӯшинравони одил буда, насиҳатшунаву пандназири бузургони гузаштаи Ватани хеш буд [12, с.225]. Шоир таълим медиҳад, ки агар инсон дониши мукаммал надошта бошад, чун қувваи бадӣ, торикӣ, дуруғгӯӣ, носипосӣ, кинаю рашк намуда, ба халқу Ватан некӣ карда наметавонад ва ҳамчун қувваи аҳриманӣ доимо бо корҳои бадӣ равона мешавад. Дар афкори мутафаккири бузург масъалаи дар ҷавонон тарбия намудани идеяҳои олии ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, мавқеи калонро ишғол менамояд. Ба ақидаи ӯ ҳар як шахси ватандӯст бояд ватанро муқаддас донад ва барои ҳифзи он ҷони худро дареғ надорад, чунки шодии инсон дар озодии ватан аст. Дар ҷанге, ки барои ҳифзи ватан аст, қурбон шудан, аз ватани хешро ба дасти душманон додан ҳазорон бор авлотар аст:

*Нигаҳ кун бад – ин лашкари номдор,*
*Ҷавонони шоистаи корзор.*
*Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,*
*Зану кӯдаки хурду пайванди хеш.*
*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*
*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем [14, с. 17].*

Ҳамин тавр, Фирдавсӣ ҳифзи ватанро вазифаи ҳамаи мардумон ва ҳамбастагиву ягонагии халқҳоро яке аз шартҳои таъмини пирӯзӣ бар душманон ҳисобида, бо номи баланд мурданро аз бо тарсу ҳарос ҳаёт ба сар бурдан, авлотар медонад.

«Шоҳнома» - и Фирдавсӣ дар рушду нумӯи фалсафа, адабиёт, санъат, маориф мавқеи муҳим мебозад. Дар ҳар як оилаи фарҳангдӯст ин китобро дӯст медоранд ва гаштаю баргашта мехонанд, ғояҳои онро дар тарбияи наврасон ва ҷавонон истифода мебаранд. Чунки «Шоҳнома» пеш аз ҳама асари тарбиявист. Ба ақидаи Фирдавсӣ дар тарбияи шахси хирадманд ва хирадмандӣ кӯшишу ғайрат, шуҷоат, интизом, виҷдон, шараф, номус, садоқат, муҳаббат, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, сабр ва дигар сифатҳои ахлоқӣ нақши муҳим мебозанд.

Мутафаккир ба ҷавонон насиҳат мекунад, ки роҳи некиро пеша намуда, аз бадӣ парҳез кунанд ва панди падару модарро дар хотир дошта бошанд. Ӯ нақши баланди донишро дар зиндагии инсон эътироф намуда, тавсия медиҳад, ки бояд бо шахсони доно дӯстӣ намуд. Аҳаммияти омӯхтани илму донишро гӯшрас намуда, Фирдавсӣ таълим медиҳад, ки аз ҳар донише хондану баҳра бурдан лозим аст. Барои ҳамин ҷавононро даъват менамояд, ки дар роҳи омӯзиши илму фан суст наомада, заҳмат кашанд.

Аз «Шоҳнома» - и безаволи Фирдавсӣ ва аз хазинаи бойи ахлоқию маънавии он бояд дар ҷараёни таълиму тарбияи ҷавонон ба таври васеъ истифода барем ва кӯшиш намоем, ки савияи донишомӯзӣ, ҳунару зебоишиносии хонандагону донишҷӯёнро боло бардорем, ба онҳо худшиносию худогоҳӣ, ватандӯстию ифтихори миллӣ, меҳнатдӯстӣ, адолат ва покию ростиро биомӯзонем.

Чи тавре, ки муҳаққиқи барҷастаи осори ниёгонамон Е.Э Бертелс қайд намудааст, ки Фирдавсӣ тамоми ҳастӣ ва қалби хешро вақф карда, «Шоҳнома» - ро бо хуни дил навишт ва ба ин қиммат харидори муҳаббату эҳтироми халқ нисбат ба худ гашт [1, с. 198]. Корнамоиҳои қаҳрамонони ин шоҳасар нишон медиҳанд, ки онҳо барои ҳифзи Ватан корнамоиҳои беҳамто нишон додаанд.

Барои ҳамин хондан, омӯхтан ва тадқиқу татбиқи ақидаҳои ватандӯстию ҷавонмардӣ ва панду ахлоқии Ҳаким Фирдавсӣ дар замони имрӯза ҳам аҳаммияти бузурги тарбиявӣ доранд.

Дар бораи аҳаммияти тарбиявии «Шоҳнома» худи халқ беҳуда нагуфтааст:

*Ҳар он кас, ки «Шоҳнома» - хонӣ кунад,*
*Агар зан бувад паҳлавонӣ кунад.*

**Муқарриз: Шаҳовудинов Н.С.- н.и.ф., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Бертельс.Е.Э.История персидско-таджикской литературы /Е.Э.Бертельс. – Москва, 1960. - Т.1. - С.198.
2. Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна /Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. -416 с.
3. Зоҳир Аҳрорӣ. Андарзномаи Фирдавсӣ / Аҳрорӣ Зоҳир, Камол Айнӣ.- Душанбе: Ирфон,1992.- 272 с.
4. Олимов К. Фирдоуси и таджикская возрождение / Олимов К. //Ахбори АИ ЧТ. – Душанбе, 1994.- №2. -С-32-37.
5. М.Муллоаҳмад. Некӣ ва накукорӣ аз назари Фирдавсӣ // «Пайванд».-Душанбе, 1991. - С.6-7.
6. Муллоаҳмадов М. Хирад ва хирадмандӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ/ М.Муллоаҳмадов //Ахбори АИ . ЧТ. – Душанбе, 1994.- №2. –С.42-46.
7. Муллоаҳмадов Мирзо. Инсон адабиёт фарҳанг / М.Муллоаҳмадов. –Душанбе: Адиб, 1998.- 336 с.
8. С.Улуғзода. Достонҳои «Шоҳнома».- Душанбе: Маориф. 1976.- 190 с.
9. Сафарова С.Д. Ақидаҳои ватандӯстӣ ва панду ахлоқӣ дар «Шоҳнома» –и Фирдавсӣ / С.Д. Сафарова. – Душанбе: Осори Академияи ВКД ҶТ. -2015. - №2 (26) . -С. 120– 125.
10. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. – Душанбе: Адиб, 2008. -Ҷ. 1. – 592с.
11. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома.– Душанбе: Адиб, 2008. -Ҷ. 3. – 339с.
12. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома.– Душанбе, 1965. -Ҷ. 4. – 339 с.
13. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома.– Душанбе: Адиб, 1989. -Ҷ. 5. – 460 с.

14.Шоди Асрор. Дарёи андарзу ҳикмат-шоҳбайтҳои «Шоҳнома». -Душанбе: 1990. -С .15- 18.
15. Қ. Восеъ. Инъикоси хусусияти ҷавонмардӣ дар«Шоҳнома» - и Фирдавсӣ / Қ.Восеъ, Р. Хокироев, М.Турсунова. -Душанбе: Ахбори Академияи илмхои ҶТ. -1994. – С .69-77.
16. Қодиров Қодир. Тарбияи шахсият ва ташаккули сифатҳои ахлоқӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ / Қодир Қодиров, Маҳмадулло Раҷабов. – Душанбе: Маориф, 2001. – 90 с.

## ВАТАНДӮСТИЮ ҶАВОНМАРДӢ ВА ФАЗИЛАТҲОИ АХЛОҚӢ ДАР “ШОҲНОМА”- И ФИРДАВСӢ

Дар мақола эҷодиёти яке аз шоирони бузурги адабиёти форсу тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Абулқосим Фирдавсӣ шоири бузӯрг буда, тамоми зиндагии худро барои пойдории забони форсии дарӣ ва таърихи аҷдодони гузаштаамон сарф кардааст. «Шоҳнома» ганҷинаи пурбаҳои афкору андешаҳои баланди иҷтимоӣ, сиёсӣ, ахлоқиву фалсафӣ буда, дар он таҷрибаву озмудаҳои башар ва ба хусус мардуми эронинажод ҷамъбаст гардида, дар пирояи каломи фасеҳу ширин ва образу тасвирҳои рангин ба зуҳур расидаанд. Фирдавсӣ ҳар як шахсро даъват мекунад, ки халқи худ, ҷамъият, мамлакатро ба одамони бад насуποранд ва дар зиндагӣ ҳамеша ростгӯй, мардумнавозу накукор бошанд.Фирдавсӣ ҷавонмардию ватандӯстӣ ва истиқлоли миллиро ҳамеша дар ҷойи аввал мегузорад. Бинобар ин, қаҳрамонаш ғолибона ватанро ҳимоя мекунад, истиқлоли миллиро ҳифз менамоянд. Шоир аввало ба ҷавони далеру диловари ватани худ мефахрад ва мафҳуми ватан дар тасаввури ӯ танҳо аз замину шаҳру деҳоти кишвар иборат нест, балки халқи он пеш аз ҳама, зану фарзанд ва хешу таборро ҳам дарбар мегирад. Фирдавсӣ дар мудофиаи ватан, иттиҳоди маънавии халқро зарур шуморида, таъкид менамояд, ки ватандӯсту ҷавонмард дорои хислатҳои далерӣ, шуҷоатмандӣ ва озодихоҳиро аз худ намуда, вай бояд одами оқил, доно, ҳунарманду ҳушёр ва донандаи ҳунари аслиҳаи ҷангӣ бошад. Чуноне ки муаллиф иттилоъ медиҳад, Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» афкори ватандӯстию ҷавонмардӣ ва сифатҳои хирадмандиро дар симои қаҳрамонони дӯстдоштааш Рустам ва Сиёвуш тасвир намудааст. Ҳамин тавр, дар «Шоҳнома» хирад дар муқобили ҷанг қарор дода шудааст, ва шоир зикр намудааст, ки хирадманд ҳамеша на ба ҷангу хунрезӣ, балки ба сулҳу накукорӣ майл мекунад..

**Калидвожаҳо:** Ватан, шоҳнома, шоир, ватандӯстӣ, ҷавонмардӣ, фазилатҳои ахлоқӣ, хирадмандӣ, инсон, достон, мутафаккир, тарбия, сулҳу ошти, ҷавонон, қаҳрамонӣ.

## ПАТРИОТИЗМ, МУЖЕСТВЕННОСТЬ И НРАВСТВЕННЫЕ НАСТАВЛЕНИЯ В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

В статье рассматривается творчество Абул Касима Фирдоуси — великого поэта, посвятивший всю свою жизнь увековечению персидского языка, дари и истории наших предков. «Шахнаме» — это богатая сокровищница высоких социальных, политических, моральных и философских мыслей и идей, в которой собраны переживания и испытания людей, особенно народа Ирана, в виде красноречивых и сладостных слова и красочных изображений. Фирдоуси призывает каждого человека не отдавать свой народ, общество, страну плохим людям и всегда быть честныи, добрыми и добросердечными в своей жизни.На первое место Фирдоуси всегда ставит молодость, патриотизм и национальную независимость. Поэтому его герой победоносно защищает Родину, защищает национальную независимость. Поэт гордится прежде всего смелой и мужественной молодежью своей Родины, и понятие Родины в его воображении состоит не только из земли, городов и сел страны, но и ее народа, прежде всего женщин, детей и родственников. Фирдоуси считает духовное единство народа необходимым для защиты Родины и подчеркивает, что патриот и молодой человек должны обладать качествами мужества, отваги и свободы, быть умным, интеллигентным, артистичным и бдительным человеком, знающим искусство военного дела. Как сообщает автор, Фирдоуси в «Шахнаме» передал мысли о патриотизме, молодости и мудрости в образах своих любимых героев Рустама и Сиявуша. Так, в «Шахнаме» мудрость противопоставляется войне, и поэт упоминает, что мудрый человек всегда стремится не к кровопролитию, а к миру и добру.

**Ключевые слова:** Родина, Шахнаме, поэт, патриотизм, мужественность, нравственные наставления, человек, история, мыслитель, образование, мир и согласие, молодость, героизм.

## PATRIOTISM, MASCULINITY AND MORAL INSTRUCTIONS IN FERDOWSI’S "SHAHNAMEH"

This article discusses the creativity of one of the greatest poet of Persian and Tajik Literature – Abul Qasim Ferdowsi. Abul Qasim Ferdowsi is a great poet who devoted his entire life to perpetuating the Dari Persian language and the history of our ancestors. "Shahnameh" is a rich treasury of high social, political, moral and philosophical thoughts and ideas, which contains the experiences and trials of people, especially the people of Iran, and they manifested themselves in the form of eloquent and sweet words and colorful images. Ferdowsi urges every person not to give their people, society, country to bad people and always be honest, kind and kind-hearted in their lives. Fedowsi always puts youth, patriotism and national independence in the first place. Therefore, his hero victoriously defends the Motherland, defends national independence. The poet is proud, first of all, of the brave and courageous youth of his Motherland, and the concept of the Motherland in his imagination consists not only of the land, cities and villages of the country, but also its people, primarily women, children and relatives. Ferdowi considers the spiritual unity of the people necessary for the defense of the Motherland and emphasizes that a patriot and a young man must possess the qualities of courage, courage and freedom, be an intelligent, artistic and vigilant person who knows the art of military weapons. According to the author, Ferdowsi in "Shahnameh" described the thoughts of patriotism, youth and wisdom in the images of his favorite heroes Rustam and Siyavush. Thus, in the "Shahnameh" wisdom is opposed to war, and the poet mentions that a wise person always strives not for bloodshed, but for peace and goodness..

**Keywords:** Motherland, "Shahnameh", poet, patriotism, masculinity, moral instruction, wisdom, man, history, thinker, education, peace and harmony, youth, heroism.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафарова Сайлинисо Додиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа, номзади илмҳои фалсафа, дотсент. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 919551283.**
***Наврузов Исфандёр Сухробович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа, ассистент. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 918424747**.

**Сведения об авторах:** ***Сафарова Сайлинисо Додиевна*** – Таджикский национальный университет, общеуниверситетская кафедра философии, кандидат философских наук, доцент. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 919551283**.
***Наврузов Исфандёр Сухробович*** - Таджикский национальный университет, общеуниверситетская кафедра философии, ассистент. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 918424747**.

**Information about the authors: Safarova Sayliniso Dodievna –** Tajik National University, university-wide department of philosophy, candidate of philosophical sciences, associate professor. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **+992 919551283.**
***Navruzov Isfander Sukhrobovich*** **-** Tajik National University, university-wide department of philosophy, assistant. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **+992 918424747.**

ТДУ: 130.2+32 (575.3)

# ИНКИШОФИ ФАРҲАНГИ СИЁСИИ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


*Шералиева М.С.*

**Донишгоҳи давлатии Данғара**


Ҷавонон қувваи бузург ва неруи созандаи ҳар як халқу миллат мебошанд. Аз ин лиҳоз, дар шароити мураккаб гардидани вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замони муосир ин қишри осебпазири ҷомеа бо таҳдидҳои нав ба нав рӯ ба рӯ гардида истодааст. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиш ва ҳалли мушкилоти ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон ба миён омадааст.

Масъалаи фарҳанги сиёсии ҷавонон дар доираи илмҳои фалсафаи иҷтимоӣ, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ, фарҳангшиносӣ ва дигар илмҳо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода мешавад. Доир ба фарҳанги сиёсии ҷавонон корҳои илмӣ-таҳқиқотии зиёде рӯйи кор омадаанд, аммо новобаста аз ин паҳлуҳои мухталифи ин масъала ба омӯзиш ва таҳқиқ ниёз дорад.

Ба андешаи мо, барои ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон, пеш аз ҳама, ҷаҳонбинии сиёсии ҷавононро боло бурданамон лозим меояд.

Одатан, зери мафҳуми «ҷаҳонбинии сиёсӣ - маҷмуи тасаввуротҳои ҷамъбастгардида дар бораи олам, баамалоии равандҳои табиӣ ва иҷтимоии дар он, муносибатҳои инсон ба ҳодисаҳое, ки ӯро иҳота кардаанд, маънидод карда мешавад». Хусусияти асосии ҷаҳонбинии сиёсӣ – дарки дақиқ, инъикоси ҳақиқату воқеият, талаботи инфиродӣ ва ғайримустақими ҷамъиятӣ, вазифаҳо ва ғояҳо мебошад. Ягонагӣ ва ба алоқамандии кулли омилҳои мавҷуда метавонанд:

- танҳо донишҳои дар натиҷаи таҷрибаҳо хосилшуда дар ташаккули ҷаҳонбинии фаъол буда, хусусияти эътиқодиро таҷассум намоянд;
- танҳо ҳамон эътиқодҳо самти асосиро дар ҷаҳонбинӣ инъикос намояд ва ҷаҳонбинӣ ба сифати воситаи муҳиму асосӣ дар рафтору фаъолияти дорои хусусияти ҷамъиятию сиёсидоштаи барандагони сиёсат нақш дошта бошад;
- алоқамандӣ байни эътиқоди воқеӣ ва ҷаҳонбинӣ дар ташаккули маънавиёт, маърифати шахсию гурӯҳӣ ва дар маҷмуъ, ҷомеа таъсири мусбӣ дошта бошад.

Мавриди зикр аст, ки навсозии тамоми тарафҳои ҳаёти чамъиятии моро инкишофи шуури ҷамъиятӣ, шуури сиёсӣ ва фаъолияти иқтисодии ҷавонон ҳамроҳӣ мекунад . Яке аз муҳимтарин меъёрҳои камолоти иҷтимоии инсон сатҳи фарҳанги сиёсии ӯ мебошад, ки дар ташаккули ҳаёти маънавӣ, шуури сиёсии шахс ва тамоми ҷамъият нақши ҳалкунанда мебозад.

Таҳлили раванди ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон бидуни дақиқ кардани таърифи ин истилоҳ мушкил буда, фаҳмидани меъёри фарҳанги ҷавонон дар шароити навсозии ҷамъиятӣ ва тамоюли инкишофи сиёсиро имконнопазир мегардонад. Дар бештари асарҳои илмӣ, фарҳанги сиёсӣ ҷузъи таркибии фарҳанги умумии инсониро ташкил медиҳад, ки бо фазои ҷамъиятӣ-сиёсӣ алоқамандии зич дорад. Бо якчанд шартҳои муайяни равишҳои асосии олимони шуривиро нисбат ба ин консепсия ҷудо кардан мумкин аст. Ғояи фарҳанги сиёсӣ, ҳамчун маҷмуи донишҳои сиёсӣ, сарватҳои маънавӣ ва роҳҳои фаъолияти сиёсиро олимоне, ба монанди А.Г. Агаев, А.И. Арнолдов, Ф.М. Бурлатский тарафдорӣ мекунанд [2, с.197-198].

Дигар муҳаққиқон фарҳанги сиёсиро ҳамчун тавсифномаи умумии шахс, дараҷаи инкишофи сиёсии ӯ, қобилияти дар амал татбиқ карда тавонистани донишҳои сиёсӣ мешуморанд (Ю. П. Ожегов, Ю.А. Тихомиров, Р.Г. Яновский). Чередниченко А.П. комилан дуруст хулоса мебарорад, ки фарҳанги сиёсӣ ҳамчун низоми сиёсӣ, идеологӣ пайдо мешавад, арзишҳои иҷтимоӣ-психологӣ, институтҳои сиёсӣ ва роҳҳои фаъолияти сиёсиро ифода мекунад [7, с.26].

Фарҳанги сиёсии ҷавонон ҷузъи нисбатан мустақили фарҳанги сиёсии замони муосир мебошад, ки Л.И. Кривосюк ба он таъкид карда, сифати фаъолияти ҷамъиятию сиёсии ҷавонон, сабабҳои иштирок кардан дар он, дараҷаи масъулиятшиносӣ барои фаъолияти якҷояи меҳнатӣ ва тақдири кишварро муайян намудааст [8, с.14]. Хусусиятҳои фарҳанги

сиёсии ҷавонон дар табиати посдошти арзишҳои маънавӣ аз ҷониби онҳо ва роҳҳои татбиқи онҳо дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ифода меёбад. Аксарияти ҷавонон бинобар сабаби кам будани таҷрибаи ҳаётӣ ақидаҳои мустақили сиёсӣ надоранд. Табақаҳои гуногуни ҷавонон дараҷаҳои гуногуни камолоти иҷтимоӣ доранд. Вижагиҳои тарзи зиндагӣ дар завқ, манфиатҳо, шакли гузаронидани вақти холӣ ва робитҳои байниҳамдигарӣ инъикос меёбанд.

Фарҳанги сиёсӣ бинобар як қатор ченаку зуҳуроти худ на ҳамеша барои мушоҳида ва андозагирӣ дастрас буда, баъзе душвориҳо ба мисли нишондиҳандаҳои ҳолати ҳамзамонии он ва дараҷаи тараққиёт садди роҳ ҳастанд. Ба ақидаи мо, маҳаки асосии баҳодиҳии фарҳанги сиёсии ҷавонон - мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, иштирок дар корҳои амалӣ, посухгӯй будан барои кирдорҳои ҳамарӯза, инчунин барои камфаъолиятии онҳо бояд бошад. Вале, мутаассифона, сарфи назар аз раванди демократикунонии ҷамъият, нобоварӣ нисбат ба ҷавонон ҳанӯз бартараф карда нашудааст.Ҷавонон на ҳамеша барои худ кори сазовор ва шоиста меёбанд, онҳое, ки қобилиятноканд, ниҳоят кам ба вазифаҳои роҳбарикунанда пешбарӣ карда мешаванд, амалан имконият надоранд, ки ба ҳаёти сиёсӣ таъсир расонанд.

Бояд гуфт, ки имрӯз ҷомеаҳо барои боло бурдани потенсиали зеҳнии ҷавонони худ аз тамоми имкониятҳо ба таври самаранок истифода намуда истодаанд. "Инсони ҷадид барои имкониятҳои зеҳнии худ тамоман ҷаҳони мураккаб бунёд сохтааст ва барои ин дигар наметавонад ба таври рӯшан самти тараққиёти хусусии худро дарк ва пешгӯи кунад" [3, с.154].

Дар кишвари мо низ Ҳукумати кишвар ба масъалаи ҷавонон ва рушду инкишофи ҳаёти иҷтимоии онҳо дар зарфи 31 соли истиқлолият корҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд, ки яке аз бузургтарин корҳо дар ин самт ин дуруст ба роҳ мондани сиёсати давлатии ҷавонон ва Стратегияи рушди сиёсати давлатии ҷавонон мебошад. Дар асоси ин ҳадафҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола, давра ба давра барои рушди ҳамаҷонибаи ҷавонон корҳои зиёдеро ба анҷом расонида истодааст. Аз ҷумла, ба таҳсил ва касбомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон, ҷудо намудани квотаҳои Президентӣ барои ҷавонони ноҳияҳои дурдаст барои таҳсил, ҷудо намудани бурсияҳо барои таҳсил дар хориҷи кишвар, ба вазифаҳои хизматчии давлатӣ таъин намудани ҷавонон ва амсоли инҳо мебошад, ки ин ҳамаи ғамхориҳо барои ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Имрӯзҳо дар ҷаҳон ҳастанд, кишварҳое, ки ҷавононашон аз одитарин имтиёзҳо бебаҳра монда, бесаводӣ, бекорӣ, факр ва дигар омилҳои иҷтимоӣ онҳоро азият медиҳанд.

Мавриди зикри хос аст, ки аз 8 миллиард аҳолии рӯйи Замин фақат як миллиарди тиллоӣ озод аз бенавоӣ, беадолатӣ ва умед ба оянда зиндагӣ доранд, вале 5 миллиарди дигар дар ҳолати норасоии маданияти маънавӣ, илму маърифат, хизмати тиббӣ, манзил, гуруснагӣ, ҳолатҳои фавқулода зиндагӣ доранд.

"...Чун дар ҷаҳон имрӯз 5-нафар сарватманд аз тамоми аҳолии ҷаҳони сеюм даҳ баробар бештар фоидаи пулӣ ба даст меоранд, 1,3 миллиард нафар поёнтар аз сатҳи қашшоқӣ умр ба сар мебаранд, 841 миллион нафар мубталои бемориҳои якумрӣ ҳастанд, 880 миллион аз хидмати тиббӣ бебаҳра ҳастанд, 1,3 миллиард ба камбудии оби нӯшокӣ гирифторанд. 113 миллион нафар духтарон имконияти мактаб хондан надоранд, ҳар рӯз 30 ҳазор нафар аз бемориҳои табобатнашаванда мемиранд, кишварҳое ҳастанд, ки умри миёнаашон 35-сола аст" [6, с.87].

Мушкилоти болозикр ба ташаккули ҷаҳонбинии сиёсӣ ва фарҳанги сиёсии насли наврасу ҷавон таҳдид мекунад, монеи рушди босубот ва ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон мегарданд.

Ба андешаи мо, маҷмуи масъалаҳои умумиҷаҳоние, ки монеи рушди мунтазами фарҳанги сиёсии ҷавонон мегарданд ва тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардаанд, мушаххасан инҳо мебошанд:

- рафтори зиддиҷтимоӣ- ҷинояткорӣ, истеъмоли маводи нашъадор ва ғ.;
- азбайнравии оила, афзоиши бешумори вайроншавии оила – талоқ, оилаи нокомил (набудани яке аз волидон), ҳомиладоршавии бармаҳалии ноболиғон, таваллуди бисёри кӯдакони ғайри ақди никоҳ;

- ➢ косташавии қадри инсон, азбайнравии боварӣ байни инсонҳои наздик;
- ➢ аз байн рафтани шавқу рағбат нисбати маълумоту маърифатнокӣ ва камшавии корҳои илмӣ;
- ➢ истеҳсоли филмҳои порнографӣ, ки боиси пастшавии фарҳанг ва ахлоқ мегарданд;
- ➢ гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир;
- ➢ гаравиш ба ҳаракатҳои ифротӣ.

Ҷараёнҳо ва омилҳои асосӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа пеш меоянд, ин омилҳо заминаҳои асосии худро доранд:

1. интернатсиянализатсия, ки ба ҳамкориҳои якҷоя асос меёбад.
2. Либерализатсия – дур кардани роҳҳои савдо, бо шитоби инвеститсионӣ ва тараққиёти зинаҳои интегратсия.
3. Вестернизатсия –паҳн гардидани арзишҳо ва технологияи Ғарб дар тамоми олам.
4. Детерриатторизатсия – ки дар мушоҳида зоҳир шуда дорои муносибати умумисайёҳӣ буда асоси сарҳадро барои давлатҳо ноил мешавад.

Дар натиҷаи ҳалли мушкилоту монеаҳои болозикр, ки дар шароити муосир ба Тоҷикистон низ бетаъсир намебошанд, метавонем фарҳанги сиёсии ҷавононро баланд бардорем, ҷавононро дар руҳияи худшиносӣ, худогоҳӣ, зиракии сиёсӣ ва ватандӯстӣ тарбия намоем.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар шароити муосир дар раванди ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон ихтилофҳои муайян пеш меоянд. Аз як тараф, дар замони муосир, барои рушди фарҳанги сиёсии ҷавонон шароитҳои мусоид фароҳам оварда шуданд. Аз тарафи дигар, ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон дар давраи тезу тунд шудани зиддиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ба миён омадани падидаҳои манфӣ ба амал омад. Дар байни ҷавонон бошад, бепарвоӣ, бепарвоии иҷтимоӣ, бегонапарастӣ ва нигилизм васеъ паҳн шуда истодаанд. Ҷавонони солҳои 70-ум ва 80-ум замоне ба ҳаёти мустақил қадам ниҳоданд, ки косташавии боварӣ ба арзишҳо ва эътиқодоти ҳукмфармо, қариб дар ҳама гурӯҳҳои иҷтимоӣ мушоҳида мешуд. Тафовут миёни идеали пешбинишуда ва воқеият боиси бегонагии сиёсии ҷавонон гардид.

Қисми зиёди ҷавонон имрӯз аз ҳаёти ҷамъиятӣ дар канор мондаанд ё ба гузинаи бадтар – ифротгароӣ рӯй овардаанд. Сарчашмаи асосии инро, як қатор пажуҳишгарон дар дараҷаи сатҳи пасти шароити зиндагии ҷавонон арзёбӣ кардаанд. Қисми дигари коршиносон онро омили бесаводӣ ва надоштани дониши диниву дунявӣ унвон кардаанд. Падидаҳои манфӣ, ки бо дараҷаи нокифояи фарҳанги сиёсии ҷавонон алоқамананданд, берун аз доираи мушкилиҳои дигари иҷтимоӣ баррасӣ кардан мумкин нест. Вазъияти ҳозирaро метавон ғайримуқаррарӣ номид, психологияи иҷтимоӣ, шуури ҷамъиятӣ дар ҳоли тағйир ёфтан қарор доранд, афсонаҳои пештара бошанд, аҳаммияти худро гум кардаанд, ки ин, бешак, ба ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон бетаъсир буда наметавонад.

Муҳимтарин тамоюл дар вазъи имрӯза афзоиши таваҷҷуҳи ҷавонон ба ҳаёти сиёсии кишвар мебошад. Манфиатҳо дигар шуданд. Пештар дар байни ҷавонон таваҷҷуҳ ба рӯйдодҳои сиёсии байналмилалӣ бартарӣ дошт, ҳоло онҳо бештар ба мушкилоти сиёсии дохилӣ таваҷҷуҳ доранд [9, с.11]. Мутаассифона, шавқи умумии ҷавонон ба мушкилиҳои сиёсӣ бо иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсии кишвар тақвият дода намешавад [11, с.15]. Ба ақидаи мо, чунин сабабҳо мавҷуд будан метавонанд: баъзеҳо намедонанд, ки чӣ гуна дар ин гуна чорабиниҳо иштирок кунанд, дигарон ба қобилияти худ боварӣ надоранд ва ё дигаргуниҳои мусбат аз назарашон ноаён мондааст.

Ҳамин тариқ, метавон тахмин кард, ки набудани тағйироти воқеӣ боиси боз ҳам зиёд шудани шиддат байни ҷавонон, паҳн шудани бепарвоӣ ва пассивии сиёсӣ мегардад. Воситаҳои ахбори омма дар ташаккули фарҳанги сиёсӣ нақши муҳим доранд. Таҳлили матбуоти солҳои охир нишон медиҳад, ки ноил шудан ба самаранокии таълими сиёсӣ, танҳо бо роҳи тамаркуз кардан рӯйи хатову шикастҳо имконнопазир аст. Роҳи мураккаби рушди ҷамъияти мо, шебу фарозҳои онро, нокомиҳою комёбиҳо, камбудиҳою дастовардҳоро тасвир карда, аз ҳошияравию канораҷӯйӣ даст бояд кашид. Бештари ҷавонон маълумоти ҷамъиятӣ-сиёсиро аз муоширати байнишахсӣ мегиранд. Барои 30-40

% ҷавонон бошад, сарчашмаи асосии ахбороти сиёсӣ ин муоширати байнишахсӣ мебошад [11, с.23]. Аз доираи низоми анъанавии сиёсӣ берун баромадан ва афзоиши созмону гурӯҳҳои ифротӣ ба назар расида истодааст. Метавон дар бораи сиёсишавии муоширати ғайрирасмӣ сухан ронд. Ин, аз як тараф, аз афзоиши таваҷҷуҳи ҷавонон ба ҳаёти сиёсии кишвар ва аз байн рафтани қолабҳои анъанавӣ шаҳодат медиҳад. Аз тарафи дигар, душвориҳое, ба монанди мушкилоти объективии донишҳои сиёсӣ, нарасидани дониши методии амиқ, хоҳиши худнамоӣ кардан садди роҳ ҳастанд. Дар чунин вазъият ба мақсад мувофиқ ба назар мерасад, ки бо созмонҳои ғайрирасмӣ робита пайдо кунанд, то муколамаи манфиатдор оид ба масъалаҳои мавриди ташвиши ҷавонон сурат гирад.

Бояд дар хотир дошт, ки ҷавонон объекти тарбия не, балки субъекти амалиёти ҷамъиятӣ ҳастанд.

Ташаккули фарҳанги сиёсии чавонон раванди мураккаби серҷанбаи давомдорест, ки ба шароити объективӣ ва омилҳои субъективӣ вобастагӣ дорад. Чуноне ки амалияи ҷамъиятӣ тасдиқ мекунад, ин раванд бештар ба тарзи истеҳсолот, муносибатҳои ҷамъиятӣ, идеология, ахлоқ ва шуури шахс вобаста аст. Муҳимтарин ҷузъҳои фарҳанги сиёсии шахсият фаъолияти ҷамъиятии ӯ, иштирок дар идоракунии корҳои коллектив, давлатӣ, корҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Ҷавонон бо машғул шудан ба фаъолияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ ворид мешаванд, ки кумак мекунанд шавқу ҳаваси онҳо барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ, гирифтани маълумот, такмил додани шахсияти худ инкишоф ёбад.

Бояд гуфт, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ ва оқибатҳои хатарноки он ба фарҳанги сиёсии ҷавонони тоҷик низ хатари ҷиддӣ расонида истодаанд. Барои пешгирии ин хатар якчанд омилҳо садди роҳ мешаванд, ки барои ҳалли ин омилҳо мо бояд ин роҳҳоро истифода карда, бад-ин васила фарҳанги сиёсии ҷавононро ташаккул диҳем:

1. дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия кардани ҷавонон;
2. дар руҳияи илмомӯзию маърифатдӯстӣ тарбия кардани ҷавонону наврасон;
3. бо шуғли доимӣ таъмин кардани ҷавонон;
4. омӯзиши забонҳои хориҷӣ;
5. истеҳсоли технологияи худӣ.

Ҳамин тариқ, баъд аз ҳалли ин проблемаҳо мо метавонем фарҳанги сиёсии ҷавонони Тоҷикистонро ташаккул дода, онҳоро дар руҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва ҳифзи арзишҳои милливу давлатӣ тарбия намоем.

**Муқарриз: Қозиён Ш.Қ. - д.и.с., ДДОТ ба номи С,Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Андреев С. С. Политическое сознание и политическое поведение // Социально-политический журнал. — 1992. — № 8.
2. Бурлацкий Ф.М. Современный Левиафан / Ф.М. Бурлацкий, А.А. Галкин. - М., 1985. -С. 197— 198.
3. Делягин М.Г. Глобализации: игры и правило новой эпохи / М.Г. Делягин. -М., 2000.
4. Костюкевич В. Ф. Политическая социализация молодежи. — Мурманск: НИЦ «Пазори», 1998.
5. Лисовский В. Т. Динамика социальных изменений (опыт сравнительных социологический исследований российской молодежи) // Социолог. исслед. — 1998. — № 5.
6. Н. Яздонӣ. Ҷисму ҷони одамӣ дар “Маснавӣ” // Садои Шарқ. - Душанбе, 2007. -№9. -С.87.
7. Чередниченко А. П. Культура активного политического действия / А. П. Чередниченко. - М., 1896. -348с
8. Социально-политические науки. - 1990. -№ 6. -С. 44.
9. Социологический бюллетень АОН при ЦК КПСС. С И
10. Хайруллина Ю. Р. Социализация личности в условиях трансформации Российского общества. — Казань: ИСЭПН АНТ, 1998.
11. Щегорцев А. Массовое сознание молодежи в реалиях перестройки / А.Щегорцев, Г. Пихтовников . - М., 1989. -С. 15.
12. Погосян Л.А. Влияние процессов социализации, адаптации и идентификации на формирование политической культуры молодежи // Гуманитарий Юга России. 2013. № 3. С. 69–75.
13. Политический потенциал и политическая активность молодежи. URL: http://bd. fom.ru/report/map/ (дата обращения: 14.04.2014).

## ИНКИШОФИ ФАРҲАНГИ СИЁСИИ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Инкишофи фарҳанги сиёсии ҷавонон дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Хусусиятҳои фарҳанги сиёсии ҷавонон ва пайдо намудани роҳҳо ва воситаҳои ташаккули он дар шароити имрӯза барои ҷомеаи Тоҷикистон аҳаммияти ниҳоят муҳим дорад, ки барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, яъне бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона заминаи мусоид фароҳам меорад. Муаллиф дар мақола хусусиятҳои асосии фарҳанги сиёсии ҷавонон, роҳҳо ва воситаҳои рушду инкишофи онро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамзамон, муаллиф доир ба мушкилоти асосии ҷавонони муосир, ки дар шароити имрӯза ҷой доранд, андешаронӣ намудааст. Инчунин омилҳои таъсиргузор ба фарҳанги сиёсии ҷавонон, роҳу воситаҳои ҳалли мушкилоти фарҳанги сиёсии ҷавонон муайян карда шудаанд.



**Калидвожаҳо:** фарҳанги сиёсӣ, ҷаҳонбинии сиёсӣ, ҷавонон, ҷаҳонишавӣ, маънавиёт, сиёсат, рафтори зиддиҷтимоӣ, миллатгароӣ, интернатсионализатсия, либерализатсия, инвеститсия, вестернизатсия.



## РАЗВИТИЕ ПОЛИТИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ МОЛОДЕЖИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Развитие политической культуры молодежи в сегодняшних условиях является одним из важных вопросов общественной жизни и в современных условиях имеет особое значение для роста и развития государства и его сфер. Особенности политической культуры молодежи и поиск ее путей и средств в сегодняшних условиях имеют первостепенное значение для таджикского общества, что считается важным фактором для достижения поставленных целей, то есть построения демократического, правового, светского и единого государства. В своей статье автор проявил интерес к основным особенностям политической культуры молодежи и описал пути и средства ее роста и развития. В то же время в статье автор высказал свое мнение по основным проблемам современной молодежи, находящейся в современных условиях. В то же время, подчеркнув факторы, влияющие на политическую культуру молодежи, автор предложил свои выводы в статье о путей и средствах решения проблем политической культуры молодежи.



**Ключевые слова:** политическая культура, политические взгляды, молодежь, глобализация, духовность, политика, антиобщественное поведение, религиозность, национализм, интернационализация, либерализация, инвестирование, вестернизация, детерминация.



## DEVELOPMENT OF POLITICAL CULTURE OF YOUTH IN MODERN CONDITIONS

The development of the political culture of young people in today's conditions is one of the important issues of public life and in modern conditions is of particular importance for the growth and development of the state and its spheres. The peculiarities of the political culture of young people and the search for its ways and means in today's conditions are of paramount importance for Tajik society, which is considered an important factor for achieving the goals set, that is, building a democratic, legal, secular and unified state.In his article, the author showed interest in the main features of the political culture of youth and described the ways and means of its growth and development. At the same time, in the article, the author expressed his opinion on the main problems of modern youth in modern conditions. At the same time, having emphasized the factors influencing the political culture of youth, the author proposed his conclusions in the article on ways and means of solving the problems of the political culture of youth.



**Keywords:** political culture, political views, youth, globalization, spirituality, politics, antisocial behavior, religiosity, nationalism, internationalization, liberalization, investment, Westernization, determination.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Шералиева Меҳринисо Сафаровна* -** Донишгоҳи давлатии Данғара, кафедраи фанҳои гуманитарӣ, унвонҷӯй. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25. Телефон: **(+992) 907442999.** E-mail: **sharifhasanov@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Шералиева Мехринисо Сафаровна* –** Дангаринский государственный университет, кафедра гуманитарных дисциплин, соискатель. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Хатлонская область, Дангаринский район, ул. Маркази, 25. Телефон: **(+992) 907442999.** E-mail: **sharifhasanov@mail.ru**

**Information about the author:*Sheralieva Mehriniso Safarovna*** – – Dangara State University, Department of Humanities, applicant. Address: 735320, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Dangara district, st. Markazi, 25. Phone: **(+992) 907442999**; E-mail: **sharifhasanov@mail.ru**

ТДУ:14+32 (575.3)

# МАСЪАЛАИ ГАРАВИШИ ОДАМОН БА АМАЛҲОИ КАҶРАВӢ: МОҲИЯТ ВА МУНОСИБАТҲОИ АСОСӢ БА ТАҲҚИҚИ ОН

***Раҷабзода Рустам***
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Ҳаёти инсонӣ чунин сохта шудааст, ки рафтору амали одамон пурра ба хоҳиши худи онҳо вобаста набуда, дар доираи арзишҳо ва меъёрҳои аз ҷониби аъзоёни ҷомеа қабулгашта сурат мегирад. Розигии омма ва раъйи мардум маҳз дар арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ инъикос мегардад. Бе арзишу меъёрҳои иҷтимоӣ ҳамгироӣ ва таъсири мутақобилаи одамон ғайриимкон аст. Маҳз арзишу меъёрҳо ба одамон нишон медиҳанд, ки кадом рафтор барои инсон дар ҷаъмият дастрас аст ва кадом амал ба қоидаю қонунҳои муайяншудаи иҷтимоӣ мувофиқат наменамоянд. Арзишу меъёрҳоро фард тавассути раванди сотсиализатсия аз худ менамояд ва ба шахсият табдил меёбад.

Саволе ба миён меояд, ки чаро одамон ба каҷрафторӣ (девиантӣ) даст мезананд ва ё аз чаҳорчӯбаи меъёрҳои муқараршудаи ахлоқӣ, зебоишиносӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ берун баромада, рафтори девиантиро интихоб менамоянд. Оё онҳо худашон ба ин гуна рафтор майл мекунанд ё онҳоро ҷомеа ба ин чиз водор месозад ва ғайраву ҳоказо.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки рафтори девиантӣ ирсӣ намебошад ва ё ҳеҷ кас намехоҳад, ки аз меъёрҳои муқарраршуда берун рафта, арзишҳои иҷтимоиву ахлоқӣ ва сиёсиву зебоишиносиро поймол намояд.

Ҳамаи он қоидаҳои рафтору амале, ки барои инсон муҳим аст ва талаботҳои моддию маънавии одамонро қонеъ гардонида метавонанд, ***арзишҳои иҷтимоӣ*** ном доранд. Арзишҳои иҷтимоӣ муҳимтарин унсури маданияти ҳама гуна халқу миллатҳо маҳсуб машаванд ва нақши муайян намудан, интихоб кардан ва рафтори дилхоҳро мебозад. Арзишҳои иҷтимоӣ ахлоқӣ, сиёсӣ, динӣ, идеологӣ ва иқтисодӣ шуда метавонанд.

Арзишҳоро вобаста ба аҳаммияташон гуногун қадр мекунанд ва онҳо дар ҷаъмият нақши баҳодиҳӣ ё омӯзиширо ба иҷро мерасонанд. Арзишҳои иҷтимоие вуҷуд доранд, ки ба исботу далелҳо ниёз надоранд ва олӣ будани ин арзишҳоро ҳамагон эътироф мекунанд, мисли ҳаёт, қадр, номус, падару модар, фарзанд ва ғайра. Арзишҳое ҳастанд, ки аз ҷониби инсон бояд риоя ва иҷро карда шаванд, мисли ҳурмату эҳтироми калонсолон, салом додан, хушгуфтор будан ва ғайра. Бо воситаи арзишҳои иҷтимоӣ инсон содир намудани ин ё он рафтор ва фаъолияти иҷтимоиро муайян менамояд. Дар ҳолате, ки инсон арзишро риоя ва ҳифз намекунад, аз ҷониби ҷомеа мавриди сарзаниш қарор мегирад.

Арзишҳои иҷтимоӣ ҷаҳонро ботартиб ва бонизом нишон медиҳанд. Дар ҳолате ки арзишҳои иҷтимоӣ устуворӣ ва тартиботи ҷомеаро нишон дода, дар тамоми ҷомеа паҳн мешаванд, дар доираи меъёрҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфта, ба воқеият табдил меёбанд.

Меъёрҳои иҷтимоӣ қоидаи таърихан ташаккулёфтаи рафтору фаъолияти одамон, гурӯҳҳо ва ташкилотҳои иҷтимоиро меноманд [2], ки дар шакли рафтори мақбулшуда ё ухдадориҳо зоҳир мегарданд. Вобаста ба субъекти иҷтимоӣ меъёрҳои расмии иҷтимоиро ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд:

- Қонунҳое, ки аз ҷониби мақомотҳои қонунгузор (дар Тоҷикистон аз тарафи Маҷлиси Олӣ) ва дигар мақомоти иҷтимоӣ бароварда шудаанд. Ин меъёрҳои иҷтимоӣ дар шакли қонунҳои ҳуқуқӣ, қарор, фармонҳои маъмурӣ, тартиботи дохилӣ, низомнома ва ғайра зоҳир машаванд.

- Меъёрҳои таърихан ташаккулёфтаи ҷомеа - меъёрҳои иҷтимоие мебошанд, ки ба таври стихиявӣ ва ё дар раванди ташаккули умумиятҳо, инчунин дар зери таъсири ҳолатҳои гуногуни иҷтимоӣ пайдо шудаанд, ки онҳоро «қоидаҳои нонавишта» низ меноманд. Ба ин меъёрҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, урфу одатҳо, анъанаҳо, расму русум, меъёрҳои ахлоқ ва ғайра дохил мешаванд, ки дар зери таъсири ягон вазъияти иҷтимоӣ рӯйи кор омада, ба ахлоқи зиндагии одамон пайваст гашта, дар раванди таърихӣ мустаҳкам ва бою ғанӣ шудаанд.

Меъёрҳои иҷтимоӣ ба консерватизм (куҳнапарастӣ) майл доранд. Ҳангоме ки низоми иҷтимоӣ вобаста ба тағйиротҳои куллии ҷомеа тағйир меёбанд, меъёрҳо, ки муносибатҳои гузаштаи иҷтимоиро инъикос менамоянд, ба талаботҳои низоми нав ҷавоб дода наметавонанд. Танҳо каҷрафторӣ имкон медиҳад, ки одамон аз ин вазъияти ногувор берун бароянд, бо гузашти замон каҷрафторӣ ба меъёр ва меъёр ба каҷрафторӣ табдил меёбад.

**Каҷрафтории иҷтимоӣ ва намудҳои он.** Берун рафтан аз меъёри иҷтимоӣ ё берун аз меъёри аз тарафи ҷомеа қабулшуда содир кардани рафтори сиёсӣ, оилавӣ, муҳоҷиратӣ, демографӣ, нақшӣ [6], ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва дигар намудҳои рафтори афроди иҷтимоӣ каҷрафтории иҷтимоӣ номида мешавад. Дар илми ***сотсиология*** каҷрафториро ба намудҳои зерин ҷудо менамоянд:

- рафтори девиантӣ;
- рафтори делинквентӣ.

Девиатсия аз калимаи лотинии *deviantion* – берун баромадан, дур рафтан гирифта шудааст, маънои аз меъёрҳои инкишоф, амалнамоӣ ва сифати объект (равандҳо, падидаҳо ва низомҳо) дур рафтан ва берун баромаданро дорад. Девиатсия дар ҷомеаҳои гуногун ва ҳатто субкултураҳо тағйир ёфта метавонад. Амал ё рафтор табиатан хуб ва ё бад буда наметавонад, каҷрафторӣ ё рафтори муътадилро ҷомеа муайян менамояд.

Ба маънои васеъ рафтори девиантӣ рафтору фаъолияти одам аст, ки ба меъёрҳои расмӣ ва таърихан ташаккулёфтаи ҷомеаи муайян мувофиқат накарда, аз он берун мебарояд. Каҷрафторӣ маънои аз меъёрҳои муайяншудаи ҷомеа, ташкилот, институт ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ берун рафтани рафтору фаъолияти одамонро меноманд. Дар ҳама ҷамъиятҳо аз меъёри муқарраршудаи ҷамъият берун баромадани рафтори одамон дида мешавад. Яъне, ба ҳаёти иҷтимоӣ на танҳо конформизм, балки каҷрафторӣ низ хос аст. Каҷрафтории иҷтимоӣ ба вақт, макон ва доираи шахсон низ алоқамандӣ дорад. Рафтори девиантӣ табиати ботинии фард нест, рафтор худ ба худ рафтори дуруст ё аз меъёр берун буда наметавонад. Ҷамъият муайян мекунад, ки кадом рафтор нодуруст аст ва кадом рафтору амали одамон қобили қабул аст. Рафтори мушаххаси иҷтимоӣ метавонад барои як маданият ё ҷомеа каҷрафторӣ бошад, ҳамчун меъёри муайяншуда қабул шавад. Аммо ин маънои онро надорад, ки одамкӯшӣ, ғоратгарӣ, дуздӣ, алкоголизм, муносибати бад намудан бо кӯдакон, фоҳишагарӣ ва монанди инҳо аз ҷониби ҷомеа рафтори мусбӣ эълон мешуда бошад. Меъёрҳои мақбулшудае ҳастанд, ки баъзе қоидаҳои рафторро дар ҳамаи ҷомеаҳо абадан маҳкум менамоянд. Вале тасаввуротҳои одамон дар бораи некию бадӣ пайваста тайғйир меёбанд. Масалан, рафторе, ки қаблан содир намудани он мумкин набуд, эҳтимол дорад бо гузашти вақт ва тағйирёбии ҷомеа мақбули умум шавад.

Каҷрафторӣ дар як шароити муайяни таърихӣ (дар ин ё он кишвар, минтақа) махсусан, ҳангоми тағйир ёфтани сохтори иҷтимоӣ ва тағйиротҳои кулли ҷомеа метавонад ба меъёри ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ табдил ёбад. Масалан, соли 1919 дар ИМА истифодаи алкогол манъ карда шуд, аммо соли1933 фурӯшгоҳҳои майфурӯшӣ аз нав кушода шуданд. Дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон бисёрникоҳӣ иҷозат дода шудааст, аммо дар кишварҳои мутараққӣ ин амал каҷрафторӣ ба ҳисоб меравад.

Баромадан аз меъёрҳои объективии ҷомеа ба ду самт равона мешавад: манфӣ ва мусбат. Қабл аз ҳама, оммаи мардум зери мафҳуми рафтори девиантӣ зуҳуроти иҷтимоии манфиро мефаҳманд. Бояд дар назар дошта бошем, ки ба каҷрафторӣ ҳамчун ҳодисаи барои ҷомеа манфӣ нигаристан мумкин нест, вагарна ба догматизм роҳ медиҳем, зеро каҷрафторӣ метавонад характери позитивӣ (мусбӣ) дошта бошад ва дар инкишофи ҷомеа нақши мусбӣ бозад. Масалан, эҷодиёти иҷтимоӣ, ихтироотҳо бо намудҳо мухталифи зуҳуроташон ва амсоли ин.

Рафтори деликвентӣ дигар намуди каҷрафтории иҷтимоӣ мебошад. Деленквенсия бошад, аз калимаи лотинии *delinqѓent* — ҷурм, гуноҳ, рафтори ноҷо ва калимаи англисии delinqѓency - рафтори хилофи қонун, гуноҳ гирифта шудааст, ба маънои рафтори хилофи қонун ва тартиботи ҷамъиятии фард, ки дар он ҳаракат ва ё беҳаракатӣ дида мешавад ва натиҷаи он ба шахси алоҳида ва ё ба ҷамъият зарар мерасонад, фаҳмида мешавад.

Мафҳуми «рафтори делинквентӣ»-ро барои ифодаи намудҳои муайяни гуноҳ, рафтори хилофи қонун ва меъёрҳои ҷамъият истифода менамоянд, ки он аз тарафи шахсони алоҳида ва ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ сар зада, рафтори низоӣ то ба аъмоли ҷиноиро фаро мегирад. Ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, рафторҳои ҷиноятӣ ва амсоли ин рафтори деликвентӣ мебошанд.

**Назарияҳои каҷрафтории иҷтимоӣ.** Барои шарҳи каҷрафтории иҷтимоӣ якчанд назарияҳо вуҷуд доранд, ки муҳимтаринашонро чунин тасниф намудан мумкин аст:

- назарияи биологӣ;
- назарияи психологӣ;
- назарияи аномия;
- назарияи гузариши фарҳангӣ;
- назарияи стигматизатсия

**Назарияи биологӣ.** Моҳияти назарияи биологӣ аз он иборат аст, ки баъзе одамон аз рӯзи таввалуд одатҳои бад доранд ва ин одатҳо ба рафторҳои зиддиҷамъиятӣ мусоидат менамоянд. Дар охири асри XIX психологи итолиявӣ Чезаре Ломброзо назарияи табиии ҷинояткориро пешниҳод намуд. Мушоҳидаи якчандсолаи ӯ дар маҳбасхонаҳо исбот кард, ки аз се як қисми ҷинояткорони ҷиноятҳои вазнинтарин ва ҷоҳилтарин содиркарда бо нуқсонҳои табиӣ таввалуд шудаанд. Ҷинояткори табиӣ дар шахсияти худ инстинкти бераҳмӣ (ваҳшигӣ) дорад ва ин репродуксияи авлодӣ мубошад. Ч. Ломброзо ва шогирдони ӯ дар асоси назарияи худ симои «ҷинояткори табиӣ» - ро шарҳ медиҳанд. Аз рӯйи назарияи Ч. Лоброзо, «ҷинояткорони табиӣ» бештар ба маймун монанд буда, бинии рост, манаҳи ғайримуқаррарӣ, риши кӯса, дастҳои дарози маймуншакл доранд ва ҳассосии онҳо нисбати дард дар сатҳи паст қарор дорад. Вале камбудии Ч. Ломброзо дар он буд, ки ӯ одамони оддиро бо чунин нуқсонҳои табиӣ мушоҳида накард. Ин мушоҳидаро духтури англис Чарлз Горинг давом дода, исбот мекунад, ки на ҳама одамоне, ки бо чунин нуқсонҳо таваллуд шудаанд, ҷинояткор мебошанд.

**Назарияи психологӣ.** Донишманди австриягӣ Зигмунд Фрейд ба ин масъала диққат дода, сабаби қаҷрафтории инсонро дар ихтилофи дохилии шуури инсон медид. Мувофиқи назарияи З. Фрейд, ҳар як чиз дар ҳаёти бошурона ва бешуурона амалӣ мегардад. З. Фрейд андеша дорад, ки сарчашмаи инкишофи шахсро омилҳои модарзодӣ - биологӣ (инстинкт), амиқтараш неруи умумии биологӣ - либидо (калимаи лотини liӣido - майл хоҳиш) ташкил мекунад. Ин неруи биологӣ ба давомдиҳии насл (майли шаҳвонӣ) ва ба вайронкорӣ (агрессия ва бадхашмӣ) равона шудааст. Фрейд чунин ақида дошт, ки рафтори одам пурра бо майлҳои шаҳвонӣ ва агресиявӣ идора мешавад. Неофредистон сабабҳои каҷрафториро аз невроз, харобии шаҳвонӣ, ҳолати ногувори асаб ва шаклҳои гуногуни дезадаптасияи фард, ки боиси пайдоиши парешонхотирӣ, ғазаб, руҳафтодагии фардӣ мегардад, вобаста медонанд.

**Назарияи аномия.** Аномия - (фаронсавӣ. anomie – вуҷуд надоштани қонун) ҳамчун мафҳуми муҳимми сотсиологӣ ба туфайли Э. Дюркгейм ба илми сотсиология ворид шудааст. Мафҳуми аномияро Э. Дюркгейм ҳамчун вазъияти буҳронӣ, бемории ҷомеа, фазои холии арзишӣ - меъёрии дар давраҳои гузариш ё буҳронии ҳаёти ҷамъияти хос (ҳангоме ки арзишҳо ва меъёрҳои кухан дигар таъсир надоранду арзишу меърҳои нав то ҳол тасдиқ нашудаанд) мефаҳмид. Аномия дар номувофиқатии функсионалии унсурҳои сохтори иҷтимоӣ, дар низоъҳои байни наслҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, рафтори девиантӣ, камиродагӣ дар ҳаёт, кӯшиши гурехтан аз масъалаҳои воқеи зоҳир мегардад. Яке аз зуҳуротҳои аномия - худкушӣ (суитсид) мебошад. Э. Дюркгейм дар асари худ «Худкушӣ» аномияро як шакли махсуси (охирони) каҷрафторӣ номидааст. Ба андешаи намояндаи дигари назарияи аномия Р. Мертон, сабабии асосии каҷрафторӣ нобаробарии иҷтимоии одамон мебошад. Ба фикри ӯ, одамоне, ки аз табақаи поён ҳастанд ва ба корҳои «сиёҳ» машғуланд, қодир нестанд соҳиби боигарӣ шаванд, барои дастовардҳои моддӣ ба каҷрафтории иҷтимоӣ даст мезананд, мисли; дуздӣ, ғоратгарӣ, одамкушӣ ва ғайра.

**Назарияи гузариши фарҳангӣ.** Сотсиолог ва криминологи машҳури фаронсавӣ Габриэл Тард (1843 - 1904) дар охири асри XIX бо «назарияи тақлидаш» моҳияти рафтори девиантиро фаҳмондааст. Ӯ тасдиқ намуд, ки ҷинояткорон ҳамчун одамони ботартиб ба

рафтори шахсоне, ки дар ҳаёташон дучор шудаанд ё шунидаанд ё медонистаанд, тақлид мекунанд. Аммо баръакси шаҳрвандони қонундон онҳо рафтори ҷинояткоронро такрор мекунанд.

Дар солҳои 1920 - 1930 сотсиологони университети Чикаго хостанд фаҳманд, ки чаро дар як қатор ноҳияҳои шаҳр ҷинояткорӣ афзудааст, аз ин рӯ як қатор тадқиқоти сотсиологӣ гузаронданд ва маълум шуд, ки дар баъзе маҳаллаҳои шаҳр дараҷаи ҷинояткорӣ чандин сол боз устувор меистад, агарчанде ҳайати аҳоли тағйир меёбад. Пас олимон ба хулосае омаданд, ки ҷинояткорӣ аз як насли ҷавон ба насли дигар мегузаштааст, ҷинояткорони ҷавони таҳҷоӣ ба ҷавонони навомада намунаи ибрат мебошанд. Ба таври дигар, ҷавонон ҳуқуқу тартиботро барои он вайрон мекунанд, ки бо наврасони таҷрибаи рафтори девиантӣ дошта муошират ва дӯстӣ кунанд.

**Назарияи стигматизатсия.** Каҷрафтории иҷтимоӣ дар назарияи стигматизатсия хело ҷолиб таҳлил гардидааст. Стигма калимаи юнонӣ - stigma гирифта шудааст ва маънои нишона, тамға ва ё лақабро дорад [3]. Ба илми сотсиологие ин мафҳумро И. Гоффман ворид намудааст. Ӯ зери мафҳуми стигма доғ ё лақаберо мефаҳмад, ки ба рафторҳои иҷтимоии инсон гузошта мешавад.

Ҷонибдорони ин назария Э. Лемерт ва К. Эриксон тасдиқ менамоянд, ки ягон рафтор худ ба худ криминалӣ намебошад. Манфӣ будани рафтор на аз мазмуни дохилӣ вобаста аст, балки аз он ки чи хел атрофиён ба ин рафтор баҳо медиҳанд ва ё онро қабул менамоянд. Фард дар байни омма дорои лақаб мешавад, ки ӯро ҳамчун нишонаи девона, ҷинояткор, таҷовузкор, бекор, фиск, нашъаманд медонанд. Тамға ӯро барои дигарон бегона месозад. Дар натиҷа ин статус ояндаи ӯро ҳам пешбинӣ менамояд, ҳаёти ӯ оқибатҳои хуб надорад. Онҳое, ки тамғаи ҷинояткорро гирифтанд, хешро бад ҳис мекунанд, шаҳрвандон бо онҳо кордор шудан намехоҳанд, аз онҳо дӯстону хешу табор рӯ метобанд, баъзан онҳоро дар ҳабсхона ё дар беморхонаҳои касалиҳои руҳӣ нигоҳ медоранд. Аз ин рӯ, чунин одамон бо гурӯҳҳои ашхоси ба худ монанд ҳамроҳ мешаванд, ки онҳо фарҳанги худро доранд. Дар навбати худ, аъзошавӣ ба чунин гурӯҳи девиантӣ ба коркарди услуби ҳаёти девиантӣ мусоидат менамояд ва онҳоро аз одамони росткор дур месозад. Инак муофиқи назарияи стигматизатсия, девиатсия на аз худи рафтори ҷинояткор, балки аз баҳодиҳӣ ба рафтори ӯ вобаста аст. Баъди тамға мондан ба рафтори ӯ, ашхос муофиқи ин баҳо минбаъд рафтору амал менамоянд. Бо ин тассаввурот ӯ каҷрафторӣ мекунад.

**Назорати иҷтимоӣ.** Барои он ки дар ҷомеа тартиботу низом вуҷуд дошта бошад, бояд ҳамаи одамон қонунҳо ва меъёрҳои эътирофи умумгаштаро риоя намоянд. Тартиботи иҷтимоӣ талаб менамояд, ки ҳадди ақал аксарияти одамон меъёрҳои иҷтимоиро риоя ва иҷро намоянд, зеро бе тартиботи иҷтимоӣ муносибатҳои байниякдигарии одамон ғайриимкон гашта, ҳатто маънии худро гум мекунанд.

Ҳаёти ҳамарӯзаи мо аз ҷониби одамони моро иҳотанамуда назорат карда мешавад. Ҳарчанд онҳо рӯирост назорати хешро ошкор насозанд ҳам, дар нигоҳ, сухан, андеша, рафтор, ангеза ва баҳодиашон назорати иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад. Дар оила моро волидан, дар кӯча кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони масъулиятдор (агентҳои назорати иҷтимоӣ) назорат мебаранд. Баъзеи онҳо бо назорати расмӣ вобаста ба вазифаи хизматӣ ва баъзеи дигар бо хоҳиши худ (ғайрирасмӣ) рафтори моро назорат мебаранд. Ҳам назорати расмӣ ва ҳам назорати ғайрирасмиро бо мафҳуми назорати иҷтимоӣ ифода менамоянд.

Шахсоне, ки функсияҳои назорати расмӣ ё ғайрирасмиро иҷро менамоянд, агентҳои назорати иҷтимоӣ номида мешаванд. Назорате, ки аз ҷониби шахсони алоҳида ба амал бароварда мешавад, характери фардӣ дорад ва назорате, ки аз ҷониби коллектив (оила, гурӯҳи дӯстон, муассисаҳо ё институтҳо иҷро мегардад, назорати иҷтимоӣ мебошад.

Назорати иҷтимоӣ «воситаи беҳтарини танзимнамоии иҷтимоӣ, рафтори одамон маҳсуб мешавад» [5]. Ҳокимият ва назорати иҷтимоӣ бо ҳам робитаи зич доранд, маҳз ҳокимият меъёрҳои иҷтимоиро кор карда мебарояд ё аз болои рафти иҷрои онҳо назорат бурда, санксияҳоро истифода мебарад. Ҳокимият ҳамчун воситаи беамалбарории назорати иҷтимоӣ баромад менамояд, чунки ҳам васоити ахбори омма, ҳам ҳукумату парламент ва ҳам шаҳрвандони қаторӣ ба назорати иҷтимоӣ шомил мешаванд. Назорати

иҷтимоӣ дар шакли воситаҳо ва стратегияи муайянкунандаи рафтори одамон дар доираи ҷомеа баромад менамояд. Аз ин рӯ, шахс ҳамеша мувофиқ ба меъёрҳои иҷтимоӣ рафтор менамояд. Медонад, ки ҳангоми вайрон намудани меъёрҳои иҷтимоӣ ба ҷазоҳо гирифтор мешавад.

**Рис. 3.** Поля: Прямоугольник со сторонами $a$ и $b$, причем $b < a$.

Сначала человеку, чтобы пересечь квадрат, нужно уменьшить его расстояние $x$ от угла квадрата (рис. 3). В этом случае придется пересечь территорию с расходом некоторого времени

$t = \frac{\sqrt{x^2 + b^2}}{v}$. По пути, будете преодолевать расстояние ($a$-$x$) в течение некоторого времени $t = \frac{a - x}{u}$. Итак, общее время в пути

$$t = \frac{\sqrt{x^2 + b^2}}{v} + \frac{a - x}{u}.$$

Для удобства введите безразмерное время $\tau = \frac{vt}{a}$ и безразмерные координаты $\frac{x}{a}$. Итак

$$\tau = \varepsilon(1 - x) + \sqrt{x^2 + \mu^2}.$$

Эта зависимость имеет две асимптотические характеристики: при $x = 1$

$$\tau_1 = \sqrt{1 + \mu^2},$$

а при $x = 0$

$$\tau_0 = \varepsilon + \mu.$$

Это означает, что движение можно выполнять только по диагонали относительно прямоугольника.

Сначала рассмотрим движение по дорогам. Это "почти" решение проблем в пути, но прямоугольная линия близка к стороне $b$, и только тогда она уже в пути. Просто двигаясь по дорогам, тратите время $\tau = \frac{a + b}{u}$ впустую или

$$\tau_3 = (1 + \mu) \cdot \varepsilon.$$

Давайте продолжим анализ, пешеход будет двигаться частично в поле, частично по дороге. Тогда имеем:

$$\tau = \varepsilon \cdot (1 - x) + \sqrt{x^2 + \mu^2}.$$

Отрегулируйте значение $x$ (начальная точка), чтобы найти минимальную функцию $\tau = \tau(x)$. Мы находим производную этой функции и приравниваем ее к нулю:

$$\frac{d\tau}{dx} = -\varepsilon + \frac{x}{\sqrt{x^2 + \mu^2}} = 0.$$

Решая это уравнение, мы находим координату, соответствующую максимуму или минимуму функции:

$$x_M = \frac{\varepsilon \cdot \mu}{\sqrt{1 - \varepsilon^2}}.$$

Следовательно, время:

$$\tau_M = \varepsilon + \mu \cdot \sqrt{1 - \varepsilon}.$$

Это означает, что найденное значение всегда определяет минимальное значение функции. Тогда можно найти вторую производную, которая всегда положительна.

Дальнейший анализ должен учитывать, что функция $\tau = \tau(x)$ определяется промежутком в интервале $(0,1)$ и что локальный минимум не всегда соответствует минимальному значению функции в данном интервале.

Да $x_M > 1$, так и будет. Это означает, что минимальная локализация цифровой оси находится с правой стороны границы области действия функции. Но тогда его минимальное значение равно $\tau_1 = \tau(1)$. Физически это соответствует диагональному движению вышеупомянутого прямоугольника. Найдите соответствующую область на карте настроек $(\mu, x)$. С некоторыми расчётами $x_M > 1$ и $x_M = \dfrac{\varepsilon \cdot \mu}{\sqrt{1 - \varepsilon^2}}$, имеем:

$$\varepsilon > \frac{1}{\sqrt{1 + \mu^2}}.$$

Поэтому, когда это условие выполняется, полезно двигаться по диагонали. Предположим, что полученное неравенство справедливо в противоположном направлении. В этом случае достаточно преобразовать дороги в дороге, если $\tau_3=(1+\mu)\varepsilon$, а также в дороги и поля, если известно $\tau_M = \varepsilon + \mu \cdot \sqrt{1 - \varepsilon}$. Поэтому только ездить по дороге выгоднее, если

$$\tau_3 < \tau_M \text{, или } (1 + \mu)\varepsilon < \varepsilon + \mu\sqrt{1 - \varepsilon^2}.$$

Из этого неравенства, после нескольких изменений, имеем:

$$\varepsilon < \frac{1}{\sqrt{2}}.$$

Следовательно, эта ситуация не может быть объяснена с помощью квадратичной структуры. Инвестиционный индекс отображается одновременно с движением, показанным на рисунке 4. Показано положение на рисунке

* Полезно ходить только по площади № 1 (по диагонали).

* Полезно иметь определенный угол поля, а затем переключиться на площади №2.

* Полезно ездить только по площади № 3 .




**Рис.4.** График поперечного сечения прямоугольника по движения.

Рисунок 4 показывает, что отличительной чертой плоскостности является «тройная» точка, в которой μ = 1 и $\varepsilon = \dfrac{1}{\sqrt{2}}$ все три свойства области объединяются. По этой причине,

если площадь близка к квадрату и имеет скорость $\frac{1}{\sqrt{2}}$, пешеходу будет сложнее определить оптимальный путь «на первый взгляд».

Удобно иметь в виду различные шкалы и их основные характеристики, чтобы вы могли находить и записывать сегменты, связанные с расположением геометрических фигур.

**Рецензент: Саидзода И.М. – к.т.н., доцент ТНУ**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Аюпов, В.В. Математическое моделирование технических систем: учебное пособие / В.В. Аюпов; М-во с.-х. РФ, федеральное гос. бюджетное образов. учреждение высшего образования «Пермская гос. с.-х. акад. им. акад. Д.Н. Прянишникова». – Пермь: ИПЦ «Прокростъ», 2017. – 242 с.
2. Абатурова, В. С. Математическое моделирование школьникам 1. Линейные модели: Учебное пособие / В. С. Абатурова // Институт прикладной математики и информатики. —Владикавказ: Владикавказский научный центр РАН и РСО-А, 2007.—112 с.
3. Ахмадиев, Ф.Г. Математическое моделирование и методы оптимизации: Учебное пособие / Ф.Г. Ахмадиев, Р.М. Гильфанов. – Казань: Изд-во Казанск. гос. архитект.-строит. ун-та, 2017. – 178 с.
4. Абрамов, С.А. Задача по программированию / С.А. Абрамов, Г.Г. Гнездилова, Е.Н. Капустина, М.И. Селюн. - М.: Наука. -1988. 224 с.
5. Бабкин, А.А. Фрактальная геометрия как средство ознакомления с новыми понятиями современной математики /А.А. Бабкин. -Вологда: Материалы Всероссийской научно- практической конференции «Задачи в обучении математике: теория, опыт, инновации», посвященной 115-летию чл. -корр. АПН СССР П.А. Ларичева. -2007. – С.14-17.
6. Буренкова, Н. В. Моделирование как способ формирования обобщённого умения решать задачи: Автореферат дис. на соискание ученой степени к.п.н. (13.00.01 –Общая педагогика, история педагогики и образования) /Н.В. Буренкова. –М.: МГУ им. М.В. Ломоносова. -24 с.
7. Васильев, К. К. Математическое моделирование систем связи: учебное пособие / К. К. Васильев, М. Н. Служивый. – Ульяновск: УлГТУ, 2008. – 170 с.
8. Восидов, Ш.Ю. Моделсозии математики масъалаьои таълимї асоси фаъолияти таьќиќотии донишљўён / Ш.Ю. Восидов, М. Нугмонов, Х.Ш. Љўраев // Вестник Таджикского национального университета. -2019. -№8. –С.258-263.
9. Зеленяк О. П. Решение задач по планиметрии. Технология алгоритмического подхода на основе задач-теорем. Моделирование в среде TurboPascal / О. П. Зеленяк. -Киев, Москва: ДиаСофтЮП, ДМК Пресс, 2008. — 336 с
10. Кубланов, М.С. Математическое моделирование. Методология и методы разработки математических моделей механических систем и процессов. Часть I. Моделирование систем и процессов. Издание третье, переработанное и дополненное: Учебное пособие / М.С. Кубланов. – М.: МГТУ ГА, 2004. – 108 с.
11. Кобрунов, А.И. Математические методы моделирования в прикладной геофизике (избранные главы). В 2-х ч. Ч. 1. Функционально-аналитические основы: учеб. пособие / А. И. Кобрунов. – Ухта: УГТУ, 2014. – 224 с.
12. Малыгин, Е.Н. Математические методы в технических расчётах: учебное пособие / Е.Н. Малыгин. – Тамбов: Изд-во ГОУ ВПО ТГТУ, 2010. – 80 с.
13. Псигин, Ю. В. Основы математического моделирования: программа курса и методические указания / Ю. В. Псигин, С. И. Рязанов; под общ.ред. Н. И. Веткасова. – Ульяновск: УлГТУ, 2007. – 40 с.
14. Солдатенко, Л.В. Введение в математическое моделирование строительно-технических задач: учебное пособие /Л.В. Солдатенко. -Орегбург: ГОУОГУ. -2009. -161 с.
15. Сладкова, Л.А. Моделирование при испытаниях: Учебное пособие. / Л.А. Сладкова. – М.: РУТ (МИИТ), 2017. – 89 с.
16. Ҷӯраев Х.Ш. Усулҳои ададӣ / Х.Ш. Ҷӯраев. –Душанбе: ЭР-граф. -2021. -204 с.
17. Ҷӯраев Х.Ш. Хусусиятҳои моделсозии математикӣ ва компютерӣ дар ҳалли масъалаҳои геометрӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ / Х.Ш.Ҷӯраев, Ш.Ю. Восидов, Ш. Юсуфӣ // Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф. -2022. -№4 (40). -С.211-216.


## ШАРҲИ НАЗАРИЯВИИ АСОСҲОИ МОДЕЛСОЗИИ МАТЕМАТИКӢ ВА КОМПЮТЕРИИ «ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО” АЗ ФАННИ ГЕОМЕТРИЯ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ ОЛӢ

Тавсифи модели назариявии масъалаҳои таълимӣ ҳалли масъалаҳо аз фанни геометрия, баҳои таҳқиқ ва мукаммалкунии фигураҳои геометрӣ ва истифодаи онҳо дар ҳалли масъалаҳои геометрӣ, татбиқи ин фигураҳои геометрӣ дар раванди банақшагирӣ, идоракунӣ, беҳсозӣ, пешгӯйикунӣ, назораткунӣ, таҷрибаҳои ҳисобӣ ва ба ҳамин монанд дода шудааст. Таҳияи чунин назария ҳалли масъалаҳои асосии мураккабро дар назар дорад: таҳияи модели математикӣ ва компютерӣ барои омӯзиши масъалаҳои таълимӣ ҳалли масъалаҳо аз фанни геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Ин таҳқиқот дар раванди таълим афзалиятҳои худро дорад, ба монанди ҳисоби фигураҳои гуногуни геометрӣ, пешгӯйии хатогиҳои гуногун, лоиҳакашии соҳаҳои гуногун ва мушкилоти дастгоҳҳои дилхоҳ, таҷрибаҳои ҳисоббарорӣ ва ғайраҳо. Барои нишон додани натиҷаҳои бадастомада, ҳисоб кардани шаклҳои гуногуни геометрӣ, пешгӯйии хатогиҳои гуногун, ҳисоб ва тарҳрезии майдонҳо ва дастгоҳҳои гуногун гузаронида шуд. Дар моделсозии математикӣ

дар ҳалли масъалаҳо аз фанни геометрия таносуби тиллоӣ истифода шудааст. Ҳангоми омӯзиши ҳалли масъалаҳо аз фанни геометрия бо ёрии моделсозӣ баъзе аз намудои мисолҳо дида баромада шудаанд, ки метавон дар ҳалли масъалаҳои марбут ба конфигуратсияи (маҷмуи) фигураҳои геометрӣ истифода бурд.

**Калидвожаҳо**: геометрия, ҳалли масъалаҳо, модел, хатҳои параллелӣ, диагонал, таносуб, буриши тиллоӣ, коэффитсиент, порча, адад, росткунҷа.

**ОЦЕНКА ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ОСНОВ МАТЕМАТИЧЕСКОГО И КОМПЬЮТЕРНОГО МОДЕЛИРОВАНИЯ УЧЕБНЫХ ПРОБЛЕМ «РЕШЕНИЕ ЗАДАЧ» (ПО ГЕОМЕТРИИ) В УЧРЕЖДЕНИЯХ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ**

Дано описание теоретической модели в учебной проблеме «Решение задач» (по геометрии), оценка изучения и совершенствования геометрических фигур и их использование в решении геометрических задач, применение этих геометрических фигур в процедурах разработки, управления, регулирования, оптимизации, прогнозирования, управления, вычислительном эксперименте и так далее. Разработка такой теории предполагает решение следующих основных задач, определяющих структуру статьи: разработка математических и компьютерных моделей изучения учебных задач «Решение задач» (по геометрии) в вузе. Это исследование имеет свои преимущества в учебном процессе, такие как расчет различных геометрических фигур, прогнозирование разносторонних линий, проектирование различных сфер и аппаратов любой запутанности, компьютерное тестирование и другие.Чтобы наглядно показать полученные результаты, были проведены расчеты различных геометрических форм, прогнозирование различных линий, расчет и проектирование различных полей и устройств. В таких структурах математическое моделирование в учебном задании "решение задач" (по геометрии) является золотым коэффициентом. При изучении задач "Решения задач" (в геометрии) с использованием моделирования рассматриваются некоторые примеры, применимые к решению задач, относящихся к конфигурациям геометрических фигур.

**Ключевые слова:** геометрия, решение задач, модель, параллельные линии, диагональ, пропорция, золотое сечение, коэффициент, отрезок, число, прямоугольник.

**EVALUATION OF THE THEORETICAL BASIS OF MATHEMATICAL AND COMPUTER MODELING OF EDUCATIONAL PROBLEMS OF "PROBLEM SOLVING" (IN GEOMETRY) IN AN INSTITUTION OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION**

The description of the theoretical model of the educational problems of "Problem solving" (in geometry), evaluation of the study and improvement of geometric shapes and their use in solving geometric problems, the application of these geometric shapes in the processes of planning, management, optimization, forecasting, control, computational experiment and so on is given. The development of such a theory presupposes the solution of the following main problems, which determine the structure of the article: the development of mathematical and computer models for studying educational problems of "Problem solving" (in geometry) in an institution of higher professional education.This research has its advantages in the educational process, such as calculating various geometric shapes, predicting various lines, designing various areas and devices of any complexity, computational experiments and others.For a clear presentation of the results obtained, the calculation of various geometric shapes, the prediction of various lines, the calculation and design of different areas and devices were carried out. This kind of construction of mathematical modeling in the educational program "Problem solving" (geometry) used golden section. When studying the problems of "Problem solving" (in geometry) with the help of modeling, some examples are considered that are applicable to solving problems related to configurations of geometric shapes.

**Keywords**: geometry, problem solving, model, parallel line, diagonal, proportion, golden ratio, coefficient, segment, number, rectangle.

**Маълумот оиди муаллиф:** ***Шарофиддин Юсуфӣ* -** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ассистент, кафедраи методикаи таълими математика. **Суроға:** 735140, шаҳри Бохтар,Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 919-12-74-13**. E-mail: **sharofiddinnnn@ mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Шарофиддин Юсуфи*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, ассистент, кафедра методики преподавания математики. Адрес:735140, город Бохтар, Республика Таджикистан, проспект Айнї, 67. Телефон: **(+992) 919-12-74-13**. E-mail: **sharofiddinnnn@ mail.ru**

**Information about the author:** ***Sharofiddin Yusufi*** - Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, assistant, department of methods of teaching mathematics**. Address:** 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, prospect. Aini, 67. Phone: **(+992) 919-12-74-13**. E-mail: **sharofiddinnnn@ mail.ru**

УДК 37.018.1 +159.9

# РАҲЁФТҲОИ МУОСИР ОИД БА МАСЪАЛАИ МАЪРИФАТИ ПСИХОЛОГӢ - ПЕДАГОГИИ ВОЛИДАЙН БО НАЗАРДОШТИ АНЪАНАҲОИ МИЛЛИИ ТАРБИЯИ ОИЛАВИИ ТОҶИКОН

*Юнусова Н.М., Қамчибекова Г.Э.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Нақши ҷомеа барои маърифати педагогии падару модарон, ки омили самарабахши тарбияи кӯдак дар оила ба ҳисоб меравад, бо усулҳои ҷадиди ҳамкории мактаб ва оила ба роҳ монда шуда, натиҷаи фаъолияти илмию амалии донишмандони соҳа дар солҳои охир арзёбӣ мегардад. Омӯзиши масъалаи оила ва нақши он барои инкишофи ҷомеа, баробари такомул додани донишҳои зеҳнӣ (кунҷкобӣ) амалӣ мегардад. Таҳлил, таҳқиқ ва омӯзиши илмии оила барои коркарди сиёсати иҷтимоии давлат низ нақши муҳим мебозад. Масоили омӯзиш ва илмии оила ба нимаи аввали асри XIX, аниқтараш аз замоне, ки китоби таърихшиноси шведсарӣ- Иоган Якоб Бахофен таҳти унвони «Ҳуқуқи модарӣ» аз чоп баромад, рост меояд. Иоган дар омӯзиши ин масъала аз адабиёти куҳан ҳамчун сарчашмаи таърихӣ истифода намуда, оиларо мавриди омӯзиш қарор дод. Ӯ яке аз аввалинҳо шуда дарк кард, ки асотирҳои қадима тағйироти таърихии оила ва ҳолати иҷтимоӣ муносибатҳои байни зану мардро инъикос менамоянд [12; 4].

Дар идомаи кори Иоган Якоб Бахофен ҳуқуқшинос ва таърихшиноси англис Джон Фергюнсон Мак-Леннан дар асари «Никоҳи ибтидоӣ» (1865) дар асоси омӯзмши омилҳои этнографӣ ва никоҳи барвақтаи юнониҳову олмониҳо, андешаи Баховенро дар бораи аввалин будани хуқуқи модаршоҳӣ тасдиқ намуд. Пас аз ин олими антрополог ва таърихшиноси англис Люис Морган дар асари «Ҷомеаи ибтидоӣ» (1877) оиларо мавриди омӯзиш қарор дод. Морганро асосгузори илм дар бораи оила меноманд. Л. Морган сохтори иҷтимоӣ ва ҳаёти оилавии ҳиндуҳои амрикоиро омӯхта, соҳаи махсуси донишҳои иҷтимоиро дар бораи оила ба вуҷуд овард. Дар кори ӯ мавқеи асосиро консепсияи монеизм ишғол менамояд, ки муқобили назарияи нажодпарастӣ баромад менамояд. Дар асари Морган «Ҷомеаи ибтидоӣ» назарияи илмии ташаккули оила мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дидгоҳи Морган рӯзмара будани назарияи пайдоиши Худовандии оиларо собит намуда, антропологияи теологии ҳукмрони он замонро куллан инкишоф намуд. Морган нахустин маротиба оиларо ҳамчун категорияи таърихӣ номида эволютсияи онро аз нигоҳи гурӯҳи то яканикоҳӣ мавриди таҳлил қарор дод. Методе, ки ин донишманд ҳангоми омӯзиши оила мавриди истифода қарор додааст, методи таърихӣ мебошад[91; 56].

Таҳқиқоти олимони соҳа аз он шаҳодат медиҳад, ки дарки ҳамаҷонибаи оила ва идора кардани он раванди мураккаб буда, собит мекунад, ки то оиларо ҳамчун категорияи таърихӣ наомӯзем, ба моҳияти он сарфаҳм намеравем, ҳамзамон наметавонем оилаи пойдору устувор ташкил намоем. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ дар ин самт бояд ҷаҳонбии ҷавонон тақвият дода шавад ва оила бо назарошти арзишҳои миллӣ ва арзишҳои замони муосир ташкил карда шавад.

Оила дар илм ҳамчун институти ҷамъиятӣ муаррифӣ гардида, роҳи дурударозро аз сар гузаронида, аз шакли қабилавӣ то шакли ташаккулёфтаи муосир расидааст. Вижагии асосии оила аз он иборат буд, ки инсон ба танҳоӣ наметавонист зиндагӣ кунад. Раванди ташаккули оила аз оилаҳои бузург ба оилаҳои хурдро фаро гирифта, дар замони мусоир боз ҳам миқдори аъзоёни оилаҳо камтар мешаванд. Ҳатто оилаҳои бидуни фарзанд пайдо шуда истодаанд, ки падидаи он қадар хуб нест. Аз қадимулайём оила вазифаҳои махсуси худро дошт. Оила рукни муҳими ҷомеа ба ҳисоб рафта, зиндагии инсон дар хонавода зиндагӣ намудан ниҳоят зарур буд. Дар гузашта ва имрӯз низ инсони бидуни оиларо бадбахт меҳисобанд. Аз ин рӯ соҳиби оилаву фарзанд будан ниҳоят муҳим аст.

Маърифат ва фарҳангу ахлоқи ҳар оила пеш аз ҳама аз одобу дониш ва маданияти мардуми он оилаҳои сарчашма мегирад. Олимон ба андешаанд, ки ҳанӯз дар тамаддуни ориёӣ оилаву оиладорӣ асоси ҷамъият ва муқаддасу боиси эҳтирому арзёбӣ будаанд. Тибқи нишондоди таърихшиносон ҳуҷҷатҳое, ки соли 1933 дар Кӯҳи Муғ, дар ноҳияи

Айнӣ ба даст омад, бори дигар аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ҷомеи тоисломии мо низ никоҳу талоқ расман вуҷуд дошт. Инро ҳуҷҷати ақди никоҳе, ки дар ин калъа ёфт гардидааст, исбот мекунад [34; 249-260].

Дар ҷомеаи пас аз замони зуҳури ислом, ки то имрӯз амал мекунад, оиладорӣ шарти асосӣ ва бунёди ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дорои талабот ва қонуну қоидаҳои хос мебошад, ки маҳаки асосии пойдории оила дар замони мусоир, махсусан дар ҷомеаи мо – тоҷикон ба ҳисоб меравад.

Оила мактаби аввалинест, ки инсон дар он тарбият мегирад, донишу малакаи рӯзгордориро аз худ мекунад, ҳамзистиро бо атрофиён меомӯзад, Таъсири оила ба инкишофи минбаъдаи шахсияти кӯдакон муҳим ба ҳисоб меравад.

Психолог Л. С. Выготский доир ба ин масъала чунин андеша дорад: "Сарчашмаи рушди психикии кӯдак на дар дохили кӯдак, балки дар муносибати ӯ бо калонсолон зоҳир мегардад, яъне, муҳити иҷтимоӣ ва калонсолоне, ки ӯро иҳотакардаанд, шароити муҳиму асосии рушди психикии кӯдакро ташкил менамоянд. Кӯдак бе ҷамъият зиндагӣ ва рушд ёфта наметавонад" [29; 1].

Муносибати кӯдакон бештар ба калонсолон вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ падару модарон пеш аз ҳама бояд муносибати худро нисбати тарбияи фарзандашон дуруст ба роҳ гузоранд. Муносибати нодуруст метавонад дар рафтор, гуфтори фарзандон монеа эҷод кунад. Падару модарон бояд хушгуфтор, хушрафтор ва барои фарзандашон як идеали воқеӣ бошанд. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки ҳангоми баррасии ин масъала аз ду ҷанбаи асосиро бояд ба назар гирифт: якум - ин ё он хусусиятҳои шахсиро метавон ҳамчун натиҷаи азхуднамоии намоиши рафторҳои падару модарон дида баромад; натиҷаи таъсири байниҳамдигарии падару модаронро бо кӯдак ва усули тарбия онҳоро мушоҳида намуд.

Инро чунин метавон шарҳ дод, яъне, хусусиятҳои тарбия шароитеро фароҳам меорад, ки боиси ташаккул ва инкишофи шахсияти падару модарон мегардад. Ҳангоми муайяннамоии нақшҳои падару модарон дар шаклгирии шахсияти кӯдак диққати махсус бештар ба тарзи тарбия дода мешавад. Маҳз дар оила одам марҳилаи аввалин ва муҳими инкишоф ва ташаккулёбии худро ҳамчун шахсият пайдо менамояд, намуна ва шаклҳои рафторро аз худ кунад. Ин масъаларо профессор Н. М. Юнусова чунин тавзеҳ мекунад: «Саодат ва комёбии падару модарон дар он аст, ки фарзандон бо онҳо ифтихор кунанд ва ҳамеша дар кору рӯзгор пайравашон бошанд, вале, барои ин эҳсоси баланди масъулияти тарбиятгарӣ ва падариву модарӣ муҳим аст. Барои он ки фарзандон аз падару модарашон дида идеали дигаре нахоҳанд, ҳамчунин бояд буд: савод, хирад, маърифат, одамият, росткорӣ, тоқат, вафодорӣ, тамкин, ҷасурӣ, боиродагӣ, меҳрубонӣ, хоксорӣ, китобдорӣ, ҳақиқатпарастӣ, боадолатӣ, мартабадорӣ, инсондӯстӣ, покизакорӣ ва ғ. дар роҳи зиндагии онон ҷиҳатҳои асосӣ хислатҳо, идеалҳо бояд бошанд» [153, 336].

А. С. Спиваковская се омили муносибатҳои падару модаронр пешниҳод менамояд: ҳисси таваҷҷуҳ-ҳисси бадбинӣ; эҳтиром – беэътиноӣ; наздикшавӣ-канораҷӯйӣ ва ғ. Ин ҳадди ниҳоии таснифи муносибати волидайну фарзанд нест, метавон дар идомаи андешаҳои А. С. Спиваковская анвои меҳрубонии падару модарро боз ба ҳашт гурӯҳ тақсим кард: муҳаббати амалӣ (ҳисси таваҷҷӯҳ, эҳтиром, наздикшавӣ); муҳаббати канораҷуёна (ҳисси таваҷҷуҳ, эҳтиром, аммо байни кӯдак масофаи калон гузошта шудааст); ғамхории амалкунанда (ҳисси таваҷҷуҳ, наздикшавӣ, аммо набудани эҳтиром); беэҳтиромӣ, радкардашуда (ҳисси бадбинӣ, беэҳтиромӣ, масофаи байнишахсии калон); беэътиборӣ (ҳисси бадбинӣ, ноэҳтиромӣ, масофаи байнишахсии хурд); пайгиринамоӣ (ҳисси бадбинӣ, эхтиромнамоӣ, наздикшавӣ); инкорнамоӣ (ҳисси бадбинӣ, эҳтиром ва масофаи калони байнишахсӣ); муҳаббати аз ҳад зиёд (дилбастагии зиёд нисбат ба фарзанд) [128; 88].

Раванди муносибати падару модарон бо фарзанд вобаста ба шароити иҷтимоӣ сурат гирифта, масъулияти бештарро аз ҷониби падару модар тақозо мекунад. Психолог М. Ё. Шарипова ақидаи худро нисбати ин масъала чунин иброз намудааст: "Кӯдаконе, ки муҳаббати волидайнашонро ҳис мекунанд ва дар фазои солими оилавӣ тарбия мегиранд, дар ҳаёт бештар муваффақ мешаванд, худбаҳодиҳиашон мувофиқ ва шахсони комил ба

воя мерасанд. Ба фарзанд дар мисоли худ нишон додан даркор аст, ки кадом кор дуруст ва лоиқи таҳсин аст. Рафтори кӯдак, инъикоси рафтори падару модарон мебошад» [147; 87].

Ҳар як падару модар нисбати фарзандаш бояд муҳаббати самимӣ дошта бошанд. Маҳз муҳаббатро танҳо падару модарон ба фарзандон зоҳир карда метавонад, чунки онҳо дар ин раванд таҷрибаҳои зиёд доранд. Фарзанд ҳамеша муҳаббати падару модарашро интизор мешавад ва мехоҳад, ки падару модараш муҳаббаташонро нишон диҳанд. Муҳаббати падару модар фарзандро ҷасуру чолок, илҳоми нав, боварӣ ба худ, мустақилона кору фаъолият намудан, боварӣ ба оянда доштанро бедор месозад. Дар раванди таълиму тарбия падару модар бо кӯдакон муошırати дуруст, эҳтироми якдигар, системаи арзишҳоро ба фарзандонаш меомӯзонанд.

*Муошırати иҷтимоӣ ва усулҳои тарбия.* Маҳз муошират фаъолияти иҷтимоии инсонро такмил медиҳад. Дар муошırати иҷтимоӣ инкишофи психикӣ ва худифоданамоии фард сурат мегирад. Муошırати самарабахшу муфид бо малакаю маҳорат ва маданияти муошıратнамоии ҳамсуҳбатон алоқаи ногусастанӣ дорад. Муошират бо одамон, ин илм ва санъат аст, ин ҷо ҳам истеъдоди табиӣ ва ҳам маълумот нақши муҳим мебозад. Аз ин нуқтаи назар, ҳар нафаре, ки дар ҳаёт ва фаъолият муваффақияту музаффарият ба даст овардан мехоҳад, бояд нозукиҳои ин санъат ва ин илмро омӯзад.

Аз ҳамин хотир, падару модароне ҳастанд, ки нозукиҳои ин санъатро хуб дарк намекунанд ва дар раванди таълим иштибоҳ намуда, муваффақ намегарданд. В. Н. Гарбузов иштибоҳҳои падару модаронро дар хусуси тарбия чунин шарҳ медиҳад: изтиробноку беҷуръат, фавқулиҷтимоӣ. Ба ин таснифот нигоҳ накарда, намуди классикии тарбияро бояд ба инобат гирифт, аз қабили авторитарӣ, либералӣ ва индефферентӣ [32; 40].

**Усули тарбиявии авторитарӣ** – ин усул бо зуҳуроти зӯроварӣ нисбати кӯдак тавсиф дода мешавад. Хоҳиш ва ниёзҳои кӯдак ба ҳисоб гирифта намешавад, ҳуқуқҳои кӯдак поймол мегарданд. Ин дар интиҳои кор ба ташаккулёбии ҳисси камарзиш будани худ ва ба касе лозим набудан бурда мерасонад. Барои кӯдаконе, ки падару модари авторитарӣ доранд, шармгинӣ, пассивии иҷтимоӣ, яъне онҳо аз нокомӣ, танқид, сарзанишҳо меҳаросанд, хос аст. Ба ин гуна кӯдакон худ ба худ будан, маъюсӣ, нобоварӣ ба худ ва дараҷаи худбаҳодиҳии паст хос мегарданд.

**Усули тарбияии либералӣ** – ин усул фаъолияти кӯдакро на маҳдуд месозаду на ба ягон самти муайян равона намояд, яъне кӯдакро ба ҳоли худаш мегузоранд. Ин боиси сар задани изтироби баланд, ба арзишнокии худ шубҳанок будан ва дараҷаи пасти комёбӣ мегардад. Зимни ин, кӯдак метавонад бешуурона назорати ба ӯ намерасидаро ҷустуҷӯ намояд ва дар ин мавридҳо тез ба нафарони авторитарӣ вобаста мешавад.

**Усули тарбияи индифферентӣ** - бо мавҷуд набудани шавқу ҳавас барои иҷрои функсияҳои падару модаронии худ нисбати фарзанди худ тавсиф дода мешавад. Дар баробари ин, дар падару модарон муносибати инкорӣ нисбати фарзанди худ сар мезанад ва дар натиҷа боиси шаклгирии худбаҳодиҳӣ паст мегардад.

Намуди дигари тарбияро обрӯй меноманд, ки нисбат ба се усули тарбияи дар боло қайдшуда мазмунан фарқ мекунад. Кӯдакони онҳо хуб мутобиқ мегарданд: боварӣ ба худ, рушди худназоратkuniро соҳибанд ва малакаҳои натиҷабахши иҷтимоиро низ доро мебошанд.

Ҳамин тариқ, метавон ёдрас кард, ки ин се усули тарбия дар боло зикргардида (авторитарӣ, либералӣ ва индифферентӣ) барои ташаккули шахсияти кӯдак номусоиданд.

*Навъҳои тарбия* - Зикр кардан бомаврид аст, ки хирад пайкарасози бузургро мемонад, ки инсонро дар рӯҳи олами зебоиҳо тарбия менамояд. Ин тарбияҳо аз падару модарон оғоз мегардад. Ҳар яке падару модар бояд ин намудҳои тарбияро ба фарзандони худ омӯзонад, то ки онҳоро аз насл ба насл бибаранду диҳанд. Падару модароне, ки сатҳи маърифатнокии онҳо баланд ҳаст, ин намуди тарбияро дар фарзандон вобаста ба меъёрҳои гуногун ташаккул медиҳанд. Дар муқоиса бо навъҳои тарбия, ки педгогҳои ҷаҳон пешниҳод кардаанд, дар педагогикаи миллии мо навъҳои аз ҳар ҷиҳат такомулёфта ва таҷрибашуда мавҷуданд, ки мо бояд аз онҳо истифода барем. ***Чунин намудҳои тарбияи анъанавии миллии мардуми тоҷик вуҷуд доранд:***

1. **Тарбияи ғоявӣ -** тарбияи ғоявӣ категорияи ахлоқӣ буда, мақсади он дар шуури шаҳрванд ташаккул додани ғояи миллӣ мебошад. Вазифаи асосии ин мафҳум ҳимояи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, бунёд ва таҳкими ҷомеаи демократӣ, эҳёи хусусиятҳои миллӣ, ҷавобгӯи манфиатҳои миллии халқҳои Тоҷикистон, ба давлати мутараққии ҷаҳон табдил ёфтани Тоҷикистон ба шумор меравад.

2. **Тарбияи миллӣ -** ташаккули тафаккури миллии шаҳрвандро дар назар дорад. Он ифтихор аз миллати хеш, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳангии ниёгон, урфу одат ва анъанҳҳои миллӣ, пайвастани таърихи гузашта ба воқеияти имрӯзаи миллат, аз нав эҳё намудани урфу одат ва анъаноти арзишманди миллӣ, дар заминаи хусусиятҳои миллӣ, ривоҷ додани забон, илм, фарҳанги миллӣ ва эҳтироми миллатҳои дигарро фаро мегирад.

3. **Тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ** – тавассути он шаҳрванд бояд мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд. Донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст. Баҳри иҷрои онҳо ҷидду ҷаҳд намояд. Манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад.

Шаҳрванд бояд қадру қимати худро донад ва онро ҳимоя намояд, аз миллат, таърих ва фарҳанги он бохабар бошад ва онҳоро гиромӣ донад. Худогоҳӣ аз бедории миллии шаҳрванд ба миён меояд ва ӯро ба суйи ифтихори миллӣ хидоят менамояд. Ӯро барои хизмат кардан ба Ватан ва миллат сафарбар мекунад, ба раъйи ӯ ғизои ахлоқию маънавӣ ворид месозад. Шаҳрванди хештаншинос ва худогоҳ истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ифодагари манфиатҳои миллат мебошад.

**4. Тарбияи ватанпарастӣ -** ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама муҳимтарини тарбия мебошад, ки он дар мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватан низ ифода меёбад. Ҳамаи унсурҳои дигари тарбия ба ҳамин унсури тарбия иртибот доранд ва садоқатмандии шаҳрвандро ба ватани хеш дар назар дорад. Танҳо шахси воқесан ватандӯст метавонад барои амният ва ободии Ватани худ кӯшиш кунад ва ҷоннисор бошад.

5. **Тарбияи ахлокӣ ва анъанвӣ -** ин таъсир ба дунёи маънавии шахс аст. Ин сифатҳо на танҳо дар инсон фаҳмиши зебоӣ, балки фаъолияти нексириштӣ, росткавлӣ. ҳалолкориву ҳалолхурӣ, бо адлу инсоф, саховатманд ва амсоли инро ба вуҷуд меоранд. Ҳамаи дигар унсурҳои тарбияи миллӣ дар худ ғояҳои ахлокию маънавӣ доранд. Ахлоқ унсурест, ки қисматҳои дигари тарбияро бо ҳам мепайвандад ва асоси фаъолияти шаҳрвандро ташкил медиҳад.

Илму фарҳанг дунёи маънавии инсонро ташаккул медиҳад. Забон, адабиёт, таърих манбаъҳои хаттӣ ва шифоҳӣ, осори арзишманди динӣ, ёдгориҳои таърих асарҳои санъат, барномаҳои радио, телевизион, маводи компютер, шабакаи «ИНТЕРНЕТ», васоити ахбори умум дар тарбияи ахлоқию маънавӣ олами маънавии инсон нақши бориз дошта, дар тарбияи миллии маънавии инсон муҳимтарин васоил ба ҳисоб мераванд. Тарбияи маънавии инсон ба тарбияи ахлоқии шаҳрванд наздик аст. Ҳар ду аз ҳамдигар ғизо мегиранд ва дар тарбияи шаҳрвандӣ вазифаҳои муштаракро анҷом медиҳад.

6. **Тарбияи маърифат -** маърифати шахс аз дониш ба миён меояд. Он ба тарбияи маънавӣ робитаи зич дорад. Фарқи асосӣ он аст, ки дар тарбияи маънавӣ ҷанбаи ахлоқӣ бештар ба назар мерасад. Аз як сарчашма ғизо гирифтан онҳоро бо ҳам муттаҳид месозад, вале дар таркиби маърифат бештар ҷанбаи донишу малака, касб, маърифатнокии баланди миллат дар доираи илму фарҳанг ва сиёсату ҳуқуқ дар назар дошта мешавад. Маърифат сифатҳои ахлоқӣ ва маънавии миллатро ташаккул медиҳад. Маънавиёт манбаи муҳими тарбияи миллист. Аз ҷиҳати таркиб ва маънавият мафҳуми «шахси бомаърифат» аз мафҳуми «шахси бофарҳанг» ғанию васеътар мебошад.

Ҳар як ин анъанаҳои тарбия дар оилаҳои тоҷик мавҷуд аст. Ин анъанаҳои тарбия аз тарафи падару модарон ба кӯдак омӯзонида мешавад. Барои ҳамин ҳар яке аз падару модар бояд ба ин анъанаҳои тарбиявӣ ошно бошанд. Анъанаҳои тарбия ба кӯдак имконият медиҳад, ки аз таъриху инкишофи миллати тоҷик бохабар бошанд. Бинобар ин, инсон аз хурдӣ дар дил орзуи ҳаёти хушбахтонаро мепарварад, вале баҳри расидан ба он

марҳилаҳои гуногунро паси сар менамояд. Яке аз ин марҳилаҳои муҳими зиндагӣ бунёди оила маҳсуб меёбад. Ба ҳамагон маълум аст, ки оила рукни асосии ҷомеа ба шумор рафта, устувории он дар заминаи муҳаббат, иззату ҳурмат ва сабру таҳаммул имконпазир аст. Назар кардан бар гузашта қадаме ба ояндаи нек мебошад. Агар дар гузашта ғаму андӯҳ ва норасоиҳо бештар буданд, ин мушкилиҳоро оромона таҳлил кардан зарур меояд, аммо фаромӯш набояд, кард, ки танҳо бо ёди гузашта зиндагӣ карда намешавад. Андешаҳои гузашта танҳо барои беҳтар намудани оянда лозим мегардад. Ин масъала ҷомеашинос М. С. Масковский чунин тасниф мекунад: тавлиди фарзанд ва таъмин намудани ҷомеа ба насли солим (репродуктивӣ); хоҷагӣ – иҷтимоӣ, яъне таъмин намудани талаботҳои моддӣ, маънавӣ, манзилӣ, дастрасии неъматҳои моддӣ ба аҳли хонавода; фарҳангӣ – маърифатӣ, ки он аз насл ба насл додани таҷриба ва қонеъ гардондани талаботҳо ба фарҳанг, фароғат ва донистагирии олами иҳотакарда, муносибатҳои иҷтимоию фарҳангиро амалӣ мегардонад; мерос гузоштани мавқеи иҷтимоӣ, ному насаб, молумулк (регенативӣ); таълиму тарбиявӣ – таъмин намудани иҷтимоишавии фарзандон; нахуст назорати иҷтимоӣ – иҷрои қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ, масъулиятшиносӣ ва иҷрои уҳдадориҳо дар назди ҳамсар, фарзандон, калонсолон; ташкили истироҳату фароғат барои барқарор намудани қувваи корӣ, ғамхорӣ барои таъмин намудани саломатӣ ва некуаҳволии аҳли хонавода (рекреаативӣ); баргузории муоширати маънавӣ, рушди шахсияти аъзоёни оила ва ҳамдигарфаҳмӣ, бой гардондани олами маънавӣ ба аъзоёни оила, таъмин намудани имконият барои интиқоли мавқеи иҷтимоӣ (вобаста ба синну сол), сохтори иҷтимоиро нигоҳ доштан; қонеъ гардондани талаботҳои аҳли хонавода ба ҳурмату эҳтиром, эътироф кардани ҳамдигар ва дастгирии равонӣ, ҳифзи равонию иҷтимоӣ (психотерапевтикӣ) [102, 49].

Аввалин вазифаи оила дар он аст, ки муҳити таълиму тарбиявиро таъмин намуда, ҳаёту фаъолияти ҳаррӯзаи кӯдакро ташкил диҳад. Инсон аз нигоҳи равоншиносӣ аз айёми хурдсолӣ ҳамчун мавҷудоти иҷтимоӣ дар муҳите, ки барои ӯ омода карда мешавад, рушд меёбад. Таъсири мутақобилаи кӯдак ба муҳити иҷтимоӣ пеш аз ҳама «аз худ кардани фарҳангест, ки онро инсоният ба вуҷуд овардааст» ва он дар рушди равонӣ ва шаклгирии шахсияти кӯдак нақши муҳим дорад. Профессор Маҷидова Б. Доир ба ин масъала чунин мегӯяд: «Арзишҳои оилавӣ бошанд ин омилҳои моддӣ ва боигарии маънавие мебошанд, ки ба субъект (аъзоёни оила) аз ҷиҳати иҷтимоӣ манфиатбахш буда, барои қонеъ гардондани талабот ва шавқу ҳаваси онҳо равона карда мешаванд» [93; 123].

Аз давраҳои пеш дар ташаккули шахсият баҳсҳои муҳим мавҷуд буданд: оила ё ин ки ҷамъият (боғчаи кӯдакон, мактаб ва дигар муассисаҳои олӣ) тарбияддиҳандаи ҷомеаи имрӯза ба шумор меравад. Доир ба ин масъала Я. А. Каменский чунин қайд мекунад, ки мактаби модарона - ин мунтазам ҳосилшави донишҳое, ки кӯдак онро аз модари худ аз худ менамояд. Дарси модарон – бетағйирдиҳӣ дар ҷадвали дарсӣ, бе рӯзи истироҳат сурат мегирад [73;556].

Падару модар ҳар вақт хоҳанд бо фарзандони худ дар гуфтӯгӯ шуда аз ҳолатҳои равонии фарзандашон бохабар мегарданд. Барои ҳамин падару модар мунтазам бо фарзандони худ маслиҳату машварат карда, рафтору кирдори онҳоро таҳлил ва ҷиҳатҳои мусбату манфии онро ба фарзандон мефаҳмонанд. Н. В. Шелгунов дар мактубҳои худ оид ба тарбия чунин андешаҳоро пешниҳод намудааст: “Инсонро омӯзонед, ҷамъиятро омӯзонед, равияи шаҳрвандиро ба асос гирифта, шумо дар фарзандонатон чунин одамиятро тарбия намоед, ки ҷамъият ба онҳо ниёзманд аст” [149; 15]. Педагог ва психологи рус И. В. Гребенников низ доир ба ин масъала андешаҳои худро чунин иброз намудааст: « Падару модар бояд дорои маданияти педагогӣ бошанд. Зери маданияти педагогӣ ҳамон омодагии педагогӣ фаҳмида мешавад, ки он дараҷаи камолоти онҳоро ҳамчун тарбиядиҳандагон инъикос менамояд ва он дар раванди тарбияи оилавӣ ва ҷамъиятии кӯдак зоҳир мешавад. Қисмати муҳими маданияти педагогии падару модар – ин маҳз омодагии педагогии онҳо мебошанд: маҷмуи муайяни донишҳои психологию педагогӣ, физиологию беҳдоштӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин малакаи тарбия намудани кӯдакон, ки дар рафти таҷриба ба даст оварда шудааст. Нақши асосиро дар баланд бардоштани маданияти педагогӣ, маърифатноккунии мақсадноки илмӣ – педагогӣ мебозад, ки бо он ҳамон роҳбари синф ё худ муаллима машғул мешавад»[43; 96].

Вақте ки падару модар дорои маданияти баланди педагогию психологӣ, ҳуқуқӣ, тиббӣ аст, он гоҳ онҳо ҳамеша саъю кӯшиш мекунанд, ки оилаи солим бунёд намоянд ва фарзандони солиму солеҳро ба воя расонанд. Бояд ҳар як падару модар ё ин ки омӯзгорон дорои маданияи педагогӣ бошанд, чунки онҳо тарбиятдиҳандаи наслу наврас дар ҷомеа ба ҳисоб мераванд. Аз падару модарон ва омӯзгорони имрӯза талаб карда мешавад, ки онҳо ҳамқадами замон бошанд, зеро замони муосир бо тараққиёти бемайлони технологияи иттилоотӣ фарқ мекунад. Маҳз падару модар ва омӯзгорон бояд ба насли наврас онро омӯзонанд, то ки аз онҳо хуб истифода бурда тавонанд. Аз ин лиҳоз, падару модар ва омӯзгорон бояд масъулиятшинос, инсондӯст, меҳрубон, ғамхор, якдигарфаҳм, дӯстдор ва огоҳ бошанд. Баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия аз ҳамкории падару модар бо омӯзгорон вобаста аст. Дар сурате ки падару модарон фарзандони худро ҳаматарафа тарбия намоянд, ки бо муассисаҳои таълимӣ ҳамкорӣ барқарор кунанд, ҳамкорӣ на танҳо ҷараёни таълиму тарбияро натиҷабахш мегардонад, балки баъзе душвориҳои байни омӯзгорону шогирдон вуҷуддоштаро бартараф низ менамояд. Агар падару модарон хоҳанд, ки дар оянда фарзандони солиму солеҳ ба воя расонанд, бояд бештар дар чорабиниҳои мактабӣ ширкат варзанд. Омӯзгоре, ки бо падару модари хонанда ҳамкорӣ намекунад, дар таълиму тарбияи насли наврас муваффақ шуда наметавонад.

Ҳалли масъалаи рушди ҳамаҷонибаи фарзандон дар сурате имконпазир мегардад, агар дар низоми таълиму тарбияи кӯдакон ягонагии талаботҳои педагогию психологӣ мушоҳида шавад, ки онро маҳз тарбияи ҷамъиятӣ ва оила пешниҳод менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Бахофен И. Я. Материнское право. М., 1861.С.4
2. Выготский Л.С. Психология развития ребёнк. Масква: ЭКСМО, 2005 С1
3. Гарбузов В. Н. Воспитание ребенка в семье: Советы психотерапевта / В. И. Гарбузов. — Санкт-Петерберг : КАРО, 2015.С40
4. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин. Қадим, асрҳои миёна ва давраи нав – Душанбе: Дониш, 2008, С. 249-260
5. Гребенников И.В. Воспитательный климат семьи.- М.: Знание, 1976
6. Коменский Ян Амос: Учитель учителей («Материнская школа», «Великая дидактика» и др. произв с сокащ).- М.: Карапуз, 2009
7. Льюис Г. Морган — Древнее общество или Исследование линий человеческого прогресса от дикости через варварство к цивилизации Ленинград, Издательство: Л.: Изд-во ин-та народов Севера ЦИК СССР, 1935. С.56
8. Маджидова Б. Традиции и обычаи таджикского народа в формировании нравственных качеств личности.- Душанбе. Ирфон. 2004
9. Масковский М. С. Российская семья в изменяющемся мире// Семья в России. 1995. № 3-4.
10. Спиваковская А.С., Мхиттарян А. В.9х12. Диалоги о беатотерапии, М.: Изд-во Беато-Пресс, 2009. С. 88
11. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ/ Ҳусайн Воизи Кошифӣ.– Душанбе, 1991. – с. 193.
12. Шевандрин Н.И. Психодиагностика коррекция и развития личности. Учеб. пособие// Н.И. Шевандрин.- М.: Владос, 1999.-С512
13. Юнусова Н.М. Женщина семья Воспитание.- Душанбе, 2013


## РАҲЁФТҲОИ МУОСИР ОИД БА МАСЪАЛАИ МАЪРИФАТИ ПСИХОЛОГӢ -ПЕДАГОГИИ ВОЛИДАЙН БО НАЗАРДОШТИ АНЪАНАҲОИ МИЛЛИИ ТАРБИЯИ ОИЛАВИИ ТОҶИКОН


Муаллифон дар мақолаи мазкур раҳёфтҳои муосир оид ба масъалаи маърифати психологӣ-педагогии волидайн бо дарназардошти анъанаҳои миллии тарбияи оилавии тоҷикон дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон шаҳр доданд. Дар шароити имрӯза самаранок истифода намудани анъанаҳо ва урфу одатҳои халқӣ дар тарбияи оилавӣ, ин тамоси эпизодӣ нест, балки алоқаи мунтазами волидон ва омӯзгорон мебошад. Натиҷаҳои пурсиш оид ба таҳқиқи фаъолияти муштараки падару модарон ва омӯзгорон оид ба тарбияи фарзандон дар анъана ва урфу одатҳои халқӣ, ки бо усулҳои дигари таҳқиқот (мушоҳида, омӯзиши ҳуҷҷатҳои мактабӣ, сӯҳбат бо роҳбарони маорифи халқ, таҳлили нақшаҳои ояндадори роҳбарони синфҳо ва ғайра) пурра карда шудаанд, имкон доданд, ки дар ин самт як қатор камбудиҳо ошкор карда шаванд: а) муаллимон дар бораи технологияҳои педагогӣ ва роҳҳои омӯзиши оила ва ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо он маълумоти кофӣ надоранд; б) таҷрибаи оилаҳои беҳтарин оид ба тарбияи фарзанд дар анъанаҳо ва урфу одатҳои халқӣ суст омӯхта мешавад, инчунин дар байни дигар волидон суст таблиғ карда мешавад; в) кам волидонро ба чорабиниҳо оид ба ба анъана ва урфу одатҳои миллӣ ҷалб мекунанд; г) баъзе муаллимону волидон дар бораи анъана ва урфу одатҳои халқӣ донишҳои кофӣ надоранд. Омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи тарбияи ахлоқии кӯдакон дар оилаи тоҷик аз он шаҳодат медиҳад, ки урфу одатҳо, анъанаҳои нав, бо урфу одатҳои қадимӣ, анъанаву анъанаҳои қадимӣ, ки аз ҷаҳони қадим мерос мондаанд ба вуҷуд меоянд.

**Калидвожаҳо:** Маърифати педагогии падару модарон, самарабахши тарбияи кӯдак, оила, мактаб, тарбияи маърифатӣ, тарбияи хештаншиносӣ, тарбияи анъанаҳои миллӣ, муошират урфу одатҳо, тарбияи ахлокӣ ва анъанвӣ, тарбияи ватанпарастӣ ва ғ.

## СОВРЕМЕННЫЕ ПОДХОДЫ К ПРОБЛЕМЕ ПСИХОЛОГО - ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ РОДИТЕЛЕЙ С УЧЕТОМ НАЦИОНАЛЬНЫХ ТРАДИЦИЙ СЕМЕЙНОГО ВОСПИТАНИЯ ТАДЖИКОВ

В данной статье авторы поднимают вопрос о современных подходы к проблеме психолого - педагогического просвещения родителей с учетом национальных традиций семейного воспитания таджиков в современном обществе Таджикистана. Важнейшее условие эффективности использования народных традиций и обычаев в семейном воспитании – это не эпизодический, а систематический контакт родителей и педагогов. Результаты анкетирования по исследованию совместной деятельности родителей и педагогов по воспитанию детей на народных традициях и обычаях, дополненные другими методами исследования (наблюдение, изучение школьной документации, беседы с руководителями народного образования, анализ перспективных планов классных руководителей и др.) позволили выявить ряд недочетов в этом направлении: а) учителя недостаточно осведомлены о педагогических технологиях и способах изучения семьи и налаживании совместной работы с ней; б) слабо исследуется опыт лучших семей по воспитанию детей на народных традициях и обычаях, он также слабо пропагандируется среди других родителей; в) редко привлекают родителей к проведению мероприятий по приобщению детей к национальным традициям и обычаям; г) некоторые учителя и родители не имеют систематических знаний о народных традициях и обычаях.Изучение и анализ опыта нравственного воспитания детей в таджикской семье свидетельствует о том, что новые обычаи и традиции рождаются в споре с унаследованными от старого мира, отживающими свой век, архаичными обычаями и традициями, предрассудками.

**Ключевые слова**: Педагогическое просвещение родителей, оптимизация воспитание ребенка, семьи, школы, педагогическое воспитание, воспитание, воспитание национальных традиций, общение обычаев, нравственное и традиционное воспитание, патриотическое воспитание и др.

## MODERN APPROACHES TO THE PROBLEM OF PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL EDUCATION OF PARENTS, TAKING INTO ACCOUNT THE NATIONAL TRADITIONS OF FAMILY EDUCATION OF TAJIKS

In this article, the authors raise the issue of modern approaches to the problem of psychological and pedagogical education of parents, taking into account the national traditions of family education of Tajiks in the modern society of Tajikistan. The most important condition for the effective use of folk traditions and customs in family education is not episodic, but systematic contact between parents and teachers. The results of the survey on the study of the joint activities of parents and teachers in raising children on folk traditions and customs, supplemented by other research methods (observation, study of school documentation, conversations with heads of public education, analysis of long-term plans of classroom teachers, etc.) revealed a number of shortcomings in this direction: a) teachers are not sufficiently aware of pedagogical technologies and methods of studying the family and establishing joint work with it; b) the experience of the best families in raising children on folk traditions and customs is poorly researched.

**Key words:** Pedagogical education of parents, optimization of the upbringing of a child, family, school, pedagogical education, upbringing, upbringing of national traditions, communication of customs, moral and traditional education, patriotic education, etc.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Юнусова Нафисахон Муродовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, кафедраи умумидонишгоҳии педагогика. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail**: nafisa48@mail**. Телефон: **907 97 48 07**
***Қамчибекова Гулнора Эшоновна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи «Психология», ассистент. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **(+992) 900084490**, E-mail: **gulnor kamchibekova@bkl.ru**

**Сведения об авторах:** ***Юнусова Нафисахон Муродовна*** – Таджикский национальный университет, доктор педагогических наук, профессор, общеуниверситетская кафедра педагогики**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. . E-mail**: nafisa48@mail**. Телефон: **907 97 48 07**
***Камчибекова Гулнора Эшоновна*** **–** Таджикский национальный университет, ассистент, кафедра «Психологии». **Адрес**: 734025, город Душанбе, РеспубликаТаджикистан, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 900084490**, E-mail: **gulnor kamchibekova@bkl.ru**

**Information about the authors:** ***Yunusova Nafisakhon Murodovna*** – Tajik National University, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor, University Department of Pedagogy.**Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 121. E-mail: **nafisa48@mail.ru**. Phone**: (+992) 907 97 48 07**
***Kamchibekova Gulnora Eshonovna*** – Tajik National University, Department of Psychology, assistant. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992) 900084490**, E-mail: **gulnor kamchibekova@bkl.ru**

ТДУ:372.800.8 (575.3)

# ВАЗЪИ ИМРӮЗАИ ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ҶАВОНОН ДАР МУАССИСАҲОИ ФАРҲАНГӢ

*Табаров Н.С.*
**Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа Ибни Собит**

Мардуми тоҷик давлати соҳибихтиёри худро таъсис дода, барои бунёди давлати дунявию ҳуқуқбунёд ҷидду ҷаҳд менамояд. Дар ин ҷода тарбияи насли наврас, бахусус ҷавонон дар руҳияи ватанпарварӣ, инсондӯстӣ, омӯхтани фарҳанги ниёгон ва тамаддуни башарӣ нақши бузург дорад. Тавре Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси бой фарҳангӣ ва расму оини ниёгон, дастовардҳои бузург ва шахсиятҳои оламшумули қавму қабоили хеш огоҳӣ надорад, ҳеҷ гоҳ инсони комил ва фарзанди барӯманди замони худ шуда наметавонанд.

Дар бунёди давлати мутараққӣ барои мо тоҷикон зарур аст, ки ҷавононро дар руҳияи меҳнатдӯстӣ, ватанпарварӣ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ тарбия намоем. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ чунин иброз намуданд: «Ҳукумати кишвар ба инкишофи бонизоми фарҳанг ва махсусан масъалаҳои боло бурдани фарҳанги ҷомеа, эҳтиром ба арзишҳои милливу фарҳангӣ, дар ниҳоди мардум ва махсусан ҷавонон парвариш намудаи эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва рамзҳои давлатӣ диққати ҷиддӣ зоҳир менамояд» [8].

Дар ин давраи муҳим ҳадаф ва вазифаҳои фарҳанг бештар ба ташаккули маънавиёту ахлоқ, омӯзиши амиқи таъриху мероси фарҳангии халқи тоҷик, баланд бардоштани ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстӣ, инчунин таҳкими ҳисси ватанхоҳӣ равона карда мешавад. Фаъолият ва тарзи зиндагии одамон, аз ҷониби онҳо офаридани арзишҳои маънавиро фарҳанг меноманд. Фарҳанг эҷодкории моддию маънавии одамон буда, комёбиҳои онро барои инкишофи инсоният истифода мебарад ва он аз насл ба насл ҳамчун мерос боқӣ мемонад.Фарҳанг моддӣ ва маънавӣ мешавад. Ба фарҳанги моддӣ воситаҳои истеҳсолот, олоти меҳнат, ки дар истеҳсолот истифода мебаранд, дохил шуда, ба фарҳанги маънавӣ илм, дараҷаи истифодаи донишҳо оид ба маориф, тиб, санъат, меъёри ахлоқии одамон, завқ ва инкишофи дархостҳои маънавии онҳо дохил мешаванд.

Фарҳанги халқи тоҷик қисми ҷудонопазири фарҳанги башарӣ буда, он дар робита ва баҳрабардорӣ аз ҳамдигар рушд меёбад. Ин алоқа ба фарҳанг то кадом андоза таъсир мерасонад, онро пахш ё равнақ медиҳад, аз рушди иқтисодиёти мамлакат ва маънавиёти мардум вобаста аст.

Халқи тоҷик дар тамоми таърихи худ офарандаи фарҳанги воло буд. Дар бораи ин халқи қудратманд Сталин И.В. борҳо дар баромадҳои худ дар даврони шуравӣ ёдовар шуда буд. Сталин И.В. гуфта буд: «Тоҷикон халқи хосе мебошанд. Онҳо на ӯзбек, на қазоқ ва на қирғиз ҳастанд. Тоҷикон қадимтарин халқи Осиёи Миёна буда, маънои тоҷик барандаи тоҷдор, ки инро эрониҳо гуфтаанд ва тоҷикон ин гуфтаро исбот карданд» [13].

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки бе рушди фарҳанг давлат наметавонад рушди иқтисодиёт ва сатҳи зиндагии мардумро боло барад.

Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, новобаста аз мушкилоти давраи гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ба рушду нумуи фарҳанги миллӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда истодаанд. Чунки дар тарбияи насли наврас ва махсусан ҷавонон нақши фарҳанги миллӣ бағоят бузург мебошад.

Тавре Президенти кишвар дар яке аз паёмҳои навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ иброз доштанд: «Моро зарур аст, ки фаъолияти муассисаҳои таълимии санъату ҳунар, осорхонаву китобхонаҳо, театрҳо ва марказҳои фарҳангиро беҳтар гардонем, аҳли ҷомеаро ба ин муассисаҳо ҳарчи бештар ҷалб кунем ва бо ин роҳ ба раванди баланд бардоштани сатҳи маърифату маънавиёти аҳли ҷомеа, алалхусус, наврасону ҷавонон, яъне наслҳои ояндасози миллат ва рушди фарҳанги миллӣ такони ҷиддӣ бахшем» [8].

Бояд қайд кард, ки ҳамасола аз соли 1998, то кунун дар ҷумҳуриамон рӯзи 23-юми май ҳамчун Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон бо шукӯҳи хосса таҷлил мегардад, ки худ падидаи нодире ба шумор меравад ва сиёсати давлати кунунии тоҷиконро дар ҷодаи эҳтиром ва ғамхорӣ нисбат ба насли ҷавон ифода менамояд [14, с.22].

Бояд гуфт, ки дар ҷумҳурӣ «Қонун дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» (2004) қабул гардидааст, ки Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодии тарбия, ташаккул ва камолоти ҷавононро муқаррар намуда, принсипҳо ва тадбирҳои татбиқи сиёсати давлатро дар соҳаи истифодаи пурсамари неруи зеҳнӣ ва маънавии онҳо, ки ба манфиати ҷамъият равона мешавад, муайян мекунад.

Дар ҷумҳурӣ Консепсияи рушди фарҳанг, Консепсияи миллии тарбия, Консепсияи миллии таҳсилот коркард ва тадтиқи амалии онҳо батадриҷ ба роҳ монда шуда истодааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатҳои рушди фарҳангӣ, таълимӣ, сиёсии ҳар як шахсро дар ҷомеа фароҳам овардааст. Дар он омадааст: «Ҳар шахс ҳақ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷамъият, эҷодиёти бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои он истифода кунад» [4, с.11]. Сарватҳои фарҳангӣ ва маънавиро давлат ҳимоя мекунад.

Ба тасвиб расидани Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-декабри соли 2005 ва Консепсияи миллии тарбия аз 3-марти соли 2006 аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон нишонаи дар амал татбиқ кардани сиёсати фарҳангӣ ва миллии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолӣ ба шумор меравад.

Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии ва афзалиятноки рушди фарҳанг ва ҳаёти иҷтимоию фарҳангиро дар бар мегирад. Консепсияи миллии тарбия бошад, тамоми паҳлуҳои тарбияи шахсро фарогир аст.

Дар Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Таълиму тарбияи насли наврас ва тайёр кардани мутахассисон бояд бо назардошти талаботи замон, шароитҳои хосси миллӣ, психологӣ, демографӣ ва анъанаҳои беҳтарини миллӣ ба роҳ монда шавад» [5, с.58]. Консепсияи миллии тарбия аз 18 унсур: тарбияи ғоявӣ, шаҳрвандӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, ҳарбӣ-ватандӯстӣ, миллӣ, экологӣ ва ғайра иборат мебошад, ки тамоми самтҳои тарбияи насли наврас ва ҷавононро дар бар мегирад.

Инчунин, дар шароити кунунӣ Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (3 апрели соли 2021, № 115) қабул гардида, мавриди амал қарор дорад.

Дар солҳои истиқлолият Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуну қарорҳо, амру фармонҳои зиёде оид ба фарҳанг, маориф, мероси фарҳангӣ, арзишҳои моддию маънавӣ қабул намуданд, ки дар 70 соли Ҳукумати Шуравӣ муяссар нагардида буд.

Мо дар як нишаст наметавонем оид ба тамоми паҳлуҳои фарҳанги миллии даврони истиқлол, рушд, дастовардҳои бузурги соҳа ва таъсири онҳо ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ибрози ақида намоем. Аз ин рӯ, баъзе аз самтҳо ва санадҳои муҳимми даврони истиқлолро баррасӣ менамоем, ки ин ҷашнвораҳо ба руҳияи фарҳангдӯстии ҷавонон ва ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо таъсир расонидаанд.

Яке аз дастовардҳои бузурги фарҳанги даврони истиқлол, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, ин таҷлили ботантанаи санаҳои муҳимми таърихию фарҳангии халқи тоҷик мебошад, ки бешубҳа дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ва ҳисси худогоҳиву хештаншиносии онҳо мусоидат менамоянд.

Баргузории Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 1100 - солагии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, таҷлили ҷашни 1100 -солагии Давлати Сомониён, 2700-солагии «Авасто», 2500 солагии Истаравшан, эҳёи Саразм, Ҳулбук, бузургдошти санъати касбии «Шашмақом» ва санъати мардумии «Фалак», «2700-солагии шаҳри Кӯлоб», 3000-солагии Ҳисори шодмон ва тамаддуни ориёӣ шаҳодати гуфтаҳои болост.

Таҷлили ин ҷашнҳо ва дигар ҷашнҳои даврони истиқлолият ба ҷавонони имконият дод, ки бо таърих, мероси фарҳангии ниёгон, арзишҳои миллӣ, анъана, урфу одати азёдрафтаи хеш тавассути намоишҳои театрикунонидашуда, эҷоди китобҳо, намоишномаҳо, мусиқӣ, ракс, рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, шаҳрсозӣ ва ғайра шинос шуда, баҳри эҳё ва рушди он азму ирода намоянд.Таҷлил ва баргузории ин ҷашнҳо бо

худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори ватандориву ғурури миллӣ, сулҳу ваҳдат, якдигарфаҳмӣ замина гузоштанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ таҷлили ҷашнвораҳои арбобони барҷастаи илму ҳунар, шоирону нависандагони тоҷику форс ба монанди 675-солагии Камоли Хуҷандӣ, 680-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 960- солагии Умари Хайём, 545-солагии Камолиддини Беҳзод бо шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифта шуда, осори гаронбаҳое, ки дар тарбияи ҷавонон нақши беандоза мебозанд, нашр гардид. Чандин намоишҳои театрӣ, телевизионӣ, филмномаҳо оиди ҳаёту фаъолияти онҳо эҷод шудаанд [6,с.7].

Ҷомеа ва фарҳанги муосир оҳиста-оҳиста аз буҳрони маънавӣ берун омад. Имрӯзҳо кормандони санъати театрӣ, мусиқишиносӣ, санъати тасвирӣ, хореография, ҳайкалтарошӣ дар пайи ҷустуҷуҳои нави эҷодианд.

Дар шароити имрӯза дар ҷумҳурӣ 2113 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла китобхона, клубҳо, осорхонаҳо, боғҳои фарҳангӣ ва истироҳатӣ, театрҳои касбӣ, филармонияи давлатӣ, ансамбли ҳунарии «Базморо», маркази эҷодии «Илҳом», Ансабли давлатии «Лола», Ансамбли тарона ва рақси «Сомониён», сирки давлатии Тоҷикистон ва ғайра амал мекунанд [6, с.7].Барои муассисаҳои номбурда дар ҷумҳурӣ 36 мактаби мусиқӣ, 7 мактаби рассомӣ, 2 мактаб-интернети махсуси мусиқӣ, коллеҷи рассомӣ, коллеҷи хореографӣ, коллеҷи санъати ш. Хуҷанд ба номи Содирхон Ҳофиз, коллеҷи санъати шаҳри Кӯлоб ба номи Кароматулло Қурбонов, коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи Аҳмад Бобоқулов, чанд муассисаи махсус ва мактабҳои олӣ, ба мисли Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов амал мекунанд. Дар маҷмуъ, муассисаҳои дар боло зикргардида аз рӯйи 44 ихтисос мутахассисони соҳаи санъат, фарҳанг ва эҷодиёти мардумӣ, тайёр мекунанд [6, с.7].

Тибқи қарори махсуси Созмони Милали Муттаҳид мақоми байналмилалӣ гирифтани ҷашни «Наврӯз», бо қарори ЮНЕСКО дар қатори ёдгориҳои ҷаҳонӣ ворид гардидани ёдгориҳои таърихиву археологии «Саразм», ҳунари мардумии «Чакан», «Шашмақом» ва ғайра яке аз дастовардҳои бузурги фарҳанги даврони истиқлолият ба шумор мераванд.

Ҳамзамон, бунёди биноҳои нави фарҳангӣ, ба тарзи тарҳи замонавӣ ва муҷаҳҳазонидани онҳо ба таҷҳизотҳои пешқадами иттилоотию иртиботӣ, аз ҷумла бинои Китобхона ва Осорхонаи миллӣ, Наврӯзгоҳ, Боғи Ирам ва даҳҳо муассисаҳои дигари фарҳангӣ дар гӯшаву канори кишвари соҳибистиқлол, далели равшани сиёсати хирадмандонаи Президенти мамлакат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [9,с.15].Агар ба солҳои каме қаблӣ назар андозем, аниқтараш ба солҳои аввали истиқлолият, пеши назар он солҳои вазнин барои аҳли фарҳанг ҷилвагар мешавад. Дар он замонҳо сатҳи бекорӣ дар тамоми соҳаҳо хеле баланд буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилиҳои бузурги иқтисодиву сиёсӣ рӯ ба рӯ гашта буд.

Бо барҳамхӯрии колхозу совхозҳо тақдири муассисаҳои фарҳангӣ ба дасти ҳокимиятҳои маҳаллӣ вогузошта шуд.

Ҳамаи ин ҳолатҳоро омӯхта давлат ва Ҳукумат ба хулосае омаданд, ки дар соҳаи фарҳанг ва маориф тағйироти куллие бояд ворид кард. Аз ҷумла, Консепсияи рушди фарҳанг, Консепсияи миллии тарбия ва даҳҳо қарору қонунҳо мисоли ин шуда метавонанд. Бояд гуфт, ки ҷавонон ояндасози ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо ба ҳисоб мераванд. Давраи ҷавонӣ ин чунин вактест, ки шахс ташакул меёбад, мавқеи худро дар ҷамъият бояд пайдо кунад. Давраест, ки истеъдодҳои шахс такмил ва ташаккул меёбанд.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ташаккулёбии муассисаҳои фарҳангӣ ва самти фаъолияти онҳо то ҳадде тағйир ёфтааст. Аз чорабиниҳои солҳои пешин танҳо суҳбатҳо, лексияҳо, шабҳои вохӯрӣ ва конкурсҳо боқӣ мондаанду халос.

Тавре ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, яке аз намудҳои ташаккули шахс дар ҷомеа ин таҷрибагирӣ аз ҳаёт аст. Тавре ки психологи рус С.Л. Рубинштейн ишора мекунад, таъсири рӯйдодҳо дар ҳаёти инсон тағйироти ҷиддиро ба бор меорад. Зери ин тағйирот «Ман» пас аз «худро гум кардан» ва «ба даст овардан» ташаккул меёбад [11, с.352].

Аз ин лиҳоз, мо бояд ҷавононро тавре тарбия намоем, ки ба ақидаҳои якдигар бетафовут набошанд. Якдигарро гӯш карда тавонанд. Онҳоро мо бештар ба театру намоишҳои консертӣ, ки характери тарбиявӣ доранд, ҷалб созем. Баъди анҷоми

намоишномаҳо суҳбатҳо гузаронанд. Қаҳрамонҳои мусбату манфии намоишномаро таҳлил кунанд. Барои он ки ҷавонон зеҳну заковат ва ҷиҳати фикрронии худро сайқал диҳанд, бояд мо онҳоро талқин кунем, то ба худ хомаю дафтар гиранд ва ҳар як чизи дидаву шунидаи худро дар дафтар кайд кунанд, яъне аз болои худ кор баранд. Ҷавононро омӯзонем, то вақти холии худро ба нақша гиранд.

Ҳамаи методҳое, ки дар фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ истифода мешаванд, ба он хотире амалӣ мегарданд, ки ҷавонон сатҳи донишҳои худро баланд бардоранд, ҷаҳонбинии васеъ гардад.

Ногуфта намонад, ки шавқовару гуворо гузаштани чорабиниҳои фарҳангӣ, аз мазмун ва мундариҷаи он вобастагии калон дорад.

Маҳз дар муҳити фароғат ҷавонон тавассути иртибот дар муоширати ҳамдигар амалҳои худро такмил медиҳанд. Ҷавонон дар лаҳзаҳои фароғат метавонад, худро аз паҳлуҳои гуногун нишон диҳанд. Дар вакти фароғати коллективона дар ниҳоди ҷавонон ҳиссиёти рафоқат, дӯстӣ, шафқат ва меҳрубонӣ нисбат ба ҳамдигар ба вуҷуд меояд. Яъне, дар ҷавонон арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ташаккул меёбанд.

Яке аз вазифаҳои муосири муассисаҳои фарҳангӣ аз он иборат аст, ки рафтори ҷавононро ба воситаи чорабиниҳои фарҳангӣ-равшаннамоӣ ба танзим даровард, барои рушди маънавӣ-ахлоқии онҳо дастгириҳои ҳамаҷониба намоянд. Дар ин раванд аз усулҳои педагогӣ истифода бурдан аз манфиат холӣ нест. Чорабиниҳоро тавре бояд омода ва таҳия намуд, ки фарогири масоили мубрами рӯз ва ҷавобгӯйи талаботи ҷавонон бошанд. Маҳз дар ҳамин сурат метавонем ҷавононро ба муассисаҳои фарҳангӣ ҷалб намуда, дар ниҳоди онҳо ҳисси ғамхорӣ нисбати якдигар, бетафовут набудан, ёрии ҳамдигарӣ ва тамоми хислатҳои ҳамидаи инсониро тарбия намоем.

Маҳз дар муҳити фароғат ҷавонон тавассути иртибот дар муоширати ҳамдигар амалҳои худро такмил медиҳанд. Ҷавонон дар лаҳзаҳои фароғат метавонад, худро аз паҳлуҳои гуногун нишон диҳанд. Дар вакти фароғати коллективона дар ниҳоди ҷавонон ҳисси рафоқат, дӯстӣ, шафқат ва меҳрубонӣ нисбат ба ҳамдигар ба вуҷуд меояд. Яъне, дар ҷавонон арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ташаккул меёбанд.

**Муқарриз: Тошзода С.- н.и.п., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Аникеева Н.П. Психологический климат в коллективе / Н.П. Аникеева. -М.: Просвещение, 1989. -224с.
2. Байкало-Амурская магистраль. [Манбаи электронї]: https://ru.wikipedia.org/wiki/Байкало-Амурская_магистраль (Санаи мурољиат 16.05.2023)
3. Жаркова Л.С. Организация деятельности учреждений культуры: учебник для студентов вузов культуры и искусств / Л.С. Жаркова. – М.: Издательский дом МГУКИ, 2010. – 394 с.
4. Конституция Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008. – 82с. –С.11
5. Масъалаҳои рушди фарҳанги маънавӣ дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон. Муқ.. Р.Амирова. – Душанбе: Нурафзои Нур, 2015. – 152 с.
6. Назария ва амалияи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ. -Душанбе: Истеъдод, 2012.-86с.
7. Нуров Н. Фарҳанги миллӣ ва воқеиятҳои замони имрӯз / Н.Нуров //Паёмномаи фарҳанг. -№4(52). – Душанбе, 2020. -128с.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ. [Манбаи электронӣ]: https://mfa.tj/tg/main/view/2813/pajomi-prezidenti-jumhurii-tojikiston-ba-majlisi-olii (Санаи муроҷиат 11.06.2023)
9. Паёмномаи фарҳанг.Вазорати фарҳанги ҶТ /Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот. -№1(29). –Душанбе: Истеъдод, 2015. -128с.
10. Пирожкова М.А. Культурно-досуговая деятельность как фактор формирования речевой культуры / М.А. Пирожкова // Вестник культуры. - Душанбе, 2014. - №3. – 126 с.
11. Рубинштейн С.Л. Проблемы общей психологии / С.Л. Рубинштейн. – М.: Педагогика, 1973. – 424с. –С.352
12. Смолянинов И.Ф. Природа в системе эстетического воспитания / И.Ф. Смолянинов. -М.: Просвещение, 1984. -207 с.
13. Сталин И.В. Суханронӣ дар даҳаи адабиёт ва санъати тоҷикон дар Маскав 22 апрели соли 1941. [Манбаи электронӣ]: http://grachev62.narod.ru/stalin/t18/t18_092.htm (Санаи муроҷиат 12.07.2023)
14. Сухомлинский В.А. О воспитании. Сост. И авт. Вступ. очерков С. Соловейчик. -М.: Политиздат, 1988. -270 с.
15. Ҷавонон – пайравони Пешвои миллат (маҷмуаи маводи конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ, Хуҷанд, 24 октябри 2017). – Хуҷанд: Дабир, 2017. - 170 с. –С.22.

## ВАЗЪИ ИМРӮЗАИ ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ҶАВОНОН ДАР МУАССИСАҲОИ ФАРҲАНГӢ

Дар мақола вазъи имрузаи муассисаҳои фарҳангӣ ва нақши онҳо дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон баррасӣ шудааст. Фаъолият ва тарзи зиндагии одамон, аз ҷониби онҳо офаридани арзишҳои маънавиро фарҳанг меноманд. Фарҳанг эҷодкории моддию маънавии одамон буда, комёбиҳои онро барои инкишофи инсоният истифода мебарад ва он аз насл ба насл ҳамчун мерос боқӣ мемонад. Фарҳанги халқи тоҷик қисми ҷудонопазири фарҳанги башарӣ буда, он дар робита ва баҳрабардорӣ аз ҳамдигар рушд меёбад. Ин алоқа ба фарҳанг то кадом андоза таъсир мерасонад, онро пахш ё равнақ медиҳад, аз рушди иқтисодиёти мамлакат ва маънавиёти мардум вобаста аст. Ҳамаи методҳое, ки дар фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ истифода мешаванд, ба он хотире амалӣ мегарданд, ки ҷавонон сатҳи донишҳои худро баланд бардоранд, ҷахонбинии онҳо васеъ гардад. Маҳз дар муҳити фароғат ҷавонон тавассути иртибот дар муошироти ҳамдигар амалҳои худро такмил медиҳанд. Ҷавонон дар лаҳзаҳои фароғат метавонад, худро аз паҳлуҳои гуногун нишон диҳанд. Дар вакти фароғати коллективона дар ниҳоди ҷавонон ҳисси рафоқат, дӯстӣ, шафқат ва меҳрубонӣ нисбат ба ҳамдигар ба вуҷуд меоянд. Яъне, дар ҷавонон арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ташаккул меёбанд.

**Калидвожаҳо:** муассисаҳои фарҳангӣ, тарбия, маънавиёт, ахлоқ, ҷавонон, ташаккул, омил, фароғат, фарҳанг, ҷомеа, меҳр, шавқат, ҳамдигарфаҳмӣ, коллектив.

## СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ ФОРМИРОВАНИЯ ДУХОВНО-НРАВСТВЕННЫХ КАЧЕСТВ МОЛОДЕЖИ В УЧРЕЖДЕНИЯХ КУЛЬТУРЫ

В статье описано современное состояние учреждений культуры и их роль в духовно-нравственном воспитании молодежи. Деятельность и образ жизни людей, создание ими духовных ценностей называется культурой. Культура -это материальное и духовное творчество людей, ее достижения используются для развития человечества, и она передается из поколения в поколение как наследие. Культура таджикского народа является неотъемлемой частью человеческой культуры, развивается во взаимосвязи и взаимопомощи друг с другом. В какой степени это общение влияет на культуру, подавляет или развивает ее, зависит от экономического развития страны и духовности народа.Все методы, используемые в деятельности учреждений культуры, реализуются для того, чтобы молодые люди повысили свой уровень знаний, повысили кругозор, уровень мышления и смогли быстро и легко преодолевать все препятствия в жизни. Именно в культурной среде молодые люди совершенствуют свои действия, общаясь друг с другом. Во время досуга молодые люди могут показать себя с разных сторон. В момент коллективного веселья в организации молодых людей возникают чувства товарищества, дружбы, сострадания и доброты друг к другу. То есть у молодежи формируются духовно-нравственные ценности.

**Ключевые слова:** учреждения культуры, образование, духовность, нравственность, молодежь, фактор, развлечение, культура, общество, любовь, взаимопонимание, коллектив.

## THE CURRENT STATE OF THE FORMATION OF SPIRITUAL AND MORAL QUALITIES OF YOUNG PEOPLE IN CULTURAL INSTITUTIONS

The article describes the current state of cultural institutions and their role in the spiritual and moral education of youth.The activities and lifestyle of people, their creation of spiritual values is called culture. Culture is the material and spiritual creativity of people, its achievements are used for the development of humanity, and it is passed on from generation to generation as heritage.The culture of the Tajik people is an integral part of human culture, developing in interconnection and mutual assistance with each other. The extent to which this communication influences, suppresses or develops culture depends on the economic development of the country and the spirituality of the people.All methods used in the activities of cultural institutions are implemented so that young people increase their level of knowledge, improve their horizons, level of thinking and are able to quickly and easily overcome all obstacles in life.It is in a cultural environment that young people improve their actions by communicating with each other. During leisure time, young people can show themselves from different sides. In a moment of collective fun in an organization of young people, feelings of camaraderie, friendship, compassion and kindness towards each other arise. That is, young people develop spiritual and moral values.

**Key words:** cultural institutions, education, spirituality, morality, youth, factor, entertainment, culture, society, love, mutual understanding, team.

**Маълумот дар бораи муаллиф*:*** ***Табаров Нурулло Сафаралиевич*** -Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам –Абуҳанифа, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика ва мероси ниёгон. **Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Шодмони, 58/1.Телефон: **904-03-09-34**

**Сведения об авторе**: ***Табаров Нурулло Сафаралиевич*** - Таджикский исламский университет имени Имама Азама – Абуханифы, кандидат педагогических наук, заведующий кафедрой педагогики и наследия предков. **Адрес:** 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Шодмони, 58/1. Телефон: **904-03-09-34**

**Information about the author:** ***Tabarov Nurullo Safaralievich*** - Tajik Islamic University named after Imam Azam - Abukhanifa, candidate of pedagogical sciences, head of the department of pedagogy and ancestral heritage. **Address:** 734003, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Shodmoni street, 58/1. Phone: **904-03-09-34**

**ТДУ:372.800.2(575.3)**

# ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ СИФАТИ ДОНИШ


***Ашӯрова Т.А.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**


Дигаргун шудани шароити ҳаёт ва фаъолияти инноватсионӣ дар Тоҷикистон ба таври табиӣ дар низоми маориф инъикос меёбад.

Имрӯзҳо ҷамъият ба чунин шахсиятҳое, ки дониш, маҳорат ва малакаи худро эҷодкорона истифода мебаранд, эҳтиёҷ дорад, яъне, онҳо метавонанд фаъолияти худро тағйир дода, самараноктар гардонанд. Дар натиҷа, дар давраи инкишофи таҳсилоти муосир зарурати аз нав дида баромадани методҳо, воситаҳо ва шаклҳои ташкили таълим ба вуҷуд омад.

Муаммои қайдшуда бо коркард ва татбиқи технологияҳои нави таълимӣ дар раванди таълим алоқаманд мебошад. Нав кардани шакли таҳсилот истифодаи методҳо ва шаклҳои таълими ғайрианъанавиро талаб мекунад, ки бунёди чунин шароитҳои педагогии таълим ба инкишофи муносиби фаъолияти маърифатӣ ва мустақилияти эҷодии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Мутаассифона, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба муҳайё гардонидани шароитҳои педагогӣ барои истифодаи самараноки технологияи инноватсионӣ диққати ҷиддӣ намедиҳанд.

Раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми истифодаи технологияҳои инноватсионӣ самараноктар мегардад, агар чунин шароитҳо амалӣ гарданд:

- гузориши мақсад ба муваффақият;
- сохти модулии маводи таълимӣ;
- истифодаи таҷрибаи субъективии донишҷӯён.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин ибрози ақида кардаанд: “Аз ҷониби Ҳукумати кишвар то ба имрӯз масъалаҳои муҳиму аввалиндараҷаи зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳаллу фасл шудаанд.

Бо вуҷуди ин, масъалаҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ ва фаъоли таълим, инчунин, баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон таваҷҷуҳи боз ҳам бештари масъулонро тақозо мекунад.

Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ҳуқуқи хато карданро надорад, зеро тақдири насли ояндасоз ва пешбарандаи давлату ҷомеа дар дасти ӯст” [10].

Технология ба тарбия, инчунин, ба санъат наздик мебошад ва ба шахсияти кӯдак ҳамчун иштирокчии раванди таълим таъсир мерасонад. Истилоҳи “технология”, махз “технологияи инноватсионӣ” чиро мефаҳмонад?

Технология (юнонии *techne* санъат, маҳорат, *logos* калима, дониш, илми санъат) ҳамчун маҷмуи усулҳо ва равандҳоест, ки дар ҳама гуна тиҷорат ё ҳангоми истеҳсоли чизе истифода мешавад [15].

Технология – илм дар бораи техника. Зери ин мафҳум илм дар бораи ба даст овардан, коркард, сохтан, истеҳсоли маҳсулот, ҳамчунин, хизматрасонӣ бо ёрии техникаи дарихтиёрдошта мебошад [2].

Инноватсия калимаи англисӣ буда, маънояш навоварӣ (novatio), навсозӣ, тағйир додан аст. Гузашта аз ин, ин навоварӣ нест, аммо пас аз татбиқи он беҳбудиҳои назарраси самаранокӣ ва сифати фаъолият ба назар мерасанд [5].

Ҳар як навоварӣ татбиқи худро тавассути технология пайдо мекунад. Ҳамин тариқ, технологияи инноватсионӣ методология ва раванди эҷоди чизи нав ё такмил додани мавҷуда бо мақсади таъмини пешрафт ва баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон мебошад.

Инноватсияи педагогӣ ин навоварӣ дар соҳаи педагогика, мақсаднок тағйирдиҳӣ дар муҳити таҳсилот, унсурҳои устувори беҳтар гардонидан ҳамчун қисматҳои алоҳидаи он ва низоми таҳсилот дар умум мебошад [13].

Дар адабиёти психологӣ-педагогӣ оид ба мафҳуми технологияи инноватсионӣ якчанд назарияҳои аз якдигар фарқкунандаро вохӯрдан мумкин аст [7]:

- ҳамчун низоми мантиқӣ ва олоти ташкили ба амал овардани фаъолияти амалии иштирокчиёни раванди таълим – муаллим ва донишҷӯ ҳамон мақсадро пайгирӣ мекунанд, ба монанди ташкили ТИМ (ташкили илмии меҳнат) – натиҷаҳои максималӣ дар минималӣ ё харҷи муносиб. Технология дар асоси назарияҳои муайяни ташкили фаъолият ба вуҷуд оварда мешавад [12];
- маҷмуи раванди интегративӣ, ки одамон, ғояро дар бар мегирад. Восита ва тарзи ташкили фаъолият барои таҳлили муаммо ва банақшагирӣ, таъминот, баҳодиҳии роҳбарии ҳалли муаммо, ки ҳамаи ҷанбаҳои азхудкунии донишро дар бар мегирад (лабораторияи ИМА);
- низоми ба тартиб овардани қоидаҳо, ки иҷрои онҳо ба муваффақияти натиҷаи муайяни банақшагирифтаро ба вуҷуд меоварад [8];
- интихоби табиии тарзҳои гуногуни таъсиррасонии педагогӣ ҳамчун рафтори мувофиқи табиии омӯзгор дар қаринаи маданияти муосир ба сатҳи баланди руҳии он ба вазъияти фаҳмиши инкишофдиҳандаи психологӣ-педагогӣ [16];
- раванди яклухти гузориши мақсадҳо, мунтазам нав кардани нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳо, тестикунии стратегия ва маводҳои алтернативӣ, баҳогузории низоми педагогӣ дар умум ва аз нав гузоштани мақсадҳо дар вақти маълум гардидани маълумоти нав дар бораи самаранокии низом;
- лоиҳаи муайяни низоми педагогӣ, ки дар амал татбиқ мегардад [4];
- тарзи муайяни таълим, ки дар он сарбории асосӣ оид ба амалӣ гардонидани функсияҳои таълим, воситаҳои таълим зери роҳбарии инсон иҷро мешавад [14];
- ҷустуҷӯйи воситаҳои аниқи таъсиррасонӣ ба шахсият ва коллектив, ки ба омӯзгор барои сарфа кардани қувваи худ ва ба даст овардани натиҷаҳои хуб имкон медиҳад [1];
- низоми тарзҳои фаъолият, ки гирифтани натиҷаҳои охирини босифати кафолатдиҳанда, пайдарпайии амалҳои ба ҳамдигар алоқаманд ва устувори методҳои кори омӯзгорро дар шароити ҳудудҳои амалишавандаи он оид ба таъмини раванди функсионалии низоми педагогиро таъмин мекунад.

Ҳамин тавр, ҳам технологияи таҳсилотӣ ва ҳам технологияи инноватсионӣ муқаррароти гуногунро доранд, аммо муқаррароти зиёди мавҷуда ба умумият ишора мекунанд, ки маҳз ба чунин мафҳумҳо ба монанди қоидаҳои пайдарпайи\ӣ ё амалҳои ба ҳам алоқаманд", "маҷмуи методҳои ба ҳам алоқаманд", "банақшагирии аниқ, лоиҳакашӣ, барномарезӣ", "низоми нишондодҳо, маҷмӯи амалиётҳо" ва ғайра такя мекунанд.

Аз ин лиҳоз, технологияи таълимии мақсаднок ва асоснок ҳамчун як навъ алгоритм, амалҳои бароҳмондашудаи бонизоми иштирокчиёнро дар раванди педагогӣ ифода мекунанд.

Одатан, зери мафҳуми технология методикаи хусусиро аз рӯйи муваффақиятҳои алоҳида гузошташуда (масалан, технологияи коркарди малакаи ҳисоби шифоҳӣ) зимнан дар назар доранд. Технологияро бо методикаи хусусӣ баробар карда, муаллифони муносибати мазкур ба яке аз тавсифи муҳимми технология такя мекунанд. Онҳо қайд мекунанд, ки ин методи ба даст овардани ҳама гуна мақсадҳои мушаххас мебошад. Истифодаи мафҳуми "технология" дар ин маъно ба педагогика ягон чизи нав намедиҳад ва раванди таълимро мушаххас намекунад.

Нисбат ба моҳияти методикаи фан олими рус О.П. Околелов чунин ақида дорад: "Методика ин мавқеи муносиби педагогикаи умумӣ, ки воситаҳои олоти назариявии дидактика, инчунин, воситаҳои маърифатии предмети таълимӣ мебошад" [9].

Технологияи таълимӣ – мафҳуми ҷомеъ мебошад, ки ба он ҳамаи технологияҳои дар таълим истифодашаванда дохил мешаванд [11].

Технологияи таълим худро ҳамчун низоми амалиёт ва функсияҳои муайян нишон медиҳад:

- ташкилӣ - фаъолиятро пешбинӣ мекунад: ташкили фаъолияти иштирокчиёни раванди таълим (муаллим ва донишҷӯ);
- лоиҳавӣ (пешгӯикунанда) амсиласозии ҳамкории педагогӣ, пешгӯии сатҳи инкишофи иштирокчиёни раванди таълим дар раванди амалисозии технологияи таълим;
- иртиботӣ - фаъолияти иртиботии иштирокчиёни раванди таълимро дар назар дорад, ивази маълумот байни онҳо, ба вуҷуд овардани шароити якдигарфаҳмии муаллим ва донишҷӯ;
- дарк кардани вазъият, арзёбии объективонаи натиҷаҳои воқеии ҳамкории педагогӣ, дарк кардани таҷрибаи ҳамкорӣ, қайд кардани ҳолат ва сабабҳои инкишоф;
- инкишофдиҳанда (ба вуҷуд овардани шароитҳои инкишоф ва худинкишофи иштирокчиёни раванди таълим).

В.П.Беспалко қайд мекунад, ки унсурҳои муҳимми низоми педагогӣ донишҷӯён ва муаллимон ба ҳисоб меравaнд [3]. Аз ин лиҳоз, чор сатҳи фаъолияти ташкили педагогӣ муайян шудааст:

1. Ташкилӣ – сатҳи аз ҳама одии технологияи таълимӣ, ки бо воситаи амалиётҳо ва усулҳои алоҳида ташкил ва амалӣ карда мешавад. Ин сатҳи асосии корӣ ва фаврии ташкил ва амалӣ гардонидани фаъолият мебошад.
2. Сатҳи методии ташкили фаъолият ва ба вуҷуд овардани технологияи он ба методҳои алоҳида ҳамчун маҷмуи усулҳои муайян тааллуқ дорад.
3. Шаклсозӣ – маҳорати интихоби мақсадноки на танҳо методҳо, балки шаклҳои фаъолият, маҷмуи муайяни методҳо, сатҳи баланди ташкилӣ ва технологияи фаъолияти технологӣ аз тарафи муаллим.
4. Асосҳои эҷодӣ дар муносибати ташкилӣ-фаъолиятӣ. Ҳар як муаллим технологияи таълимиеро, ки ба комёбиҳои илмӣ ва техникаи муосир ҷавобгӯ мебошад, вазъиятҳои воқеиро ба назар мегирад (салоҳиятнокӣ, таъмини раванди таълим бо технологияҳои компютерӣ, интернет, шароити кор, ба назар гирифтани хусусиятҳои инкишофи донишҷӯён) интихоб мекунанд.

Чунонки мебинем, функсия ва сатҳи технологияи таълимӣ якдигарро пурра мекунанд.

Дар педагогикаи муосир технологияҳои гуногуни зиёд мавҷуд мебошанд, ки дар сатҳи гуногун дар муассисаҳои таҳсилотӣ истифода бурда мешаванд.

Олими рус О.Ю. Ефремов оид ба технологияи педагогӣ чунин ақида дорад: "Технологияи таълим раванди амалисозии мундариҷаи таълим мебошад, ки дар барномаи таълимӣ пешбинӣ карда шудааст ва низоми шакл, методҳо, тарзҳо ва воситаҳои таълимро дар бар мегирад, ки расидан ба мақсади гузошташударо таъмин мекунад" [6].

**Муқарриз: Исломов О.А.- д.и.п., профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Азаров Ю.П. Тайны педагогического мастерства: учеб. пособие / Ю. П. Азаров. - М. : МПСИ ; Воронеж : МОДЕК, 2004. - 432 с.
2. Азизов А.А. Техника ва таҳсилот.Дастури таълимӣ, барои донишҷӯён ва омӯзгорони донишгоҳҳои омӯзгорӣ / А.А.Азизов, Б.Майер, С. Мануков. – Душанбе: Нашр, 2011. – 237 с.
3. Беспалько В. П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения / В. П. Беспалько. – М.: Изд-во Института профессионального образования МО Росии, 1995. - 342с. - С. 10.
4. Беспалько В. П. Слагаемые педагогической технологии / В. П. Беспалько. — М.: Педагогика, 1989. — 192 с. – С. 12-13.
5. Вербицкий А. Самостоятельная работа студентов: проблемы и опыт / А.Вербицкий [и др.] // Высш. образ, в России. -1995. - № 2. - С. 137-145.
6. Ефремов О.Ю. Педагогика. Учебное пособие / О.Ю. Ефремов. – СПб.: Питер, 2010. – 352с.
7. Лосева В.К. Рисуем семью. Психологическая помощь и консультирование / В.К. Лосева. - М.: РАО, 1995. - 37 с.
8. Монахов В.М. От традиционной методики к новой технологии обучения / В.М. Монахов. - М.-Тула: Будрус, 1993. — 143 с.
9. Околелов О.П. Педагогика: учебное пособие / Околелов О.П. – Ростов н/Д: Феникс, 2016. – 222с. – (Среднее профессиональное образование). -С 163.
10. Паём ва рисолати созандаи он //Маҷмуи Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2000-2016). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – 516 с.

11. Пидкасистый П.И. Педагогика для студентов высщий учебной заведений / П.И. Пидкасистый, В.И.Беляев, В.А.Мижериков, Т.А. Юзефавичус. Под ред. П.И.Пидкасистого. – М.: Издательский центр “Академия”, 2010. - 512с. - С.507.
12. Раченко И.П. Психология педагогического творчества : организационно-методическое учебное пособие / И.П. Раченко. – Пятигорск : Пятигорский ГЛУ, 1999. – 92 с.
13. Симоненко В.Д. Учебное пособие для студентов педагогических вузов. Под ред. В.Д. Симоненко. - М.: Вентана-Граф, 2006. - 368 с. (Педагогическое образование). - ISBN 5-88717-972-4.
14. Смирнов В.И. Общая педагогика: учеб. пособие / В.И. Смирнов. –2-е изд., перераб., испр. и доп. – М.: Логос, 2002. – 304 с.
15. Теплова Л.И. Тест умственного развития младших подростков. Руководство по работе с тестом / Л.И. Теплова. – М.: Обнинск, 2000. - 345 с.
16. Щуркова Н.Е. Педагогическая технология: учеб. пособие для студ. и преподавателей пед. учеб. зав. учителей школ / Н. Е. Щуркова. - М.: Акад. о-во России, 2002. - 224 с. (Серия "Образование XXI века").

## ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ СИФАТИ ДОНИШ

Инноватсия ба ҳамаи фаъолияти касбии одам хос мебошад. Аз ин лиҳоз, табиист, ки предмети он омӯзиш, таҳлил ва татбиқ мегардад. Инноватсия худ аз худ зоҳир намегардад, он натиҷаи ҷустуҷӯйи илмӣ, таҷрибаи педагогии пешқадами муаллимони алоҳида ва ҳамаи коллектив аст. Ин раванд ба роҳбарӣ эҳтиёҷ дорад. Дар қаринаи стратегияи инноватсионии раванди яклухти педагогӣ нақши директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муаллимон ва мураббиён ҳамчун татбиқкунандаи бевоситаи равандҳои инноватсионӣ басо муҳим аст. Технологияҳои гуногуни таълим: дидактикӣ, компютерӣ, муаммовӣ, модулӣ ва ғайраро омӯзгор дар амал татбиқ мекунад. Ин аз онҳо омодагии махсуси психологӣ-педагогиро талаб мекунад, чунки дар фаъолияти касбии муаллим на танҳо донишҳои махсус ва фаннӣ, балки донишҳои муосир дар соҳаи педагогикаву психология технологияи таълим ва тарбия амалӣ мегарданд. Дар ин пойгоҳ омодагӣ ба дарккунӣ, арзёбӣ ва амалӣ гардонидани инноватсияи педагогӣ ташаккул меёбад. Мафҳуми “инноватсия” навоварӣ, навигарӣ, тағйирёбиро мефаҳмонад. Инноватсия ҳамчун восита ва раванд ҷорӣ кардани ягон чизи навро пешбинӣ мекунад. Нисбат ба раванди педагогӣ инноватсия мақсад, мундариҷа, методҳову шаклҳои таълиму тарбия, ташкили фаъолияти якҷояи муаллим ва донишҷӯро мефаҳмонад. Дар мақолаи мазкур дар бораи истифодаи технологияҳои нави инноватсионӣ, инчунин, истифодаи мафҳуми технологияи нав дар педагогика, хусусиятҳои фарққунандаи методика ва технология, афзалиятҳои технологияи таълими инноватсионӣ дар раванди таълим сухан меравад.

**Калидвожаҳо:** инноватсия, шароитҳои педагогӣ, технологияҳои инноватсионӣ, технологияҳои таълимӣ, технологияҳои педагогӣ, психологӣ, тарбия, дониш, фаъолият, омӯзгор.

## ИННОВАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ КАК ФАКТОР КАЧЕСТВА ЗНАНИЙ

Инновация характерна для всей профессиональной деятельности человека. И с этой точки зрения естественно, что она становится предметом изучения, анализа и применения. Инновации не появляются сами по себе, они являются результатом научных исследований, передового педагогического опыта отдельных педагогов и всего коллектива. Этот процесс не является противоестественным, он требует лидерства. В рамках инновационной стратегии общего педагогического процесса возрастает роль директора общеобразовательного учреждения, учителей и тренеров как непосредственных представителей инновационного процесса. Во всем многообразии образовательных технологий: дидактических, компьютерных, головоломных, модульных и других реализуются педагогические функции руководителя, учителя. Наряду с применением современных технологий в учебно-воспитательном процессе педагог и тренер приобретает многие элементы консультанта, советчика, воспитателя. Это требует от них специальной психолого-педагогической подготовки, поскольку в профессиональной деятельности учителя реализуются не только специальные и технические знания, но и современные знания в области педагогики и психологии, технологии воспитания и обучения. На этой базе формируется подготовка к пониманию, оценке и реализации педагогической инновации. Понятие «инновация» объясняет новаторство, новизну, изменение; инновация как средство и процесс предполагает внедрение чего-то нового. Применительно к педагогическому процессу он объясняет новаторство в цели, содержании, методах и формах воспитания и обучения, организации совместной деятельности учителя и ученика. В данной статье речь идет об использовании новых инновационных технологий в образовательном процессе. Также включает в себя использование понятия новой технологии в педагогическом процессе, отличительные особенности методики и технологии, преимущества инновационной образовательной технологии.

**Ключевые слова:** инновация, педагогические условия, инновационная технология, образовательная технология, педагогическая технология, психология, воспитание, знание, деятельность, учитель.

## INNOVATIVE TECHNOLOGIES AS A FACTOR IN THE QUALITY OF KNOWLEDGE

Innovation is characteristic of all human professional activity. And from this point of view, it is natural that it becomes the subject of study, analysis and application. Innovations do not appear on their own, they are the result of scientific research, advanced pedagogical experience of individual teachers and the entire team. This process is not unnatural, it requires leadership. Within the framework of the innovation strategy of the general pedagogical process, the role of the director of a general educational institution, teachers and trainers as direct representatives of the innovation process is increasing. In all the variety of educational technologies: didactic, computer, puzzling, modular and others, the pedagogical functions of a leader and teacher are realized. Along with the use of modern technologies in the educational

process, the teacher and trainer acquires many elements of a consultant, adviser, educator. This requires special psychological and pedagogical training from them, since in the professional activity of a teacher not only special and technical knowledge is realized, but also modern knowledge in the field of pedagogy and psychology, technology of education and training.

**Key words:** innovation, pedagogical conditions, innovative technology, educational technology, pedagogical technology, psychology, education, knowledge, activity, teacher.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Ашӯрова Таҳмина Абдулатифовна* –** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, кафедраи электроникаи факултети физикаю техника, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға**: 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1 E-mail: **univer.81@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Ашурова Тахмина Абдулатифовна* –**Худжандский государственный университет имениакадемика Б.Гафурова, кандидат педагогических наук, доцент кафедры электроники факультета физики технических наук. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова, 1 E-mail: **univer.81@mail.ru**

***Information about the author: Ashurova Takhmina Abdulatifovna*** – Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Electronics, Faculty of Physics of Technical Sciences. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, Mavlonbekova passage, 1 E-mail: univer.81@mail.ru

ТДУ:372.83(575.3)

# ОИЛА - САРЧАШМАИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ВА ҶУЗЪИ АСОСИИ ҶОМЕА

*Қурбонов Ф.А., Каримова М.М.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011) ва ҳамчун «Соли оила» эълон шудани соли 2015 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, бори дигар аз он дарак медиҳад, ки мавзуи оила ва оиладорӣ, таълиму тарбияи фарзанд дар оила ва умуман масъалаҳои хонаводагӣ солҳои охир дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба ҳисоб меравand. Аз ин лиҳоз, падару модарон бояд рисолати муқаддаси худ – тарбияи поктинативу зебоипарастӣ, башардӯстиву инсонпарварӣ ва заҳматкашиву ободкориро дар замири фарзандон идома дода, насли навраси кишвари соҳибистиқлоламонро дар руҳияи ифтихори бузурги ватандорӣ ба камол расонанд… [2, с. 4].

Аз сарчашмаҳои осотирию таърихӣ маълум аст, ки мардуми тоҷик аз давраҳои хеле қадим ба масъалаҳои таълиму тарбияи фарзанд дар оила таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, фарзандро ҳамчун меваи зиндагӣ, арзишоти волою муқаддас ва номбардори падару модар эътироф карда, парвариш ва ба камол расонидани кӯдакро яке аз вазифаҳои умдатарини хеш меҳисобиданд. Ҳамин ҳисси баланди қарзи падариву модарӣ ва масъулият дар назди халқу ватан буд, ки дар тули ҳазорсолаҳо оилаи тоҷик садҳо фарзандони фарзонаеро таълиму тарбия дода ба воя расонидааст, ки эшон на танҳо барои халқу миллати хеш, балки дар рушди тамаддуни башарӣ нақши босазо гузоштаанд.

Мусаллам аст, ки оила барои халқи ориётабор, бавижа халқи тоҷик, бо тамоми арзишоташ, ба монанди қавм, халқ, Ватан муқаддас буд. Барои ниёгони бузурги мо оила ҳамчун сарчашмаи таълиму тарбия ба ҳисоб мерафт. Масалан, ҳамаи мутафаккирони бузурги халқи тоҷик таълиму тарбияи аввалинро, пеш аз ҳама, дар оила гирифтаанд.

Бояд қайд кард, ки фарзандро ба ғайр аз таваллуд кардан, хӯрондану пӯшондан боз таълиму тарбияи замонавӣ додан зарур аст. Зеро ҷараёни пешрафти олами мутамаддин тақозо мекунад, ки ҳар як хонавода фарзандони солим ва соҳибмаърифатро тарбия кунанд ва ба камол расонад [12, с. 42].

Чи тавре ки маълум аст, оила ҳамчун сарчашмаи таълиму тарбия ва ҷузъи асосии ҷомеа аъзоёни худро дар руҳияи инсондӯстиву башардӯстӣ, ватандориву ифтихори миллӣ, худогоҳиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву илмомӯзӣ, маърифатпарвариву фарҳангшиносӣ, меҳнатдӯстиву ҳунаромӯзӣ, далериву шуҷоатмандӣ, ҷавонмардиву фурӯтанӣ ва умуман, ахлоқи неки инсонӣ тарбия намудааст ва то имрӯз ин нақш, мақом ва манзалати худро давом дода истодааст.

Мутаассифона, таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки таълиму тарбияи фарзандон дар давоми даҳ соли охир сатҳан харобу коста гашта истодааст. Ахлоқи қисме аз ҷавонон коҳиш ёфта истода, онҳо ба ҳар гуна ҳаракату равияҳои ғайриқонунӣ ҳамроҳ шуда, ба ҷинояткорӣ даст зада истодаанд ва ҳамаи ин, пеш аз ҳама, аз натиҷаи беаҳммиятию бемасъулиятии падарону модарон дарак медиҳад.

Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, яке аз роҳҳои ҳалли масъалаи таълиму тарбияи хонаводагӣ ин омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили осори гаронбаҳо ва таҷрибаи зиндагии ниёгони бузургамон мебошад. Мавзуи назария ва амалияи тарбияи хонаводагӣ, нақш ва мақоми падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, ба ҷо овардани ҳурмату эҳтироми падару модар ва ба воя расонидани инсони комилро мутафаккирони бузурги форсу тоҷик, ба монанди, Имоми Аъзам, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Муҳаммад Ғазолӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигарон дар осори хеш мавриди омӯзиш, муҳокима ва таҳлил қарор додаанд. Яке аз чунин мутафаккирони бузурги халқи форсу тоҷик Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мебошад, ки боби чаҳоруми асари калонтарини худро, ки таҳти унвони «Захират-ул-мулук» ба аҳли илму фарҳанг маълуму машҳур аст, ба масъалаи «Дар ҳуқуқи волидайн ва завҷ ва завҷа ва авлод ва абид ва ақориб ва асдиқо» бахшидааст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар хусуси мавзуи тарбияи хонаводагӣ изҳори ақида карда, ба он кӯшидааст, то падару модар вазифадору масъул будани худро дар таълиму тарбия ва ба камол расонидани фарзандони хеш ба хубӣ дарк намуда, тамоми дониш, таҷриба, ақлу хирад, санъат ва маҳораташонро барои дар ҳаёти ҳаррӯза амалӣ намудани ин масъала равона созанд. Ва ҷавобан ба ин фарзандон низ бояд баъд аз ба камол расидан қарзи фарзандии худро ба ҷо биёранд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар моддаи 10 бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» чунин омадааст: «Фарзанди болиғу қобили меҳнат уҳдадор аст, ки падару модари худро нигоҳубин ва таъмин намуда, онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ намояд» [2, с. 135].Зикр бояд намуд, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба нооромиву ҷангу ҷидолҳои бешуморе, ки фазои маънавӣ, илмӣ ва фарҳангии замонро харобу коста мегардонид, нигоҳ накарда, аз худ осори илмию адабии гаронбаҳое бароиояндагон ба мерос гузоштааст. Мутафаккири бузург ягона роҳи халосии мардумро аз зери зулму золимӣ дар муборизаи илмию фарҳангӣ баҳри озодӣ ва истиқлолият медид. Дар ин росто, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барои аз ин азобу шиканҷа ва ғуломӣ раҳо кардани мардум дар асарҳояш доир ба ин мавзуъ фикру ақидаҳои муфиду пешқадамро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар муҳити маънавӣ, илмӣ ва фарҳангии асри XIV-и Осиёи Миёна ва Шарқи Наздик ҷараёни пурқуввати давр – тасаввуф таъсири бениҳоят бузург доштааст. Ва яке аз сабабҳои асосии он ки ҷараёни тасаввуф дар асри XIV оммавӣ гашт, ин бедодгариҳои ҳокимони золим, аз ҷумла қатли ом, талаву тороҷи молу мулки халқ аз тарафи муғулҳо, ҳокимони маҳаллӣ ва ғайра буд.

Чи тавре ки аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, таълимоти ҷараёни тасаввуф ба монанди дигар ҷараёну равияҳои давр ба мафкураи сиёсию иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ ва маънавӣ-ахлоқии меҳнаткашони кишварҳои Шарқ, Осиёи Миёна ва Осиёи Хурд таъсир расонида, дар байни ҳунармандони шаҳру мардуми меҳнаткаш бештар паҳн гашта буд. Албатта, ин муҳити маънавӣ ва илмию фарҳангие, ки ба миён омада буд, ба ҷаҳонбинӣ ва ташаккулу рушди олами маънавии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки худ зода ва дастпарвари ҳамин замон буд, бетаъсир намонд. Бинобар ин, асоси ҷаҳонбинии Мир Сайид Алии Ҳамадониро, ки яке аз намояндагони машҳури ҷараёни тасаввуф ба ҳисоб мерафт, ақидаҳои динӣ, ирфонӣ, фалсафӣ ва таълиму тарбиявӣ ташкил мекарданд.

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ масъалаи муносибати зану шавҳарро дар раванди муҳайё сохтани муҳити солими оилавӣ ва таълиму тарбияи фарзандон яке аз мавзуъҳои муҳимми замон ҳисобида, дар осори хеш ба он диққати хосса додааст. Ҳарчанд мутафаккир дар ҳалли мавзуи мазкур бештар ба талаботҳо ва қоидаҳои дини ислом такя карда бошад ҳам, аммо масъалаҳое, ки ӯ ба миён гузоштааст, дар мустаҳкам ва пойдор нигоҳ доштани пояҳои оила, баланд бардоштани маданияти муносибатҳои зану шавҳар ва таъсири онҳо дар таълиму тарбияи фарзанд дар шароити ҷомеаи муосир аз манфиат холӣ нест. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бар он ақида буд, ки барои он ки фарзанд дар оила таълиму тарбияи дуруст гирад, қабл аз ҳама, худи оила бояд дуруст ташкил ёфта бошад. Аз ин хотир, барои ҳар як марду зан лозим аст, ки оиларо дар асоси ақди никоҳ ташкил намоянд. Чунончи, никоҳ барои пойдор ва мустаҳкам гаштани оила аҳаммияти калон дорад. Никоҳ оиларо пойдор, солим ва мустаҳкам нигоҳ дошта, барои ба дунё овардани фарзандон ва таълиму тарбияи онҳо шароитҳои заруриро фароҳам меорад.

Аз таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чунин бармеояд, ки ӯ кӯшидааст, ки паҳлуҳо ва имкониятҳои гуногуни дин, илму дониш, таҷрибаи ҳаётӣ, фарҳангу маърифат ва маънавиёти инсонро ҳамчун қувваи пешбаранда ва муттаҳидсозандаи пойдорӣ ва солимии ҳаёти оилавӣ ба таълиму тарбияи дурусти фарзандон равона кунад. Омӯзиш ва таҳлили осори ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки чунин тарзу усули кор ба мутафаккир имконият додааст, ки мушкилоти масъалаи мазкурро аз мавқеи педагогию равоншиносӣ, тибқи талаботи замони худ, то андозае ҳаллу фасл намояд.

Ба қавли Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ҳар нафаре, ки мақсади ташкил намудани оиларо дорад, ба ӯ лозим аст пеш аз ташкил намудани оила бояд ҳамаҷониба, яъне аз ҷиҳати педагогӣ, психологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва тиббӣ тайёр бошад ва баъди он ки ба

тайёр будани худ боварӣ ҳосил намояд, метавонад оилаи худро ташкил намояд. Алии Ҳамадонӣ дар тайёр кардани ҷавонон (фарзандон) ба ҳаёти оилавӣ, пеш аз ҳама, падару модарро масъул ҳисобидааст. Дар раванди тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, ба ақидаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, падару модар онҳоро, пеш аз ҳама, бояд аз ҷиҳати ҳуқуқӣ омода созанд. Яъне, ҷавонон, қабл аз ҳама, бояд ҳуқуқҳои никоҳ ва зану шавҳарро ба хубӣ аз бар карда бошанд. Мутафаккир таъкид кардааст, ки волидайн дар раванди ба ҳаёти оилавӣ тайёр намудани фарзандони хеш кӯшиш намоянд, ки ҳафт шарти зеринро ба инобат гиранд: муоширaт, сиёсат, ғайрат, нафақа, таълим, қисмат, таъдиб (одобомӯзӣ).

Ба ақидаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ҳар як мард ҳамчун сардори хонадон бояд ҳамеша босабру таҳаммул бошад, ҳамаи масъалаҳоеро, ки дар оила сар мезананд, ба василаи ақлу хиради солим ва пуртамкинию маданияти баланди инсонӣ ҳаллу фасл намояд. Мард, таъкид кардааст орифи бузург, дар оила на ҳамчун золиму ситамгар, бераҳму шафқат, балки ҳамчун ёрдамчӣ, маслиҳатгар, посбон ва пушту паноҳи зану фарзандон буда, барои дар оила таъмин намудани фазои якдигарфаҳмӣ, меҳру муҳаббати инсонӣ, ҳурмату эҳтироми якдигар ва баланд бардоштани қадру қимат ва мақому манзалати худи инсон масъул мебошад. Тибқи назари Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, маҳз ба шарофату дастгирии падару модар илму дониш, маърифату маданият, ахлоқи ҳамида, фарҳангу маданият ва беҳтарин расму русум ва анъанаҳои ниёгонамон аз насл ба насл интиқол ёфта, ба як сарчашмаи бузурги таълиму тарбияи инсони комил мубаддал мегардад.

Ба қавли Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, бинобар сабаби он ки аввалин тарбиятгари фарзандон волидайн ба ҳисоб меравaнд ва бештар ба таълиму тарбияи онҳо сару кор доранд, бояд дар мадди аввал худи онҳо дорои дониши васеъ, ақлу хиради расо, маърифату маданияти баланд, ҷаҳонбинии ҳаматарафа ва маънавиёти бою ғанӣ бошанд.

Мутаассифона, дар ҷомеаи муосири мо савияи маърифатнокӣ ва фарҳанги оиладории як қабил волидон (хусусан волидони ҷавон) то як андоза коста гаштааст. Ҳатто баъзе модарони ҷавоне ёфт мешаванд, ки суруди аз ҳама зарур барои кӯдак ва суруде, ки наслҳои зиёди мардуми моро дар руҳияи инсонгарой, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, далерию қаҳрамонӣ ва дигар хислатҳои ахлоқи некӣ инсонӣ тарбия намудааст «Алла»-ро намедонанд, то ки дар сари гаҳвораи фарзанди худ бихонанд. Ҳол он ки тарбияи фарзанд аз «Алла»-и модар оғоз ёфта, руҳи ӯро навозиш дода, неруяшро тавоно ва ҷаҳони маънавияшро ғанӣ мегардонад.

Чи тавре ки аз омӯзиш ва таҳлили осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигар мутафаккирони бузурги халқи форсу тоҷик бармеояд, эшон кӯшидаанд исбот намоянд, ки дини мубини ислом зану мардро дар ҳама ҷанбаҳои зиндагӣ вобаста ба имкониятҳои маънавию ҷисмониашон ҳуқуқу уҳдадориҳои баробар дода, зидди ҳар гуна зулму ситам ва бедодиҳову нобаробариҳо мебошад. Аммо дар ҳаёт мо шоҳиди он мегардем, ки зану шавҳар дар муносибатҳои худ ҳуқуқҳои якдигарро поймол мекунанд, эҳтироми якдигарро ба ҷо намеоранд. Чунин муносибатҳои зану шавҳар маънои онро надорад, ки айб дар дини ислом ва қонуниятҳою принсипҳои он бошад. Риоя накардани ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳо худ аз ҷониби зану шавҳар ин, пеш аз ҳама, аз паст будани сатҳи маърифатнокӣ ва фарҳанги оиладории онҳо дарак медиҳад.

Мусаллам аст, ки оила ҳамчун сарчашмаи таълиму тарбия, роҳнамои зиндагӣ, асосгузори хулқу атвор ва шахсияти ҳар як фард мебошад. Оила ҳамчун ҳидоятгар, нигоҳдорандаи ахлоқи поку ҳамидаи инсонӣ ҳидоятгари роҳи ростӣ, тарғибгари расму оин ва суннатҳои волои ниёгон ба шумор рафта, дар ташаккул ва рушди ҳаматарафаи шахс нақш ва мақоми бузургеро бозидааст. Аз ин лиҳоз, ба мо падару модарон лозим меояд, ки вазифаи муқаддаси хешро, яъне ташаккул ва рушди фазилатҳои неки инсонӣ, ба монанди парҳезкориву поктинатӣ, инсондӯстиву башардӯстӣ, зебоиву зебоипарастӣ, дӯстиву рафоқат, ободкориву меҳнатдӯстӣ, эҷодкориву созандагӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва ғайраро дар ниҳоди фарзандон ҷой дода, онҳоро дар руҳияи волои ифтихори миллӣ ба воя расонаем. Ба падарону модарон зарур аст, ки барои беҳтар намудани сифати таълиму тарбия, ташаккул ва такомули хислатҳои неки маънавӣ-ахлоқии фарзандони худ аз осори илмию адабии мутафаккирони бузург истифода баранд. Бавижа, осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки дар баробари дигар масъалаҳои таълиму тарбия ба мавзуи тарбияи фарзанд

дар оила диққати махсус зоҳир намудааст. Гарчанде ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, мавзуи мазкурро бештар аз мавқеи динӣ баррасӣ карда бошад ҳам, бо вуҷуди ин, бисёр ақидаҳои ӯ то замони мо арзиши таълимиву тарбиявии худро аз даст надодаанд.

Масъалаи таълиму тарбияи насли наврас дар чунин асарҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ба монанди «Захират-ул-мулук», «Рисолаи қуддусия», «Минҳоҷ-ул-орифин», «Сайр-ул-толибин», «Макорим-ул-ахлоқ» ва ғайраҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Хусусан, масъалаҳои ҳуқуқи волидайн, завҷ ва завҷа, тарбияи фарзанд, ақориб ва авлод ва абид ва ғайра дар боби чоруми рисолаи бузургтарини Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ «Захират-ул-мулук», ки «Дар ҳуқуқи волидайн ва завҷа ва завҷ ва авлод ва абид (ғулом) ва ақориб (наздикону хешон) ва асадақо (содиқон) ва ҳуқуқи фарзандон» номгузорӣ шудааст, ба таври васеъ ва ҳамаҷониба инъикос ёфтааст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар баробари уҳдадор будани падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд фарзандонро низ таъкид кардааст, ки онҳо дар синни пиронсолии падару модар вазифадор мебошанд, ки ҳурмату эҳтироми эшонро ба ҷо биоранд ва дар ҳама ҳолат дастгиру мададгорашон бошанд. Мутафаккири бузург ин анъанаҳои пешқадами таълиму тарбияи оилавии ниёгонашро дастгирӣ карда, яке аз вазифаҳои асосии оиларо дар фарзандон ташаккул ва рушд додани ҳисси меҳру муҳаббат ба падару модар ва ҳурмату эҳтироми дигар аъзоёни калонсолони оила таъкид кардааст. Ба қавли Алии Ҳамадонӣ, агар дар қалби кӯдак аз синни хурдӣ меҳру муҳаббат ва иззату эҳтиром ҷой нагирад, ӯ ҳеҷ вақт нисбати дигарон дар қалби хеш ҳисси меҳру муҳаббат ва ҳурмату эҳтиромро ҷой дода наметавонад.

Аз таҳлили адабиёт (Лутфуллоев М., Мирзохоҷа Д., Нуров А., Ҳ. Асозода, А. Кӯчаров) бармеояд, ки олимони соҳаи илмҳои педагогӣ зери мафҳуми оила - сарчашмаи таълиму тарбия, раҳнамои ҳаёт, нигаҳдорандаи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва ҷузъи асосии ҷомеа ақидаҳои хешро бо исботи таҳқиқотҳои хеш арзёбӣ намудаанд [ 8, 9, 10, 11, 12].

Ҳамин тариқ, ба мо - оила, мактаб ва аҳли ҷомеа лозим меояд, ки наврасон ва ҷавононро, яъне фарзандони хешро дар асоси осори гаронбаҳои ниёгони бузурги худ, дар руҳияи ҳурмату эҳтироми падару модар ва дигар калонсолон тарбия намоем.

**Муқарриз: Тошзода С.- н.и.п., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Константинов Н.А. Таърихи педагогика / Н.А.Константинов, Е.Н. Мединский. - Душанбе, 1982. – 502 с., - С. 48.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» - Душанбе, 2012. - 160 с.
3. Лутфуллоев М. Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ / М.Лутфуллоев Д. Мирзохоҷа. - Душанбе, 2011. - 320 с.
4. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук (таҳиягарон Ҳ. Асозода, Қ.Турдиев). -Душанбе: Ирфон, 2008. - 372 с.
5. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Асноди ҳолия. 229 (б) тоҷикӣ.
6. Маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон», май – 2014/www.bonuvon.tj. с. 22.
7. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи Қуддусия (таҳиягар А.Кӯчаров). - Кӯлоб, 1993. –С. 8.
8. Насиҳатномаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Таҳияи Ҳ. Асозода. – Кӯлоб, 1993. - 160 с.
9. Нуров А. Ҳамкории оила ва мактаб дар тарбияи ахлоқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ / А.Нуров. - Душанбе, 1989.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 23 апрели соли 2014. - 47 с.
11. Раҳмон Э. Суханронӣ оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд».– Душанбе: Шарқи Озод, 14 декабри 2010. - 31 с.
12. Раҳмонов Э. Ш. Бунёдкорони ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол / Э. Ш. Раҳмонов. - Душанбе, 1997.


**ОИЛА - САРЧАШМАИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ВА ҶУЗЪИ АСОСИИ ҶОМЕА**


Муаллифон дар таълифоти хеш оид ба оила - сарчашмаи таълиму тарбия ва ҷузъи асосии ҷомеа ибрози ақида намуда, қайд кардаанд, ки қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011) ва соли 2015 ҳамчун «Соли оила» эълон шудани аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бори дигар аз он дарак медиҳад, ки мавзуи оила ва оиладорӣ, таълиму тарбияи фарзанд дар оила ва умуман масъалаҳои хонаводагӣ солҳои охир дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба ҳисоб мераванд. Дар мақола аз тарафи муаллифон таъкид шудааст, ки падару модарон бояд рисолати муқаддаси худ – тарбияи поктинативу зебоипарастӣ, башардӯстиву инсонпарварӣ ва заҳматкашиву ободкориро дар замири фарзандон идома дода, насли навраси кишвари соҳибистиқлоламонро дар руҳияи ифтихори бузурги ватандорӣ ба камол расонанд. Барои

ниёгони бузурги мо оила ҳамчун сарчашмаи таълиму тарбия ба ҳисоб мерафт. Мутафаккирони бузурги халқи тоҷик таълиму тарбияи аввалинро, пеш аз ҳама, дар оила гирифтаанд. Оила ҳамчун сарчашмаи таълиму тарбия ва ҷузъи асосии ҷомеа аъзоёни худро дар руҳияи инсондӯстиву башардӯстӣ, ватандориву ифтихори миллӣ, худогоҳиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву илмомӯзӣ, маърифатпарвариву фарҳангшиносӣ, меҳнатдӯстиву ҳунаромӯзӣ, далериву шуҷоатмандӣ, ҷавонмардиву фурӯтанӣ ва умуман, ахлоқи неки инсонӣ тарбия намудааст ва то имрӯз ин нақш, мақом ва манзалати худро нигоҳ доштааст.

**Калидвожаҳо:** оила, таълиму тарбия, ҷомеа, масъулияти падару модар, ҷузъи асосии ҷомеа, инсондӯстиву башардӯстӣ, ватандориву ифтихори миллӣ, худогоҳиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву илмомӯзӣ, маърифатпарварӣ, ҷавонмардӣ, фурӯтанӣ.

## СЕМЬЯ – ИСТОЧНИК ВОСПИТАНИЯ И ОСНОВНАЯ ЧАСТЬ ОБЩЕСТВА

Автор в своей статье пишет о семье - источнике образования и воспитания и основной части общества и отмечает, что принятие Закона Республики Таджикистан «Об ответственности родителей в образовании и воспитании детей детей» (2015 г. объявлен «Годом семьи») Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном еще раз показывает, что тема семьи и брака, образования и воспитания детей в семья и вообще семейные вопросы в последние годы является одним из самых актуальных вопросов дня в современном обществе Таджикистана.В статье автор подчеркнул, что родители должны продолжать свою священную миссию - воспитание чистоты и красоты, гуманизма, трудолюбия в своих детях, воспитывать молодое поколение нашей независимой страны в духе патриотизма. Для наших великих предков семья считалась источником воспитания. Великие мыслители таджикского народа получали свое первое образование, прежде всего, в семье. Семья, как источник воспитания и основная часть общества, воспитала своих членов в духе человеколюбия патриотизма национальной гордости, благочестия, самосознания, образования любви, профессиональной подготовки, мужества, отваги, смирения и нравственности, эта традиция продолжается до сегодняшнего дня.

**Ключевые слова**: семья, воспитание, общество, родительская ответственность, основная часть общества, человечность и гуманизм, патриотизм и национальная гордость.

## FAMILY IS THE SOURCE OF EDUCATION AND THE MAIN PART OF SOCIETY

The author expressed his opinion in his writings about the family - the source of education and upbringing and the main part of society, and noted that the adoption of the Law of the Republic of Tajikistan "On the responsibility of parents in the education and upbringing of children" (2011) and the year 2015 was declared as the "Year of the Family". 2015 by the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, once again shows that the topic of family and marriage, education and upbringing of children in the family, and general family issues in recent years is one of the most important issues of the day in the modern society of Tajikistan.In the article, the author emphasized that parents should continue their sacred mission - education of positivity and beauty, humanity and humanism, hard work and prosperity in the children, and bring up the young generation of our independent country in the spirit of great patriotism. For our great ancestors, the family was considered as a source of education. The great thinkers of the Tajik people received their first education, first of all, in the family.The family, as the source of education and the main part of the society, has educated its members in the spirit of humanity and humanitarianism, patriotism and national pride, godliness and self-awareness, education and scientific training, education and cultural studies, love of work and professional training, courage and bravery, youth and humility, and in general, good human morals, and until today this continues its role, position and position.

**Keywords**: family, education and training, society, parental responsibility, the main part of society, humanity and humanitarianism, patriotism and national pride.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Қурбонов Файзалӣ Асадуллоевич*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, кафедраи педагогика, номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгор. **Суроға**: 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон**: (+992) 93-512-00-60.**

***Каримова Махфират Маҳмадалиевна*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгор, кафедраи педагогика. **Суроға**: 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон**: (+992) 900-35-35-51.**

**Сведения об авторах:** ***Курбанов Файзали Асадуллоевич*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кафедра педагогики, кандидат педагогических наук, преподаватель. **Адрес:**735140, город Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67. Телефон**: (+992) 93-512-00-60.**

***Каримова Махфират Махмадалиевна*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кафедра педагогики, кандидат педагогических наук, преподаватель. **Адрес:**735140, город Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67. Телефон**: (+992) 900-35-35-51.**

**Information about the authors:** ***Kurbanov Faizali Asadulloevich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, department of pedagogy, candidate of pedagogical sciences, teacher. Address: 735140, Bokhtar city, Republic of Tajikistan, Aini street, 67. Phone: **(+992) 93-512-00-60**.

***Karimova Makhfirat Makhmadalievna*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, candidate of pedagogical sciences, teacher, department of pedagogy. **Address:** 735140, Bokhtar city, Republic of Tajikistan, Aini street, 67. Phone: **(+992) 900-35-35-51**.

ТДУ: 04- 5634

# СИСТЕМАИ КОРҲОИ ТАЪЛИМӢ ДОИР БА ИНКИШОФ ДОДАНИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНА ВА ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН ДАР КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ АЗ ФАННИ МАТЕМАТИКА

*Мамадакимова С.С.*
**Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе**

Фаъолгардонии хонандагон аз фанни математика яке аз вазифаҳои муҳимтарини омӯзгори ин фан маҳсуб меёбад. Иҷрои чунин вазифаҳо аз мактаби муосир вобаста аст.

Мактаби муосир дар солҳои охир давраи такомулоти математикиро аз сар мегузаронад. Айни ҳол ба мундариҷаи математикаи мактабӣ фаслҳои нав ворид гардид. Акнун мавқеи баъзе мавзуъҳое, ки дар курси математикаи мактабӣ анъана шуда буданд, тағйир ёфт. Аз ин рӯ, методикаи баёни онҳо низ дигаргун гардид. Курси математикаи мактабии муосир аз олимон, методистон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ саъю кушиши зиёдеро талаб мекунад [3].

Дар раванди бозсозии маълумоти математикаи мактабӣ бисёр масъалаҳое, ки пештар ба курсҳои факултативӣ ё корҳои беруназсинфӣ дохил буданд, акнун ба курсҳои ҳатмии мактаб дохил шуданд. Бинобар ин, баъзе мавзӯъҳое, ки мундариҷаи машғулиятҳои беруназсинфӣ аз математикаро ташкил мекарданд, масалан, ҳудуд, ҳосила, интеграл, табдилоти геометрӣ, вектор ва ғайраҳо, акнун дар ин хел машғулиятҳо истифода намешаванд, ё методикаи омӯзиши онҳо хеле тағйир ёфтааст.

Барои он ки фаъолнокии хонандагон дар машғулиятҳои беруназсинфӣ аз математика таъмин карда шавад, бояд хонандагон бо намудҳои корҳои беруназсинфӣ аз математика наздик шинос бошанд.

Ба корҳои беруназсинфӣ аз математика гузаронидани машғулиятҳои факултативӣ аз математика, шабнишиниҳо, викторинаи математикӣ, озмунҳо, мизи мудаввар ва ғайраҳо дохил мешаванд. Дар ин ҷо мо танҳо оид ба фаъолгардонии хонандагон дар машғулиятҳои факултативӣ аз математика истода мегузарем.

Дар вақти гузаронидани машғулиятҳои факултативӣ сода кардани баёни мавод яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа барои бештар фаъол гардонидани хонандагон маҳсуб меёбад.

Хусусияти корҳои беруназсинфӣ аз он иборат аст, ки онҳо аз рӯйи барнома, ки онро омӯзгор вобаста ба имкониятҳои даркнамоӣ ва талаботи хонандагон тартиб медиҳад, гузаронида мешавад ва дар ҳамон намудҳои корҳои беруназсинфӣ иштирок намудани хонандагон ҳатмӣ нест, онҳо метавонанд, баъзе аз намудҳои онҳоро мустақилона аз бар карда, ба таври фардӣ ба омӯзгор ҳисобот диҳанд. Худи иштироки хонандагон дар машғулиятҳои факултативӣ, маҳфилҳои фаннӣ, дар мусобиқаҳои математикӣ, шабнишиниҳои математикӣ ва олимпиадаҳо аллакай таълими тафриқавиро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин менамояд. Бинобар ин, дар назди омӯзгори мактаб чунин вазифае меистад, ки барои инкишофи фаъолияти зеҳнии хонандагон намудҳои мухталифи корҳои беруназсинфиро самаранок истифода намоянд [6].

Хулосае, ки аз натиҷаи кори мо бармеояд, ба кори беҳтар намудани ташкили машғулиятҳои беруназсинфӣ ва машғулиятҳои факултативӣ аз математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат намуда, ба фаъолнокии хонандагон аз математика таъсири мусбат мерасонад.

Аз рӯйи хусусият фаъолияти таълимии хонандагон дар корҳои беруназ синфӣ доир ба математика шартан 4 дараҷаи мустақилиятнокиро ҷудо кардан мумкин аст.

Дараҷаи якум – дараҷаи мустақилиятнокии таҳдиднамоӣ ном дорад. Ин дараҷа ҳангоми иҷроиши масъала ва машқҳо ба вуҷуд оварда мешавад, ки хонандагон аз рӯйи қоида, намуна ҳалли масъалаи тайёр ва ғайра мустақилона ба ҳал кардани машқу масъалаҳо машғул мешаванд. Дар ин дараҷа хонанда фақат аз рӯйи намунаи тайёр ба ҳалли ин ё он масъала машғул мешавад. Ин дараҷаи мустақилиятнокӣ нишон медиҳад, ки баъзе хонандагон ҳарчи тезтар ба дараҷаи дуюми мустақилиятнокӣ ворид гардиданд.

Дараҷаи дуюми мустақилиятнокиро дараҷаи мустақилиятноки вариативӣ меноманд. Ин чунин маъно дорад, ки аз рӯйи якчанд қоида, қонун, таъриф, формула намунаҳои муҳокимаронӣ ва ғайра хонандагон усули ба худ хосро истифода карда, онро мустақилона дар ҳалли масъалаҳои монанд истифода мекунанд. Дар ин дараҷа мустақилиятнокӣ хонандагон аз амалиётҳои тафаккур, ба мисли муқоиса ва анализ истифода мебаранд. Шарти масъаларо таҳлил карда, хонандагон дар байни додашудаҳо ва талаботи масъалаҳо вобастагиеро барқарор мекунанд. Ин вобастагӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки ҳалли масъалаи мазкурро ба осонӣ ба даст оранд.

Дараҷаи сеюми мустақилиятнокӣ – мустақилиятнокии қисман ҷустуҷӯйӣ ном дорад. Ин ҷо ба хонандагон гурӯҳи масъалаҳо пешниҳод карда мешавад. Хонандагон ба гурӯҳи масъалаҳои пешниҳодшудаи мазмуни якхела дошта, ки мазмунан якхелаю шаклан гуногунанд, ҳамонашро интихоб мекунанд, ки ба худаш мувофиқ бошад. Ҳалли ин масъала ба хонанда имкон медиҳад, ки ӯ ба моҳияти асоси қонунияти математикӣ дуруст сарфаҳм равад.

Дараҷаи чорум – дараҷаи мустақилиятнокии эҷодӣ ном дорад. Ба ин дараҷа бештар хонандагони синфҳои боло ҷалб карда мешаванд. Ин чунин маъно дорад, ки барои ҳалли проблема ва ё ҳалли масъалаи пешниҳодшуда, хонанда барои худаш нақша тартиб дода, барои ҳалли он ҳамаи қонуниятҳои медонистаашро истифода мебарад [3].

Кори мустақилонаи хонандагон аз рӯйи чор дараҷаи муқарраргардида ба роҳ монда мешавад. Ин дараҷаҳо ба якдигар зич алоқаманд мебошад ва имкон медиҳанд, ки хонандагон тадриҷан аз дараҷаҳои паст ба дараҷаҳои баланд гузаранд [8].

Татбиқи дараҷаи сеюмро дар масъалаҳои зерин дида мебароем:

1) Омӯзгор тавсия медиҳад, ки бо ёрии нақша вазъияти ҷойгиршавии гипербола ва хатти рост муайян карда шавад. Хонандагон ба таври индуктивӣ гипотеза пешниҳод мекунанд. Баъд аз тадқиқи системаи муодилаҳои

$$\begin{cases} \frac{x^2}{a^2} - \frac{y^2}{в^2} = 1 \\ y = кx \end{cases}$$

2) имконияти исботи дедуктивии он пайдо мешавад, яъне ҳангоми $|к| < \left|\frac{в}{a}\right|$ хатти рост гиперболаро дар ду нуқтаҳо мебурад ва ҳангоми $|к| \leq \left|\frac{в}{a}\right|$ хатти рост ва гипербола буриш надоранд. Ҳангоми омӯзиши ададҳои комплексӣ ба хонандагон тавсия дода мешавад, ки имконияти таърифи мафҳумҳои “калон” ва “хурд”-ро тадқиқ намоянд. Баъдан, дар машғулиятҳои навбатӣ муҳокимаи он давом меёбад.

Дар марҳалаи чорум шакли паҳнгашта – кори фардӣ бо хонандагон мебошад. Кори мустақилонаи хонандагон дар ин дараҷа хусусияти ҷустуҷӯйӣ - таҳқиқотӣ дорад ва аз хонанда маҳсули тафаккури эҷодиро талаб мекунад. Хонанда аз рӯйи барномаи гузоштаи омӯзгор ба ҳалли он мустақилона машғул мешавад, ё дар ин маврид худ масъала гузошта, аз пайи иҷрои он мегардад.

Дар ин марҳила озмун доир ба ҳалли масъалаҳо, тайёрии мустақилонаи хонандагон ё ғолибони олимпиадаи мактабӣ ташкил карда гузаронида мешавад. Тарзи амиқ омӯхтани қонуниятҳои математикӣ дар ин марҳила асосан дар машғулиятҳои факултативӣ ба амал бароварда мешавад.

Баъди он ки омӯзгор боварӣ ҳосил намуд, ки хонандагон аз уҳдаи ҳалли масъалаҳои дар машғулияти факултативӣ интихоб намуда ба хубӣ мебароянд, пас дараҷаи мушкилии онҳоро вобаста ба қобилияти эҷодии хонандагон мураккабтар менамоянд. Инчунин, намунаи масъалаҳоеро дида мебароянд, ки дар олимпиадаҳои вилоятӣ ва ҷумҳурӣ бо онҳо вохӯрдан мумкин аст.

Чуноне ки дар адабиёти педагогӣ дарҷ гардидааст ва таҷриба собит месозад, ташкили кори мустақилонаи хонандагон ҳамчун воситаи баланд бардоштани фаъолияти эҷодии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар корҳои беруназсинфӣ ҳоло самтҳои зиёдеро дорад, ки таҳқиқоти ҷиддиро талаб мекунанд.

Кори мустақилона воситаи ташаккулдиҳии фаъолнокӣ ва мустақилият, ҳамчунин хислатҳои шахсият, инкишофи қобилияти фикрӣ маҳсуб меёбад. Дар робита бо ин, коркарди шаклҳои корҳои мустақилонаи хонандагон аҳаммияти зиёд дорад.

Масъалаи кушодани шаклҳои асосии корҳои мустақилонаи хонандагон дар корҳои беруназсинфӣ аз математика шаклҳои ташкили он, нақши шаклҳои гуногуни кори мустақилона дар раванди таълим, методикаи корбарӣ бо он гузошта мешавад. Дар қатори ин таъсири систематикии корҳои мустақилонаи хонандагон оид ба амиқ ва мустаҳкам омӯхтани донишҳо, дар онҳо ташаккул додани қобилиятҳои маърифатӣ дида баромада мешавад [3].

Кори мустақилона дар раванди таълим яке аз воситаҳои асосии инкишофи мустақилияти хонандагон маҳсуб меёбад. Кори мустақилона марҳалаи ҷамъбасткунандаи ҳамаи намудҳои дигари кори таълим буда, барои рушди тафаккури хонанда асоси боэътимод мегузорад.

Рафти тадқиқоти илмию педагогӣ собит намуд, ки дар фазои ҳозиразамони маълумоти мактаб, воқеан, равандҳои ташкили кори мустақилона то андозае вуҷуд доранд. Аммо дарку сарфаҳмравии пурраи онҳо дар сатҳи донишҳои умумипедагогӣ ва методӣ нокифоя мебошанд.

Мушкилоти ташкили кори мустақилона дар мактаб ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудааст.

Омӯзгорон дар давоми таҳсил ҳангоми ташкили кори мустақилона қобилияту истеъдод, маҳорату малака, кӯшишу ғайрат ва майлу хоҳиши ҳар як талабаро ба инобат гирифта ва ба онҳо супоришу вазифаҳои фардӣ медиҳанд.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти педагогӣ оид ба ташкили кори мустақилонаи хонандагон мо мазмуни мафҳумҳои додашударо дар раванди таълим системанок кунонидем. Вақте ки сухан дар бораи кори мустақилона меравад, пас дар бораи комплекси ташкилӣ–идоравӣ, иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷанбаҳои ҳуқуқии таълим, ки мавқеи кори мустақилонаро дар муассисаи таълимӣ муайян мекунанд, сухан рондан бамаврид аст.

Аз ин рӯ, дар ташкили корҳои беруназсинфӣ ва машғулиятҳои факултативӣ инкишофи мустақилияти хонандагон барои рушди фаъолияти эҷодии хонандагон аҳаммияти ниҳоят бузург дорад.

Маълум аст, ки мувофиқи таъиноти курси факултативӣ дар мактаб машғулиятҳои факултативӣ дар асоси ихтиёрӣ ташкил карда мешаванд. Машғулиятҳои факултативии синфӣ курси иловагӣ доир ба омӯзиши математика мебошанд, ки барои омӯзиши он аз ду то чор соат вақт ҷудо карда мешавад.

Машғулияти факултативиро омӯзгоре мегузаронад, ки дарсҳои математикиро дар синфҳои мазкур таълим медиҳад. Соатҳои машғулиятҳои факултативӣ ҳамчун соатҳои асосӣ ба ҷадвали дарсӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

Машғулиятҳои факултативӣ бо синфҳое, ки математикаро амиқ меомӯзанд, гузаронида мешаванд. Интихоби масъалаҳое, ки дар синф ҳал карда мешаванд, ба аҳаммияти калон моликанд [13].

Дар синф муаллим бояд ба он диққат диҳад, ки хонандагон ҳар чи бештар мустақилона амал намоянд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дараҷаи аз худ кардани маводҳои таълимӣ дар машғулиятҳои факултативӣ нисбат ба синфҳое, ки математикаро амиқ меомӯзанд, пасттар мебошад. Сабаб дар он аст, ки тасдиқи маводҳои назариявӣ дар амалия камтар ба назар мерасад. Дигар камбудӣ ба он вобаста аст, ки дар машғулиятҳои факултативӣ одатан хонандагон бо хоҳиши худашон ҷалб карда мешаванд ва мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки дониши математикии чунин хонандагон ҳатто аз баҳои 4 паст мебошад.

Таҷрибаи кори синфҳои математикӣ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди нуқсонҳои ҷойдошта синфҳои математикӣ барои таъмин намудани дараҷаи баланди тафаккури математикӣ имконияти фаровон дода, барои давом додани маълумотгирӣ дар мактаби олӣ шароити мусоид фароҳам месозад.

Чуноне ки таҷрибаҳо нишон медиҳанд, дар синфҳое, ки математикаро амиқ меомӯзанд, баъзан мавридҳо хонандагоне номнавис мешаванд, ки дараҷаи пасти маълумоти математикӣ доранд. Чунин хонандагон кам нестанд, вале баъди ба таври

муттасил иштирок намудан ва иҷро намудани супоришҳои омӯзгори муассисаи таълимӣ аксарияти ин гуна хонандагон то охири сол ба дараҷаи хонандагони пешқадам мерасанд.

Таҳқиқоти педагогӣ, равоншиносӣ ва методӣ собит менамоянд, ки дараҷаи тафаккури хонандагони синфҳои математематикӣ гоҳо дар синфҳои охирин (синфҳои 10-11) бештар ташаккул меёбад. Бинобар ин, аз ин хонандагоне, ки дар синфҳои поёнӣ аз математика баҳои паст доранд, даст кашидан зарурият надорад [3].

Ба омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ лозим аст, ки барои қонеъ намудани дараҷаи амиқ омӯхтани математика ба чунин хонандагон ёрии ҳамешагӣ расонанд. Ёрии омӯзгор дар шаклҳои мухталиф ба амал оварда мешавад, аз ҷумла дар шакли, корҳои фардӣ, корҳои тайёрӣ барои омӯхтани маводи курсҳои факултативӣ, ҷалб намудани хонандагон ба амалиётҳои марбути мустақилона ва ғайра.

Омӯзгор моҳияти ташкили машғулиятҳои факултативӣ аз математикаро фаҳмида имкониятҳои васеъ дорад, ки онҳоро дар дарсҳои иловагӣ, такрории солона ва хатмкунӣ истифода барад, инчунин татбиқи методҳои умумиро дар ҳалли масъалаҳои гуногун дар машғулиятҳои факултативӣ дида барояд.

Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш намудем, ки донишҳои азхудкардаи хонандагон бо воситаи ташкили машғулиятҳои факултативӣ аз математика ба система дароварда шуда, дар ҳалли масъалаҳои гуногуни математикӣ татбиқи худро ёбад [10].

Мо ташкили машғулиятҳои факултативӣ аз математикаро дар ҳалли масъалаҳои тамоми курси математикаи мактаби миёна дида баромадем. Ба фикри мо, омӯзгор ҳамон вақт таълими математикаро бомуваффақият ташкил карда метавонад, ки агар бо методҳои дурусти ташкили машғулиятҳои факултативӣ аз математика наздик шинос бошад.

Маълум аст, ки фаъолкунонии хонандагон дар ҷараёни таълими математика, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки мо корҳои беруназсинфиро доир ба математика чи гуна ташкил мекунем. Як худи он, ки ба корҳои беруназсинфӣ омӯзгор самти эҷодӣ медиҳад, аллакай ба тафаккури эҷодии хонанда таъсири мусбат мерасонад. Таҳлили адабиётҳои илмӣ – методӣ, васоитҳои таълимӣ ба ҳисоб гирифтани фикру ақидаҳои муаллимони пешқадами шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба мо имконият дод, ки ба корҳои беруназсинфии хонандагон самти муайян диҳем [3].

Хулосаю дархостҳои омӯзгорони варзида ва маълумоти адабиётҳои таҳлилкардашудроа ба асос гирифта, ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1) Дар адабиётҳои илмӣ – методӣ бештар масъалаҳоеро дохил карда шудаанд, ки ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон чандон мувофиқат намекунанд. Дар онҳо масъалаҳои хеле мураккаб ҷой дода шудаанд, ки ба ҳайати хонандагони имрӯзаи мо мувофиқ нестанд.

2) Дар китобҳои дарсии ҳозира ба масъалаҳое, ки мазмунан ба корҳои беруназ синфии хонандагон мусоидат менамоянд, чандон аҳаммият дода намешавад.

Адабиётҳои иловагии методиро на омӯзгор ва на хонандагон дастрас карда наметавонанд.

3) Устодони мактабҳои миёна, ки қисми зиёдашон аз шаклу методҳои ташкил ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ бехабаранд, бо шогирдони худ ҳалли масъалаҳои шавқовару мураккаб ва озмунҳоро намегузаронанд, ҳатто барои минбаъда беҳтар намудани сифати машғулиятҳои беруназсинфӣ чораҳои зарурӣ намеандешанд.

Аз ин рӯ, барои ташкил ва босамар гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ ва машғулиятҳои факултативӣ, инкишоф додани тафаккури эҷодии хонандагон, ба ақидаи мо, омӯзгорони математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд тавсияҳои зеринро ба асос гиранд.

Ташкили худомӯзии хонандагонро, пеш аз ҳама, дар ҷараёни таълими дарсҳои математика ба роҳ мондан лозим аст, то ки ба хонандагон барои иштирок дар машғулиятҳои беруназсинфӣ ва машғулиятҳои факултативӣ асоси боэътимод пайдо шавад. Барои ин муаллимон бояд ҳар сари чанд вақт ҳангоми омӯхтани мавзуъҳои барномавии математика дар ҷойҳои мувофиқ хонандагонро бо ҳалли масъалаҳои

конкурсӣ одат кунонанд, майлу рағбати онҳоро умуман нисбат ба математика инкишоф диҳанд [2].

Баъд аз омӯхтани фаслҳои алоҳидаи курси математика дар машғулият**ҳои беруназсинфӣ машғулиятҳои факултативӣ мувофиқи мақсад мебуд, агар ба истифодаи метод ва усулҳои ҳалли масъалаҳои мушкил эътибори ҷиддӣ дода мешуд.**

Мувофиқи нақшаҳои кории муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гузаронидани шабнишиниҳои математикӣ ва ҳафтаҳои математикӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Ба ақидаи мо, ин намудҳои корҳои беруназсинфиро ду маротиба дар як сол ташкил кардан аз фоида холӣ нест. Вобаста ба ин, ба чорабиниҳо бояд характери байнифаннӣ дода шавад..

Истифодаи тавсияҳои умумие, ки зикри онҳо дар боло рафт, ба андозае имконият медиҳад, ки тафаккури эҷодии хонандагон инкишоф ёбад.

Гузаронидани машғулиятҳои факултативӣ ва корҳои беруназсинфӣ воситаи беҳтарини дидактикӣ ба ҳисоб меравад, ки барои рушди мустақилияти хонандагон асоси боэътимод мегузоранд.

Ба таври муттасил ташкил кардан ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ ва машғулиятҳои беруназсинфӣ имконият медиҳад, ки дараҷаи мустақилиятнокии хонандагон баланд бардошта шавад, ки ин боиси бо донишҳои нав мусаллаҳ гаштани хонандагон мегардад. Донишҳои гирифтаи хонандагон дар машғулиятҳои беруназсинфӣ қавитар гашта, ба онҳо имконият медиҳад, ки ин донишҳоро дар оянда самаранок истифода намоянд [1].

**Муқарриз: Шарипов Н.З.- н.и.п., дотсенти ДДТТ**

**АДАБИЁТ**


1. Березин В.Н.и др. Сборник задач для факультативных и внеклассных занятий по математике / В.Н.Березин [и др.]. –М.: Просвещение, 1986.
2. Васильев Н.Б. и др. Заочные математические олимпиады / Н.Б. Васильев [и др.]. -М.: Наука, 1987.
3. Гусев В.А. ва диг. Корҳои берун аз синф аз математика дар синф ҳои 6-8.: Китоб барои муаллим /В.А. Гусев, А.И.Орлов, А.Л. Розен таль. Дар зери таҳр.:С.И.Шварцбурд).-Душанбе: Маориф, 1989. -310с.
4. Гусев В.А. Внеклассная работа по математике в 6-8 классах / В.А. Гусев, А.И.Орлов, А.Ш. Розенталь. -М.: Просвещение, 1984.
5. Минскин Е.М. От игры к знаниям / Е.М. Минскин. -М.: Просвещение, 1987.
6. Петраков И.С. Методические кружки в 8-10 классах / И.С. Петраков. -М.: Просвещение, 1987.
7. Самарский А.А. Компьютеры и жизнь: (математическое моделирование) / А.А.Самарский, А.П. Михайлов. -М.: Педагогике, 1987.
8. Самостоятельная деятельность учащихся при обучении математике (формирование умений самостоятельной работы):Сб.статей. Сост. С.И. Демидов, П.О.Демыщева. –М.: Просвещение, 1985.
9. Сефибеков С.Р. Внеклассная работа по математике / С.Р. Сефибеков. -М.: Просвещение, 1988.
10. Факультвтивный курс по математике. Учеб. пособ. для 7-9 кл. сред. шк. Сост: И.Л.Никольская –М.: Просвещение,1990.
11. Фридман Л.М. Как научиться решать задачи / Л.М. Фридман [и др.]. -М.: Просвещение, 1989.
12. Шарыгин И.Ф. Факультативный курс по математике. Решение задач Учеб.пособ. для 10 кл сред. шк./ И.Ф. Шарыгин. -М.: Просвещение,1989.
13. Шарыгин И.Ф. Факультативный курс по математике: Решение задач: Учеб.пособие для 11кл. сред. шк. / И.Ф. Шарыгин -М.: Просвещение,1990.


## СИСТЕМАИ КОРҲОИ ТАЪЛИМӢ ДОИР БА ИНКИШОФ ДОДАНИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНА ВА ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН ДАР КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ АЗ ФАННИ МАТЕМАТИКА


Дар кори мазкур дар бораи системаи корҳои таълимӣ доир ба инкишоф додани фаъолияти мустақилона ва эҷодии хонандагон дар корҳои беруназсинфӣ аз математика сухан меравад. Намудҳои корҳои беруназсинфӣ аз математика шарҳ дода шуда, оиди машғулиятҳои факултативӣ муфассал маълумот дода шудааст. Хулосае, ки аз натиҷаи ин кор бармеояд, ба кори беҳтар намудани ташкили машғулиятҳои беруназсинфӣ ва машғулиятҳои факултативӣ аз математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат намуда, ба фаъолнокии хонандагон аз математика таъсири мусбат мерасонад. Аз рӯйи хусусияти фаъолияти таълимии хонандагон дар корҳои беруназсинфӣ доир ба математика 4 дараҷаи мустақилиятнокӣ шарҳ дода шудааст. Масъалаҳои шаклҳои асосии корҳои мустақилонаи хонандагон, корҳои беруназсинфӣ аз математика, шаклҳои ташкили он, нақши шаклҳои гуногуни кори мустақилона дар раванди таълим, методикаи корбарӣ бо он баррасӣ шудаанд. Дар баробари ин, таъсири систематикии корҳои мустақилонаи хонандагон оид ба амиқ ва мустаҳкам омӯхтани донишҳо, дар онҳо ташаккул додани қобилиятҳои маърифатӣ дида баромада шудааст.

**Калидвожаҳо:** корҳои беруназсинфӣ аз математика, машғулиятҳои факултативӣ, шабнишиниҳои математикӣ, викторина, озмун, олимпиада, маҳфилҳои математикӣ, корҳои мустақилона, таълими тафриқавии мтематика, фаъолнокӣ, инкишофи зеҳнӣ.

## СИСТЕМА УЧЕБНЫХ РАБОТ ПО РАЗВИТИЮ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ И ТВОРЧЕСКОЙ АКТИВНОСТИ УЧАЩИХСЯ ПРИ ВНЕКЛАССНЫХ РАБОТАХ ПО МАТЕМАТИКЕ

В статье речь идет о системе учебных работ по развитию самостоятельной и творческой активности учащихся при внеклассных работах по математике. Раскрыты виды внеклассных работ по математике и дано краткие сведения о проведении факультативных занятий по математике. В заключении можно сказать, что для улучшения организации внеклассных и факультативных занятий по математике в общеобразовательных учреждениях нужно развивать творческое мышление и помочь школьникам при решении различных сложных задач. По характеру учебной активности учащихся при внеклассных работах по математике можно вылелить 4 вида уровней самостоятельности. Задача раскрытия основных видов самостотельных работ на внеклассных занятиях по математике имеет свою методику. Наряду с ними рассматривается систематическое действие самостоятельных работ школьников по углубленному и прочному изучению математики.

**Ключевые слова:** внеклассные работы по математике, факультативые занятия, математические вечеринки, викторины, конкурсы, олимпиады, математические кружки, самостоятельные работы, дифференцированное обучение математике, активность, умственное развитие.

## THE SYSTEM OF EDUCATIONAL WORKS ON THE DEVELOPMENT OF INDEPENDENT AND CREATIVE ACTIVITY OF STUDENTS IN EXTRACURRICULAR WORK IN MATHEMATICS

The article deals with the system of educational works on the development of independent and creative activity of students in extracurricular work in mathematics. The types of extracurricular work in mathematics are disclosed and a short summary of the conduct of physical classes in mathematics is given. In conclusion, we can say that in order to improve the organization of extracurricular and elective classes in mathematics in educational institutions, it is necessary to develop creative thinking and help students in solving various complex problems. By nature, educational activity of students and extracurricular work in mathematics, 4 types of levels of independence can be given. The task of revealing the main types of independent work in extracurricular activities in mathematics has its own methodology. Along with them, the systematic action of independent work of schoolchildren on in-depth and lasting study of mathematics is considered.

**Keywords:** extracurricular work in mathematics, facultative classes, mathematical parties, quizzes, competitions, olympiads, mathematical circles, independent work, differentiated teaching of mathematics, activity, mental development, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мамадакимова Сабзазор Сарадбековна*** **-** Коллеҷи муҳандисию омӯзгории ш.Душанбе, муаллими калон, кафедраи фанҳои табиию риёзӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад - 48/11. E-mail: **Sabza.79 @ mail.ru** Телефон: **(+992) 501-92-69-26**

**Сведения об авторе:** ***Мамадакимова Сабзазор Сарадбековна*** **–** Инженерно-педагогический колледж города Душанбе, кафедра истественно-математических дисциплин, старший преподаватель. **Адрес:** 734067, г. Душанбе, Республика Таджикистан, район Фирдоуси, улица Борбад - 48/11. E-mail: **Sabza.79 @ mail.ru** Телефон: **(+992) 501-92-69-26**

**Information about the author: Mamadakimova Sabzazor Saradbekovna** – Engineering and Pedagogical College of Dushanbe, Department of Natural and Mathematical Disciplines, senior lecturer. **Address:** 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Firdousi district, Borbad street - 48/11. E-mail: **Sabza.79 @ mail.ru**
Phone: **(+992) 501-92-69-26**

**УДК: 372. 800. 2(575.3)**

# МЕТОДИКАИ ТАРБИЯИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ЭКОЛОГӢ

***Туманова Ш.С., Идиев Ғ.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Замоне дур нест, ки писарону духтарони имрӯза ба камол расида, масъулияти ҳаёти ҷамъияти мо, такдири тамоми Замин ба дӯши онҳо меафтад. Аз ин ҷост, ки дар ҳар яки онҳо парваридани ҳисси муҳаббат ба табиат, эҳтиром нисбат ба тамоми мавҷудоти зинда, хеле муҳим аст.

Ҷавонписарону духтарон бояд дарк кунанд, ки дар табиат гиёҳҳо, алафҳо, ҳашаротҳои нодаркор мавҷуд нест. Дар табиат ҳама чиз ба ҳам мувофиқ аст, вайрон кардани яке аз занҷирҳо ба вайрон кардани мувозинати табиӣ таҳдид мекунад.

Экология илмест, ки муносибати организмҳои зиндаро бо ҳамдигар ва муҳити зист меомӯзад.

Баъзан ба меъёрҳои ибтидоии рафтор беэътиноӣ карда, мо метавонем як зарфи пластикӣ ё пиёларо партоем. Ва бисёриҳо ҳамин тавр мекунанд ва ҳамаи ин дар пеши назари наврасон рӯй медиҳад. Аммо мо бояд фарҳанги экологии рафторро дар байни наврасон тарбия кунем ва шуури экологии онҳоро бедор кунем.

Маданияти экологии рафтор дар асоси дониш, малакаҳои амалӣ, таҷрибаи эстетикӣ ташаккул меёбад.

Дар раванди тарбияи экологии наврасон амалҳои маърифатӣ ташаккул ёфта, ҳавасмандии маърифатӣ ва шавқу рағбат ба табиат, кунҷковӣ, фаъолияти эҷодӣ инкишоф меёбанд.

Мақсад ва вазифаҳои тарбияи экологӣ, инчунин мазмуни фаъолияти омӯзгор дар ин самт дар бахшҳои таълимии «Инкишофи маърифатӣ», дар қисматҳои «Муқаддима бо олами табиат» ва «Инкишофи фаъолияти илмии маърифатӣ» инъикос ёфтааст.

**Мақсади тарбияи экологии наврасон аз инҳо иборат аст:**

- Шиносоӣ бо табиат ва ҳодисаҳои табиат.
- Инкишоф додани қобилияти муқаррар намудани робитаи сабабгории байни ҳодисаҳои табиат.
- Ташаккули тасаввуроти ибтидоӣ дар бораи гуногунии табиии сайёраи Замин.
- Ташаккули ғояҳои элементарии экологӣ.
- Ташаккули дарки он ки инсон як ҷузъи табиат аст, бояд онро ҳифз кунад, ҳама чиз дар табиат бо ҳам алоқаманд аст, ҳаёти инсон дар рӯйи Замин бештар ба муҳити зист вобаста аст.
- Тарбияи қобилияти дуруст рафтор кардан дар табиат.
- Тарбияи муҳаббат ба табиат, майли муҳофизати он.
- Инкишоф додани шавқу завқи маърифатии наврасон, ташаккули кунҷковӣ ва ҳавасмандии маърифатӣ.
- Ташаккули амалҳои маърифатӣ, инкишофи тахайюлот ва фаъолияти эҷодӣ;
- Ташаккули тасаввуроти ибтидоӣ дар бораи ашё, хосиятҳо ва муносибатҳои объектҳои олами атроф.
- Инкишоф додани идрок, таваҷҷуҳ, хотира, мушоҳида, қобилияти таҳлил, муқоиса, равшан кардани хусусиятҳои хос, муҳиммии ашё ва падидаҳои олами атроф, қобилияти муқаррар намудани алоқаи одитарини байни предмету ҳодисаҳо.

Хусусияти раванди таълим мутобиқи Стандарти давлатии таълим дар он аст, ки равандҳои таълиму тарбия наврасонро мустақиман мустақилона инкишоф намедиҳад, балки танҳо вақте ташаккул меёбанд, ки онҳо дорои шаклҳои фаъолият ва мазмуни мувофиқ мебошанд.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани самараи таълиму тарбия истифода бурдани шаклу усулҳои гуногуни кор мебошад. Омӯзгор бояд маводи маърифатиро дуруст интихоб карда, дар бораи шаклу усулҳое фикр кунад, ки мазмуни онро беҳтар баён карда тавонанд. Дар раванди педагогӣ омӯзгорон шаклҳои гуногуни ташкили кор ва усулҳои гуногуни таълимро истифода мебаранд.

Усулҳои таълим – роҳҳои фаъолияти муштараки тарбиятгирандагон ва хонандагон буда, дар рафти онҳо ташаккули дониш, малака ва маҳорат, инчунин тарбияи муносибат ба олами атроф амалӣ карда мешавад.

Дар тарбияи экологии наврасон усулҳои зерини таълим -аёнӣ, амалӣ, шифоҳӣ васеъ истифода бурда мешаванд.

Усулҳои визуалӣ мушоҳида, тамошои тасвирҳо, намоиши моделҳо, филмҳо, видеоҳо, презентатсияҳоро дар бар мегиранд. Усулҳои визуалӣ пурра ба имкониятҳои фаъолияти маърифатии хонандагон мувофиқат мекунанд, ба онҳо имкон медиҳанд, ки дар бораи табиат тасаввуроти равшан ва мушаххас пайдо намоянд.

Усулҳои амалӣ бозиҳо, таҷрибаҳои ибтидоӣ ва моделиронӣ мебошанд. Усулҳои шифоҳӣ ҳикояҳои муаллим ва хонандагон, хондани асарҳои бадеӣ дар бораи табиат, суҳбатҳо мебошанд. Барои васеъ намудани дониши наврасон дар бораи табиат, ба низом даровардан ва умумӣ кардани онҳо усулҳои шифоҳӣ истифода мешаванд. Усулҳои шифоҳӣ барои ташаккул додани муносибати эмотсионалӣ нисбат ба табиат мусоидат мекунанд.

Дар кори тарбияи экологии бачаҳо усулҳои гуногунро ба таври комплексӣ истифода бурда, онҳоро бо ҳамдигар дуруст пайвастан лозим аст. Интихоби усулҳо ва зарурати истифодаи маҷмуии онҳо аз рӯйи имкониятҳои синну соли хонандагон, хусусияти вазифаҳои тарбиявӣ ва таълимӣ, ки тарбиятгар ҳал мекунад, муайян карда мешавад.

Масалан, ташаккул додани дониш дар бораи тарзи ҳаёти харгӯш бидуни мушоҳида ғайриимкон аст, хонандагон дар бораи чӣ гуна нигоҳубин кардани растаниҳои хонагӣ дар раванди кор, дар бораи хосиятҳои барфу ях ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳо ё бозиҳо маълумот мегиранд. Дониш дар бораи ҳайвоноти ваҳшӣ ҳангоми мутолиа ё ҳикояи тарбиятгар ташаккул меёбад.

Яке аз усулҳои муҳимми ташаккули хонандагон таълими визуалӣ ба шумор меравад.Мушоҳида усули асосии тарбияи экологӣ мебошад.

Мушоҳида, аз ҷониби омӯзгорон махсус ташкил шуда, мақсаднок, каму беш тулонӣ, мунтазам, фаъолона дарки ашё ва ҳодисаҳои табиат аз ҷониби хонандагон мебошад. Мақсади мушоҳида метавонад аз худ кардани донишҳои гуногун – муқаррар намудани хосиятҳо ва сифатҳо, сохтори дохилӣ ва сохтори берунии объектҳо, сабабҳои тағйир ва инкишофи объектҳо (растанӣ, ҳайвонот), мушоҳидаҳои мавсимӣ бошад.Омӯзгор барои бомуваффақият ба ҳадаф ноил шудан аз усулҳои махсусе, ки дарки фаъоли хонандагонро ташкил карда, фикр мекунад, истифода мебарад, саволҳо медиҳад, тафтиш мекунад, муқоиса кардани ашёро бо ҳамдигар пешниҳод мекунад, робитаи байни ашёҳои алоҳида ва ҳодисаҳои табиатро муқаррар мекунад.

Мушоҳида бояд бо сухани дақиқи омӯзгор ва хонанда ҳамроҳ бошад, то дониши гирифташуда аз худ карда шавад. Азбаски мушоҳида таваҷҷуҳи ихтиёриро талаб мекунад, омӯзгор бояд онро аз рӯйи вақт, ҳаҷм ва мазмун танзим кунад.

Мушоҳидаро ҳам бо хонандагони алоҳида, ҳам бо гурӯҳҳои хурд ва ҳам бо тамоми гурӯҳи хонандагон гузаронидан мумкин аст. Вобаста ба мақсадҳои гузоштаи омӯзгор мушоҳида метавонад тасодуфӣ, дарозмуддат ва ниҳоӣ (умумӣ) бошад.

Омӯзгорон ҳангоми шиносоии наврасон бо табиат аз маводҳои гуногуни тасвирӣ ва аёнӣ, ба монанди расмҳои дидактикӣ, нусхаи чопии манзараи расмҳои бадеӣ, суратҳо, диафилмҳо, филмҳо, презентатсияҳо истифода мебаранд.

**Тасвирӣ -** маводи аёнӣ барои мустаҳкам ва равшан кардани ақидаҳои наврасон, ки дар ҷараёни дарки зуҳуроти табиат ба даст омадаанд, кумак мекунад. Бо ёрии он дар бораи предметҳо ва ҳодисаҳои табиие, ки дар лаҳза ва ё дар минтақаи муайян мушоҳида карда намешаванд, дониш ҳосил кардан мумкин аст. Масалан, мо метавонем ҳайвонҳои ваҳшӣ ё ҳайвоноти хонагии дигар минтақаҳои иқлимиро танҳо дар расм нишон диҳем ё дар бораи ин ҳайвонот филм тамошо кунем.

Моделсозиро яке аз усулҳои амалии таълим меноманд. Аксар вақт дар зеҳн тасаввури абстрактӣ, умумишудаи предмет ё як ҳодисаи табииро «сохтан», диаграммаи ҳодисаҳои омӯхташавандаро тартиб додан лозим аст. Сохтакорӣ ҳамчун усули шиносоӣ бо табиат ба омӯзгор дар ҳалли бомуваффақияти ин мушкилот кумак мекунад.Моделсозӣ ҳамчун фаъолияти муштараки омӯзгор ва наврасон дар сохтани моделҳо ба ҳисоб

меравад.Мақсади моделсозӣ таъмини азхудкунии бомуваффақияти донишҳо аз ҷониби наврасон дар бораи хусусиятҳои объектҳои табиӣ, сохтори онҳо, робитаҳо ва муносибатҳои байни онҳост. Он ба принсипи бо предметҳо, тасвирҳои схематикӣ, аломатҳо иваз кардани объектҳои реалӣ асос ёфтааст.

Гузаронидани таҷрибаҳои одӣ ва озмоишӣ яке аз воситаҳои асосии шуурнокии экологии хонандагон ба шумор меравад. Барои ин дар боғча таҷрибаҳои одиро ба роҳ мебаранд. Таҷриба мушоҳидаест, ки дар шароити махсус ташкилшуда гузаронида мешавад. Масалан, барои исбот кардани зарурияти гармӣ барои нашъунамои растанӣ ва аниқ кардани ин дониш омӯзгор таҷриба мегузаронад: ду растании якхеларо дар шароити гуногун (яке дар ҷойи гарм ва дигаре дар ҷойи салқин) ҷойгир мекунад ва дар давоми якчанд рӯз бо бачаҳо дигаргуниҳои инкишофи онҳоро мушоҳида мекунад.

Таҷрибаҳо ба тарбияи экологии хонандагон ба табиат мусоидат мекунанд. Мушоҳида, фаъолияти ақлониро инкишоф медиҳад. Дар ҳар як таҷриба сабаби рӯй додани ҳодисаи мушоҳидашуда ошкор карда шуда бачаҳоро барои баровардани ҳукм ва хулосаҳо бармеангезанд. Дониши онҳо дар бораи хосият ва сифатҳои объектҳои табиӣ (дар бораи хосиятҳои барф, об, растаниҳо, дар бораи тағйирёбии онҳо) такмил меёбад. Таҷрибаҳо барои фаҳмиши бачаҳо дар бораи робитаҳои сабабу натиҷа аҳаммияти зиёд доранд. Таҷрибаҳоро аксар вақт дар гурӯҳҳои калони хонандагон гузаронидан лозим аст. Дар гурӯҳҳои хурд ва миёна муаллим танҳо амалҳои ҷустуҷӯии алоҳидаро истифода мебарад.

Таҷриба бояд ҳамеша дар асоси ақидаҳои мавҷуда, ки хонандагон дар ҷараёни мушоҳида ва кор гирифтаанд, бунёд карда шавад. Хонандагон бояд вазифа ва ҳадафи онро равшан донанд. Муаллим ҳангоми гузаронидани таҷриба набояд ба наботот ва ҳайвонот зарар расонад.

**Муқарриз: Мирзоев С. – н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**

1. Рябкова, Г. В. Совершенствование модели содержания экологического образования / Г. В. Рябкова // Ученые записки Казанской государственной академии ветеринарной медицины им. Н. Э. Баумана. Т. 188. - Казань, 2006.-С. 413-419.
2. Рябкова, Г. В. Тенденции развития экологического образования школьников (вторая половина XX - начало XXI в.) / Г. В. Рябкова // Образование и саморазвитие: Научный журнал. - Казань: КГУ, 2008. -№2 (8)-С. 254-260.
3. Рябкова, Г. В. Особенности отечественного и зарубежного опыта экологического образования школьников / Г. В. Рябкова // Воспитательный потенциал гуманитарного образования: Матер. 111 Всеросс. науч.-прак. конф. «Реализация воспитательного потенциала гуманитарного образования в условиях вхождения России в Болонский процесс»: В 2-х частях. - Часть 2 / Авт.- сост. И. Э. Ярмакеев. - Казань: Изд-во ТГГПУ, 2005.- С. 252-254.
4. Рябкова, Г. В. Использование фасилитационного подхода к обучению школьников в практике экологического образования / Г. В. Рябкова // Технологии совершенствования подготовки педагогических кадров: теория и практика. Межвуз. сб. науч. тр-ов, посвящ. 85-летию проф. Л. С. Тайсина. Вып. 6. Под ред. 3. Г. Нигматова, Р. Ш. Маликова. - Казань: Тат. кн. изд-во, 2005. - С. 204-206.
5. Рябкова, Г. В. Зарубежный опыт экологического образования школьников / Г. В. Рябкова // Традиции и инновации в образовании: проблемы управления. Межвуз. сб. науч. тр-ов, посвящ. 70-летию со дня рождения проф. Г. Г. Габдуллина. Вып. 8. Под ред. Р.Ш. Маликова. - Казань: Татар. кн. изд-во, 2006. - С. 224-226.
6. Рябкова, Г. В. Эволюция экологического образования школьников в России / Г. В. Рябкова, Р. А. Фахрутдинова II Актуальные проблемы педагогики и психологии: Сб. науч. тр-ов молод, учен, и ст-ов ТГГПУ. Вып. 10. Под ред. Р.А. Валеевой. - Казань: ТГГПУ, 2007. - С. 3-7.
7. Рябкова, Г. В. Проблема экологического образования школьников в посткатастрофный период / Г. В. Рябкова // Актуальные проблемы науки и образования в посткатастрофный период: Сб. матер. X междунар. науч.-прак. конф. Ред. кол. В. Н. Пустовойтов, С. Н. Стародубец, А. В. Шлома. - Брянск: Изд. БГУ, 2007. - С. 255-258.
8. Рябкова, Г. В. Организация экологического образования в современной российской школе / Г. В. Рябкова // Университетское образование в мире: современные инновационные подходы к его развитию. Междунар. науч.-прак. конф., посвящ. 130-летию ГОУ ВПО «Татарский государственный гуманитарно-педагогический университет». - Казань: Алма-Лит, 2007. - С. 202-204.
9. Рябкова, Г. В. Тенденции развития содержания, форм и методов экологического образования школьников в России (вторая половина XX – начало XXI в.) / Г. В. Рябкова // Этнодидактика народов

России : деятельностно-компетентностный подход к обучению. Матер. V Междунар. науч.-прак. конф. Под ред. Ф. Г. Ялалова. - Нижнекамск: Изд-во НМИ, 2007. -С.222-224.
10. Рябкова, Г. В. Тенденции развития экологического образования школьников в условиях развития российского поликультурного пространства
1. / Г. В. Рябкова //Воспитательный потенциал национальной культуры: матер. IV Всеросс. науч.-прак. конф. «Воспитательный потенциал национальной культуры в условиях поликультурного образовательного пространства»: В 2-х частях. - Часть 1. Ред.-сост. И.Э. Ярмакеев. - Казань: Изд-во ТГГПУ, 2007.-С. 152-155.
11. Рябкова, Г. В. Тенденции модернизации учебного процесса в рамках реализации экологического образования школьников / Г. В. Рябкова // Природно-ресурсный потенциал Республики Татарстан и сопредельных территорий: матер. Всеросс. науч.-прак. конф., посвящ. проф. А. Г. Мусину. - Казань: Изд-во ТГГПУ, 2007. -С. 158-162.
12. Рябкова, Г. В. Создание эколого-образовательной среды школы / Г.В. Рябкова // Актуальные проблемы педагогики и психологии : Сб. науч. тр-ов препод., молод, учен, и ст-ов, посвящ. 10-летию фак. псих. Татар. гос. пед. ун. Вып. 11. Под ред. Р. А. Валеевой. - Казань: Изд-во ТГГПУ, 2008.-С 157-161.

## МЕТОДИКАИ ТАРБИЯИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ЭКОЛОГӢ

5. Ерёмина М. В. Организация самостоятельной внеаудиторной работы студентов по дисциплине «Математические методы» в системе СПО / М. В. Ерёмина // Молодой ученый. — 2014. — №18. — С. 53-55.
6. Современные инновационные технологии в образовании. Под ред. С.М. Моор // Научное издание. - Тюмень. – 2016. – 216 с.
7. Капустин, Н. П. Педагогические технологии адаптивной школы / Н. П. Капустин. – М., 2001. – С. 21-40.
8. Левина М. М. Технологии профессионального педагогического образования / М. М. Левина. – М.: Academia – 272 с.
9. Притчина Л.С. Некоторые аспекты инновационного подхода в преподавании математических дисциплин в высшей школе // Теория и практика развития современного образования в России / Коллективная монография / Л.С. Притчина. - Ульяновск: Зебра, 2017. -С. 444-455.
10. Селевко, Г. К. Современные образовательные технологии / Г. К.Селевко. – М.: Народное образование, 1998. – 256 с.
11. Сокольников А.Н. Теория группового выбора или коллективного принятия решения, как средство повышения интереса к изучению математики студентами гуманитарных направлений // Высшее образование в России:

история и современность / Коллективная монография / А.Н. Сокольников. - Ульяновск: Зебра, 2017. -С. 224-232.
12. Сокольников А.Н. Роль математических дисциплин в гуманитарном образовании / А.Н. Сокольников //Материалы 6-й всероссийской научно-практической конференции (заочной) с международным участием «Категория «социального» в современной педагогике и психологии». – Ульяновск: Зебра, 2018. -С. 321-325.
13. Сокольников А.Н. Роль математических дисциплин в гуманитарном образовании / А.Н.Сокольников //Современное педагогическое образование. - 2019. - №1. -С. 20-24.
14. Стародубцев В.А. Создание и применение электронного конспекта лекции: учебное пособие/ В.Стародубцев. - Томск: Изд-во Томского политехнического университета, 2009. - 88 с
15. Тихоненко А.В. Системы символьной математики как технологические и математические инструменты инновационного учебного процесса / А.В. Тихоненко // Совр. инф. технологии и ИТ-образование. Сб. избр. тр. VII Межд. научно-практ. конф. – М.: ИНТУИТ.РУ, 2012. – С. 800–809.
16. Фи липпова Н. В. Применение систем компьютерной математики и компьютерных технологий при изучении дисциплин высшей математики как один из видов педагогических технологий // Молодой ученый. — 2009. — №7. - С. 254-259.
17. Фокин, Ю. Г. Преподавание и воспитание в высшей школе: цели, содержание, творчество / Ю. Г. Фокин. – М.: Academia, 2005. – 224 с.
18. Чернилевский, Д. В. Дидактические технологии в высшей школе / Д. В. Чернилевский. – М., 2002. – С. 21-28.

## ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ КОМПЮТЕРӢ БАРОИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ ОЛӢ

Равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи маориф дар ҷомеаи муосир фаъолона рушд мекунанд. Муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд потенсиали мутахассисони ояндаро барои фаъолияти бомуваффақияти эҷодӣ ва таҳлилии худ инкишоф диҳанд. Инчунин, бояд мутахассиси ояндаро барои ҳамкорӣ бо бозори босуръат рушдёбандаи меҳнат омӯзонад. Корфармоёни муосир на танҳо ба мутахассисони салоҳиятдор, балки ба кормандони ба мушкилот тобовар, ки дар ҳалли масъалаҳои дорои хусусияти гуногун, малакаҳои психологӣ ва коммуникатсионӣ моҳиранд, ниёз доранд. Технология дар педагогика ҳама воситаи муаррифӣ, тағйирот ва коркарди иттилооти таълимӣ мебошад. Он инчунин илми роҳҳои таъсиррасонии омӯзгорон ба донишҷӯён бо истифода аз усулҳои зарурӣ мебошад. Технологияи таълимӣ ҳадафҳо, воситаҳо, мундариҷа ва субъектҳои таълимро дар бар мегирад. Чунин технологияҳо ба таҷрибаи педагогӣ, пешрафтҳо дар психология, ҷомеашиносӣ асос ёфтаанд. Математика як фанни хеле мураккаб аст. Ҳамзамон, он барои шахси босавод барои тафаккури таҳлилӣ, қобилияти қабули қарорҳо, ҳисоб кардани вариантҳо ва тақсимоти оқилонаи захираҳо зарур аст. Аз ин рӯ, ба донишҷӯён расонидани ин илми мураккаб, вале хеле зебо, нишон додани тамоми имкониятҳо ва самтҳои татбиқи он хеле муҳим аст.

**Калидвожаҳо:** системаҳои математикаи компютерӣ, технологияҳои педагогӣ, раванди таълим, лексияҳои видеоӣ, математикаи олӣ.

## ПРИМЕНЕНИЕ СОВРЕМЕННЫХ КОМПЬЮТЕРНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ ДЛЯ ОБУЧЕНИЯ ВЫСШЕЙ МАТЕМАТИКЕ

В современном обществе активно развиваются инновационные процессы в сфере образования. Высшие учебные заведения должны развивать потенциал будущих специалистов для их успешной творческой и аналитической деятельности. Также необходимо подготовить будущего специалиста к взаимодействию с быстро развивающимся рынком труда. Современным работодателям нужны не только компетентные специалисты, но и проблемоустойчивые сотрудники, умеющие решать проблемы различного характера, обладающие психологическими и коммуникативными навыками. Технология в педагогике – это любые средства представления, модификации и обработки учебной информации. Это также наука о том, как учителя влияют на учеников, используя соответствующие методы. Образовательная технология включает в себя цели, средства, содержание и субъекты образования. Такие технологии основаны на педагогическом опыте, разработках психологии, социологии. Математика – очень сложный предмет. При этом образованному человеку необходимо обладать аналитическим мышлением, умением принимать решения, просчитывать варианты и рационально распределять ресурсы. Поэтому очень важно донести до учащихся эту сложную, но очень красивую науку, показать все возможности и области ее применения.

**Ключевые слова**: системы компьютерной математики, педагогические технологии, учебный процесс, видеолекции, высшая математика.

## APPLICATION OF MODERN COMPUTER TECHNOLOGY FOR TEACHING HIGHER MATHEMATICS

In modern society, innovative processes in the field of education are actively developing. Higher education institutions must develop the potential of future specialists for their successful creative and analytical activities. It is also necessary to prepare the future specialist to interact with the rapidly developing labor market. Modern employers need not only competent specialists, but also problem-resistant employees who can solve problems of various types and have psychological and communication skills. Technology in pedagogy is any means of presenting, modifying and processing educational information. It is also the science of how teachers influence students using appropriate methods. Educational technology includes goals, means, content and subjects of education. Such technologies are based on pedagogical experience, developments in psychology and sociology. Mathematics is a very difficult subject. At the same time, an educated person needs to have analytical thinking, the ability to make decisions, calculate options and rationally distribute

resources. Therefore, it is very important to convey to students this complex, but very beautiful science, to show all the possibilities and areas of its application.

**Key words:** computer mathematics systems, pedagogical technologies, educational process, video lectures, higher mathematics.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Зокиров Амонатулло Рамазонович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи умумидонишгоҳии педагогика, унвонҷӯй**. Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон. **(+992) 909-98-46-44**, E-mail: **zokirov01121@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Зокиров Амонатулло Рамазонович*** - Таджикский национальный университет, соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 909-98-46-44**, E-mail: **zokirov01121@mail.ru**

**Information about the author:** ***Zokirov Amonatullo Ramazonovich*** - Tajik National University, applicant for the university department of pedagogy. Address: 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 909-98-46-44**, E-mail: **zokirov01121@mail.ru**

ТДУ: 371.012

# ЗАРУРАТИ ТАШКИЛИ МАҲФИЛИ ФАННӢ АЗ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

*Масолиев А.С., Раҳимов У.А.*

**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров»**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «...низоми маориф ҳамчун соҳаи тақдирсози ҳаёти ҷомеа дар чаҳорчӯбаи сиёсати ҷамъиятии давлат яке аз самтҳои муҳимтарини инкишоф эълон гардида, аз рӯзҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ мо доимо барои ташаккул, инкишоф ва бозсозии он аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳем» [11, с.3].

Такмили маҳорат ва малакаи меҳнатӣ, дониши техникӣ, технологӣ ва ибтидоии иқтисодии омӯзгорони оянда, ки дар меҳнати фоиданок ва самараноки ҷамъиятӣ зururанд ва дар фаъолияти меҳнатӣ истифода намудани дониши ҳосилшуда аз мақсад ва вазифаҳои асосии фанни методикаи таълими технология дар муассисаҳои олӣ маҳсуб мешавад.

«Ташаккули фаъолияти эҷодии шахсият ҳамчун муҳимтарин мушкилоти назариявӣ дар сарчашмаҳои муосири фалсафӣ, иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ баррасӣ мегардад. Таҳлили адабиёти таърихӣ ва назариявии далелҳои асосии таҳқиқи раванди ташаккули фаъолияти эҷодии шахсиятро медиҳад» [8, с.158].

Омӯзгорони оянда бояд усул, омилҳои таълим ва малакаи бо адабиёти методӣ, маълумотномаҳо, дастурҳо кор карданро омӯхта, таҷрибаи омӯзгорони пешқадамро ба таври васеъ истифода намоянд.

Олими рус Д.А.Тхоржевский чунин иброз намудааст: «…Дар натиҷаи омӯхтани фанни методикаи таълими технология омӯзгори оянда бояд донад:

-дарки ғоя, мақсад ва мазмуни технология (таълими меҳнат) ва тайёрии касбии хонандагон;

-омӯхтани асосҳои политехникии мафҳуми меҳнат ва тайёрии касбии хонандагон;

-оид ба мазмуни кори омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат) ва устои таълими истеҳсолӣ тасаввуроти аниқ пайдо намояд;

-омӯхтани барномаи таълимии фанни технология (таълими меҳнат) ва асосҳои назарияи таълими меҳнат ва тайёрии касбии хонандагон» [10, с.13].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муддати солҳои дароз ду самти тайёрии хонандагон ва ҷавонон ба ҳаёти меҳнатӣ амал мекард. Дар зери мафҳуми яке аз онҳо бо истилоҳи «таълими меҳнат» намудҳои гуногуни тайёрии меҳнатии хонандагони мактаби таҳсилоти умумӣ фаҳмида мешуд.

Дуюмашро бештар «таълими касбию техникӣ» номиданд, ки ҳамчун қоида ба навъҳои гуногуни омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, ки аз ду қисми ба ҳам алоқаманд - назариявӣ ва таълимию истеҳсолотӣ иборат аст. Барои дуруст фарқ намудани маънои онҳо, ду мафҳуми усулан фарққунандаро фаҳмонидан лозим аст: «Мазмуни маълумот» ва «мазмуни таълим»-ро аксар вақт ҳамҷоя мекунанд.

Олимони рус Ю.К.Бабанский ва дигарон дуруст қайд менамоянд, ки «маҷмуъ ё системаи дониш, малака ва маҳорат мазмуни маълумот мебошад, на мазмуни таълим аст» [1, с.54].

Таълим раванди асосӣ барои аз худ намудани мазмуни маълумот аст. А.М.Гусакова қайд менамояд, ки «...ҳамин гуна муносибати таълим ба маълумот ин воситаи муносиб ва бамақсад аст» [4, с.24].

Аз ин нуқтаи назар баъзан мазмуни фанни касбу ҳунар (технология) ва мазмуни таълими истеҳсолотро фарқ мекунанд. Мазмуни таълими истеҳсолӣ системаи дидактикии раванди меҳнат аст, ки хонандагон дар он дониши амалӣ мегиранд ва дар касбҳои муайян маҳорат ва малакае ҳосил мекунанд.

Дар зери мафҳуми мазмуни фанни технология (таълими меҳнат) ҳаҷми ҳадди ақали дониш ва маҳорат, ки бояд дар ҳамаи хонандагони муассисаҳои маълумоти миёнаи ҳамагонӣ дар муддати муайян, ки мувофиқи накшаи таълимӣ нишон дода шудааст, ташаккул ёбад.

Шарти аввалини самаранокии машғулиятҳо, ба фикри мо, бевосита баланд бардоштани мақоми кори мустақилонаи амалӣ мебошад. Дарси ҳақиқатан ҳозиразамон бо ташкили хубу оқилонаи фаъолияти таълимии хонандагон муайян карда мешавад. Дар машғулият чизи аз ҳама муҳим таълими меҳнатии хонанда ҳисобида мешавад. Дар ҷое, ки ин ҳақиқати одиро аз эътибор соқит мекунанд, дар он ҷо масъалаҳои раванди таълиму тарбияро бомуваффақият ҳал кардан мумкин нест. Дар он ҷо натиҷаҳои манфии таълиму тарбия, норасоиҳои дониш ва маҳорати хонандагон, бо вазифаҳои хонагӣ аз ҳад зиёд банд карда шудани онҳо, бефаъолиятии аксарияти хонандагон дар дарсро ба мушоҳида мерасанд онҳоро ногузир ҳал кардан лозим аст.

Дар айни ҳол мазмуни ҳар як машғулият бо мавзуи танги таълимӣ маҳдуд карда нашудааст. Дар машғулиятҳо хонандагон дар баробари омӯхтани маводи нав маводи пешомӯхташударо такрор мекунанд ва мустаҳкам менамоянд. Мувофиқи принсипи такрори инкишофдиҳандаи В.И.Коваленко, «дар ҳар як машғулият он чизе такрор карда мешавад, ки дар машғулияти гузашта омӯхта шуда бошад, дар натиҷа на танҳо инкишофи пурзӯри фикр ва сухан, балки фаровонии аҷоиби ахбороти ҳақиқӣ низ ба вуҷуд меояд» [6, с.21].

Вазифаҳои аввалиндараҷа дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ инкишофи ҳамаҷонибаи омодагии хонандагон ба фаъолияти бомуваффақият дар ҷаҳони иттилоотӣ-иртиботию технологӣ буда, дар раванди инкишофи сифатҳои муҳим роҳбари корҳои беруназсинфӣ накши муҳимро мебозад.

«...Мақсади асосии машғулиятҳои беруназсинфӣ фароҳамоварии шароити мусоид барои зуҳурот ва ташаккули завқи хонандагон дар асоси интихоби озод, дарки арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ мебошад», таъкид доштааст олим рус Л.Н.Буйлова [3, с.9].

Корҳои беруназсинфӣ, маҳфилҳо дар пойгоҳи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таълимии иловагӣ ба хонандагон имконият фароҳам меоварнд, ки бо анъана, расму оин, арзишу ғояҳои миллӣ шиносоӣ пайдо намоянд, дар коркарди ороишӣ малакаву маҳорат пайдо кунанд. Машғулиятҳои беруназсинфӣ на танҳо шавқ, ҳавас инчунин завқи бадеиро инкишоф медиҳанд, инчунин хонандагонро соҳиби дониши зарурӣ гардонида, малакаи меҳнатиро инкишоф дода, барои фаъолияти меҳнатӣ бурдан омода менамоянд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба таъмини худидоракунӣ, фароҳамоварии шароити мусоид бахри амалисозӣ мусоидат намуда, ба ҳаллу фасли вазифаҳои мазкур фанни технология (таълими меҳнат) ба сифати қисми таркибии соҳаи таълими асосӣ шинохта мешавад [7, с.3].

Корҳои беруназсинфӣ, аз ҷумла маҳфилҳои фаннӣ тибқи Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи раванди таҳсилот буда, шакли ташкили таълим ба шумор рафта, ҳангоми фориғ аз раванди нақшаи таълимӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар замони муосир корҳои беруназсинфӣ ба сифати фаъолияти баъд аз соати таълимӣ барои қонеъкунии талаботи эҷодиву маърифатӣ ва маънавии хонандагон ба истироҳат, иштирок дар корҳои худидоракунӣ ва фаъолияти меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ фаҳмида мешаванд.

Бояд гуфт, ки байни корҳои беруназсинфӣ- маҳфилҳои фаннӣ маъмултарин ба шумор рафта, вобаста ба фанни технология (таълими меҳнат) маҳфилҳои самти технологӣ, бояд инкишофи фаъолияти эҷодӣ, зеҳнӣ ва инноватсионии хонандагонро дар раванди ҳаллу фасли вазифаи технологияи амалӣ, инчунин мусоидат намудан ва такмилдиҳии иҷрои корҳои таҳқиқотиву таълимӣ ва фаъолияти лоиҳаҳоро таъмин менамоянд.

Тибқи ақидаи олими рус М.И.Павлова: «..Омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) бояд инъикосгари натиҷаҳои таълимии маҳфилҳои технологӣ бошад». И.М. Павлова 4 роҳи натиҷаи таълими маҳфилҳои технологиро муайян намудааст:

«1.даркнамоии нақши техникаву технология дар пешрафти ҷамъият;

2.инкишофи назари ягонаи соҳаи технологӣ, моҳият ва фарҳангу маданияти технологиву меҳнатӣ;

3.омӯзиши усулҳои фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ, таҳқиқотиву лоиҳавӣ, ҳалли масъалаҳои эҷодӣ, амсиласозӣ, тарҳсозӣ, ороиши маснуотҳо бо дарназардошти тарбияи зебоипарастӣ;

4.омӯзиши воситаҳову шаклҳои намоиши графикии раванди қоидаҳои иҷрои ҳуҷҷатҳои графикӣ» [12, с.541].

Вазифаи асосии маҳфилҳои фаннӣ додани дониши назариявию амалии амиқ, қонеъгардонии талаботҳои хонандагон, баландбардории шавқи онҳо нисбати фан ва фаъолияти эҷодӣ, ҷалбнамоии онҳо ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, эҳсоси ҳисси қаноатмандӣ аз фаъолияти меҳнатии худ ҳисобида мешавад.

Вобаста ба масъалаи муайянкунии ташкили корҳои беруназсинфӣ олими рус Н.Н.Козинес чунин вазифаҳоро муайян кардааст:

«1...муайянкунии шавқу ҳавас, майл, завқ, қобилият ва имконияти хонанда дар намудҳои гуногуни фаъолият;

2.фароҳамоварии шароит баҳри инкишофи фардии хонанда ҳангоми интихобнамоии самти фаъолияти интихобшуда;

3.ташаккул додани низоми дониш, қобилият, маҳорат байни хонандагон дар самти фаъолияти интихобшуда;

4.инкишоф додани таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ ва қобилияти эҷодии наврасону ҷавонон» [5, с.57].

Корҳои беруназсинфӣ қисми таркибии корҳои таълимӣ- тарбиявии муассисаи таҳсилоти умумӣ буда, он аз ҷониби худидоракунии хонандагон бо роҳбарии омӯзгорон ташкил ва баргузор карда мешавад.

Дар энсиклопедияи русии педагогӣ, ки соли 1993 ба нашр расонида шудааст, ба ҷойи мафҳуми «корҳои беруназсинфӣ» бештар мафҳуми «корҳои беруназдарсӣ» истифода шуда, чунин таъкид карда шудааст: «...вазифаҳои корҳои беруназсинфӣ: фароҳамоварии шароити мусоид барои нишон додани қобилияти эҷодӣ, мавҷудияти корҳои воқеӣ, ки

барои хонандагон дастрас буда, натиҷаи мушаххас дошта, ба хонанда барои хаёлот, тахайюлот, тасаввуроти фазоӣ, ғояҳои нав, унсурҳои бозӣ, дурнамо мусоидат намуда, ба қонеъ кардани талаботи хонандагон дар муошırати ғайрирасмӣ кумак мерасонанд» [13, с.387].

Олими рус В.Н.Шатская дар китоби худ таҳти унвони «Тарбияи зебоипарастии хонандагони даврони Шуравӣ» роҷеъ ба масъалаи корҳои беруназсинфӣ чунин таъкид кардааст: «...Корҳои беруназсинфӣ имконияти хуб барои ташкили муносибатҳои байнишахсӣ дар синф байни ҳамсинфон, байни хонандагон ва роҳбари синф, байни гурӯҳҳои гуногун буда, он ташкили коллективи хонандагон ва худидоракунӣ мебошад. Дар раванди корҳои бисёрҷонибаи беруназсинфӣ инкишофи манфиатҳои умумифарҳангии хонандагонро таъмин карда, ба ҳаллу фасли масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ мусоидат кардан мумкин мебошад» [15, с.120]. Оид ба шартҳои ташаккули корҳои беруназсинфӣ олими рус Е.А.Флерина чунин таъкид намудааст: «...Шарти асосии ташаккули кори беруназсинфӣ чун соҳаи худмуайянкунии озодии шахс татбиқи вариативӣ буда, барномаҳои фарқкунандаи педагогӣ, ки ниёзҳои гуногуни таълимиро аз рӯйи сабабҳову мундариҷа қонеъ мекунанд, ки асоси онҳо хонандагону волидони онҳо буда, эҳтиёҷоти мазкур бояд дохил шавад:

1.Талаботи эҷодӣ, ки аз хоҳиши волидон ва ҳам аз хоҳиши хонандагон бо мақсади инкишоф додани қобилиятҳои инфиродии хонандагон дар шакли интихобшудаи фаъолият вобастагӣ дорад.

2.Талаботи маърифатии хонандагону волидон, ки бо хоҳиши васеъкунии доираи дониш, дар соҳаҳои гуногуни берун аз барномаҳои таълимии мактабӣ муайян карда мешаванд.

3.Эҳтиёҷот ба муоширати хонандагону наврасон бо ҳамсолон, бузургсолон ва омӯзгорон.

4. Талаботи истироҳату фароғати хонандагони синнусолашон гуногун, ки бо хоҳиши онҳо дар вақти холигӣ ташкил карда мешавад» [14, с.99].

Маҳфил муҳити муошират ва фаъолияти муштаракро таъмин намуда, хонанда имкониятҳояшро санҷида, қарори зарурӣ қабул намуда, мутобиқ шуда метавонад.

Олими рус А.М.Матюшин вобаста ба масъалаҳои имкониятҳои маҳфил чунин таъкид доштааст: «...маҳфил имкон медиҳад, ки ниёзҳои гуногуни хонандагонро қонеъ намуда, инкишоф дода, бо ҳам пайваст намуда, ба қобилияти такмили минбаъдаи худ дар гуруҳҳои таълимӣ равона карда шавад» [9, с. 254].

Муваффақияти ҳалли масъалаҳои марбута аз дараҷаи иштироки фаъол дар маҳфили хонандагон вобаста буда, бештар аз сифатҳои шахсию касбии роҳбар вобастагии калон дошта, фаъолият, ҳаҷм, сохтор, давомнокии он дар маҳфил бо принсипҳои ихтиёрӣ, худидоракунӣ, ғайрирасмии муошират ислоҳ карда, дарсҳо дар намудҳои бозиҳо, мусобиқаҳову мусоҳибаҳо, дар шакли машғулият, муколамаи шарикони баробар гузаронида мешаванд. Унсури асосӣ ва хусусияти он шакли ифодаи натиҷа буда, аксар вақт дар мушаххасӣ таҷассум ёфта, бароmadҳои намоишии зоҳирӣ, консертҳову фестивалҳо, баҳсҳову семинарҳо ва ғайра дар заминаи маҳфилҳо, клубҳо, ҷамъиятҳои илмӣ, гурӯҳҳо ва монанди инҳо таъсис дода мешаванд.

Доираро метавон ҳамчун шакли қобили қабултарини иттиҳодия, ки ба сатҳи ибтидоии раванди таълим дар доираи барномаи таълимии яклухти муассиса мувофиқат

мекунад, баррасӣ кард. Мувофиқи гуфти Н.С.Боголюбова чунин самтҳои фаъолияти маҳфилҳо мавҷуд аст:

«1.техникӣ;

2.экологӣ-биологӣ;

3.сайёҳӣ-ҳунаршиносӣ;

4.касбӣ;

5.самти варзишӣ;

6.бадеӣ» [2, с.43].

Мақсад ва вазифаҳои корҳои беруназсинфӣ ҳангоми омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) чунин мебошанд:

1. татбиқ ва ташаккули маҳорат ва малакаи хонандагон дар раванди фанни технология (таълими меҳнат);

2.ҷалби хонандагон ба фаъолияти эҷодӣ дар асоси меҳнати истеҳсолӣ;

3.додани маълумоти назариявӣ оид ба равандҳои истеҳсолии асосии замони муосир;

4.тайёрии ҳаматарафа оид ба интихоби дурусти касб;

5.ташаккули муносибати дурусти хонандагон ба меҳнат.

Принсипи асосии бомуваффақият ба роҳ мондани корҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ аз дуруст ва самарнок ба нақша гирифтан вобастагӣ дорад. Новобаста аз шаклҳои корҳои беруназсинфӣ, онҳо бояд дар оғози соли хониш ба нақша гирифта шаванд. Дар нақшаи корҳои беруназсинфӣ бояд нуқтаҳои асосии чунин масъалаҳо ба назар гирифта шаванд:

1.номгуи маҳфилҳое, ки вуҷуд доранд, ё ин ки аз нав дар муассисаи таълимӣ ташкил карда мешаванд;

2.таъмини маҳфилҳо бо таҷҳизот, мавод ва аёниятҳои зарурӣ;

3.Мавҷудияти ҷадвали машғулияти маҳфил;

4.мавҷудияти ҷадвали чорабиниҳои оммавии беруназсинфӣ;

5.аниқ будани шумораи иштирокчиёну мутасаддиён оид ба омодагӣ ва гузаронидани чорабинӣ.

Мутасаддӣ ва ё роҳбари маҳфил дар бештари мавридҳо аз тарафи ташкилотҳои ҷамъиятии муассисаҳои таълимӣ интихоб мешаванд.

Фаъолияти меҳнатии хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар вақти иҷроиши корҳои беруназсинфӣ бештар характери истеҳсолиро соҳиб аст. Хонандагон дар раванди иҷрои корҳои беруназсинфӣ ба чунин намуди меҳнати истеҳсолӣ банд буданашон беҳтар аст, нисбати машғулиятҳои технология (таълими меҳнат).

Дар умум, шаклҳои корҳои беруназсинфӣ, ки дар пояи фанни технология (таълими меҳнат) ташкил карда мешавад, гуногун мебошанд: маҳфилҳо, клубҳо, воҳӯрӣ бо пешқадамон, саёҳатҳои истеҳсолӣ ва амсоли инҳо.

Дар таҷрибаҳои кории муассисаҳои таълимӣ маҳфилҳои гуногунро аз назар гузаронидан мумкин аст. Аз ҷиҳати робитаи байнифаннӣ маҳфилро ба 3 гурӯҳ ҷудо мекунанд:

1.маҳфили фаннӣ;

2.маҳфили байнифаннӣ;

3.маҳфили ғайрифаннӣ.

Маҳфили фаннӣ, чунин маҳфиле мебошад, ки бевосита ба фанни технология (таълими меҳнат) вобастагӣ дорад ва аз рӯйи мазмун давоми машғулятест, ки хонандагон дар устохонаи таълимии муассиса ба иҷро мерасониданд, аммо фаъолияти онҳо нисбатан мураккабу васеъ мешавад.

Ба қатори маҳфилҳои фаннӣ маҳфилҳои дӯзандагӣ, тарроҳиву шабадӯзӣ ва маҳфилҳои омехта дохил мешаванд.

Ба маҳфили байнифаннӣ маҳфили тарроҳӣ–техникӣ дохил мешавад ва объекти меҳнати хонандагон дар маҳфилҳо моделҳои гуногуни корҳои ороишӣ-амалӣ ба ҳисоб меравад. Роҳбарӣ дар намуди маҳфилҳои байнифанниро омӯзгорони фанҳои мухталиф ба ухда мегиранд.

Ба маҳфилҳои ғайрифаннӣ маҳфилҳои варзишӣ-техникӣ дохил мешаванд, ба монанди автомобилсозӣ, тайёрасозӣ, киштисозивӣ ва ғ.

**Муқарриз: Исломов О.А. - д.и.п., профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

### АДАБИЁТ


1. Бабанский Ю.К. и др. Оптимизасияи процесси педагогики / Ю.К. Бабанский, М.М.Поташник. - Душанбе: Маориф,1987. -232 с.
2. Боголюбова Н.С. Формирование творческих способностей учащихся средствами изобразительного искусства с учетом индивидуального подхода / Н.С. Боголюбова. - Москва: Галактика, 1993. - 209с.
3. Буйлова Л.Н.как организовать дополнительное образование детей в школе? /Л.Н.Буйлова, Н.В.Клёнова. -М.: АРКТИ, 2005.-278 с.
4. Гусакова А.М. Рукоделие в начальных классах. Пособие для учителя /А.М.Гусакова. -Москва: Инфра-М, 2009. -178 с.
5. Козинец Н.Н. Методика проведения занятий кружка в объединениях художественно-эстетической направленности /Н.Н. Козинец, М.В. Аксенова// Молодой ученый.-2016.-№6/2.-С.55-57
6. Коваленко В.И. и др. Объекты труда 5 классов /В.И.Коваленко, В.В.Кулененок. -М.: Просвещение. 1990.-124 с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»Душанбе, 2013.-36с.
8. Масолиев А.С. ва диг. Моҳияти ташаккули фаъолияти эҷодии омӯзгори ояндаи фанни санъати тасвирӣ тавассути санъати ороишӣ-амалӣ /А.С.Масолиев, Л.Х.Неъматов, М.Н.Алиева// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар 1/4 (68), 2019.-Бохтар: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума.-С.158-161.
9. Матюшкина А.М. Развитие творческой активности школьников / А.М.Матюшкина. - Москва:Педагогика, 1991- 160 с.
10. Методика трудового обучения и общетехнических дисциплин / Д.А. Тхоржевский. - Москва: Просвещение, 1982. -187 с.
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 21.12.2021.
12. Павлова М.И. Игровые технологии в дополнительном образовании детей /М.И. Палова// Молодой ученый.-2014.-№5.-С.543-546.
13. Российская педагогическая энциклопедия : В 2 т. Гл. ред. В. Г. Панов. - Москва: Большая Российская энциклопедия, 1993-1999.
14. Флерина Е.А. Эстетическое воспитание дошкольника /Е.А.Флерина. - Москва: Наука, 1961.-181 с.
15. Шацкая В.Н. Эстетическое воспитания советского школьника /В.Н.Шацкая// Художественное воспитание советского школьника. –Москва: Просвещение, 1947.-218 с.


## ЗАРУРАТИ ТАШКИЛИ МАҲФИЛИ ФАННӢ АЗ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ


Таҳлили педагогӣ нишон додааст, ки дар айни замон аз омӯзгорони оянда, ки муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгориро хатм мекунанд, ташаббускорӣ, мустақилият, масъулиятнокӣ, эҷодкорӣ талаб карда мешавад. Дар мақолаи илмии мазкур сухан бобати зарурати ташкили маҳфили фаннӣ аз фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ рафта, қайд мегардад, ки корҳои беруназсинфӣ, маҳфилҳо дар пойгоҳи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таълимии иловагӣ ба хонандагон имконият фароҳам меоварад, ки бо анъана, расму оин, арзишу ғояҳои миллӣ шиносоӣ пайдо намуда, дар коркарди ороишӣ малакаву маҳорат пайдо кунанд. Машғулиятҳои беруназсинфӣ на танҳо шавқ, ҳавас инчунин завқи бадеии хонандагонро инкишоф медиҳанд, инчунин онҳоро соҳиби дониши зарурӣ гардонида, малакаи меҳнатиашонро инкишоф дода, онҳоро барои фаъолияти меҳнатӣ бурдан омода менамоянд.



**Калидвожаҳо:** ташкил, маҳфил, корҳои беруназсинфӣ, технология (таълими меҳнат), эҷодиёт, фаъолияти эҷодӣ

## НЕОБХОДИМОСТЬ СОЗДАНИЯ ПРЕДМЕТНОГО КРУЖКА ПО ТЕХНОЛОГИИ (ТРУДОВОЕ ОБУЧЕНИЕ) В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

Педагогический анализ показал, что в настоящее время от будущих педагогов, окончивших высшие учебные заведения, требуется инициативность, самостоятельность, ответственность, творческий подход. В данной научной статье речь идет о необходимости создания предметного кружка по технологии (трудовое обучение) в общеобразовательных учреждениях, отмечается, что внеклассные мероприятия, кружки на материально-технической базе общеобразовательных учреждений, дополнительных учебных заведений дадут учащимся возможность познакомиться с традициями, обычаями, национальными ценностями и идеями, приобрести навыки в декоративно-прикладной обработке. Внеклассная деятельность не только развивает интерес, страсть, но и развивает художественный вкус, а также приобретает необходимые знания, развивает трудовые навыки и готовит их к трудовой деятельности.

**Ключевые слова**: организация, кружок, внеклассные мероприятия, технологии (трудовое обучение), творчество, творческая деятельность

## THE NEED TO CREATE A SUBJECT CIRCLE ON TECHNOLOGY (LABOR TRAINING) IN GENERAL EDUCATION INSTITUTIONS

Pedagogical analysis has shown that at present, initiative, independence, responsibility, and creativity are required from future teachers who have graduated from higher educational institutions. In this scientific article, we are talking about the need to create a subject circle on technology (labor training) in general education institutions, it is noted that extracurricular activities, circles on the material and technical base of general education institutions, additional educational institutions will give students the opportunity to get acquainted with traditions, customs, national values and ideas, acquire skills in decorative and applied processing. Extracurricular activities not only develop interest, passion, but also develop artistic taste, as well as acquire the necessary knowledge, develop work skills and prepare them for work.

**Keywords:** organization, circle, extracurricular activities, technology (labor training), creativity, creative activity

**Маълумот дар бораи муаллифон:*Раҳимов Умарҷон Абдурасулович* –** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, дотсент, кафедраи нақшакашӣ ва методикаи таълими он._**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков 1.Телефон: **(92-977-97-61)**

***Масолиев Абдулло Садриддинович-*** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, омӯзгори калон, кафедраи санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои халқӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков 1.E-mail: **abdullallo@mail.ru.** Телефон: **92-788-56-43**

**Сведения об авторах: *Рахимов Умарджон Абдурасулович-*** Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, доцент, кафедра технологии и методики её обучения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, городХуджанд, проспект Мавлонбекова 1. Телефон: **(92-977-97-61)**

***Масолиев Абдулло Садриддинович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, старший преподаватель, кафедра изобразительного искусства и народных ремесел. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, городХуджанд, проспект Мавлонбекова 1.E-mail: **abdullallo@mail.ru.** Телефон: **92-788-56-43**

**Information about authors:*Rakhimov Umarjon Abdurasulovich-*** Khujand State University named after Academician B. Gafurov, associate professor, department of technology and methods of its training. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov avenue 1.Phone: **(92-977-97-61)**

***Masoliev Abdullo Sadriddinovich*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Senior Lecturer, Department of Fine Arts and Folk Crafts. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov avenue 1.E-mail: **abdullallo@mail.ru.** Phone**: (92-788-56-43)**

ТДУ. 681.3+004

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ИСТИФОДАИ CASE-ТЕХНОЛОГИЯҲО ЧУН ВОСИТАИ ТАЪЛИМИ АМСИЛАСОЗИИ КОМПЮТЕРӢ

***Файзализода Б.Ф., Раҳимов Б.Н.***
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Информатика ва технологияҳои иттилоотӣ чун соҳаи илм ва чун роҳнамои истифодаи амалии техникаи компютерӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар нимаи дуюми асри XX ташаккул ёфтааст. Дар соҳаи илми информатика аввалин сарчашмаҳо инҳоянд: *кибернетика* (Н. Винер), *назарияи иттилоот* (К. Шенон, Р. Хартли), *назарияи алгоритмҳо* (А.М. Тюринг, Э. Пост, А. Марков), *архитектураи мошинаҳои электронии ҳисоббарор* Ҷон фон Нейман [13, С. 257].

К.К. Колин дар асари худ менависад, ки информатика давраи рушди босуръатро аз сар гузаронида, на танҳо барои илмҳои техникӣ ва табиӣ, балки барои илмҳои гуманитарӣ низ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Информатика бо ёрии техникаи ҳисоббарор аз фанҳои техникӣ дар бораи усулҳо ва воситаҳои коркарди маълумот ба илми бунёдӣ дар бораи иттилоот ва равандҳои иттилоотӣ на танҳо дар системаҳои техникӣ, балки дар табиат ва ҷомеа низ табдил ёфтааст [5, С. 4-14].

*Информатикаи муосир* – фанни мустақили илмӣ буда объекти омӯзиши он равандҳои иттилоотие мебошанд, ки дар табиат ва ҷомеа рӯй медиҳанд. Инчунин усулу воситаҳои техникӣ, иҷтимоӣ, биологӣ ва физикӣ низ чун объекти таҳқиқот баромад мекунанд. Мавзуъ (предмет)-и омӯзиши он хусусияту қонуниятҳои асосии равандҳои иттилоотӣ дар табиат ва ҷомеа, вижагиҳои зуҳуроти онҳо дар муҳити гуногуни иттилоотӣ (техникӣ, физикӣ, биологӣ ва иҷтимоӣ), усулу воситаҳои татбиқи онҳо дар соҳаҳои гуногуни таҷрибаи иҷтимоӣ мебошад [5, С. 4-14].

Сохтори соҳаи фанни информатикаи муосир, ки дар Кунгураи II Байналмилалии ЮНЕСКО *«Таҳсилот ва информатика»* пешниҳод гардидааст, информатикаи назариявӣ, воситаҳои иттилоотисозӣ, техникаҳои иттилоотӣ ва информатикаи иҷтимоиро дар бар мегирад [11].

Якҷоя бо рушди информатика чун илм курси ҳамноми таълимӣ низ ташаккул ёфтааст. Соли 1985 курси таълимии информатика ба сохтори таҳсилоти мактабӣ дохил карда шуд, дар илмҳои педагогӣ бошад, дар пойгоҳи факултетҳои информатика, математика, техникӣ ва технологӣ, физика, механика математика самти омодасозии омӯзгорон аз рӯи ихтисоси иловагӣ - *«информатика»* оғоз ёфт. Дар доираи чунин тайёрӣ ба ташаккули тафаккури алгоритмӣ ва барномасозӣ барои МЭҲ диққати калон дода мешуд.

Дар барномаҳои омодасозӣ ба низоми маълумоти умумӣ ва миёна информатика чӣ тавр пешниҳод гардидааст?

Ба ақидаи олими тоҷик, профессор Ф.С. Комилиён мақсадҳои таълими информатика инҳоянд:

– ташаккули фарҳанги нави иттилоотии ҷомеа, ки онро маҷмуи меъёрҳои касбӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии рафтори одамон дар муҳити нави баланд автоматикунонидашудаи иттилоотии зисти одамони асри XX ташкил медиҳад;

– ташаккули ҷаҳонфаҳмии яклухт ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ, ки ба эътирофи ягонагии қонунҳои иттилоотӣ дар табиат ва ҷомеа, инчунин ба дарки нақши пешбарандаи иттилоот дар равандҳои эволютсионӣ ва таъмини фаъолияти ҳаётии системаҳои табиӣ ва иҷтимоӣ асос меёбад;

– омодасозии элитаи зеҳнии ҷомеа ба азхудкунии методологияи нави тадқиқоти илмӣ, ки асоси онро муносибати иттилоотӣ чун методи функсионалии дарки табиат, инсон ва ҷомеа ташкил хоҳад дод;

– омодасозии одамони соҳибмаърифат ва мутахассисони баландихтисос, ки дар шароити иттилоотисозии ҷомеа ва рушди технологияҳои нави иттилоотӣ ба рушди касбӣ

қобиланд [6, С. 68-79].

Сохтор, мундарича ва ҳаҷми омодасозии омӯзгорони ояндаи соҳаи информатика ва технологияи иттилоотӣ аввалин маротиба аз тарафи В.И. Ефимов, М.П. Лапчик ва В.К. Розов пешниҳод гардидаанд [10, С. 32-39]. Информатика соли 1986 ба нақшаи таълимии омодасозии омӯзгорони оянда дохил карда шуд. Асоси консепсияи ин нақшаҳоро принсипи азхудкунии муттасил ва маҷмуии донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалии истифодаи воситаҳои иттилоотикунонӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар давоми таҳсилот дар донишгоҳҳои равияи омӯзгорӣ ташкил медод. Дар байни фанҳои таълимӣ фанҳое фарқ карда мешуданд, ки ба ташаккули системаи донишҳо аз рӯи асосҳои информатика ва техникаи ҳисоббарор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат менамоянд, инчунин фанҳое, ки мазмуни онҳо бо азхудкунии воситаҳои техникии иттилоотисозии таҳсилот, донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалии истифодаи воситаҳои иттилоотикунонӣ ва ТИ, бо ташаккули тасаввуроти ҷамъбастӣ дар бораи раванди иттилоотикунонии таҳсилот алоқаманд аст, нигаронида шудаанд [14, С. 196].

Ф.С. Комилиён дар асарҳои худ менависад, ки маҷмуи фанҳои асосии ба компютер нигаронидашудаи нақшаи таълимии омодасозии омӯзгорон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд, яъне омодасозии фаннӣ ва омодасозии технологии омӯзгор. Чунин тақсимшавӣ бо ду самти муҳимми истифодаи компютерҳо дар таҳсилот алоқаманд аст: *компютер чун воситаи таҳқиқот* (истифодаи ТИ барои корҳои тадқиқотӣ дар соҳаҳои фаннии донишҳо, яъне дар соҳаҳои математика, физика, химия, филология, география, таърих, химия ва ҳ.к.); *компютер чун воситаи таълим* (барои татбиқи технологияҳои таълимӣ) [7, С. 96].

Соҳаи омодасозӣ ба фанни информатика ва ТИ, ба андешаи М.П. Лапчик, фаслҳои умумитаълимии курси информатика, инчунин замимаҳои информатикаро, ки бо дарназардошти вижагиҳои фаъолияти мушаххаси равияи фаннии омӯзгорон муайян мегарданд, дар бар мегирад. Соҳаи омодасозии технологӣ аз дидактикаи таҷдидшуда (фаслҳои нави он, ки нақши технологияҳои компютериро дар таълим асоснок мекунанд, дар назар дошта мешавад), методикаи таълими фан ва таҷрибаи педагогӣ иборат аст [10, С. 32-39].

Ф.С. Комилиён ва Б.Ф. Файзализода дар асарҳояшон менависанд, ки мундариҷаи барномаи таълимӣ оид ба омодасозии донишҷӯён-бакалаврҳои таҳсилоти педагогӣ дар соҳаи информатика ва ТИ ба азхудкунии системаи донишҳои назариявӣ, маҳорату малакаҳои амалӣ дар соҳаи информатика ва ТИ бо мақсади рушди салоҳиятҳои универсалӣ ва касбӣ, дар соҳаи таълим дар самтҳои гуногуни таҳсилот, ба коркард ва истифодаи захираҳои электронии таълимӣ барои рушди муҳити рақамии иттилоотӣ-таълимии МТМУ бояд равона гардад [15, С. 150-154].

Т.К. Копишева ва Ю.В. Григорев курсҳои махсуси алоҳида, лоиҳаҳои эҷодиро, ки фанҳои мавҷударо пурра хоҳанд сохт, ба омодасозии касбии омӯзгорони оянда дохил кардаанд. Муаллифон қайд намудаанд, ки дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифаҳои зерин истодаанд:

– омодасозии қаблии омӯзгорони ояндаи информатика бо дарназардошти пайдошавии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии ояндадор барои таҳсилот (воқеияти виртуалӣ, технологияҳои иловагӣ);

– баланд бардоштани ҳавасмандӣ, аз тарафи омӯзгорон истифода бурдани ТИК дар фаъолияти ояндаи омӯзгорӣ [9, С. 146-153].

Ҳоло ба барномаҳои омодасозии касбии омӯзгорони оянда фанҳое дохил карда шудаанд, ки гирифтани донишҳо дар соҳаи информатика ва омӯзониданаш дар фаъолияти касбӣ истифодабарии ТИК-ро дар назар дорад.

Ҳамзамон, барномаҳои омодасозии касбии омӯзгорони ояндаи информатика, ки ба сохтори онҳо се блоки амсилаи зерин дохиланд, сермазмунанд:




**Расми 1. – Амсилаи омодасозии касбии омӯзгорониояндаи информатика**

Ба блоки амсилаи омодасозии фаннӣ фанҳое дохиланд, ки мазмуни онҳо барои татбиқи курси мактабии технологияи иттилоотӣ аз синфҳои 5 то 11 зарур аст ва инчунин фанҳое, ки ба фаслҳои информатикаи бунёдӣ мансубанду бо фаъолияти омӯзгор ва мундариҷаи барномаҳои таълимии мактабӣ алоқаи бевосита доранд.

Амсиласозии компютерӣ яке аз фаслҳои бунёдии информатика мебошад. Рушди технологияҳои амсиласозии компютерӣ ва васеъсозии соҳаи истифодаи он ба гуфтани он, ки омӯзгорони информатика дар бораи нақши амсиласозӣ дар илм ва таҷриба бояд тасаввурот дошта бошанд, инчунин усулҳои асосии амсиласозиро бо истифода аз техникаи компютерӣ бояд аз худ кунанд, имкон медиҳад. Курси таълимии *«Амсиласозии компютерӣ»* аз соли 1995 ба рӯйхати фанҳои ба омодасозии омӯзгорони информатика нигаронидашуда дохил карда шуд.

Мутахассисони соҳа менависанд, ки курси *«Амсиласозии компютерӣ»* (Барномаи таҳсилотӣ аз рӯи самт (ихтисоси) 1-08 01 01-01 01 – информатика *«тахассус – педагог-муҳандис»*) ба ташаккули тасаввурот дар бораи амсиласозии компютерӣ чун воситаи пурзӯре, ки барои таҳқиқот ва таҳлили намудҳои гуногуни фаъолият ба таври васеъ истифода мегардад, нигаронида шудааст.

Ном, рамз ва гурӯҳи ихтисоси 1-08 01 01-01 01 – Информатика ба Таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №349 аз 30-июни соли 2007 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Барномаи бакалавриат аз рӯи ихтисоси 1-08 01 01-01 01 – Информатика тибқи Шаҳодатномаи АУ №0002466, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 04.01.2018, таҳти №3158 аз ҷониби Агентии давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудааст.

Барномаи таҳсилотии мазкур аз рӯи ихтисоси 1-08 01 01-01 01 – Информатика моҳи марти соли 2022 таҷдиди назар гардида, аз соли таҳсили 2022-2023 мавриди татбиқ қарор дода шудааст.

Тибқи барномаи намунавии фанни *«Амсиласозии компютерӣ»* аз рӯи ихтисоси 1-03 01 00 *«информатика»*, ки соли 2000-ум пешниҳод гардид, мақсади асосии курс – *«васеъсозии тасаввуроти донишҷӯён-бакалаврон дар бораи амсиласозӣ чун усули идроки илмӣ, шиносоӣ бо истифодаи компютер чун воситаи идрок ва фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ»* [3].

Ба мақсадҳои асосии фанни *«Амсиласозии компютерӣ»* К.А. Бабкин ва О.М. Бабкина инҳоро мансуб медонанд: дар донишҷӯён-бакалаврҳо ташаккул додани донишҳои назариявӣ дар бораи асосҳои амсиласозӣ дар маҷмӯъ ва аз ҷумла, касби малакаҳои амалии сохтани амсилаҳои намудҳои гуногун ва гузаронидани озмоишҳо бо амсилаҳо дар компютер. Ба андешаи муаллифон, вазифаҳои омӯзиши фан инҳоянд:

– касби донишҳо дар бораи принсипҳои асосии амсиласозӣ дар маҷмӯъ ва аз ҷумла системаҳои иттилоотӣ, дар бораи ташкили системаҳои амсиласозӣ, дар бораи забонҳои муосири амсиласозӣ, имконоту тамоюлҳои рушди онҳо;

– касби маҳоратҳо дар сохтани амсилаҳои начандон мураккаби амалӣ оид ба ихтисос, банақшагирии озмоиши амсилаҳо, шарҳи натиҷаҳои он ва истифодабарӣ аз усулҳои амсиласозӣ зимни ҳалли масъалаҳои гуногуне, ки бо таҳлил ва синтези системаҳои иттилоотӣ алоқамананданд [2, С. 11-15].

Мақсади курси таълимии *«Амсиласозии компютерӣ»* барои донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ (Барномаи таҳсилотӣ аз рӯи самт (ихтисоси) 1-08 01 01-01 01 – информатика *«тахассус – педагог-муҳандис»*)-ро Б.Ф. Файзализода чунин муайян мекунад: пешниҳоди маълумоти асосӣ дар бораи усулҳои муосири сохтан, татбиқ намудан ва таҳқиқот бурдани амсилаи объектҳо, равандҳо ва системаҳои хусусиятҳои гуногундошта; васеъсозии тасаввуроти хонандагон дар бораи амсиласозӣ чун дар бораи идроки илмӣ; шиносоӣ бо методологияи амсиласозӣ; рушди маҳоратҳо дар истифодабарӣ аз компютер чун воситаи идрок дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти амалӣ ва тадқиқотҳои илмӣ; рушди маҳоратҳо дар истифодабарӣ аз усулҳои амсиласозӣ барои ҳалли масъалаҳои мушаххас; ташаккули малакаҳо дар соҳаи амсиласозии равандҳо ва системаҳои хусусияти гуногундошта, инчунин дар соҳаи таҳсилот [15, С. 150-154].

Муаллиф вазифаҳои зерини курсро муайян менамояд:

– ёд додани истифодабарии амсиласозӣ дар фаъолияти касбӣ; шиносоӣ бо усулу технологияҳои муосири сохтани амсилаҳо ва гузаронидани озмоишҳои амсилавӣ дар намудҳои гуногуни фаъолияти илмӣ ва амалӣ;

– омодасозии назариявӣ ва амалии омӯзгорони оянда ба ташкилу гузаронидани аз ҷиҳати методӣ дурусти машғулиятҳо бо истифодаи воситаҳои амсиласозӣ ва коркарди амсилаҳо, ба таълими фасли мувофиқи стандарти таълимӣ оид ба курси информатика;

– таълими истифодаи самараноки амсилаҳо, амсиласозӣ ва озмоиши амсилавӣ дар раванди таълим;

– шиносоӣ бо имкониятҳои технологияҳои муосири амсиласозии компютерӣ дар доираи татбиқи таълиме, ки ба рушди қобилиятҳои маърифатӣ ва эҷодӣ, ба ташаккули низоми яклухти донишҳо, маҳорату малакаҳои универсалӣ, инчунин фаъолияти мустақилона, яъне ба рушди салоҳиятҳои калидӣ, ки сифати таҳсилоти муосирро муайян менамоянд, нигаронида шудааст;

– рушди иқтидори эҷодии омӯзгорони оянда, ки барои худомӯзии оянда дар шароити рушд ва такмили муттасилии ТИ зарур аст.

Ба андешаи Б.Ф. Файзализода, омӯзиши усулҳои амсиласозии компютерӣ барои омодасозии омӯзгорониояндаи информатика, аҳамияти калон дорад, чунки дар курси мактабии информатика асосҳои амсиласозии компютерӣ (амсиласозии системаҳои мутаҳаррик, масъалаҳои амсиласозии оморӣ ва муқаллидӣ, амсиласозии донишҳо, графикаи компютерӣ ва ҳ.к.) баррасӣ мегарданд [15, С. 150-154].

Бо дарназардошти доираи васеи ақидаҳо оид ба аҳамият ва вижагиҳои амсиласозии компютерӣ чун фасли информатика омӯзгорони курси таълимии *«Амсиласозии компютерӣ»* муносибатҳои гуногунро ба сохтори мундариҷаи омодасозии омӯзгорони информатика дар соҳаи амсиласозии компютерӣ пешниҳод мекунанд.

Ба мундариҷаи курси таълимии амсиласозии компютерӣ (Барномаи таҳсилотӣ аз рӯи самт (ихтисоси) 1-08 01 01-01 01 – информатика *«тахассус – педагог-муҳандис»*) муҳаққиқ А.О. Абдураҳимов инҳоро дохил мекунад:

1) мафҳумҳои амсилаи компютерӣ ва амсиласозии компютерӣ;

2) мафҳуми амсилаи математикӣ, таснифоти гуногуни амсилаҳои математикӣ, давраҳои асосии лоиҳаи математикии ҳодисоти гуногуни табиат ва соҳаҳои фаъолияти инсон, намудҳои гуногуни амсилаҳои математикӣ: амсилаҳои тасвирӣ; амсилаҳои бозӣ; амсилаҳои муқаллидӣ ва ғайра;

3) омӯзиши васоити амсиласозӣ;

4) коркарди амсилаҳои мушаххаси компютерӣ, ки сатҳи мушкилоти онҳо ба махсусияти таълим дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ бояд мувофиқ бошад [1, С. 170-174].

Инҳо яке аз пакетҳои машҳури барномавӣ ва муосири ҳисобкуниҳои математикӣ, илмиву муҳандисӣ ба шумор мераванд, ки дар он коркарди масъалаҳои математикӣ ва физикӣ, кор бо функсияҳову графикаҳо ба таври васеъ ҷой дорад. *Mathematical Computer Aided Design* тарҷумааш аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ *«лоиҳакашии автоматикии математикӣ бо ёрии компютер»* буда, барои ҳалли масъалаҳои фанҳои дақиқ ва муҳандисӣ истифода бурда мешавад. Тавассути ин барномаҳо масъалаҳои гуногунро ҳам дар намуди ададӣ ва ҳам аналитикӣ (символӣ – рамзӣ) ҳал намудан мумкин аст.

Дар барномаи намунавӣ, ки соли 2012 аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст, мундариҷаи фанни *«Амсиласозии компютерӣ»* фаслҳои зеринро дар бар мегирифт: омодасозӣ чун усули идрок; амсилаҳои иттилоотӣ; мафҳумҳои муҳимтарине, ки бо амсиласозии математикӣ алоқамананд; намунаҳои амсилаҳои математикӣ дар физика, химия, биология, иқтисодӣ ва сотсиология; технологияи амсиласозии математикӣ ва давраҳои он; усулҳои математикӣ ва гуманитарии пешгӯии амали якҷояи онҳо; амсиласозии муқаллидӣ; амсиласозии системаҳои стохастикӣ; амсилаҳои таълимии компютерӣ; графикаи компютерӣ ва амсиласозии геометрӣ [3].

Ба сохтори курси *«Амсиласозии компютерӣ»* барои омодасозии донишҷӯён-бакалаврҳои ихтисоси 1-08 01 01-01 01 – информатика *«тахассус – педагог-муҳандис»* олимон-мутахассисони соҳа Б.Ф. Файзализода, А.О. Абдураҳимов, М.Т. Гулова, Ҳ.С. Маҳмадалиев ду фаслро дохил мекунанд: асосҳои назариявии амсиласозии компютерӣ (ҷамъбасти маводи назариявӣ аз рӯи фанни *«Амсиласозии компютерӣ»*) ва практикуми озмоишӣ [15, С. 150-154].

Сохтор ва мундариҷаи фанни «Амсиласозии компютерӣ» ва методҳои салоҳиятнокии таълим, ки бояд донишҷӯ-бакалавр дар натиҷаи маводи омӯзишӣ дар ин бахш истифода барад, дар ҷадвали 1 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 1. – Мундариҷаи фанни «Амсиласозии компютерӣ» бо методҳои салоҳиятнокии таълим (муаллифон Б.Ф. Файзализода, А.О. Абдураҳимов, М.Т. Гулова, Ҳ.С. Маҳмадалиев)**

| **Тавсифи мухтасари фан** | **Амсиласозии компютерӣ барои омӯхтани усулҳои сохтани амсилаҳои математикии протсессҳои ҳаётӣ ва тадқиқи онҳо хизмат мекунад** |
|---|---|
| **Намуди машғулиятҳо** | лексионӣ, амалӣ, озмоишӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор |
| **Забони таълим** | тоҷикӣ |
| **Салоҳиятҳое, ки дар донишҷӯ зимни азхуднамоии фанни мазкур ташаккул бояд ёбанд** | мақсади омӯзиши фан мусаллаҳ шудан ба донишҳо оид ба алгоритмсозӣ дар асоси амсилаи сохташуда иборат мебошад;<br>ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯ дар раванди таълим бояд бо истифодаи усулҳои интерактивии гузаронидани семинар, мастер-классҳо дар реҷаи муколама, амсилакунонии компютерӣ ва таҳлили амалии натиҷаҳо, баҳсҳои илмӣ, корҳои таҳқиқотии донишҷӯён, конференсияҳо ва корҳои берунаудиторӣ ба роҳ монда шавад;<br>дар доираи омӯзиши курсҳои таълимӣ бояд гузаронидани вохӯриҳо бо намояндагони ширкатҳои дохилӣ ва хориҷӣ, созмонҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, коршиносон ва мутахассисон пешбинӣ карда шавад. |
| **Натиҷаҳои таълимие, ки аз тадриси фан ба даст меоянд** | Донишҷӯе, ки фанни мазкурро аз худ кардааст, бояд<br>***Чиро донад:***<br>донистани усулҳои амсиларонии математикӣ ва алгоритмӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои татбиқӣ;<br>донистани усулҳои амсиларонии математикӣ ва алгоритмӣ ҳангоми таҳлили проблемаҳои назарӣ ва масъалаҳо;<br>донистани шаклхои проблемавӣ - супоришии пешниходи донишхои компютерӣ;<br>донистани шаклҳои проблемавӣ - супоришии пешниҳоди донишҳои табиатшиносӣ.<br>***Чиро тавонад:***<br>қобилиятнокии истифодаи донишҳо дар амалия;<br>қобилияти дарёфти донишҳои нав бо истифодаи технологияи муосири маърифатӣ ва иттилоотӣ; |

| | |
|---|---|
| | қобилияти фаҳмиши моҳият ва аҳамияти иттилоот дар рушди ҷомеаи муосир, риояи талаботи асосии бехатарии иттилоот, аз ҷумлаи ҳифзи манфиати давлатӣ.<br>***Чиро аз худ намояд:***<br>азхудкунӣ бо усулҳои амсиларонии алгоритмӣ ҳангоми таҳлили гузориши масъалаҳои технологияи иттилоотӣ;<br>тасвири аниқи дониши технологияи иттилоотӣ дар шакли шифоҳӣ;<br>азхудкунии асосҳои маҳорати педагогӣ;<br>имконияти таълимдиҳии фанҳои технологияи иттилоотӣ ва математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус дар асоси таълими фундаменталӣ. |
| **Номгӯи боб/мавзуъҳои фан** | Мафҳуми амсила ва амсиласозӣ. Давраҳои асосии амсиласозӣ. Амсиласозии иттилоотӣ. Муносибатҳои гуногун ба таснифоти амсилаҳои математикӣ. Гузориши масъала. Амсиласозӣ ҳамчун марҳилаи ҳалли масъала бо ёрии компютер. Нақши амсила дар иҷрои барнома. Амсилаҳои консептуалӣ ва математикӣ. Усулҳои сохтани амсилаҳо. Принсипҳои амсиласозӣ. Асосҳои назариявӣ ва сохтани амсилаҳо. Амсиласозии математикӣ ва компютерӣ. Мафҳуми тренд. Таҳлили каторҳои динамикӣ. Намуди трендҳо. Амсиласозӣ дар асоси трендҳо. Трендҳои хаттӣ, параболикӣ, экспоненсиалӣ, логарифмӣ, дараҷагӣ, гиперболикӣ, полиномиалӣ. Технологияи кор бо трендҳо. Масъалаҳо оид ба трендҳо. Таҳлили якфактора. Амсилаи сарбаст ва кушодаи масъалаи нақлиёт. Амсилаи умумии масъалаи нақлиёт. Амсиласозии системаҳои стахастикӣ. Амсиласозии геометрӣ ва графикаи компютерӣ. Сохтори амсилаҳои иттилоотӣ дар вироишгарони ҷадвалӣ. Амсиласозии ҷараёнҳо дар ҷадвалҳои электронӣ. Амсиласозии вазъиятҳо дар ҷадвалҳои электронӣ. Амсиласозии компютерӣ бо воситаҳои барномаҳои педагогӣ. Пешгӯии вазъиятҳо бо истифода аз барномасозӣ. |
| **Васоити таълимӣ ва таъминоти техникии фан** | Компютери фардӣ, проектор, тахтаи электронӣ |
| **Шаклҳои назорати ҷорӣ** | Иҷрои супоришҳои тестӣ, ҳимояи ҳисоботи корҳои озмоишӣ, гузаронидани суҳбати инфиродӣ |
| **Шакли арзёбии натиҷаи ниҳоии таълими фан** | Имтиҳон (тестӣ, компютерӣ) |

Фанни таълимии *«Амсиласозии компютерӣ»*, ки аз тарафи олимон-мутахассисони соҳа: Б.Ф. Файзализода, А.О. Абдураҳимов, М.Т. Гулова, Ҳ.С. Маҳмадалиев барои донишҷӯён-бакалаврҳои ихтисоси 1-08 01 01-01 01 – информатика *«тахассус – педагог-муҳандис»*-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав пешниҳод гардидааст, самтҳои зеринро фаро мегирад: мафҳумҳои амсила ва амсиласозӣ, амсилаҳои абстрактӣ ва натуралӣ, амсиласозӣ дар илму техника, амсиласозии компютерӣ, муносибати системавӣ ба амсиласозӣ; таснифоти амсилаҳо, муносибатҳои гуногун ба таснифоти амсилаҳо; амсилаҳои математикӣ; амсилаҳои системаҳои динамикӣ; амсилаҳо бо параметрҳои тақсимкунандагӣ; озмоиши ададҳо; саҳеҳияти амсилаи ададӣ; рафтори бетартибонаи системаҳои муқарраршуда; амсилаҳои муносибшуда ва серкритерия; амсилаҳои компютерӣ дар физика, биология, экология ва иқтисодиёт; амсилаҳои муқаллидии алгоритмӣ; алгоритмҳои амсиласозии бузургиҳои дискретии тасодуфӣ; амсиласозии

ҳодисоти тасодуфӣ ва системаҳои стохастикӣ; амсиласозии системаҳои хизматрасониҳои оммавӣ; воситаҳои барномавии амсиласозӣ, воситаҳои барномавии амсиласозии фаннӣ; амсилаҳои иттилоотӣ, объектҳо ва алоқаҳо, сохторҳои асосӣ; амсилаҳои геометрӣ ва графикаи компютерӣ.

Консепсияи асосии курси мазкур ин амсиласозӣ бе барномасозӣ дар асоси маҷмуи нармафзорҳои барномавии амсиласозӣ Model Vision Studium, Simulink ё вироишгарони ҷадвалӣ мебошанд [7, С. 68-69].

Ф.С. Комилиён, Б.Ф. Файзализода, И.М. Саидзода, М.Р. Ёров, Ш.Х. Тағоев барнома-силлабуси намунавии фанни «Амсиласозии компютерӣ»-ро барои МТОК равияи омӯзгорӣ барои ихтисосҳои («тахассус – омӯзгор», равияи 1-02 05 05 – информатика-математика, 1-08 01 01 01-01 – информатика, равияи 1-02 05 03-02 – математика информатика, равияи 1-03 02 02-01 – математикаи амалӣ ва информатика, равияи 1-02 05 04-02 – физика-информатика, равияи 1-02 05 04-05 – физика, информатика-астрономия таҳия кардаанд.

Олими соҳа профессор Ф.С. Комилиён қайд мекунад, ки азхудкунии усулҳои амсиласозии компютерӣ самаранок мегардад, агар он ба фаъолияти донишҷӯён-бакалаврҳо оид ба ташкилу омӯзиши барномаҳои сершумори компютерӣ, ки ҷараёнҳои биологӣ, физикӣ ва иҷтимоиро амсиласозӣ менамоянд, такя кунад. Азбаски донишҷӯён-бакалаврҳо ба ҷанбаҳои амалии ташкили амсилаҳои компютерӣ ва истифодаи онҳо барои таҳқиқи объектҳо (ҷараёнҳо)-и гуногун бояд сарфаҳм раванд, муаллиф барои сохтани амсилаҳои компютерӣ истифодаи забонҳои барномасозии Pascal.ABC.net, Scratch, Python, C++, JavaScript, вироишгарони ҷадвалии Microsoft Excel, бастаи математикии MathCAD, бастаи амсиласозии ҷузъии Electronics, Worhbench, системаи амсиласозии муқаллидии GPSS-ро зарур медонад. Ҳамзамон, ба он диққат медиҳад, ки воситаи асосии асбобии амсиласозӣ забонҳои барномасозии Scratch ва Python мебошад, чунки:

– асосҳои барномасозиро дар МТМУ ва МТОК аз забони барномасозии Scratch ва Python меомӯзанд;

– забони барномасозии Scratch ва Python барои кор бо массивҳо ва графикаи компютерӣ имконияти васеъ медиҳад, татбиқи алгоритмҳои гуногунро имконпазир мегардонад;

– барномаҳое, ки ба забонҳои барномасозии Scratch ва Python навишта шудаанд, ба дилхоҳ барномасоз фаҳмоянд ва ба осонӣ ба дигар забонҳои барномасозӣ тарҷума мешаванд (Borland Delphi, Visual Basic ва ҳ.к.) [7].

Дар барномаҳои асосии намунавии таълимии МТОК, ки соли 2012 оид ба самти омодасозии мутахассисони босалоҳият (равияи *«Информатика»*) пешниҳод гардидааст, фанни *«Амсиласозии компютерӣ»* ба синни касбӣ дохил карда шудааст [12].

Таҳлили барномаҳои фанни *«Амсиласозии компютерӣ»*, ки мувофиқи «маълумоти педагогӣ» (Стандарти давлатии соли 2012 тасдиқшуда), имкон дод, ки фаслҳои зерини ба мундариҷаи фан дохилнамудаи муаллифонро ҷудо кунем: амсиласозӣ чун усули идрок; амсилаҳои иттилоотӣ; амсилаҳои математикӣ; намунаҳои амсилаҳои математикӣ (дар химия, биология, экология, иқтисодиёт); амсиласозии системаҳои стохастикӣ, амсиласозии муқаллидӣ.

Ҳамин тариқ, таҳлили муносибатҳо, ки ба омодасозии омӯзгорони оянда информатика дар соҳаи амсиласозии компютерӣ ва ҷудо кардани масъалаҳои асосие, ки асоси курсро ташаккул медиҳанд, имкон медиҳад, дар амсила нишон дода шудааст:




**Расми 2. – Амсилаи муносибатҳо ба омодасозии омӯзгорониояндаи информатика**

Рушди технологияҳои амсиласозии компютерӣ, васеъшавии соҳаи корбурди он ба гуфтани он, ки барои омӯзгорони информатика доштани тасаввурот дар бораи нақши амсиласозӣ дар илм ва таҷриба, инчунин азхудкунии усулҳои асосии амсиласозӣ бо истифода аз техникаи компютерӣ зарур аст, имкон медиҳад.

Профессор М.К. Юнусӣ дар яке аз асарҳояш қайд мекунад, ки амсиласозии компютериро дар фаъолияти касбӣ истифода бурда, омӯзгор зимни баёни фанни худ имкониятҳои иловагӣ пайдо мекунад. Сохтани амсилаҳо ва гузаронидани озмоишҳои амсилаҳо дар таълимгирандагон дарки амиқтари қонунҳои бавуҷудоии ҷараёнро ҳосил менамояд. Он, инчунин, ба амиқсозӣ ва васеъсозии донишҳо дар фанни мушаххас, ба рушди фаъолнокии маърифатии таълимгирандагон мусоидат мекунад [16, С. 167-173].

Чӣ тавре ки мебинем, омӯзиши амсиласозии компютерӣ ҳам дар доираи умумии омодасозии омӯзгорони информатика, ҳам дар ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии ӯ ва омодагӣ ба ташаккули раванди таълим бо истифода аз технологияҳои амсиласозии компютерӣ давраи муҳим ҳисоб меёбад.

Усулҳои анъанавии таълими амсиласозии компютерӣ маърузаҳо ва машғулиятҳои лабораторӣ мебошанд. Машғулиятҳои маърузавӣ ба ташаккули донишҳои амиқу системанок дар соҳаи амсиласозии компютерӣ равонаанд. Дар машғулиятҳои лабораторӣ асосҳои мафҳумҳои курс ва маҳорати истифодабарӣ аз донишҳои гирифташуда, малакаҳои базавии сохту таҳқиқи амсилаҳо ташаккул меёбанд.

Чӣ тавре, ки мебинем, омодасозии омӯзгорони информатика ташаккули донишҳои системанокро дар соҳаи амсиласозии компютерӣ, маҳорату малакаҳои базавиро дар сохтану таҳқиқи амсилаҳо, инчунин ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ва тадқиқотии омӯзгорониояндаро дар назар дорад. Чунин серпаҳлуии масъалаҳои омодасозии омӯзгор проблемаи ҷустуҷӯи усулҳо ва технологияҳои навро муҳим мегардонад. Дар чунин ҳолат иқтидори асосиро, ба ақидаи мо, Case-технологияҳо доранд, чунки дар асоси комплекси масъалаҳои омодасозии фаннӣ ва тадқиқотии омӯзгорони информатика ҳалли худро меёбанд.

**Case-технология** (Computer Aided Software System Engineering / Нармафзори ёрирасони компютерӣ / муҳандисии система) асбобҳое мебошанд, ки дар тарҳрезии система истифода мешаванд. Технологияҳои Case тамоми маҷмуи корҳоро оид ба эҷод ва нигоҳдории нармафзор (асосан таҳлил ва таҳия, таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, рамзгузорӣ ва санҷиши система) фаро мегиранд.

Case-технологияҳо ба худ як қатор хусусиятҳои хос дорад:

– дорои асбобҳои графикӣ барои тарҳрезӣ ва ҳуҷҷатгузории амсилаи системаи иттилоотӣ;

– дорои анбори додаҳо, ки ба таври махсус ташкил карда шудааст, дорои маълумот дар бораи шаклҳои лоиҳа ва ҷузъҳои алоҳидаи он;

– васеъ намудани имкониятҳои рушди система тавассути ҳамгироии якчанд ҷузъҳои технологияҳои Case.

Case-технология воситаҳои муосири технологияҳои зиёди амсиласозии системаҳои иттилоотиро дастгирӣ мекунад, ки аз усулҳои одии таҳлил ва танзим то асбобҳои автоматикунонии пурраи равандҳо дар тамоми давраи ҳаёти нармафзор иборатанд.

Технологияҳои CASE-ро аз рӯйи шакли функсионалӣ чунин тасниф кардан мумкин аст:

– воситаҳои амсиласозии компютерии доменҳо;
– воситаҳои таҳлил ва тарҳрезӣ;
– технологияҳои тарҳрезии схемаҳои пойгоҳи додаҳо;
– воситаҳои таҳияи барномаҳо;
– технологияҳои инженерии рамзӣ (кодӣ) барномаҳо ва схемаҳои пойгоҳи додаҳо.

**АДАБИЁТ:**


1. Абдураҳимов, А. О. Моделсозӣ дар раванди ҳалли масъалаҳо [Матн] / А.О. Абдураҳимов, П.А. Абдурахимов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2018. – №1-4(57). – С.170-174. – ISSN 2663-5534.
2. Бабкин, Е. А. О преподавании компьютерного моделирования для студентов направления «Информатика» [Текст] / Е.А. Бабкин, О.М. Бабкина // Вестник Московского городского педагогического университета. – 2008. – №16. – С. 11-15.
3. Барномаи таҳсилотӣ аз рӯи самт (ихтисоси) 1-08 01 01-01 01 – информатика «тахассус – педагог-муҳандис», 2022.
4. Гулова, М. Т. Татбиқи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ҳамчун омили баландбардории сифати таҳсилот ва муқаддимаи касби омӯзгорӣ [Матн] / М.Т. Гулова, А.М. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №5. – С. 213-220. – ISSN 2074-1847.
5. Колин, К. К. Информатика как фундаментальная наука: проблемы и перспективы становления нового научного направления [Текст] / К.К. Колин // Вестник Челябинской государственной академии культуры и искусств. – 2007. – №1 (11). – С. 4-14.
6. Комилиён, Ф. С. Амсиласозии компютерии системаи хизматрасонии шабакавии дар вақти дискретӣ бо тартиби инверсионӣ ва афзалияти тасодуфӣ амалкунандаи ПД КОА [Матн] / Ф.С. Комилиён, М.Р. Ёров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №2. – С. 68-79. – ISSN 2074-1847.
7. Комилиён, Ф. С. Забонҳои барномасозӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, З.Ф. Раҳмонзода, Р.М. Давлатов, Б.Ф. Файзализода, И. Саидзода. – Душанбе: ҶДММ «Ганҷи хирад», 2015. – 112 с.
8. Комилиён, Ф. С. Роҳнамои фанни технологияи иттилоотии синфи 11-ум. Дастури таълимӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, И.Л. Қосимов, Р.Ҷ. Давлатов, Ш.Х. Тағоев. – Душанбе: ҶДММ «Паёми ошно», 2018. – 272 с. – ISBN 978-99947-852-8-5.
9. Копышева, Т. Н. ИКТ-компетентность будущего учителя информатики в процессе профессиональной подготовки в вузе [Текст] / Т.Н. Копышева, Ю.В. Григорьев // Вестник Чувашского государственного педагогического университета им. И.Я. Яковлева. – 2019. – №1 (101). – С. 146-153.
10. Лапчик, М. П. Информатика и компьютерные технологии в содержании профессиональных программ высшего педагогического образования. [Текст] / М.П. Лапчик // Педагогическая информатика. – 1994. – № 1. – С. 32-39.
11. Национальный доклад Российской Федерации на II Международном конгрессе ЮНЕСКО «Образование и информатика». Москва, 1996 // Информатика и образование. – 1996. – №5. – Режим доступа http://emag.iis.ru/arc/infosoc/emag.nsf/5312565765062e8cc32575c2004f59bf/64dba130a97fb4fcc3257642004a221b?OpenDocument. (Санаи дархост 04.11.2023).
12. Примерная основная образовательная программа высшего профессионального образования в Республики Таджикистан, 2012. (Санаи супоришдиҳи 06.11.2023).
13. Семакин, И. Г. Научно-методические основы построения базового курса информатики: дис. … д-ра пед. наук: 13.00.02 [Текст] / И.Г. Семакин. – Пермь, 2002. – 409 с.
14. Удалов, С. Р. Методические основы подготовки педагогов к использованию средств информатизации и информационных технологий в профессиональной деятельности: дис. … д-ра пед. наук: 13.00.02 [Текст] / С.Р. Удалов. – Омск, 2005. – 328 с.
15. Файзализода, Б. Ф. Корбурди методи амсиласозии математикӣ дар таълими технологияи иттилоотӣ [Матн] / Ш.Ҳ. Тиллоев, Б.Ф. Файзализода, А.Ҳ. Саидов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2020. – № 1/2 (74). – С. 150-154. – ISSN 2309-6764.
16. Юнусӣ, М. К. Нақши технологияи иттилоотӣ дар омӯзиши математика [Матн] / С. Афзалшоҳ, М.Х. Ибодов, М.К. Юнусӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2019. – №1/3(65). – С. 167-173. – ISSN 2209-6764.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ИСТИФОДАИ CASE-ТЕХНОЛОГИЯҲО ЧУН ВОСИТАИ ТАЪЛИМИ АМСИЛАСОЗИИ КОМПЮТЕРӢ

Муаллифон дар мақолаи худ асосҳои назариявӣ-методологии истифодаи Case-технологияҳоро чун воситаи таълими амсиласозии компютерӣ дар яке аз фаслҳои бунёдии илми информатика мебинанд, ки дар таҳқиқоти олимону мутахассисони ватанию хориҷӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Рушди технологияҳои амсиласозии компютерӣ, васеъсозии соҳаи истифодаи он ба гуфтани он, ки омӯзгорони информатика дар бораи нақши амсиласозӣ дар илм ва таҷриба бояд тасаввурот дошта бошанд, инчунин усулҳои асосии амсиласозиро бо истифода аз техникаи компютерӣ бояд аз худ кунанд, имкон медиҳад.

**Калидвожаҳо**: амсиласозӣ, компютер, салоҳиятнокӣ, омодасозӣ, информатика, рушд, назария, методика, принсип, иттилоот, хосият, математика, технология, таҳқиқот, омӯзгор, донишҷӯ, хонанда.

## ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ CASE-ТЕХНОЛОГИЙ КАК СРЕДСТВА ОБУЧЕНИЯ КОМПЬЮТЕРНОМУ МОДЕЛИРОВАНИЮ

В своей статье авторы видят теоретико-методологические основы использования Case-технологий как средства обучения компьютерному моделированию в одном из фундаментальных разделов информатики, которые анализируются и обсуждаются в исследованиях отечественных и зарубежных ученых и специалистов. Развитие технологий компьютерного моделирования, расширение области его использования позволяет говорить о том, что преподаватели информатики должны иметь представление о роли моделирования в науке и практике, а также владеть основными методами моделирования с использованием компьютерных технологий.

**Ключевые слова:** моделирование, компьютер, компетентность, подготовка, информатика, развитие, теория, методология, принцип, информация, свойство, математика, технология, исследование, учитель, ученик, читатель.

## THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF USING CASE-TECHNOLOGIES AS A MEANS OF TRAINING COMPUTER SIMULATION

In their article, the authors see the theoretical and methodological foundations of using Case technologies as a means of teaching computer modeling in one of the fundamental sections of computer science, which are analyzed and discussed in the research of domestic and foreign scientists and specialists. The development of computer modeling technologies and the expansion of the scope of its use suggests that computer science teachers should have an understanding of the role of modeling in science and practice, as well as master the basic methods of modeling using computer technologies.

**Key words:** modeling, computer, competence, preparation, computer science, development, theory, methodology, principle, information, property, mathematics, technology, research, teacher, student, reader.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Файзализода Бахрулло Файзалӣ*** – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ, доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессор. **Суроға:** 734003. шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: **(+992) 988-22-00-33; 005-22-00-22**. E-mail.: **faizalizoda.bakhrullo@mail.ru**

***Раҳимов Бурҳониддин Наимуллоевич*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика, омӯзгор. **Суроға:** 734140. шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯчаи Айнӣ 67. Телефон: **(+992) 905-22-92-92**; **109-98-89-89**.E-mail: **rahimov8989@bk.ru**

**Сведения об авторах:** ***Файзализода Бахрулло Файзали*** – Государственная академия управления при Президенте Республики Таджикистан, кафедра информационных технологий и информационной безопасности, доктор педагогических наук, и.о. профессора. **Адрес:** 734003. город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Саида Носира, 33. Телефон: **(+992) 988-22-00-33; 005-22-00-22**. E-mail.: **faizalizoda.bakhrullo@mail.ru**

***Рахимов Бурхониддин Наимуллоевич*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кафедра информационных технологий и методики обучения информатики, преподаватель. **Адрес:** 734140. город Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни 67. Телефон: **(+992) 905-22-92-92**; **109-98-89-89**.E-mail: **rahimov8989@bk.ru**

**Information about the authors: Fayzalizoda Bakhrullo Fayzali –** State Academy of Management under the President of the Republic of Tajikistan, Department of Information Technologies and Information Security, Doctor of Pedagogical Sciences, acting. professor. **Address:** 734003. Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Said Nosira street, 33. Phone: **(+992) 988-22-00-33; 005-22-00-22.** E-mail: **faizalizoda.bakhrullo@mail.ru**

***Rakhimov Burkhoniddin Naimulloevich –*** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Department of Information Technologies and Computer Science Teaching Methods, Lecturer. **Address:** 734140. Bokhtar city, Republic of Tajikistan, Aini street 67. Phone: **(+992) 905-22-92-92; 109-98-89-89.**E-mail: **rahimov8989@bk.ru**

ТДУ:372.851

# ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ГУНОГУНИ МАТЕМАТИКӢ ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ФИЗИКӢ

*Ҷалилов Ф., Рахимов А.А., Шодиев Ш.Ш., Мирзоев Д.Н.*
**Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ**

Ҷараёни ҳалли масъалаҳо аз физика ва математика хусусиятҳои мушахасси худро дорад, ки бе риояи онҳо ҳал кардани масъалаҳо аз ҳамаи бобҳои омӯзиши фан амри маҳол шуда мемонад. Аз ин сабаб, донистани қоида ва қонунҳои хосси мавзуъ ва боб асоси муваффақиятҳо барои ноил шудан ба натиҷаҳои саҳеҳ мегардад.

Ҳангоми дида бароmадани пайвасти муқовиматҳо ҳам ба намуди пай дар пай ва ҳам ба намуди параллел барои муайян кардани баъзе бузургиҳо, аз ҷумла, ҷараёнҳо ё муқовиматҳо афтиши шиддату тавониҳои дар ин қисмҳо ҷудошаванда қоидаҳои маъмулеро истифода мебарем, то ба натиҷаи асоси илмидошта, ноил гардем.

Ҷиҳатҳои фарққунандаи пайвасти параллел ва пай дар пайро ба хотир оварда, то кадом дараҷа барои муайян кардани бузургиҳои номаълум, аз ҷумла, ҷараёни афтиши шиддатҳои хусусӣ ва умумиро муайян менамоем. Истифодаи ин қоидаҳо ва қонунҳо ҷараёни ҳалро сабук гардонида, ба муайян кардани мақсад ва вазифаи масъалаи додашуда кумак мерасонад. Барои тасдиқ намудани ин гуфтаҳо масъалаи соддаеро дида мебароем.




Расми 1.

Масъалаи 1. Дар расми 1 қисми занҷир тасвир карда шудааст ва дар ин қисм бузургии ҷараён ва тавоноиҳои ҷудошавандаро дар муқовиматҳои $R_2$ = 20 Ом ва $R_3$ =30 Ом муайян намоед, агар амперметр ҷараёни 5-ро нишон дода истода бошад.

Барои ин масъаларо ҳал намудан қоидаҳои фарққунандаро ҳангоми пайвасти параллел нисбат ба пайвасти пай дар пай дида мебароем. Дар пайвасти пай дар пай:

а) Бузургии ҷараёнҳои аз муқовиматҳои пай дар пай пайваст гузаранда якхела мебошанд. $I = I_1 = I_2$ (расми 2).




Расми 2.

б) Афтиши шиддати умумии дар қисми пай дар пай пайваст ба суммаи афтиши шиддатҳо дар муқовиматҳо баробар мешавад. $U=U_1+U_2$

Ҷиҳати фарққунандаи пайвасти параллелӣ аз пайвасти пай дар пай аз он иборат аст, ки:

а) афтиши шиддат дар охирҳои муқовиматҳои $R_2$ ва $R_3$ $U_2 = U_3$ бо ҳам баробаранд;

б) ҷараёни умумии аз амперметр гузаранда $I_A$ ба суммаи ҷараёнҳои аз муқовиматҳои $R_2$ ва $R_3$ гузаранда $I_2$ ва $I_3$ баробар мешавад.

$$I_A = I_2 + I_3.$$

Бояд қайд намоем, ки ҷараёни аз муқовиматҳо гузаранда ба муқовиматҳои параллел пайваст чаппа мутаносибан тақсим мешаванд, яъне аз муқовимати калон ҷараёни хурдтар ва аз муқовимати хурд ҷараёни калонтар мегузарад. Яке аз сабабҳои бо ҳам баробар будани афтиши шиддатҳо дар охири муқовиматҳои $R_2$ ва $R_3$ $U_2 = U_3$ аз ҳамин иборат мебошад, чунки аз рӯйи формулаи U=I*R афтиши шиддат дар муқовиматҳо муайян карда мешавад.

Аз муҳокимарониҳо маълум мегардад, ки барои ҳал намудани масъалаи пешниҳодшуда беҳтар аст аз қоида ва қонунҳои пайвасти параллели муқовиматҳо истифода барем. Шартҳои а ва б-ро ба инобат гирифта, мо ду муодилаи дуномаълума сохтем.

$$I_A = I_2 + I_3 \quad (1)$$

$$I_2 \cdot R_2 = I_3 \cdot R_3 \quad (2)$$

Ба муодилаҳои пешниҳодшуда (1) ва (2) назар афканем, мебинем, ки онҳо дар ҳақиқат дуномаълума мебошанд. Номаълумҳо ин ҷо $I_2$ ва $I_3$ мебошанд. Яке аз номаълумҳоро аз муодилаи (1) муайян намуда, ба муодилаи (2) мегузорем. Аз муодилаи (1) истифода бурда $I_2$-ро муайян мекунем:

$$I_2 = I_A - I_3 \quad (3)$$

Қимати $I_2$-ро аз муодилаи (3) ба муодилаи (2) гузошта, чунин ҳосил мекунем.

$$(I_A - I_3) \cdot R_2 = I_3 \cdot R_3 \quad (4)$$

Амали дигаргунсозиҳои математикиро истифода бурда, чунин ҳосил намудем.

$I_A \cdot R_2 = I_3 \cdot R_2 + I_3 \cdot R_3$ (5)

Аз ин ҷо $I_3 = \frac{I_A * R_2}{R_2 + R_3}$ (6)

Дар формулаи (6) мебинем, ки ҳамаи бузургиҳои физикӣ дода шудаанд. Дурустии формуларо месанҷем:

$I_3 = \frac{I_A * R_2}{R_2 + R_3} = \frac{\text{А}*\text{Ом}}{\text{Ом}+\text{Ом}} = \frac{\text{А}*\text{Ом}}{\text{Ом}} = \text{А} = \text{I}$

Пас аз дурустии формуларо санҷидан ба формулаи (6) қиматҳои ададии бузургиҳои физикиро гузошта, қимати ададии $I_3$ –ро муайян менамоем:

$I_3 = \frac{I_A * R_2}{R_2 + R_3} = I_3 = \frac{5*20}{20+30} = \frac{100}{50} = 2$ А. $I_3 = 2$ А.

Барои муайян кардани $I_2$ аз формулаи (3) $I_2 = I_A - I_3$ истифода мебарем:

$I_2 = I_A - I_3 = 5 - 2 = 3$ А.

Пас аз ҳисобкуниҳо маълум шуд, ки $I_2 = 3$ А ва $I_3 = 2$ А будааст.

Тавре дар боло қайд карда будем, муқовиматҳо ва ҷараёнҳои аз онҳо гузаранда байни ҳам мутаносиби чапа буданд ва онро месанҷем. Барои ин амалро иҷро кардан аз муодилаи (2) истифода мебарем:

$I_2 * R_2 = I_3 * R_3 \frac{I_2}{I_3} = \frac{R_3}{R_2} \frac{3}{2} = \frac{30}{20}$ 1,5 = 1,5

Ҳамин масъаларо бо истифодаи яке аз усулҳои ҳалли масъала дар математика, усули гузориши математикӣ ҳал намудем ва он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаҳои физикиро бо усулҳои математикӣ низ ҳал кардан мумкин будааст. Ин ҷо мо усули дигари ҳал - усули Крамерро истифода бурда, масъалаи мазкурро метавон ҳал кунем.

Ҳангоми ҳалли масъалаҳо бо усули Крамер аз формулаҳои маълуми математикӣ истифода мебарем. Пеш аз ҳама, муайянкунандаро муайян карда, пас ба маълум кардани номаълумҳо $I_2$ ва $I_3$ шуруъ менамоем.

$$x = \frac{\Delta x}{\Delta}, \quad y = \frac{\Delta y}{\Delta}, \quad \text{ки дар ин ҷо} \quad \Delta = \begin{vmatrix} a_1 & в_1 \\ a_2 & в_2 \end{vmatrix}, \quad \Delta x = \begin{vmatrix} c_1 & в_1 \\ c_2 & в_2 \end{vmatrix}, \quad \Delta y = \begin{vmatrix} a_1 & c_1 \\ a_2 & c_2 \end{vmatrix}$$

$I_A = I_2 + I_3$

$I_A * R_2 = I_3 * R_2 + I_3 * R_3$

Қиматҳои бузургиҳои дар шарти масъала додашударо ба муодилаҳои ҳосил карданамон ҳал кардан мумкин аст.

$5 = I_2 + I_3$

$5*20 = I_3*20 + I_3*30$

$5 = I_2 + I_3$

$100 = I_3*50$

1 1

$\Delta$= = 1*50 -1*0=50

0 50

5 1
$\Delta I_2$= =100*1 – 5*0=100
100 0
1 5
$\Delta I_3$ = = 250 – 100 = 150
50 100

$I_2 = \frac{\Delta I_2}{\Delta} = \frac{100}{50} = 2$ А.

$I_3 = \frac{\Delta I_3}{\Delta} = \frac{150}{50} = 3$ А.

Ба мо маълум аст, ки ҳангоми ҳал кардани масъалаҳо ба занҷирҳои мураккаб, шоханок сохтани ду се муодилаҳо зарур аст. Аз ин лиҳоз, ҳал кардани масъаларо бо усули Крамер ба роҳ монем беҳтар аст. Ҳамчунин бо роҳи гузориш низ ин масъаларо ҳал кардан мумкин аст.

Ҳангоми ҳисоб кардани занҷири шоханок ва занҷири аз якчанд контурҳо иборат буда, масъалаи сохтани муодилаҳои математикӣ мавқеи асосӣ ва муайянкунандаро мебозад. Аз дуруст сохтани муодилаҳо ҳалли бомуваффақияти масъала ва гирифтани ҷавобҳои мушаххас зич вобаста аст.

Яке аз занҷирҳои содатарин занҷири шоханаронда мебошад, ки ҳамаи элементҳои он байни ҳам пай дар пай пайваст буда аз қисмҳои он ҷараёни якхела ҷорӣ мешавад. Ҳангоми дар занҷир пайваст будани якчанд муқовимат барои муайян кардани афтиши шиддати онҳо ҷараёни аз қисмҳои занҷир гузарандаро ба муқовимати ҳамин қисм зарб намуданамон лозим аст. Дар ҳолати занҷир шоха наронда будан суммаи афтиши шиддатҳои дар муқовиматҳо баамаломада ба ҚЭҲ-и манбаъи ба занҷир пайваст баробар шавад. Қисми сарбастаи занҷири шоханокро, ки муқовиматҳо ва манбаъҳо, ё ки танҳо манбаъҳо ё танҳо муқовиматҳо байни ҳам пай дар пай пайваст карда шудаанд, контур меномем. Агар дар контур манбаъ набошад, суммаи алгебравии ҳосили зарби қувваи ҷараён бар муқовимат ба сифр баробар мешавад.

Ҳал кардани масъалаҳо, албатта, дар натиҷаи сохтани муодилаҳои математикӣ ва гузаронидани ҳисобкуниҳо ва дигаргунсозиҳои математикӣ амалӣ карда мешавад. Дар аксари ҳолатҳо, ҳангоми ҳал кардани ин қабил масъалаҳо, пас аз масъаларо хондан ва муодилаҳои математикии онро сохтан усули гузориш ё Крамерро истифода бурда, ба мақсади ниҳоӣ расидан мумкин аст. Ин ҷо ҳам усули гузориш ва ҳам усули Крамерро истифода бурда якчанд масъалаҳои ба занҷири шоханок тааллуқдоштаро ҳал намуда, фарогир (универсалӣ) будани қонунҳои математикиро нишон медиҳем ва ба дӯстдорони илми физика нишон медиҳем, ки математика ва қонунҳои он дар ҳама ҷода, хусусан ба физика ёрдамчӣ ва раҳнамо дар ҳосил намудани натиҷаҳо мебошад. Дар ин ҷо масъалаеро дида мебароем, ки гуфтаҳои болоиро тасдиқ мекунад.

Масъалаи 2. Дар расми овардашуда КЭҲ-и манбаъҳо ба $\varepsilon_1$=2,1 В ва $\varepsilon_2$=1,9 В ва муқовиматҳои $R_1$=45 Ом, $R_2$= 10 Ом ва $R_3$= 10 Ом баробар аст. Ҷараёнҳои хусусиро дар қисмҳои занҷир ёбед?

Д.ш.а.
$\varepsilon_1$=2,1 В,
$\varepsilon_2$=1,9 В,
$R_1$=45 Ом,
$R_2$= 10 Ом,
$R_3$= 10 Ом

$I_1$=?

$I_2$=?

$I_3$=?

Ҳал:




Барои ҳал кардани масъала пеш аз ҳама ба нақша нигоҳ карда, аз чанд гиреҳҳо ва чанд контурҳо иборат будани занҷири шоханокро муайян менамоем. Дар нақша ду гиреҳ A ва C чунки ин нуқтаҳо нуқтаҳои шохарониaнд. Ба гиреҳи C ҷараёни $I_3$ омада истодааст. Мо ҷараёнҳоро бо рақамҳои муқовиматҳо ифода намудем. Ҳамин тариқ ҷараёни аз муқовимати $R_1$ гузарандаро бо $I_1$ ва аз муқовимати $R_2$ гузарандаро бо $I_2$ ифода менамоем. Барои ҳарду гиреҳ қонуни якуми Кирхгофро менависем [8]:

$I_3+I_2-I_1=0$ (1)

барои гиреҳи C

$I_1-I_2-I_3=0$ (2)

барои гиреҳи A

Аз формулаҳои навишта аён мегардад, ки дар муодилаи (2) номаълуми иловагӣ нест бинобар ин сохтани муодилаи дуюм шарт нест. Муодилаи дуюм вобаста аст, чунки номаълуми иловагӣ надорад. Яке аз онҳоро барои ҳисоб истифода мебарем. Дар оянда метавонем формулаи (1)-ро истифода барем.

Акнун барои контурҳо мо муодилаҳоро месозем. Пеш аз ҳама, дар занҷир чанд контур мавҷуд буданашро муайян мекунем. Дар занҷир се контур мавҷуд аст. ABCA, ACДA ва ABCДA. Ба расм нигоҳ намуда, худ пай мебаред, ки тарзи хондан ба самти ақрабаки соат мувофиқ аст. Ҳамин тарз ба самти мусбати контур самти ба ақрабаки соат мувофиқро қабул менамоем. Қабули самти контур ихтиёрист метавонем ба муқобили самти ақрабаки соат гирем. Мо худ ба самти мусбати контур самти ба ақрабаки соат мувофиқро қабул кардем. Вобаста ба самти контур мувофиқ омадани самти ҷараёнро ба эътибор гирифта, ҳосили зарби қувваи ҷараён бар муқовиматро бо аломати мусбат ё манфӣ мегирем. Агар самти ҷараён ва самти контур бо ҳам мувофиқ бошад афтиши шиддати ин қисмро (ҳосили зарби қувваи ҷараён бар муқовиматро IR-ро) бо аломати мусбат, баръакс бо аломати манфӣ мегирем. ҚЭҲ-ро бо аломати мусбат мегирем, агар таъсири ҚЭҲ ба самти контур мувофиқ бошад, яъне ҷараёни ҚЭҲ ҳосилкунанда ба самти контур мувофиқ бошад, баръакс бо аломати манфӣ гирифта мешавад.

Ба контурҳои мавҷуда ABCA, ACДA ва ABCДA муодилаҳои қонуни дуюми Кирхгофро месозем:

барои контури ABCA $I_3R_3+I_1R_1=\varepsilon_1$ (3)

барои контури ACДA $-I_1R_1-I_2R_2=-\varepsilon_2$ (4)

барои контури ABCДA $I_3R_3-I_2R_2=\varepsilon_1-\varepsilon_2$ (5).

Тавре мебинем, дар формулаҳои (3) ва (4) элементҳои нав мавҷуданд яке $I_3R_3$ дигаре $I_2R_2$ мебошанд. Аз ин сабаб муодилаҳои (3) ва (4) аз ҳам новобаста мебошанд. Ҳар яке номаълумҳои иловагиро дорад. Аммо муодилаи (5) бошад, номаълуми иловагӣ надорад. Ҳар як аъзоҳои он дар ду муодилаи болоӣ мавҷуд аст, бинобар ин муодила (5) аз муодилаҳои болоӣ вобаста мебошад. Сохтани ин муодила шарт нест. Аз ин сабаб муодилаҳои (1), (3) ва (4) –ро барои ҳисобкунӣ истифода мебарем.

$I_3-I_1+I_2=0$ (1) Се муодилаи додашударо

$I_3R_3+I_1R_1=\varepsilon_1$ (3) истифода бурда, ҷараёнҳои

$-I_1R_1-I_2R_2=-\varepsilon_2$ (4) I

номаълумро муайян менамоем. Аз муодилаи (1) $I_3$ -ро меёбем:

$I_3=I_1-I_2$

ба муодилаи (3) мегузорем.

$(I_1-I_2)R_3+I_1R_1=\varepsilon_1$

$I_1R_3-I_2R_3+I_1R_1=\varepsilon_1$ (5)

Аз муодилаи (5) $I_2$-ро муайян мекунем:

$I_2=\frac{\varepsilon1-I1R3-I1R1}{R3}$ (6) (6)-ро ба (4) гузошта

$-I_1R_1-(\frac{\mathcal{E}1-I1R3-I1R1}{R3})R_2=-\varepsilon_2$ ҳосил мекунем. Аз ин ҷо

$-I_1R_1R_3+\mathcal{E}1R2+I1R3R2+I1R1R2=-\mathcal{E}2R2\ I1(-R1R3-R3R2-R1R2)=-\mathcal{E}2R3-\mathcal{E}1R2$

$I_1=\frac{-\mathcal{E}2R2-\mathcal{E}1R2}{-R1R3-R3R2-R1R2}$ (7) ҳосил мекунем.

Формулаи (7) формулаи ҳисобкунӣ барои муайян намудани $I_1$ мебошад. Қиматҳои ададии бузургиҳои додашударо ба (7) гузошта, муайян менамоем:

$I_1=\frac{-1{,}9*10-2{,}1*10}{-45*10-10*10-45*10}=\frac{-40}{-1000}=0{,}04$ A

Барои $I_2$ -ро муайян кардан аз формулаи (6) истифода мебарем.

$I_2=\frac{2{,}1-0{,}04*10-0{,}04*45}{10}=\frac{2{,}1-2{,}2}{10}=\frac{-0{,}1}{10}=-0{,}01$ A.

Тавре мебинем, $I_2$ бо аломати манфӣ баромад, ин нишон медиҳад, ки самти контур ба самти ҷараён дар ин қисм муқобил мебошад. Ба формулаи (1) қиматҳои ҳосилшудаи $I_1$ $I_2$-ро гузошта ҳосил мекунем:

$I_3=I_1+I_2=0{,}04-0{,}01=0{,}03$ A Ҳамин тариқ, ҷараёнҳои

$I_1=0{,}04$ A,

$I_2=-0{,}01$ A

$I_3=0{,}03$ A баробар будааст.

Ҳамин масъаларо бо истифодабарии методи Крамер низ муваффақиятнок ҳал кардан мумкин аст. Муодилаҳоро менависем:

$I_3-I_1+I_2=0$ (1)

$I_3R_3+I_1R_1=\varepsilon_1$ (3)

$-I_1R_1+I_2R_2=-\varepsilon_2$ (4)

Муодилаҳои тартибдодашударо навишта мебинем, ки дар ду муодилаи охир се номаълум вуҷуд дорад. Он ду муодиларо бо ду номаълум меорем. Барои иҷро кардани ин мақсад аз формулаи (1) истифода бурда, $I_3$-ро ёфта, ба формулаи (3) мегузорем ва бо ду номаълум меорем:

$I_3-I_1+I_2=0$ (1)

$I_3=I_1-I_2$ ба (3) гузошта ҳосил мекунем:

$I_3R_3+I_1R_1=\varepsilon_1$ (3)

$(I_1-I_2)R_3+I_1R_1=\varepsilon_1\ I_1R_3-I_2R_3+I_1R_1=\varepsilon_1\ I_1(R_3+R_1)=\varepsilon_1+I_2R_3$

$-I_1R_1-I_2R_2=-\varepsilon_2$ (4)

$I_1R-I_2R_3=\varepsilon_1$ (8)

Бояд қайд кунем, ки дар муодилаи (8) $R=R_3+R_1$ ба суммаи $R_3$ ва $R_1$ баробар аст.

Муодилаҳои (8) ва (4)-ро ба эътибор гирифта, қиматҳои ададии муқовиматҳо ва ҚЭҲ-ҳоро гузошта ҳосил мекунем.

$I_1R-I_2R_3=\varepsilon_1\ I_155-I_210=2{,}1$

$-I_1R_1-I_2R_2=-\varepsilon_2\ -I_145-I_210=-1{,}9$

Барои гузаронидани ҳисобкунӣ аз формулаҳои зерин истифода бурдан мувофиқи мақсад мебошад:

$$x=\frac{\Delta x}{\Delta},\quad y=\frac{\Delta y}{\Delta},\quad \text{ки дар ин чо}\quad \Delta=\begin{vmatrix}a_1 & в_1\\ a_2 & в_2\end{vmatrix},\quad \Delta x=\begin{vmatrix}c_1 & в_1\\ c_2 & в_2\end{vmatrix},\quad \Delta y=\begin{vmatrix}a_1 & c_1\\ a_2 & c_2\end{vmatrix}$$

Дар формула $a_1$, $в_1$ *ва* $a_2$, $в_2$ аъзоёни матрица мебошанд, ки қимати ададиашон аз рақамҳои дар муодилаҳо овардашуда гирифта мешавад. Барои бештар фаҳмидан ифодакунии зеринро ба роҳ мемонем: $x=I_1$, $y=I_2$ $a_1=55$, $в_1=-10$, $a_2=-45$, $в_2=-10$,

$c_1=2{,}1$, $c_2=-1{,}9$ Пас аз ифода кардан ба формулаҳо қиматҳои ададии бузургиҳои физикиро гузошта, ҳосил мекунем. Пеш аз ҳама, муайянкунандаи матрисаҳои ҳосилшударо муқаррар мекунем.

55 -10

$\Delta$= =55*(-10)-(-45)*(-10)=-550-450=-1000

-45 -10

2,1 -10

$\Delta I_1$= = 2,1(-10) – (-1,9) (-10)=-21-19=-40

-1,9 -10

55 2,1
$\Delta I_2$= =55*(-1,9)-(-45)*2,1=-104,5+94,5=-10
-45 -1,9

Қиматҳои ҳосилшударо ба Δ тақсим намуда, бузургиҳои номаълумро меёбем:

$I_1=\frac{\Delta I1}{\Delta}=\frac{-40}{-1000}$=0,04 A. $I_2=\frac{\Delta I2}{\Delta}=\frac{-10}{-1000}$=0,01 A. $I_3=I_1-I_2$=0,04-0,01=0,03 A.

Натиҷаи бадастомада гувоҳи он аст, ки дар ҳарду усули ҳисобкунӣ қиматҳои якхела ба даст оварда шуд. Ин нишон медиҳад, ки қонун ва қоидаҳои математикаро истифода бурда, масъалаҳои физикиро ҳал кардан мумкин аст. Бояд таъкид кард, ки ҳангоми сохтани муодилаҳои математикии занҷирро тавсифкунанда қабули самти контур, аломати афтиши шиддат дар қитъаи занҷир, аломатҳои ҚЭҲ, равиши ҷараён дар қитъаи занҷир ва ҳоказо хеле муҳим аст. Чунки саҳву хатоҳои камтарини баамаломада барои ба мақсади ниҳоӣ расидан озод карда, сабаби ба хатогӣ роҳ додан мешаванд.

Тавре аз ҳисобкуниҳо пай бурдем, вақт барои гирифтани натиҷа бисёр тул кашид ва барои онро тезонидан аз воситаҳои техникии ҳозиразамон истифода барем, хело хуб мешуд. Бо ин мақсад тасмим гирифтем барномаҳои ҳисобкуниро бо усули гузориш ва Крамер пешниҳод намоем, то ки донишҷӯён худ ҳисоб намуда, хулоса бароранд.

Бо усули гузориш.

```
Public Class Form1
Private Sub Button1_Click(sender As Object, e As EventArgs) Handles Button1.Click
Dim ε1, ε2, R1, R2, R3, I1 As Double
ε1= Val(TextBox1.Text)
ε2 = Val(TextBox2.Text)
R1= Val(TextBox3.Text)
R2= Val(TextBox4.Text)
R3= Val(TextBox5.Text)
If RadioButton2.Checked = True Then
I1 = (-ε2*R2- ε1*R2)/(- R1*R3-R3*R2-R1*R2)
ListBox1.Items.Add(I1)
End If
End Sub
```

Бо усули Крамер.

Барои ёфтани муайянкунанда.

```
Public Class Form1
Private Sub Button1_Click(sender As Object, e As EventArgs) Handles Button1.Click
Dim a1, в1, a2, в2, Δ As Double
a1= Val(TextBox1.Text)
a2 = Val(TextBox2.Text)
в1= Val(TextBox3.Text)
в2= Val(TextBox4.Text)
If RadioButton2.Checked = True Then
Δ = (a1*в2- a2*в1)
ListBox1.Items.Add(Δ)
End If
End Sub
```

Барои муайян кардани $\Delta I_1$ (номаълуми якӯм)

```
Public Class Form1
Private Sub Button1_Click(sender As Object, e As EventArgs) Handles Button1.Click
Dim c1, c2, в1, в2, R3, I1 As Double
C1= Val(TextBox1.Text)
c2 = Val(TextBox2.Text)
```

```
в1= Val(TextBox3.Text)
в2= Val(TextBox4.Text)
If RadioButton2.Checked = True Then
ΔI1 = (c1*в2- c2*в1)
ListBox1.Items.Add(ΔI1)
End If
End Sub
```

Барои муайян кардани $\Delta I_2$ (номаълуми дуйӯм)

```
Public Class Form1
Private Sub Button1_Click(sender As Object, e As EventArgs) Handles Button1.Click
Dim a1, a2, c1, c2, ΔI2 As Double
a1= Val(TextBox1.Text)
a2 = Val(TextBox2.Text)
c1= Val(TextBox3.Text)
c2= Val(TextBox4.Text)
If RadioButton2.Checked = True Then
ΔI2 = (a1*c2- a2*c1)
ListBox1.Items.Add(ΔI2)
End If
End Sub
```

Хулоса.

1. Масъалаҳоро ҳал намуда, нишон додем, ки ҳангоми байни ҳам параллел пайваст будани муқовиматҳо дар қисми занҷир ғайр аз истифодаи қонуни Ом барои қисми занҷир боз усули гузориши математикӣ ва Крамерро муваффақиятнок истифода бурдан мумкин аст.
2. Ҳангоми ҳалли масъалаи якум мо муодилаҳои дуномаълумаро, ки аз шарти масъала бармеоянд сохта, ба он усули гузориш ва Крамерро татбиқ намуда, ба мақсади ниҳоӣ расидем.
3. Барои сохтани муодилаҳои масъалаи якум аз қоидаҳои пайвасти параллел, ба шохаҳо ҷудошавии ҷараёни воридшаванда ва баробарии афтиши шиддатҳо дар охирҳои ноқилҳои параллел пайвастаро ба эътибор гирифтем.
4. Масъалаи якро бо ду усул ҳал намуда, нишон дода тавонистем, ки вобаста ба талаботҳои масъала усулҳои математикии ҳисобкуниро метавон истифода бурд.
5. Барои ҳисоб кардани занҷири шоханок истифодаи усули Крамер ба мақсад мувофиқ аст.
6. Барои татбиқи ин усул ҳосил кардани муодилаҳои дуномаълумаи равандро тавсифкунанда зарур аст.
7. Натиҷаҳои бадастомада баёнгари онано, ки математика ва қонунҳои онро истифода бурда, метавонем дар бораи олами моро иҳотакарда маълумоти раднашаванда гирем ва барои фатҳи ҳодисаҳои атроф имконият пайдо намоем.

**Муқарриз: Ғуломнабиев С.Ғ. – н.и.ф.м., дотсенти**

## АДАБИЁТ


1. Бӯриев А.Б. Векторҳо ва татбиқи онҳо дар ҳалли масъалаҳои физикӣ / А.Б. Бӯриев, С.А. Алиев, Б.Ф. Ҷалилов, Ф.Ҷалилов // Номаи донишгоҳ Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. - 2017. -№2 (41) - С. 247-255.
2. Бӯриев А.Б. Усули гузориш ва методикаи ҳисобкунии масъалаҳои физикӣ бо истифодаи барномаҳои таълимии тарҳрезишуда / А.Б. Бӯриев, С.А. Алиев, Б.Ф. Ҷалилов, Ф. Ҷалилов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. -2017. - №2 (41). -С. 383-389.
3. Трофимова Т.И. Курс физики / Т.И. Трофимова. - М.: Высшая школа, 1985.
4. Рахимов А.А. Методические особенности использование компьютерной программы Maple 18 в исследовательской деятельности студентов технических вузов на занятиях высшей математики / А.А. Рахимов // Педагогический журнал. -2022. -Т. 12. -№ 6А Ч. II. -С. 885-893. DOI: 10.34670/AR.2022.20.64.091
5. Рахимов А.А. Методика использования производной функции одной переменной при решении геометрических задач с использованием информационных технологий / А.А. Рахимов, М.А. Рахматова, З.А. Аминова Ш.М.Ахмедова, Ф.А.Хайдарова // Педагогический журнал. -2022. -Т. 12. -№ 6А Ч. II. -С. 1094-1105. DOI: 10.34670/AR.2022.99.31.143

6. Рахимов А.А. Методика использования математического пакета MAPLE 17 при изучении темы «Производная и ее применение» в курсе высшей математики для студентов технического вуза /А.А. Рахимов // Известия Тульского государственного университета (технические науки), Тула – 2020. Выпуск 11, с.308-313.
7. Раҳимов А.А. Истифодаи барномаҳои MATHCAD ва MULTISIM дар раванди омӯзиши модели математикии функсияҳои мураккаб ва занҷирҳои электрикӣ аз фанни математика барои муҳандисон / А.А. Раҳимов, Д.Н. Мирзоев, Н.О. Бобоҷонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. -№5. -С. 282-290.
8. Рахимов С. Ш. Method of solving problems on electromagnetism / С. Ш.Рахимов, Ф.Джалилов, Д. Н. Мирзоев //Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. – 2020. – Т. 53. – №. 2. – С. 129-134.
9. Раҳимов А.А. Методикаи истифодабарии барномаи компютерии MAPLE 18 ҳангоми омӯзиши мавзуи таҳлили математикӣ дар курси математикаи олӣ барои муҳандисон дар донишгоҳҳои олии техникӣ / А.А. Раҳимов, С.К. Исмоилова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. -№ 7. -С. 268-277.
10. Рахимов А.А. Методика использования программы Ms Excel при решении задач «Интерполирование и экстраполирование функций» в курсе вычислительной математики для студентов электротехнических специальностей / А.А. Раҳимов // Автоматизация и энергоснабжение в машиностроении, энергетике и на транспорте. Материалы XVII Международной научно – технической конференции. Ответственный редактор В.А. Раков. -Вологда, 2023. -С. 193-198.
11. Рахимов А.А. Методика использования математического пакета MAPLE 17 при изучении темы «Производная и ее применение» в курсе высшей математики для студентов технического вуза /А.А. Рахимов // Известия Тульского государственного университета (технические науки). – Тула, 2020. Выпуск 11. -С.308-313.
12. Раҳимов А.А. Истифодаи барномаҳои MATHCAD ва MULTISIM дар раванди омӯзиши модели математикии функсияҳои мураккаб ва занҷирҳои электрикӣ аз фанни математика барои муҳандисон / А.А. Раҳимов, Д.Н. Мирзоев, Н.О. Бобоҷонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. -№5. -С. 282-290
13. Рахимов С. Ш. Method of solving problems on electromagnetism / С. Ш.Рахимов, Ф.Джалилов, Д. Н.Мирзоев //Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия естественных и экономических наук. – 2020. – Т. 53. – №. 2. – С. 129-134.
14. Раҳимов А.А. Методикаи истифодабарии барномаи компютерии MAPLE 18 ҳангоми омӯзиши мавзуи таҳлили математикӣ дар курси математикаи олӣ барои муҳандисон дар донишгоҳҳои олии техникӣ / А.А. Раҳимов, С.К. Исмоилова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. -№ 7. -С. 268-277.
15. Рахимов А.А. Методика использования программы Ms Excel при решении задач «Интерполирование и экстраполирование функций» в курсе вычислительной математики для студентов электротехнических специальностей / А.А. Раһимов // Автоматизация и энергоснабжение в машиностроении, энергетике и на транспорте. Материалы XVII Международной научно – технической конференции. Ответственный редактор В.А. Раков. -Вологда, 2023. -С. 193-198.
16. Рахимов А.А. Компьютерная система *Maple* как средство формирования творческой самостоятельности в обучении высшей математике студентов технических вузов в условиях кредитной технологии обучения /А.А. Рахимов// Вестник национального университета Таджикистана (научный журнал). -Душанбе, 2017. -№ 1(1). -С.57-60.

## ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ГУНОГУНИ МАТЕМАТИКӢ ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ФИЗИКӢ

Дар кори мазкур усулҳои гуногуни ҳисоб кардани занҷири электрикии одии аз як шоха, ҳангоми дар занҷир мавҷуд будани қисми параллел пайваст ва занҷири мураккаби шоханок, ки муайян кардани бузургиҳои физикӣ бо татбиқ намудани қонунҳои Кирхгоф ҳал карда мешуд, баррасӣ шудаанд. Усули гузориши математикӣ ва Крамерро татбиқ намуда, дар ҳарду ҳолат занҷири одӣ ва шоханок ба натиҷаи ниҳои ноил гардидем, яъне масъаларо ба пуррагӣ ҳал намудем. Муаллифон нишон дода тавонистанд, ки усулҳои гузориш ва Крамерро бомуваффақият барои ҳал кардани занҷири одӣ ва шоханок истифода бурдан мумкин аст. Ба таври анъанавӣ ҳал кардани масъалаҳо оидӣ занҷири шоханок, иҷрокунанда бояд шумораи муодилаҳои заруриро ҳамон қадар созад, ки миқдори онҳо ба шумораи қисмҳои занҷир ё ҷараёнҳои номаълум баробар бошад. Муодилаҳоро дар натиҷаи гузориш кардани як муодила ба дигараш сода намуда, ба як номаълум оварда, ҳисобкуниро мегузаронем. Сохтани муодилаҳо, ичро кардани дигаргунсозиҳои математикӣ аз иҷрокунанда ҳассосӣ ва бодиққатиро талаб мекунад, ки муодилаҳои печдарпечро ба ҳам пайвандад ва ба натиҷаи ниҳоӣ ноил гардад. Ҳисобкуниро бо ду усул гузаронида, натиҷаҳоро бо ҳам муқоиса намуда, бартарии як усул аз дигарашро нишон дода, суръати ҳисобкуниро афзун гардонида, натиҷаҳои мушаххас гирифтем. Дар кори мазкур барномаҳои ҳисобкуниро сохта, ҳисобкуниро бо ёрии онҳо гузаронида, ҷараёни ҳисобкуниро тезонидем.

**Калидвожаҳо:** суммаи ҷараёнҳо, афтиши шиддатҳо, ҚЭҲ, самти контур, самти ҷараён, муқовимат, қисми занҷир, гиреҳ, суммаи алгебравии ҷараёнҳо, ҷараёнҳои хусусӣ.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МАТЕМАТИЧЕСКИХ МЕТОДОВ РАСЧЕТА ПРИ РЕШЕНИЯ ФИЗИЧЕСКИХ ЗАДАЧ

В данной работе представлены различные методы расчета простой электрической цепи из одной ветви, когда в цепи имеется параллельный участок, и сложной разветвленной цепи, где определение физических величин решалось с применением законов Кирхгофа. Применив метод математического отчета и Крамера в обоих случаях, простой и разветвленной цепи, мы добились конечного результата, то есть решили задачу полностью. Авторам удалось показать, что логарифмический метод и метод Крамера можно успешно использовать для решения простых и разветвленных цепей. При традиционном способе решения задач ответвленных цепей оператор должен сделать количество необходимых уравнений равным количеству звеньев цепи или неизвестных токов. Упрощаем уравнения в результате приведения одного уравнения к другому, приводим его к одному неизвестному и выполняем расчет. Создание уравнений, выполнение математических преобразований требует от исполнителя чуткости и точности для соединения сложных уравнений и достижения конечного результата. Мы провели расчет двумя методами, сравнили результаты, показали преимущество одного метода над другим, увеличили скорость расчета и получили конкретные результаты.В данной работе мы создали программы расчета, выполнили расчеты с их помощью и ускорили процесс расчета.

**Ключевые слова:** сумма токов, падение напряжений, ЭДС, направление контура, направление токов, сопротивлений, участок цепи,узел, алгебраическая сумма токов, частные токи.

## USE OF MATHEMATICAL METHODS OF CALCULATION IN SOLVING PHYSICAL PROBLEMS

This paper presents various methods for calculating a simple electric circuit from one branch, when the circuit has a parallel section, and a complex branched circuit, where the determination of physical quantities was solved using Kirchhoff's laws. Applying the method of mathematical report and Cramer in both cases, a simple and a branched chain, we achieved the final result, that is, we solved the problem completely. The authors were able to show that the logarithmic method and Cramer's method can be successfully used to solve simple and branched circuits. In the traditional way of solving branch circuit problems, the operator must make the number of required equations equal to the number of circuit links or unknown currents. We simplify the equations as a result of bringing one equation to another, bring it to one unknown and perform the calculation. Creating equations, performing mathematical transformations requires the performer to be sensitive and accurate in order to connect complex equations and achieve the final result. We carried out the calculation by two methods, compared the results, showed the advantage of one method over the other, increased the calculation speed and got specific results. In this work, we created calculation programs, performed calculations with their help, and accelerated the calculation process.

**Keywords:** sum of currents, voltage drop, EMF, circuit direction, direction of currents, resistances, circuit section, node, algebraic sum of currents, partial currents.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҷалилов Файзулло*** – Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои физика ва математика, дотсент, кафедраи математикаи олӣ ва физика. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиѐбони Исмоили Сомонӣ, 226. Телефон: **92 809 27 72.**E-mail: **Jalilov47@mail.ru**

***Рахимов Амон Акпарович*** – Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, досент, кафедраи математикаи олӣ ва физика. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиѐбони Исмоили Сомонӣ, 226. Телефон: **92 721 26 07**.E-mail: **amon_rahimov@mail.ru**

***Шодиев Шоҳмурод Шодибойевич*** – Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, ассистент, кафедраи математикаи олӣ ва физика. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиѐбони Исмоили Сомонӣ, 226. Телефон: **93 725 10 98**.E-mail: **ibragimshodiev333@gmail.com**

***Мирзоев Дабир Назирович*** – Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, ассистент, кафедраи математикаи олӣ ва физика. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиѐбони Исмоили Сомонӣ, 226. Телефон: **92 864 23. 26** E-mail: **mdabir@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Джалилов Файзулло***– Политехнический институт Таджикского технического университета имени академика М.С.Осими в городе Худжанде, кандидат физико-математических наук, доцент, кафедра высшей математики и физики. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Исмоила Сомони, 226. Телефон: **92 809 27 72.**E-mail: **Jalilov47@mail.ru**

***Рахимов Амон Акпарович*** – Политехнический институт Таджикского технического университета имени академика М.С.Осими в городе Худжанде, доцент, кафедра высшей математики и физики. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Исмоила Сомони, 226. Телефон: **92 721 26 07**.E-mail: **amon_rahimov@mail.ru**

***Шодиев Шохмурод Шодибойевич*** – Политехнический институт Таджикского технического университета имени академика М.С.Осими в городе Худжанде, ассистент, кафедра высшей математики и физики. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Исмоила Сомони, 226. Телефон: **93 725 10 98**.E-mail: **ibragimshodiev333@gmail.com**

***Мирзоев Дабир Назирович*** – Политехнический институт Таджикского технического университета имени

академика М.С.Осими в городе Худжанде, ассистент, кафедра высшей математики и физики. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Исмоила Сомони, 226. Телефон: **92 864 23. 26** E-mail: **mdabir@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Jalilov Faizullo*** – Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi in the city of Khujand, candidate of physical and mathematical sciences, associate professor, department of higher mathematics and physics. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Исмоила Сомони, 226. Phone: **92 809 27 72**.E-mail: **Jalilov47@mail.ru**
***Rakhimov Amon Akparovich*** – Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi in the city of Khujand, associate professor, department of higher mathematics and physics. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Исмоила Сомони, 226. Phone**: 92 721 26 07**.E-mail: **amon_rahimov@mail.ru**
***Shodiev Shokhmurod Shodiboyevich*** – Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi in the city of Khujand, assistant, department of higher mathematics and physics. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Исмоила Сомони, 226. Phone: **93 725 10 98**.E-mail: **ibragimshodiev333@gmail.com**
***Mirzoev Dabir Nazirovich*** – Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi in the city of Khujand, assistant, department of higher mathematics and physics. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Исмоила Сомони, 226. Phone: **92 864 23. 26** E-mail: **mdabir@mail.ru**

**ТДУ:372.874**

# АСОСҲОИ НАЗАРИИ ТАЪЛИМИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

***Бобоева Ш.Ҳ.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Санъат маҳсули тахайюл ва офаридаҳои эҷодкорист, ки дар ҳар давру замон инсоният ба он ниёз дорад. Санъати тасвирӣ таърихи пуғановати худро дорост. Таълими санъати тасвирӣ низ пайроҳаи дуру дарози таърихиро тай намудааст.

Таълими санъати тасвирӣ хонандагонро ба дарк намудани забоии табиат ва санъат водор намуда, муносибати эстетикии онҳоро нисбат ба ашё, ҳодисаҳои воқеии муҳит тарбия менамояд. Машғулияти санъати тасвирӣ дараҷаи маълумотнокии хонандагонро баланд бардошта, онҳоро ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ тайёр менамояд [10, с. 178].

Ҳарчанд пайдоши санъати тасвирӣ пеш аз зуҳури нутқи инсон дониста мешавад, дар таърихи тулонии халқи тоҷик ҷойгоҳи санъати тасвирӣ муассир арзёбӣ мегардад. Ниёгони мо дар гузашта бо ҳунарҳои наққошӣ, кандакорӣ, гаҷкорӣ, қолинбофӣ, миниатуранигорӣ ва ғайраҳо машғул буданд, ки асоси ин ҳамаро тасвир ташкил медиҳад. Рушди санъати тасвирӣ дар Тоҷикистон бо инкишофи санъати тасвирии Собиқ Иттиҳоди Шуравӣ вобастагии зиёд дорад. То соли 1991 низоми маорифи 15 давлати иттифоқӣ мувофиқи муқаррароти умумии мутамарказ идора карда мешуданд [6, с. 40].

Барномаи омӯзиши санъати тасвирӣ барои мактаб соли 1931 таҳия шуда, дар он камбудиҳои зиёд мавҷуд буд. Соли 1933 маркази ягонаи асосии илмӣ -Шурои методию бадеӣ ташкил гардид ва он вазифаи асосиро барои барқарор намудани усули таълими санъати тасвирӣ дар мактабҳои 15 давлати иттифоқӣ иҷро карда буд. Аз ҷумлаи рассомон-омӯзгорони машҳур, ки ба инкишофи усули омӯзиши санъати тасвирӣ дар мактаб такон додаанд, Дмитрий Николаевич Кардовский (1866-1943) ва К.Ф. Юон (1875- 1958) мебошанд [6, с. 41].

Дар Тоҷикистон аввалҳо ба омӯзиши санъати тасвирӣ аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир карда намешуд. Омӯзгорони соҳибтахассус низ мавҷуд набуданд. Аз ин сабаб, дар Институти давлатии педагогии шаҳри Ленинобод ба номи С.М. Киров (имрӯза Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) соли 1967 дар назди факултети физика-математика, шуъбаи нақша, расм ва меҳнат таъсис дода шуд. Аввалин хатмкунандагони ин боргоҳи ҳунар соли 1972 15 нафарро ташкил медоданд. Дар солҳои минбаъда гурӯҳҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекии тайёр намудани омӯзгорони соҳа ба роҳ монда шуда, сафи хатмкунандагон сол то сол зиёд шуда, мактабҳо бо мутахассисони касбӣ таъмин мешуданд.

Ҷиҳати рушди соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд. Аз ин ҷост, ки “Барномаи давлатии рушди фарҳанг барои солҳои 2008-2015” (аз 3–юми марти соли 2007, № 85), Барномаи давлатии рушди ҳунарҳои миллӣ барои солҳои 2009 – 2015”, “Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси фарҳанг, санъат ва нашриёт барои солҳои 2007 - 2010”, “Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2030” қабул гардида [12], соли 2018 “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва “Солҳои 2019-2021 солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон гардид [13].

Соли 2003 Барномаи таълимии фанни санъати тасвирӣ мавриди таҷдиди назар қарор гирифта, ба фарҳанги халқи тоҷик ва анъанаҳои миллӣ мувофиқ гардонида шуд [3]. Китобҳои дарсии санъат ва меҳант барои синфҳои ибтидоии 1 – 4, китоби санъати тасвирӣ барои синфҳои 5-7, раҳнамоҳои таълим барои омӯзгорон аз ҷониби мутахассисони соҳибтаҷриба (М.Иргашева, Б.И. Бойназаров, А.Азизов, Б.Боронов) таҳия карда шуданд [4], [5].

Масоили тарбияи зебошиносии хонандагон қисмати муайяни пажуҳишҳои пурарзиши олимон-педагогони муосири тоҷик, аз қабили М. Лутфуллоев [8], Ф.

Шарифзода [14], М.Қодирова [7], М.Рӯзиева [11], З.Мирзобоевро [9] ташкил медиҳад, ки дар амалӣ намудани тарбияи эстетикии насли наврас ва талаботи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши созгорро мебозанд.

Доштани дониш оид ба соҳаҳои гуногуни илм барои маълумотнок гаштан кифоя набуда, татбиқи амалии донишҳо, истифодаи технологияҳои муосир ва эҷодкорӣ муҳим аст, ки ба баланд шудани некуаҳволии мардум ва пешрафти ҷомеа мусоидат менамояд [2, с. 284].

Дарси санъати тасвирӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун дигар фанҳо вазифа ва мақсади худро дорад. Мақсади асосии омӯзиши санъати тасвирӣ ташаккул додани маданияти маънавии шахсияти хонандагон, шинос намудани онҳо бо зебоии ҳаёт, табиат, боигариҳои миллӣ мебошад. Вазифаи омӯзиши санъати тасвирӣ дар хонандагон инкишоф додани фаҳмиши ранг, хушобурангӣ ва истифодабарии онҳо дар ҳаёти ҳаррӯза мебошад. Вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки ҳар як машғулияти санъати тасвирӣ ба инкишофи бадеии эҷодиёти хонандагон таъсир расонад, онҳо нисбат ба санъат ҳавасманд карда шаванд, то ки берун аз муассисаи таълимӣ дар вақтҳои холӣ машқ намуда, қобилияти худро зоҳир намоянд. Машғулиятҳоро бо омӯзиши муҳит вобаста карда, корро аз мушоҳидаи табиат ва объектҳои ҷудогона бо назардошти таносуби ранг, шакл ва ғайра сар кардан беҳтар аст.

Чи қадаре ки олами ботинии хонандагон ғанӣ гардад, онҳо ҳамон андоза табиатро беҳтар дарк мекунанд ва дар онҳо нисбат ба адабиёту санъат шавқу ҳавас ҳамон қадар бештар пайдо мешавад. Дар чунин маврид шиносоӣ бо асарҳои тасвирӣ хонандагони синфҳои ибтидоиро ба зинаҳои баланд, инкишофи маънавӣ роҳнамо мегардад, ба онҳо ёрӣ медиҳад, ки зебоии табиатро ҳаматарфа дарк намоянд.

Мақсади омӯзиши санъати тасвирӣ дар ташаккул додани маданияти маънавии шахсияти хонандагон, шинос намудани онҳо бо зебоии ҳаёт, табиат ва боигариҳои миллӣ инъикос меёбад. Санъати тасвирӣ яке аз шаклҳои дарк кардани ҳақиқати воқеӣ ва қисми муҳимми инкишофи ҳаматарафаи шахсияти хонанда мебошад. Хонандагон дар ҷараёни дарсҳои санъати тасвирӣ асосҳои тасвирро омӯхта, дар фаъолияти эҷодии худ истифода мебаранд [11].

Омӯзиши санъати тасвирӣ дараҷаи маълумотнокии хонандагонро баланд намуда, онҳоро ба меҳнати ҷамъиятӣ омода менамояд. Дар дарси корҳои амалӣ хонандагон тасвир кардани ангора, расмҳо ва истифода намудани афзорҳои расмкаширо аз худ менамоянд. Дар раванди дарси асосҳои санъатшиносӣ, ҳангоми суҳбат бо ҳаёт ва эҷодиёти рассомону ҳунармандон шинос шуда, ҷаҳонбинии худро ғанӣ мегардонанд.

Вазифаи таълими санъати тасвирӣ дар хонандагон ташаккул додани фаъолияти расмкашӣ, фаҳмиши ранг, омехта кардани рангҳо ва усулҳои истифода бурдани онҳо мебошад. Шарти муҳимми самарабахшии машғулияти санъати тасвирӣ ҳосил намудани шавқу рағбати хонандагон ба санъат ва эҷодкорӣ мебошанд. Аҳаммияти санъати тасвирӣ дар фаъолияти ҳаррӯзаи хонандагон зуҳур меёбад. Ба хонандагон маълумоти умумии расмкашӣ омӯзонида мешавад.

Дар ҷараёни таълими фанни санъати тасвирӣ хонандагонро дар руҳияи зебопарастӣ, зебошиносӣ тарбия менамоянд. Зеро фанни санъати тасвирӣ фанни эстетикӣ буда, фарогири вазифаҳои зерин мебошанд [6]:

- дар зеҳни хонандагон тақвият додани дарки зебоиҳои санъат, табиат ва муносибатҳои ҷамъиятӣ;
- ташаккул додани нишонаҳои зебоипарастӣ;
- дар хонандагон қобилияти бадеӣ-эҷодӣ, хониши хуб, меҳнат ва хулқу атвори намунавиро равнақ додан.

Дониши ибтидоӣ аз фанни санъати тасвирӣ як қисми системаи таълими санъат ба ҳисоб рафта, дониши рассомии умумиро таъмин мекунад, ки ба рушди руҳияи ахлоқӣ ва зебоипарастии хонандагон равона карда шудаст [15, с.3]. Омӯзиши санъати тасвирӣ дар системаи таълиму тарбия мақоми босазоро ишғол мекунад ва ба ташаккулу инкишофи лаёқати эҷодии шахсият мусоидат мекунад.

Дар системаи умумии мактабҳои миёна бахшҳои махсуси ихтиёрӣ барои амиқтар аз худ кардани фанҳо, аз ҷумла, фанни санъати тасвирӣ низ ҷорӣ карда шудааст. Илова бар ин, дар шароити дониши вариантнокӣ аз рӯйи барномаҳои гуногун бояд умумияти мақсадҳои гузошташудаи азхудкунии санъати тасвириро қайд кард:

-шинос кардани хонандагон бо дунёи санъати пайкарасозӣ ҳамчун қисми ҷудонопазири маданияти моддию маънавии ҷамъият;

-ба шакли муайян даровардани тафаккури рассомӣ ҳамчун асоси рушди шахсияти эҷодӣ, эҳтиёҷ ва интихоби эстетикии он;

-рушди лаёқати эҷодӣ, васеъкунии доираи ҳиссиёт, тасаввурот, сайри хаёлот, парвариши муҳаббат нисбат ба маданияти расмкашӣ;

-омӯзиши асоси саводи тасвиркунӣ, ба шакли муайян даровардани малакаи таҷрибавии кор дар намудҳои гуногуни фаъолияти тасвирӣ;

-рушди систематикии идроки биниш, ҳискунии ранг, маданияти бастакорӣ, фикррونии фазоӣ, дар амал татбиқ кардани масъалаҳои эҷодӣ дар нақшҳои рассомӣ (тасвирӣ, ороишӣ, дизайнерӣ);

-бо мероси санъати ватаниву ҷаҳонӣ шинос кардан;

-тарбияи муносибати фаъоли эстетикӣ ба воқият, санъат, пайдоиши маданияти рассомӣ, урфу одатҳои халқии рассомӣ.

Аз ин рӯ, мақсади омӯзиши санъати тасвирӣ дар мактабҳои миёна ба шакли муайян даровардани маданияти рассомии хонандагон ҳамчун қисми ҷудонашавандаи руҳияи маданиятнокӣ, шиносоӣ бо арзишҳои эстетикӣ ва умумиинсонӣ, аз худ кардани мероси мадании илмӣ ба ҳисоб меравад. Санъати тасвирӣ бояд ба рушди ҳамаҷонибаи хонандагон ёрӣ расонад.

Ба вазифаҳои омӯзиши санъати тасвирӣ дохил мешаванд:

1) дар хонандагон ба шакли муайян даровардани ҳисси меҳрубонӣ, хушбиниву зебоипарастӣ нисбат ба ҳаёт, табиат, санъат;

2) ба шакли муайян даровардани фаъолнокии рассомӣ-эҷодии хонандагон, рушди назарбинии рассомӣ, тасаввуроти эҷодӣ, назардиди эстетикӣ, ҳиссиёти эстетикӣ, пайдо кардани шавқу ҳавас нисбат ба санъат;

3) ёрӣ расонидан барои аз худ кардани забони суханваронаи санъати тасвирӣ тавассути ба шакли муайян даровардани дониши рассомӣ, доштани тавоноӣ ва малака дар расмкашӣ аз рӯйи асл, тасвир кардан аз хотир ва тасаввурот, шиносоӣ бо санъати амаливу ороишӣ, корҳои пайкарасозӣ аз гил, ашёи графикӣ (гуаш, пастел, фадвали секунҷа ва ғайраҳо) ва ба монанди инҳо;

4) рушди лаёқати тасвиркунӣ, тасаввуроти эҷодӣ, фикррونии фазоӣ, пайдо кардани шавқу ҳавас нисбат ба санъат;

5) шинос кардан бо мероси санъати ватаниву ҷаҳонӣ.

Яке аз вазифаҳои асосии машғулиятҳои санъати тасвирӣ - ёрӣ расонидан ба хонандагон барои дарк кардани воқеияти гирду атрофи иҳотакунанда, дар онҳо пайдо кардани қобилияти мушоҳидакунӣ, дида тавонистани зебоиҳои табиат ва дар як вақт тақвияти эҷодкории фардии онҳо мебошад. Бояд шавқу ҳаваси хонандагонро нисбат ба фанни санъати тасвирӣ зиёд кард, ба онҳо гуфтан зарур аст, ки тавоноии рассомиро на танҳо рассомон бояд дошта бошанд, балки он ба ҳамаи мутахассисони соҳаҳои гуногун лозим аст. Тавоноии расмкашӣ барои конструктор, тарроҳ, меъмор, биолог, археолог, тарбиятгари боғчаи бачагона, шифокор, ороишгар ва амсоли инҳо зарур аст.

Тавассути расмкашӣ дар хонандагон хаёли эҷодӣ ва тафаккури аёнӣ-образӣ инкишоф дода мешавад. Корҳои тасвириро шартан ба панҷ гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст [1]:

*Тасвир аз рӯйи мушоҳида.* Ҳангоми тасвир аз рӯйи мушоҳида бештар ба қобилиятҳои дуруст интихоб карда тавонистани ранг, бо мутаносиби дуруст ва монанд тасвир кардани ашё аҳаммият дода шавад.

Ҳангоми таълим додан аз рӯйи мушоҳида кӯшиш бояд кард, ки ҳар як қадами тасвирро дар тахтаи синф нишон дода, тарзи дуруст тасвир кардани он шарҳ дода шавад. Дар ин намуди дарс хонандагон бояд ҳарчи зиёдтар ба кори омӯзгор монанд тасвир

карданро омӯзанд. Барои ҳамин ҳар як қадами омӯзгор бояд аз сода ба мураккаб, равшан ва фаҳмо бошад. Ҳамчунин, қобилиятҳои синнусолии хонандагон ба назар гирифта шаванд.

*Тасвир аз рӯйи мазмуни матн.* Ҳангоми тасвир аз рӯйи мазмуни матн хонандагон он чизеро, ки аз хондани матн фаҳмидаанд, тасвир менамоянд. Дар ин намуди фаъолият омӯзгор ба хонандагон роҳнамоӣ намекунад. Яъне, ин намуди фаъолият бештар ба эҷодкории хонанда равона мешавад. Танҳо расм бояд ба мазмуни матн мувофиқат кунад ва хонанда расми тасвиркардаашро шарҳ дода тавонад. Матнҳоро аз китобҳои дарсӣ, бадеӣ, ё афсонаҳо интихоб кардан мумкин аст.

*Моҳирона ва пурмазмун тасвир намудан.* Ин намуди фаъолият ҳам аз эҷодкории хонанда вобаста мебошад. Омӯзгор метавонад, аз рӯйи расм тарзи тасвирашро нишон диҳад ва ба хонандагон ҳамчун намуна фаҳмонад. Сипас метавонад хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, супориш диҳад, ки аз рӯйи расмҳои гуногун нақл эҷод намоянд. Дар ин намуди фаъолият хонандагон дарк кардани мазмуни расмҳоро ёд мегиранд.

*Тасвири озод аз образҳо (тасаввурот).* Дар ин намуди фаъолият хонандагон пурра аз хаёли худ расм тасвир ва эҷод менамоянд. Омӯзгор метавонад танҳо мавзуъро пешниҳод намояд. Масалан, мавзуи «Деҳа, маҳалла, ноҳия, шаҳри ман дар оянда».

Хонандагон хаёлан деҳаашонро (ноҳия, шаҳр…) дар оянда тасаввур карда, расми онро тасвир менамоянд. Дар ин намуди фаъолият омӯзгор бояд бештар ба тасаввурот ва қобилияти эҷодии хонанда диққат диҳад, на ба малакаҳои рассомии ӯ. Яъне, расм зебо ҳам набошад, бояд вай ягон ғояи нав дошта бошад. Инчунин, хонанда расми эҷодкардаашро шарҳ дода тавонад, ҳангоми арзёбӣ аз тарафи омӯзгор ба назар гирифта шавад.

*Тасвир ҳамчун ороиш.* Дар ин намуди фаъолият тамоми намуди тасвирҳо ва рангкуниҳо бо мақсади оро додан истифода бурда мешаванд. Масалан, нақшу нигорҳо, рангин кардани ягон чизи худсохт ва ғайра. Омӯзгор моҳияти оро доданро фаҳмонда, чи тарз оро додани баъзе ашёҳо масалан, чойнику пиёларо нишон медиҳад. Хонандагон мустақилона аз хаёлоти худ нақшу нигорҳоро эҷод менамоянд.

Ҳангоми кашидани расм дар ҳамворӣ қоидаҳои умумии композитсияро риоя кардан зарур аст. Композитсия ин тарзи ҷобаҷогузории расм (тасвир) дар рӯйи варақ, матоъ ва ғайра мебошад. Аснои кашидани расм он бояд тавре ҷо ба ҷо гузошта шавад, ки тасвир дар рӯйи варақ шинам ояд. Барои тасвир кардани ҷисмҳои дар замин ва фарш буда, онҳоро чунон бояд ҷо ба ҷо гузошт, ки дар поёни варақ назар ба боло ҷойҳои холӣ камтар монад. Агар дар расм ҳаҷми ҳамаи ашё як хел бошад, чунин тасвир ба чашм зебо менамояд.

Риояи мутаносибӣ дар тасвири композитсия таассуроти беҳаракатиро ба вуҷуд меорад. Бинобар ин, ҳангоми иҷрои тасвири манзараи дарахт, кӯча ва хонаҳои дар ҳарду тарафи он мутаносибан ҷойгирифтаро кашидан зарур нест. Иҷрои ҳар як расм бо хатҳои нозуки ёрирасон оғоз мешавад. Хатти фарқшавандаи расм ба таври штрих, яъне хатҳои рах-рах бояд ба анҷом расад. Барои иҷро кардани амал ва кашидани композитсия метавонем расмҳои додашударо истифода барем.

Барои намуна яке аз дарсҳои санъати тасвирӣ барои синфи 5-ум дар мавзуи “Тасвири манзараи боҳор” пешниҳод мешавад:

1. Сараввал барои ташкили банақшагирии дарс бояд бо талаботи барномаи таълимии фаннӣ оид ба мавзуъ шинос шуд. Дар барномаи чунин омадааст: Маълумот оид ба фасли нозанини баҳор – арӯси сол, ки шукуфоии гулҳои ҳарранга ва оғози киштукори деҳқонон аст.

2. Талаботи дуюм ин дар асоси салоҳиятҳои фаннӣ муайян намудани мақсадҳои дарс мебошад:

- кӯшиш намоед, ки тасвири манзараро аз ҷиҳати бандубасти эҷодкорӣ бо хатҳои равон акс карда тавонед.

- бо ин мақсад манзараи табиати рангинро бо кӯҳҳои барфпӯш, теппаҳои пасту баланд бори дигар санҷед, то ки расмро пурмазмун эҷод карда тавонед;

- тасвирро тарзе иҷро кунед, ки шукуфтани гулҳо, дарахтоне, ки гулрез шудаанд, ба кас ҳаловат бахшида тавонанд;

- шояд дар тасвири манзараи баҳори нозанин ягон навоварии эҷодӣ дар фикри шумо пайдо гашта тавонад;

- композитсияро тарзе тартиб диҳед, ки саҳрои беканори сабзазор ва гулҳои гуногунрангро, ки ҷиҳати ҳамоҳангӣ ва фарқияти онҳо ба назари бинанда писанд аст, лаззати маънавӣ гирифта тавонад;

- кӯшиш намоед, ки манзараро бо рангҳои бунафш, сурх, гулобӣ, сабз оро диҳед, то ки ҳамоҳангии рангҳои атрофи манзараи зебои нотакрорро бо ҳунари баланди рассомӣ ба анҷом расонда тавонед.

3. Дар навбати сеюм мувофиқи мазмун ва мундариҷаи мавзуъ таҷҳизоти зарурӣ, аз қабили коғаз, ранги акварелӣ, мӯйқалам, қаламҳои ранга, одӣ, зарфи обдор ва ғайра омода карда мешавад.

4. Лаҳзаи ташкилии дарс. Дар ин марҳила корҳои зерин ба роҳ монда мешаванд:

-тайёр намудани маводи хониш;

-ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

-омода намудани аҳли синф ба дарс.

5. Лаҳзаи такрори дарси гузашта. Одатан дарсро аз гузоштани масъала оғоз мекунанд. Бо саволу ҷавоб ё ҳар гуна бозиҳои интерактивӣ ин лаҳзаи дарсиро ташкил намудан мумкин аст.

6. Шиносоӣ бо мазмуни мавзу: Муаллим баёни мавзуи навро бо навиштани номи мавзуъ дар тахтаи синф оғоз намуда, ба хонандагон муҳиммияти мавзуъ ва методикаи тасвирро баён мекунад. Барои мавзуи тасвири манзараи баҳор чунин тавсияҳо ироа мегарданд:

-Расмро тарзе иҷро намоед, ки аз ҷиҳати мазмун, тафаккури фазоӣ ва хаёли бадеӣ ва эҷодкорӣ бо тасвири аслии манзараи диёрамон эҷод гардад.

-Дар рафти иҷрои кори амалӣ фарқияти рангҳои манзара, ранги гулҳо бо ҳамоҳангии рангҳои атроф зебо ва дилчасп нишон дода шаванд.

- Тасвир тарзе иҷро гардад, ки он аз ҷиҳати мазмун ва ороиши рангҳо зебо ва ба назар дурахшон намояд.

- Амали корро аз ҷиҳати композитсионӣ бори дигар мушоҳида намоед, ки зебоӣ, дурахшонӣ, ҳамоҳангӣ дар тасвиратон риоя гардад.

- Ин рангҳо бо тасвири атрофи манзара пурмазмун, бо рангҳои табиат ҳамбастагӣ дошта бошанд.

- Кӯшиш кунед, ки кори амалӣ аз ҷиҳати эҷодкорӣ ва бандубасти тасвир пурмазмуну дилчасп ба анҷом расад.

Барои дарси санъати тасвирӣ синфхонаи махсус бояд ҷудо карда шавад. Ин синфхона бо маводҳои таълимӣ-методӣ ва ороишӣ таъмин бошад. Дар лаҳзаи баёни мавзуи нав омӯзгор бо истифода аз воситаҳои техникӣ (проектор, тахтаи электронӣ) ва плакатҳои таълимӣ мавзуъро ба хонандагон бо намунаҳо баён кунад. Дар ҳолати набудани плакати таълимӣ ё воситаҳои иловагии техникӣ омӯзгор маҳорати истифодаи тахтаи синфиро низ бояд доро бошад. Дар тахтаи синфӣ марҳилаҳои тасвирро ба хонандагон намоиш диҳад.

7. Лаҳзаи кори мустақилонаи хонандагон оғоз меёбад, ки онро чунин омӯзгор ба хонандагон чунин масъалагузорӣ мекунад: Тасвирро аз ҷиҳати мазмун ва тасвир эҷод намоед, ки зебогии манзараи табиати баҳори рангин, шукуфоии гулҳо, парвози парандагон ва оғози киштукор назаррас таҷассум гардад.

Расмро бо ҳунари баланди эҷодкорӣ бо хаёли бадеӣ ва тафаккури фазоӣ тарзе иҷро кунед, ки он аз ҷиҳати ҳамоҳангии рангҳои дуру наздики фарқкунандаи саҳрои сабзазори гулпӯшу сояафкан ҷило ёбад.

8. Пеш аз ҷамъбаст кардани дарс омӯзгор ба хонандагон супориши эҷодии хонагиро тариқи саволу ҷавоб ба мустаҳкамкунии мавзуъ мегузарад. Сипас, ба фаъолияти хонандагон ҳангоми дарс ва вазифаи хонагии онҳо баҳогузорӣ намуда, заҳмати хонандагонро қадр мекунад ва дарс ба охир мерасад.

Хулоса, манзурамон ин аст, ки бо омӯзиши асосҳои санъати тасвирӣ шояд хонанда дар оянда рассом нашавад, лекин муссалам аст, ки барои шахсияти зебоофар, дар ҳар як кору кирдораш нек, ватандӯст, меҳанпараст ба воя расидани онҳо нақши муҳимро иҷро мекунад.

**Муқарриз: Азизов А.А.- д.и.п., профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**


**АДАБИЁТ**

1. Азизов Ш. Ю. ЧАС. Обучение основам дизайна в рамках предмета изобразительного искусства / Ш. Ю. Азизов, Ш. Бобоева // Ученые записки Худжандского государственного университета им. Академик Б. Гафурова. Серия гуманитарных и социальных наук. - 2022. - нет. 4 (73). - С. 251-257.
2. Азизов, Ш. Ю. Компетентностное отношение к учению премьета «Иллюстративное искусство» / Ш. Ю. Азизов, А. А. Азизов, Ш. ЧАС. Бобоева // Вестник Таджикского национального университета. - 2019. - № 3. - С. 284-288. – ЭДН ЗАТЪВК.
3. Учебная программа по изобразительному искусству. Душанбе: Пресс, 2002.
4. Бойназаров Б. Я. Изобразительное искусство. Учебник для 5-6 классов / Б. Я. Бойназаров. – Душанбе, 2003. – 136 стр.
5. Бойназаров Б. Я. Изобразительное искусство. Учебник для 7 класса / Б. Я. Бойназаров. – Душанбе, 2005.– 110 с.
6. Исламов О.А. Методология художественного образования (в системе компетентностного подхода). Учебник / О. А. Исламов, Ш. Ю. Азизов, Ш. Х. Бобоева. – Худжанд: Свет просвещения, 2018. – 400 с.
7. Кадирова М.В. Методические рекомендации к практическим занятиям по предмету «Образование стиля изобразительного искусства» / М.В. Кадирова. - Худжанд: Нури Магнафан, 2010. 20 с.
8. Лутфуллоев М. Национальная педагогика таджикского народа / М. Лутфуллоев. –Душанбе: Сифат, 2015.–704 с.
9. Мирзобаев З.З. Этапы изображения. Учебник / З.З.Мирзобаев, О.А.Исламов – Худжанд: Свет просвещения, 2017. – 114 с.
10. Профориентия ушикенов на уроках изобразительного искусства / О. А. Исламов, З. З. Мирзабаев, Ш. Ю. Азизов, Л. ЧАС. Нематов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Насира Хусрава. Серия гуманитарно-экономических наук. – 2018. – № 1-3(55). - С. 177-181. – ЭДН YNVFXV.
11. Дуриева М.Д. Методика художественного образования в дошкольных образовательных учреждениях / М.Д. Дуриева, Ш.Ю. Азизов, Ш.Х. Дед. - Худжанд: Свет просвещения, 2022. - 408 с.
12. Национальная стратегия развития образования и науки Республики Таджикистан до 2030 года. Душанбе, 2020. – 96 с.
13. Указ Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона об объявлении 2019-2021 годов «Годами развития села, туризма и народных промыслов». ш. Понедельник, 2 января 2019 г. #1170 [электронный ресурс]. URL: http://www.prezident.tj (дата использования: 01.06.2021).
14. Шарифзода Ф. Педагогика: гуманистическая теория и гражданское общество. – Душанбе: Ирфан, 2010. – 544 с.
15. Шпикалова Т.А. Народное искусство на уроках декоративного рисования / Т.А. Шпикалова. –Москва,1979. - 112 с.


## АСОСҲОИ НАЗАРИИ ТАЪЛИМИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ


Санъати тасвирии халқҳои ҷаҳон роҳи душвору тӯлониро тай намудааст. Он баробари нахустин ҷамъияти инсонӣ пайдо гашта, дар ҳамбастагӣ бо он ташаккул ва равнақ ёфтааст. Аз оғози пайдоиши худ инсоният маҳз ба воситаи меҳнат, инкишофи истеҳсолот ва маданият, мубодилаи байниҳамдигарӣ, дониш ва таҷрибаи амалӣ ба пешрафти худ ноил гардидааст. Дар мақолаи мазкур мавзуи асосҳои назариявии таълими фанни санъати тасвирӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар мақола маълумотҳо аз махзанҳои муътамад оид ба таърихи санъати тасвирӣ, асосҳои таълими он дар шароити муосир, мақсад ва вазифаҳои таълими санъати тасвирӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷамъоварӣ гардида, таҳлил ва хулосабарорӣ шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки яке аз вазифаҳои асосии машғулиятҳои санъати тасвирӣ - ёрӣ расонидан ба хонандагон барои дарк кардани воқеияти гирду атрофи иҳотакунанда, дар онҳо пайдо кардани қобилияти мушоҳидакунӣ, дида тавонистани зебоиҳои табиат ва дар як вақт тақвияти эҷодкории фардии онҳо мебошад. Ҳамчунин, методикаи таълими тасвири манзараи баҳор ба таври муфассал пешниҳод гардидааст, ки дар он талаботи барномаи таълимии фанни санъати тасвирӣ барои ташкили раванди таҳсили хонандагон, мақсадгузорӣ дар асоси салоҳиятҳои фаннӣ, таҷҳизотҳои зарурӣ, фаъолияти омӯзгор ва хонанда дар лаҳзаҳои гуногуни дарсӣ дарҷ гардидаанд. Маводи мазкур барои дар оянда ба таври муфассал мавриди тадқиқ қарор додани муаммоҳои мавҷудаи таълими санъати тасвирӣ замина мегузорад.



**Калидвожаҳо:** таълим, санъат, санъати тасвирӣ, расм, мақсад, вазифа, дарс, барномаи таълимӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

Изобразительное искусство народов мира прошло долгий и трудный путь. Оно возникло одновременно с первым человеческим обществом, формировалось и развивалось в солидарности с ним. С начала своего существования человечество достигло своего прогресса именно благодаря труду, развитию производства и культуры, взаимному обмену знаниями и практическим опытом. В данной статье затронута тема теоретических основ художественного образования учащихся общеобразовательных учреждений. В статье собраны, проанализированы и сделаны выводы из достоверных баз данных по истории изобразительного искусства, основам его образования в современных условиях, цели и задачам художественного образования учащихся общеобразовательных учебных заведений. Автор отмечает, что одна из основных задач занятий изобразительным искусством состоит в том, чтобы помочь школьникам понять окружающую действительность, найти в них умение наблюдать, уметь видеть красоты природы, и в то же время укрепить их индивидуальное творчество. Также подробно представлена методика обучения образу весеннего пейзажа, в которой изложены требования учебной программы по предмету изобразительное искусство для организации учебного процесса учащихся, нацеливания на предметные компетенции, необходимое оборудование, деятельность учителя и ученика в разные моменты урока. Этот материал закладывает основу для дальнейшего детального изучения существующих проблем художественного образования.

**Ключевые слова:** образование, искусство, изобразительное искусство, картина, цель, задача, урок, учебная программа.

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF ART EDUCATION IN EDUCATIONAL INSTITUTIONS

The fine arts of the peoples of the world have come a long and difficult path. It arose simultaneously with the first human society, was formed and developed in solidarity with it. Since the beginning of its existence, humanity has achieved its progress precisely thanks to labor, the development of production and culture, the mutual exchange of knowledge and practical experience. This article touches upon the theme of the theoretical foundations of art education for students of educational institutions. The article collects, analyzes and draws conclusions from reliable databases on the history of fine arts, the basics of its education in modern conditions, the goals and objectives of art education for students of general educational institutions. The author notes that one of the main tasks of fine arts is to help students understand the surrounding reality, find in them the ability to observe, be able to see the beauties of nature, and at the same time strengthen their individual creativity. The method of teaching the image of a spring landscape is also presented in detail, which sets out the requirements of the curriculum in the subject of fine arts for organizing the educational process of students, targeting subject competencies, the necessary equipment, the activities of the teacher and student at different points in the lesson. This material lays the foundation for further detailed study of the existing problems of art education.

**Key words:** education, art, visual arts, painting, goal, task, lesson, curriculum.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобоева Шоиста Ҳакимовна*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, доктори фалсафа (PhD), дотсент, кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълим. **Суроға**:735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
E-mail**: boboevash2017@mail.ru** Телефон: +**992 92 7788 3445**

**Сведения об авторе:** ***Бобоева Шоиста Хакимовна*** - Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова**,** доктор философии (PhD), доцент, кафедра черчения, начертательной геометрии и методики преподавания. **Адрес**:: 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова 1. E-mail**: boboevash2017@mail.ru** Телефон: +**992 92 7788 3445**

**Information about the author:** ***Boboeva Shoista Hakimovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov**,** Doctor of Philosophy (PhD), assistant professor, department of drawing, descriptive geometry and teaching methods. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov passage, 1.
E-mail: **boboevash2017@mail.ru** Phone: **+992 92 7788 3445**

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

### ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ


***Басиров Б.С.*** Приоритеты и перспективы развития таджикско-европейского сотрудничества в контексте Центрально-Азиатской стратегии ЕС………………………………………………… *5*

***Саидов Х.С., Разоков Джовидон*** О некоторых особенностях формирования таджикско-турецкого партнерства в афганском направлении………………………………………………………… *15*

***Шарипов М.Ф.*** Новые законодательные акты правительства Афганистана по реализации умеренной программы модернизации страны (1934 – 1938 годы)……………………………………………… *21*

***Камаров А.З.*** Формирование научно-культурных отношений Республики Таджикистан с арабскими странами Северной Африки (1991-2006гг.)........................................................................................ *28*

***Файззода Р.Х., Алимов Д.Х.*** Советский опыт привлечения женщин к производству в конце 20-х - начале 30-х годов XX века………………………………………………………………………… *34*

***Одинаев А.Н.*** Нақши шарқшиноси рус А.Л. Кун дар тарвиҷи маориф ва омӯзиши фарҳанги сокинони Осиёи миёна дар нимаи дувуми асри XIX……………………………………………… *40*

***Каримов М.Б.*** Раванди иҷрои «Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» дар мисоли ноҳияҳои ёвон, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Хуросони вилояти Хатлон............................................................................ *46*

***Саломов М.А.*** Саҳми ниёгони тоҷикон дар таърихи муайян кардани вазни хосси ҷисмҳо............. *54*

***Садбарги Исо, Алимов Д.Х.*** Ҷалби маҷбурии сокинони ноҳияҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ ба ноҳияҳои навтаъсиси вилояти Кӯлоб (с.1940-1960)........................................................................................ *62*

***Раҳмонзода А.Ш., Абдураҳмонова С.А.*** Хусусиятҳои муносибатҳои байналмилалии муосир ва равандҳои тағйирёбӣ……………………………………………………………………………. *68*

***Сайфуллоева Ш.З.*** Ҳамкориҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркманистон дар соҳаи илм ва маориф........................................................................................... *77*

***Сафарзода Некрӯз, Умаров Абдуллохоҷа*** Донишҳои ҷуғрофиёии берунӣ ва саҳми ӯ дар рушди илми ҷуғрофиё.................................................................................................................................. *84*


### ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ


***Абдухалилзода К.А.*** Ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон…… *93*

***Салимов Э.М.***Заминаҳои таърихии ташаккул ва рушди фарҳанги ҳавзаи хуҷанд (давраи ҳукмронии Ҳахоманишиён ва Сосониён).......................................................................................... *102*

***Сафарова С.Д., Наврузов И.С.*** Ватандӯстию ҷавонмардӣ ва фазилатҳои ахлоқӣ дар " Шоҳнома"- и Фирдавсӣ........................................................................................................................ *109*

***Шералиева М.С.*** Инкишофи фарҳанги сиёсии ҷавонон дар шароити муосир.............................. *117*

***Раҷабзода Рустам*** Масъалаи гаравиши одамон ба амалҳои каҷравӣ: моҳият ва муносибатҳои асосӣ ба таҳқиқи он................................................................................................................ *122*


### ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ - ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ


***Нагзибекова М.Б., Захидова Л.С.*** Методика дифференцированного обучения русскому языку……… *128*

***Ахмадбекова М.Г.*** Из опыта универсализации методов обучения……………………………………….. *137*

***Аслонов Д.И.*** Значимость личностно-деятельностного подхода по формированию средствами физической культуры индивидуальной личности.......................................................................... *143*

***Кудусова С.А., Курбонхолов Т.Т., Махкамова У.Н.*** Использование физико-технического оборудования в медицине…………………………………………………………………………… *150*

***Азизова Д.А.*** Использование инновационных технологий в формировании познавательной деятельности студентов.............................................................................................................. *156*

***Хамидов А.А.*** Из истории компьютеризации общеобразовательных школ в годы независимости Таджикистана……………………………………………………………………………………….. *163*

***Давлатов Д. Р., Тайгуншоева А.Г.*** Значение физической культуры в развитии и формировании самостоятельности школьников………………………………………………………………..……. *169*

***Якубова А.А.*** Формирование коммуникативных навыков учащихся национальных школ республики таджикистан на основе художественной литературы……………………………… *174*

***УмурзаковаГ.Я.*** Развитие речи студентов нефилологических факультетовна основе обучающих игр *181*

***Собиров Р.Р.*** Некоторые вопросы воспитания свободы совести учащихся в среднем общеобразовательном учреждении……………………………………………………………………….. *187*

***Шарофиддин Юсуфи*** Оценка теоретических основ математического и компьютерного моделирования учебных проблем «решение задач» (по геометрии) в учреждениях высшего профессионального образования……………………………………………………………………….. *195*

***Юнусова Н.М., Қамчибекова Г.Э.*** Раҳёфтҳои муосир оид ба масъалаи маърифати психологӣ -

педагогии волидайн бо назардошти анъанаҳои миллии тарбияи оилавии тоҷикон................. *204*
***Табаров Н.С.*** Вазъи имрӯзаи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои фарҳангӣ ........................................................................................................................... *211*
***Ашӯрова Т.А.*** Технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун омили сифати дониш.................................. *216*
***Қурбонов Ф.А., Каримова М.М.*** Оила - сарчашмаи таълиму тарбия ва ҷузъи асосии ҷомеа........... *221*
***Мамадакимова С.С.*** Системаи корҳои таълимӣ доир ба инкишоф додани фаъолияти мустақилона ва эҷодии хонандагон дар корҳои беруназсинфӣ аз фанни математика................. *226*
***Туманова Ш.С., Идиев Ғ.А.*** Методикаи тарбияи назариявӣ ва методологии экологӣ.................. *232*
***Назарова З.С.*** Асосҳои психологӣ-педагогии компютеркунонии таълими математикаи мактабӣ ва имкониятҳои истифодаи компютер дар дарсҳои математика................................................ *237*
***Зокиров А.Р.*** Татбиқи технологияҳои муосири компютерӣ дар раванди таълими математикаи олӣ........................................................................................................................................... *244*
***Масолиев А.С., Раҳимов У.А.*** Зарурати ташкили маҳфили фаннӣ аз фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ...................................................................... *251*
***Б.Ф. Файзализода, Б.Н. Раҳимов*** Асосҳои назариявӣ-методологии истифодаи case-технологияҳо чун воситаи таълими амсиласозии компютерӣ............................................................................ *258*
***Ҷалилов Ф., Рахимов А.А., Шодиев Ш.Ш., Мирзоев Д.Н.*** Истифодаи усулҳои гуногуни математикӢ дар ҳалли масъалаҳои физикӣ......................................................................................... *268*
***Бобоева Ш.Ҳ.*** Асосҳои назарии таълими санъати тасвирӣ дар муассисаҳои таълимӣ.................... *278*

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК при Президенте Республики Таджикистан и ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2023. №11 Ч. II**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.П.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Корректор: П.Х.Латипова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: **www.vestnik-tnu.com**
E-mail: **vestnik-tnu@mail.ru**
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

**Подписано в печать 15.12.2023 г.**